Абдусатторов Абдушукур

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ АРАБ

ББК

АБДУСАТТОРОВ АБДУШУКУР
ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ АРАБ, Душанбе, «Деваштич», 2008, 000 са

# МУҚАДИМА

Таърихи таҳаввули фарҳангу адаби халкҳои мухталифи олам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ҳануз аз замонҳои қадим дар робита ва пайвандҳои фарҳангиву адабӣ бо якдигар марҳалаи ташаккул ва таҳаввули худро паймудаанд ва дар пешрафту ғановати ҳамдигар таъсир расонидаанд. Фақат ин робита ва пайванди фарҳангиву адабӣ миёни тамоми халкҳову миллатҳо яксон набуда он дар миёни баъзе халқҳо камтару маҳдудтар ва баъзеи дигар хеле наздику густурда ҷараён ёфтааст.

Эрониён ва арабҳо аз зумраи он халкҳое мебошанд, ки равобити фарҳангӣ ва адабии онҳо аз замонҳои қадим ҷараён ёфта, оғозм он ҳануз дар аҳди Ҳахоманишиён реша дорад, ки дар он овон марказҳои тамаддуни арабӣ аз қабили Яман, Ҳиҷоз, Баҳрайн, Ҳира таҳти таъсири сиёсат ва фарҳангу тамаддуни имперптории Эрон буданд. Чунки равобит пайванди фарҳанги миёни эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён низ идома дошт, ки воқеоти дар дарбори боҷгузории Сосониён- амири Ҳира Нӯъмон ибн Мунзир тарбият ёфтани Баҳроми Гӯру шеъри арабӣ гуфтани ӯ, инчунин робитаи шуарои аҳди ҷоҳилияти араб Аъшо ибн Қайс ва Нобиға аз зубёни ба дарбори Хусрави Парвизи Сосонӣ далели возеҳи чунин пайванди фарҳангӣ мебошад.

Равобити фарҳангии миёни эрониён ва арабҳо пас аз тасаллути онҳо бар эрон ва интишори ислому Қуръону забони арабӣ дар сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон ривоҷ ёфт. Алалхусус аз замоне вусъати беандоза пайдо намуд, ки аз миёни қарни V111 баъди таъсиси ҳукумати Аббосиён фарҳанги сирф арабии то даврони Умавиён ба як тамаддуни арабӣ- исломӣ табдил ёфт. Ин тамаддун, ки бузургтарин маркази он шаҳри Бағдод буд, мероси фарҳангии дунёи қадимро аз қабили Эрону Юнон ва Ҳинд пазируфта, фарҳанги муштараке ба вуҷуд овард, ки дар ташаккулу таҳаввули он тамоми халқҳои тобеъ, алалхусус эрониён ширкати фаъолона доштанд.

Дар миёни шоирону нависандагоне, ки дар тӯли асрҳои V111-X осори арзандае ба забони арабӣ ба вуҷуд овардаанд, бо номҳое чун Ибн ал-Муқаффаъ, Абӯ Нувоси Аҳвози, Башшор ибн Бурди Таҳористони, Абуяъқуби Ҳураймӣ, Иброҳим ибн Мамшоди Мутаваккилӣ, Абулфатҳӣ Бустӣ, Али ибн Убайдаи Райҳонӣ, Меҳёри Дайлам, Абдулҳамиди Котиб, Ибн ал-Амид, Саҳл ибн

Ҳорун, Соҳиб ибн Аббод ва бисёр дигарон во мехӯрем, ки эҷодиёташон як ҷузъи муҳими адабиёти арабӣ ҳам ба ҳисоб ва меравад ва бе осори онон тасаввури таърихи адабиёти араб, алалхусус адабиёти қарнҳои нахустини аҳди Аббосиён аз имкон берун аст. Теъдоди зиёде аз бунёдгузорони илмҳои таърих, ҷугрофиё, фиқҳу ҳадис, тафсир, сарфу наҳв, ирфону тасаввуфи аҳди исломии араб чун Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, Истахрӣ, Казвинӣ, Бухорӣ, Муслим, Насоӣ, Тирмизӣ, Сибавейҳ, Абуалии Форсӣ, Разии Астарабодӣ, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, Фирузободӣ, Замаҳшарӣ, Шиблии Нахованди, Блязиди Бастоми, Тафтозони, Кутби Шерозӣ ва дигарон эрониасл будаанд ва дар тахрихи фарҳангу тамаддуни арабӣ-исломӣ саҳми муассир гузоштаанд.

Гуфтаҳои фавқ ба он далолат мекунад, ки омӯхтани таърихи адабиёти араб барои ворисони адабиёти форсу тоҷик низ амре ҳатмӣ ва ногузир аст ва бе он шинохтани комили таърихи адабиёти форсу тоҷик, сарчашмаҳои ташаккулу таҳаввули он, ҷиҳатҳои муштарак ва фарқкунандаи миёни адабиёти арабу Аҷам имконнопазир аст.

Аз ҷониби дигар, дар вазъи кунунӣ, ки Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардидаву деворҳои сунъии миёни халқҳои шӯравӣ ва мамолики хориҷӣ бунёдшуда бебозгашт дарҳам шикастаанд, имкони равобити миёни Тоҷикистону мамолики араб ва халқҳои дигари олам фароҳам омадааст, зарурати омӯхтани таърихи фарҳангу адаби араб ва халқҳои дигари ҷаҳон бештар эҳсос мегардад. Алалхусус вуҷуди шӯъбаҳои арбӣ дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ зарурати таълифи китоби таърихи адабиёти арабро ба забони тоҷикӣ ба миён овардааст. Ҳарчанд теъдоде аз китобҳои марбут ба таърихи адабиёти араб, ки ба қалами И.Ю.Крачковский И.М.Фильштинский, Б.Я. Шидфар, М.О. Аттая, Гибб Х.А.Р., А.Е. Крымский, И.М. Холмогоров, Ҳанно ал-Фохури таълиф шудаанд, ағлаби кулли онҳо бо забони русӣ чоп шудаанд. Ба замми ин имрӯз хонанда ё донишомӯз ба забони Русӣ ба дараҷае баланд нест, ки он китобҳоро хонаду фаҳмида тавонад. Бо вуҷуди он, китобҳои мазкур нодир буда дарёфти онҳо барои донишомӯзон хеле душвор аст. Китоби таърихи адабиёти араб барои донишомӯзони ҷумҳурӣ ба забони тоҷикӣ бошад, ҳануз ба вуҷуд наомадааст. Агар ба назар гирем, ки адабиёти араб чун ҷузъи таркибии адабиёти шарқ дар факултаҳои гуманитарии донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои

миёна низ дарс дода мешавад, зарурати таълифи чунин китоб боз ҳам бештар эҳсос мегардад.

Бо назардошти ҳамин ниёзҳо мо саъй намудем, ки бори нахуст таълифи китоби «Таърихи адабиёти араб»-ро ба забони тоҷикӣ анҷом бидиҳем ва дар марҳалаи нахустин дар бораи таърихи адабиёти араб аз оғози он яъне аҳди ҷоҳилият то истилои муғул, ки фосилаи замонии пеш аз ҳаштсадсоларо фаро мегирад, таваккуф намоем.

Бояд гуфт, ки дар бораи шеър ва табакоти шуарои араб ҳанӯз дар китобҳои муаллифони асрҳои миёна чун «Табақоту-ш-шуаро»-и Мухаммад ибн Салом ал-Ҷумаҳӣ, «Табақоту –ш -шуаро»-и Ибн ал-Муътазз, «Аш-шеър ва-ш-шуаро»-и Ибн Қутайба, «Ятимату-д-даҳр»-и Саолибий, «Думату-л-қаср»-и Бохарзӣ, «Китобу-л-агонӣ»-и Абулфараҷ ал-Исфаҳонӣ, «Муъчаму-л-удабо»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Ал-Феҳрист »-и Ибн ан-Надим, «Вафиёту-л-аъён»-и ибн Халликон ва ғайра маълумот дода шудааст, вале ин китобҳо асосан тазкираи шоирон буда, таърихи адабиёт ба маънии имрӯза буда наметавонанд. Аз ин лиҳоз осори мазкур барои мо чун маъхазҳои адабӣ- таърихӣ хидмат кардаанд. Ҳамчунин девону маҷмӯаҳои ашори шоирони араб чун Башшор ибн Бурд, ал-Ҷоҳиз, ал-Мутанабӣ, Абу Нувос, Ҳассон ибн Собит, ал-Ҷарир, ал-Фараздак, Абулало ал-Мааррӣ, ибн ал-Муътазз, ал-Бухтурӣ, Умар ибн Аби Рабиа ва дигар он, ки имкони дастрасии онҳоро доштаем, ба ҳайси маъхазҳои адабии ин китоб хидмат кардаанд.

Маълум аст, ки таълифи таърихи адабиёти арабро дар ғарб Р. Никольсон ва К. Брокелман оғоз карда буданд ва бо таълифоти И.Ю. Крачковский, Х.А.Р.Гибб, И.М.Фильштинский, А.Е. Крымский ва дигарон иқдомоти муҳиме дар ин амр гузошта шуд. Табиист,ки дар таълифи ин китоб мо аз таҷриба ва маводи илмии мусташрикони мазкур низ истифода намудаем.

Дар кишвархои арабӣ нахустин китоби таърихи адабиёт бо номи «Таърих адаби-л-луғати-л-арабия» ба қалами Ҷурҷи Зайдон тааллукқ дорад ва сипас дар ин мавзуъ китобхои дигаре чун «Таъриху-л-адаби-л-араби»-и Аҳмад Ҳасан аз-Зайёт, «Таъриху-л-адаби-л-арабӣ»-и Тоҳо Ҳусайн, «Таъриху-л-адаби-л-арабӣ»-и Ҳанно ал-Фохурӣ ва амсоли онҳо таълиф гардидаанд, ки зимни навиштани ин китоб таҷриба ва дастовардҳои онҳо мавриди истифоди мо қарор гирифтааст.

Китобҳои ба табъ расонидаи донишмандони Эрон чун «Таърихи адабиёти араб»-и Ахмади Тарчонизода, «Таърихи адабиёти араб»-и Акбари Беҳрӯз, «Таърихи фарҳанги арабӣ»-и Али Авсати Иброҳимӣ ва ғайра низ мавриди истиноду истифода зимни таълифи ин китоб қарор дода шудааст. Ҳамчунин зимни таълифи ин китоб осори илмии марбут ба мавзӯъ чун «Тамаддуни ислом ва араб»-и Густав Лобон, «Фи-л-адаби-л-ҷоҳилӣ»-и Тоҳо Ҳусайн, «Хадамти мутақобилаи ислом ва эрон»-и Муртазо Мутаххарӣ, «Таърихи улуми ақлӣ ва тамаддуни исломӣ»-и Забеҳуллоҳи Сафо, «Таърихи ислом –и Алии Давонӣ, «Таърихи таҳлилии исломӣ»-и Маҳмуди Таботабои, «Мусульманский Ренессанс»-и Адам Мец, «Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане Х-начала Х1 века»-и И.Абдуллоев, «Арабско- таджикское двуязычие в поэзии 1Х-Х веков»-ва «Арабско- таджикское двуязычие» - и Т.Мардонов, «Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди сомониён» ва «Насри арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои V111-1Х»-и Н.Зоҳидов ва амсоли онҳо ба ҳайси маъхазҳои илмӣ истифода шудааст.

Яке аз масъалаҳои марбут ба таърихи адабиёти араб, ки дар бораи он ҳанӯз миёни мусташрикони ғарбу шарқ ва муаллифони таърихи адабиёти араб фикри ягона вуҷуд надорад, масъалаи даврабандии марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули адабиёти араб аз оғоз то замони муосир мебошад. Дар ин масъала муҳаққиқон аз мавқеъҳои мухталиф наздик шудаанд ва зимни ба давраҳо тақсим кардани таърихи адабиёти араб омилҳои гуногунро ба назари эътибор гирифтаанд.

Аз ҷумла, мусташрики рус И.М.Фильштинский дар китоби худ «Арабская классическая литература», ки таърихи адабиёти арабро аз оғоз то интиҳои қарни ХV111 дар бар мегирад, онро ба ду давраи асосӣ, яъне адабиёти қадими араб ва адабиёти асрҳои миёна ҷудо кардааст.

Тарзҳои даврабандии донишмандони араб Умар Фаррух ва Ҷурҷи Зайдон низ то андозае ба равиши И.М.Фильштинский шабоҳат дорад ва се давраи тӯлонии зеринро дар бар мегирад:

1.Адаби қадим. Аз аҳди ҷоҳилият то интиҳои асри уммавиён /то соли 750/.

2. Адаби мухдас. Аз сукути умавиён то замони Аббосиён ва аз он то интиҳои асри ХV111.

3.Адаби ҷадид. Аз оғози асри X1X то имрӯз.

Дар «Таърихи адбиёти араб»-и Х.А.Р.Гибб адабиёти араб аз рӯи тамоюлот ва мохияти таҳаввули он ба панҷ давраи зерин тақсимбандӣ шудааст:

1.Асри паҳлавонӣ /500-622/.

2.Даврони истило /622-750/.

3.Асри «тиллои»/750-1055/.

4.Асри «нуқрагӣ»/1055-1258/.

5.Даврони мамлукҳо /1258-1800/.

Ҳамчунин дар теъдоде аз китобҳои таърихи адабиёт ба марҳалаҳои нисбатан кӯтоҳ ва асосан тибқи асрҳо тақсим кардани ин адабиёт ба назар мерасад, ки давраҳои зеринро дар бар мегирад:

1.Асри ҷоҳилият. Қабл аз ислом.

2.Асри муҳазрамин ё садри ислом. Аз оғози ислом то аҳди умавиён.

3.Асри умавиён.

4.Асри аббосиён.

5.Асри Андалусӣ.

6.Асри муғулӣ.

7.Асри усмонӣ.

8.Асри чадид.

Дар теъдоди дигари китобҳои таърихи адабиёти араб, аз ҷумла дар таълифоти Ҳанно ал-фохури, Аҳмади Тарҷонизода, Акбари Беҳрӯз ва дигарон даврабандие мушоҳида карда мешавад, ки ба андешаи мо то ҳадде мушаххас ва инъикоскунандаи хусусиятҳои хоси ҳар як марҳалаи замонии ташаккул ва таҳаввули адабиёти араб мебошад. Чунин тақсимбандии марҳалаҳои инкишофи адабиёти араб дар маҷмӯъ давраҳои зеринро дар бар мегирад:

1.Давраи ҷоҳилӣ. (Аз асри V то зуҳури ислом).

2.Давраи хулафои рошидин ва Умавиён /622-750/

3.Давраи аббосиён /750-1258/

4.Давраи муғул ва усмонӣ /1258-1798/

5.Давраи наҳзат. (Аз охири асри XV111 то имрӯз)

Дар китоби ҳозир низ мо тарзи даврабандии фавқуззикрро ба назари эътибор гирифтаем ва ҷараёни ташаккул ва таҳаввули адабиёти арабро тибқи давраҳои алоҳидаи он мавриди таҳлилу барраси қарор додаем. Ба зимми ин ба хотири муфассалтар ва

амиқтар иттилоъ пайдо карда тавонистани донишомӯзон баъди анҷоми баррасии матолиби ҳар як боби алоҳидаи китоб номгӯи маъхазҳоеро, ки дар бораи мавзӯъ муфассал баҳс мекунанд, зикр кардаем.

Зимни иқтибоси пораҳои манзуму мансур аз осори шоирону нависандагони араб мо лозим донистем, ки матни арабии онҳоро оварда, барои осонтар кардани кори донишомӯзон тарҷумаи таҳтуллафзии онҳоро низ ба тоҷикӣ пешниҳод намоем.

Бо назардошти маҳдудии имконоти чопи китоб мо маводи фароҳам омадаро дар бораи таърихи адабиёти араб то ҳадди имкон сухтасар баён кардаем ва аз ҳамин хотир лозим донистаем, ки он дар шакли ду китоби алоҳида манзури хонандагон гардонида шавад. Нашри ҳозир китоби аввал буда, таърихи адабиёти арабро аз оғоз то имтилои муғул фаро мегирад. Китоби дуюм, ки минбаъд нашр хоҳад шуд марҳалаҳои дигари таърихи адабиёти арабро дар бар хоҳад гирифт.

Китоби ҳозир чунонки қаблан ҳам мазкур гардид, иқдоми нахустин ва таҷрибаи аввалин дар таълифи таърихи адабиёти араб ба забони тоҷикист ва табиист, ки ҳар гуна таҷрибаи аввалия бе лағзишу норасоиҳо нахоҳад буд. Дар ҳар ҳол бо нияти хайр ба таълифи он иқдом карда шуд ва умед аст, ки аҳли таҳқиқ, донишомӯзон ва алоқамандони соҳибназари забону адабиёти араб бо мулоҳизоти судманди худ дар беҳбудии сохтору мӯҳтавои он мусоидат хоҳанд намуд.

Маводи ин китоб барои доираи васеи донишомӯзони факултаҳои шаркшиносӣ, филологияи тоҷик ва факултаҳои дигари гуманитарии донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, мухассилини мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва хоҳишмандон дар фарогирии маълумоти зарурӣ дар бораи таърихи адабиёти араб дар пешниҳод гардидааст.

Муаллиф ба муқарризони ин китоб, докторҳои илмҳои филологӣ; Тоҷиддини Мардонӣ ва Низомиддин Зоҳидов, инчунин ба мудири кафедраи филологияи араби Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ Саидраҳмон Сулаймонов ва устоди ҳамин кафедра Комил Мусофиров, Санавбар Худойдодова ва дигарон, ки дар ҷараёни ба чоп омода сохтани китоб маслиҳатҳои судманди хешро дареғ надоштанд, самимона сипос менамояд.

# БОБИ 1. ШИБҲИ ҶАЗИРАИ АРАБИСТОН ҚАБЛ АЗ ИСЛОМ. ВАЗЪИ ҶУҒРОФӢ ВА ТАБИӢ.

Шибҳи ҷазира ё ба таъбири дигар нимҷазираи Арабистон дар ҷанубу ғарбии Осиё воқеъ гардида, ҳудуди онро аз се ҷониб об иҳота кардааст ва аз ин сабаб шибҳи ҷазира ё нимҷазира номида мешаванд. Ин сарзамин аз тарафи шарқ бо халичи форс ва ҷузъе аз укёнуси Ҳинд, аз ҷануб бо дарёи Уммон ва халиҷи Адан, аз ғарб бо баҳри Сурх ҳамсарҳад аст. Фақат аз як ҷониб, яъне шимол сарҳадоти он бо хушки- мамолики арабии Ироқ, Фаластин ва Урдун мепайвандад. Масоҳати шибҳи ҷазираи Арабистонро аз 3 то 3,5 млн. километри мураббаъ нишон додаанд.

Ин сарзамин, ки дар миёни арабҳо бо номи ҷазирату-л-араб маъруф аст,қисмати зиёди масоҳати он биёбону регзорони ба зироат номувофиқ бошад, дар баъзе манотиқи дигари он чун Яман, Наҷд, атрофии халичи форс ва мавзеъҳои баландкӯҳ ҳаво муътадил буда, кишоварзӣ аз овони қабл аз исломӣ вуҷуд доштааст. Бо вуҷуди ин қисмати асосии ин сарзаминро биёбонҳои хушки беоб ташкил дода, ҳарорат маъмулан рӯзона 43 дараҷа ва шабона 38 дараҷа гарм аст. Маҷрои дарёҳои беобе дар ҳар ҷои бодия вуҷуд доштанд, ки ҳангоми боронҳои кӯтоҳмуддат дар онҳо об ҷамъ мешудааст ва аз он обҳо бадавиён муддате эҳтиёҷи худу чорвояшонро таъмин мекардаанд. Дар ҳолатҳои дигар таъмини оби бадавиён аз чоҳҳои камшуморе будааст, ки ҳар яке дар масоҳати садҳо километр дур аз ҳамдигар воқеъ шуда, баъзан барои соҳиб шудан барои чоҳи об миёни қабилаҳо дар тӯлли даҳсолаҳо ҷанг идома меёфтааст.

Шибҳи ҷазираи арабистонро ба панҷ минтақа тақсим кардаанд, ки яке аз онҳо ясан гаҳвораи фарҳангу тамаддуни қадими арабӣ ҳисоб меёбад. Ба қаламрави Яман шаҳри Хазрамавт дохил мешавад, ва он аз кадим чун щахри бозаргонон шӯҳрат доштааст. Шаҳри Уммон чун шаҳри дарёнавардон маъруф буд, аз қаламрави Яман ҳисоб меёфт. Шаҳрҳои дигари Яман Наҷрон ва Санъо буданд, ки бо матоъҳои зарбофт, атриёт ва шамшерсозӣ шӯҳрат доштанд.

Минтақаи дигари Шибҳи ҷазираи Арабистон Ҳиҷоз мебошад, ки сарзамине регзор ва кӯҳсорон аст ва дар самти шимолии Яман, дар соҳили баҳри Сурх воқеъ гардидааст. Аз

ҷумлаи шаҳрҳои маъруфи Ҳиҷоз Мака аст, ки бо номи Уммулкуро шӯҳрат дошта, Чоҳи Замзам ва Ҳаҷару-л–асвад /санги сиёҳ/ ва хонаи Каъба дар он ҷост. Дувумин шахри Ҳиҷоз Ясриб аст, ки баъди ҳиҷрати Пайгамбари ислом аз Сака ба он ҷо Садина /Мадинату-н-наби/ ном гирифта ва имрӯз ҳам ҳамин номро дорад. Пас аз интишори ислом шаҳри Макка ва мавзеъҳои он аз қабили Сафо, Марва, кӯҳҳои Арафа, Абу Қубайс ва водии Мино шӯҳрат ва эътибори зиёд пайдо кардаанд.

Аз ҷумлаи манотиқи дигари Арабистон Начд аст, ки дар самти шимоли бо Шом /Сурия/ дар машриқ бо Ироқ ва дар ғарб бо Ҳиҷоз ҳамсарҳад аст. Наҷд сарзамине кӯҳсор маркази Шибҳи ҷазираи Арабистон буда, аз ҳар сӯ онро кӯҳҳо иҳота кардаанд. Дар Наҷд ба сабаби мусоидии иқлим зироат ва кишоварзӣ ривоҷ доштааст ва ин сарзамин бо аспони тозии худ низ шӯҳрат пайдо намудааст. Ғайр аз ин ду минтақаи дигаре ҳам бо номҳои Тахома ва Ямома дар қаламрави Шибҳи ҷазираи Арабистон қарор доштаанд. Тахома дар шимоли Яман ва ҷануби Ҳиҷоз ва Ямома дар ҷануби Начд ва дар ҷанубу шаҳри Баҳрайн воқеъ будааст.

Бо сабаби гуногунии иқлими минтақаҳои Шибҳи ҷазираи Арабистон анвои набототу хайвоноти он низ мухталиф аст. Аз ҷумла маҳсули асосии Ҳиҷоз хурмо, Яман гандум, ҷав, Уммон ва Лахсо-биринҷ, ҷуворимакка, қаҳва аст. Дар манотиқи ҳавояшон мӯътадил ва таъмин бо об ангур, зайтун, себ, анор, зардолу, афлесун, лиму, найшакар, харбуза, банан ва теъдоде аз зироатҳои дигар мерӯяд. Бо ин ҳама меваи асосии Шибхи ҷазираи Арабистон аз ҳамон замонҳои қабл аз ислом хурмо ва каҳва аст ва хурмою каҳва ғизои асосии сокинони ин сарзамин ва воситаи тиҷорату даромади онҳо ҳисоб меёфтааст.

Аз ҷумла ҳайвоноти баҳрӣ, ваҳшӣ ва хазандагон, ки дар Шибхи ҷазираи Арабистон аз ҳамон овони қабл аз ислом вуҷуд доштаанд, шутур, хар, гов, гӯсфанд, рӯбоҳ, каркадан, шер, паланг, гург, шағол, уқоб, мор, калтакалос ва амсоли онҳо будаанд. Алалхусус малах дар ин сарзамин зиёд будааст ва баъзан зараре, ки малаххо ба сокинони Арабистон меросонидаанд, ба маротиб бештар аз зиёни даррандагону хазандагон будааст. Дар баробари ин малах дар зиндагии сокинони ин сарзамин бефоида ҳам набудааст, зеро баъзан хафтахо хуроки сокинони саҳрову мусофир ва ҳайвоноти савории онҳоро малах ташкил менамудааст.

Дар байни хайвоноти ахли барои бодиянишин он шутур ва асп мақоми аввалдарача доштааст. Аспи арабӣ аз ҳамон овони қабл аз исломи бо ниpуманди, тездавӣ, ҳушёрӣ камхориву итоат ба соҳиби худ фарқ мекард ва бо ҳамин сифатҳои худ боиси зафарҳо дар майдонҳои набард ва аз боронҳои реги тундбодҳои биёбон саломат халос ёфтани соҳиби худ мегардид.

Бояд гуфт, ки шутур барои сокинони бодия ҳайвони асоситарин ҳисоб меёфт ва онро наклиёти асоси дар биёбон, «Сафинаи саҳро» ва «Мавхабати худованд» медонистанд. Ҳар як навъи ин ҷонвари биёбони номи хос, вазифа ва моҳияти асосии хешро доро буд. Аз ҷумла навъе аз шутур бо номи «баъир» асосан барои боркаши хидмат мекард. Навъи дигар бо номҳои «залул» ё «ҳиҷон» тезрав буд ва барои савори истифода мешуд. Чунин мақоми бузург пайдо кардани шутур дар ҳаёти арабҳои бадавӣ бесабаб ҳам набуд, зеро шири шутур ва хурмо ғизои асоситарини арабҳо буд, гӯшти шутур ҳам барои ғизои онҳо истифода мешуд, аз пашми он барои хаймаҳо матоъ мебофтанд, саргинаш чун сӯзишворӣ ба кор мерафт. Муҳимтар аз ҳама ин ҷонвари пурсабру тоқат метавонист бо ғизои андаке, ки иборат аз хори биёбон аст, 210 килограмм борро аз Халаб /шаҳр дар Сурия/ то Басра /Ироқ/ бибарад, ки чунин таҳаммулро асп ҳам надорад. Аз ин сабаб аст, ки шутур ягона ҳамсафари бовафои бадавӣ ва дастгиру мададгори ӯ дар паҳнои роҳҳои регзори тафсон ва хавфноки биёбон аст ва беҳуда бадавӣ, шутур, хурмо ва биёбонро «ҳунарпешагони намоишномаи зиндагӣ дар бодия» ҳисоб накардаанд.

## ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ

Мардуми Шибхи ҷазираи Арабистон аз аҳди ҷоҳилият ба ду гурӯҳи асосӣ-, бодиянишинон ва шаҳриён-тақсим мешуданд ва тарзи зиндагиву машғулиятҳои онҳо аз ҳам фарқ мекард. Дар он минтакаҳое, ки зироаткори имкон надошт, сокинони он ҷо ҳаёти чодарнишини, кӯчманчигӣ ба сар мебурданд ва асосан бо парвариши шутур, ҳайвоноти аҳлӣ ва шикор машғул мешуданд. Аз ин сабаб онҳоро лозим меояд, ки дар ҳар фасли сол манзилҳои худро иваз намоянд ва бо аҳли қабилаву чорвояшон кӯч баста дар қароргоҳӣ ба фасли сол мувофиқ хайма зананд. Ба ҷуз ин яке аз манбаъҳои дигари зиндагии мардуми бодиянишин ҷанг бо қабилаҳои дигар ва соҳиб шудан ба молу чорво ва чоҳи оби

қабилаҳои маглубшуда дар ҷанг ҳисоб меёфт. Аз ин сабаб дар миёни қабилаҳои аҳди ҷоҳилият фақат ҳамон қабилае босарвату соҳибқудрат ва ғолиб омада дар ҷангҳои байниқабилавӣ метавонист, ки шумораи мардони ҷангӣ ва нирӯмандаш зиёд дошта бошад. Дар байни қабилаҳои қабл аз исломии араб одати зинда гуронидани духтарони хурдсол вуҷуд доштааст ва ин одат минбаъд дар ислом сахт маҳкум ва манъ карда шуд.

Қисмате аз сокинони Шибхи ҷазираи Арабистон аз қабили мардуми Яман, Уммон, Лахсо, Шом ва амсоли онҳо бо кишоварзӣ машғул будаанд ва то ҳадде зиндагии моддии худро ба ин восита таъмин менамудаанд.

Дар баробари ин яке аз воситаҳои асосии зиндагии иқтисодии арабҳои аҳди ҷоҳилият тиҷорат буд ва пас аз маросими ҳаҷ дувумин ҷои баҳамоии қабилаҳои араб, маркази доду гирифти иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо бозор маҳсуб мегардид. Яке аз маъруфтарин бозорҳои араб бозори Укоз буд, ки ҳар сол дар Наҷд баргузор мегардид ва Пайгамбари ислом низ дар он ширкат доштааст. Бозорҳои Шибхи ҷазираи Арабистон натанҳо мақоми хариду фурӯш, ҷои табодули афкору ахбор миёни қабилаҳои гуногун буд, балки майдони мусобиқаи дар хитоба ва шеъру шоирӣ низ ҳисоб меёфт. Умуман, дар аҳди ҷохилият дар Шибҳи ҷазираи Арабистон даҳ бозори маъруф амал мекард, ки мақоми баргузории онҳо дар қаламрави Урдун, Яман, Адан, Ҳазрамавт, Баҳрайн, Маскав, Уммон ва Наҷд /Арабистони Саъудӣ/ интихоб шуда буд. Дар ин бозорҳои даҳгона, ки аз моҳи рабеъулаввал оғоз гардида то моҳи зулҳиҷа идома меёфтанду дар ҳар яки онҳо намояндагони қабилаҳои алоҳида сардорӣ мекарданд, тақрибан аз тамоми қабилаҳои араб тоҷирони будпараст, насронӣ, яҳудӣ, собии /ситорапараст/ ва пайравони дину мазҳабҳои дигар иштирок мекарданд. Ба замми ин шоирону хатибони маъруфи қабилаҳо ҳам барои мусобиқа ва қувваозмоӣ дар шеъру хитоба ба ин бозорҳо меомаданд. Дар бораи ин бозорҳои даҳгона дар сарчашмаҳои таърихии аҳди исломӣ ахбори кофӣ дода шудааст, ки мухтасари онҳо чуни аст.

Яке аз бозорҳои араб дар моҳи Рабеъулаввал дар Дуамату-л-Чандал баргузор мегардидааст. Ва қабилаҳои Гассони ва Бани Каъб раисони он будаанд. Бозори дигар Мушаккар буда, дар моҳи Ҷумодиуъаввал дар мавзеи Ҳаҷари Баҳрайн баргузор шуда,

кабидаи Бани Тамим раёсати онро бар ӯҳда доштаанд. Бозори сеюм дар Сухор ном шаҳре, ки дар соҳили дарёи Маскат ва Уммон воқеъ аст, дар рӯзи аввали моҳи Раҷаб кушода мешудааст. Тоҷирони араб пас аз анҷоми бозори Сухор ба бозори чаҳорум, яъне бозори Риё мерафтаанд, ки Оли Чоландарӣ масъулони он буданд. Бозори панҷум дар шаҳри Шихр воқеъ дар Уозрамавт наздикии соҳили дарёи Ҳинд воқеъ будааст, баргузор мегардидааст. Ин бозор дар сояи кӯҳе, ки қабри худи пайгамбар дар он чо вокеъ будааст, таҳти раёсати аъроби Моҳра ном мавзеъ баргузор мешудааст. Бозори шашум бозори Адан буда, дар рӯзи аввали моҳи Рамазон баргузор мегардидааст ва тоҷирон аз ин бозор атриёт гирифта ба кишварҳои мухталиф мебурдаанд. Дар нимаи моҳи рамазон бозори Санъо кушода мешудааст, ки ҳафтумин бозор аз зумраи бозорҳои даҳгона аст. Бозори ҳаштумро дар Хазрамавт қабилаи Кинда баргузор мекарданд ва тоҷирон бо муҳофизон ба он бозор мерафтанд, зеро қабилаи мазкур амнияташонро таъмин карда наметавонист. Бозори дигар Укоз буд, ки дар моҳи Зилкаъда таҳти раёсати қабилаи Қурайш дар Наҷд баргузор мегардид. Бештар дар ҳамин бозор муфоҳарот ва мусобиқот дар хитобаву шеър миёни қабилаҳои мухталифи араб баргузор мегардид. Охирин бозори даҳгонаи араб дар Зи-л-Маҷоз буд, ки тоҷирон ва ширкаткунандагони он пас аз интиҳои ин бозор ба маросими Ҳаҷ ба Мака мерафтанд.

Тоҷирони қабилаҳои араб ғайр аз ширкат дар бозроҳои мазкур, ки зиндагии модди ва восилаи тиҷорат онҳоро таъмин мекард ба кишварҳои дигаре чун Эрон, Хабаш, Яман, Шом, Миср колои худро мебурданд ва аз он сарзаминҳо колои мавриди ниёзи аҳли қабилахои худро меоварданд.

Марказхои асосии тиҷоратии Шибхи ҷазираи Арабистон дар ин ахд шаҳрҳои Ҳиҷоз, Макка, Тоиф, Ясриб, Наҷд ва ғайра буданд, ки дар он рибо /судхурӣ/ ривоҷ дошт ва минбаъд онро ҳам ислом маҳкум ва маън намуд.

## ВАЗЪТ СИЁСӢ

Ба сабаби тақсим шудани сокинони Шибхи ҷазираи Арабистон ба бадавиён /бодянишинон/ ва хазариён /шаҳрнишинон/ ҷомеаи аҳди ҷоҳилият асосан дар ду шакл идора мешуд. Сохти паҳншудаи он сохтори қабилавӣ ва дуюм сохтори давлатӣ,

давлатҳои хурди ниммутамаддини дорои шаҳрҳо ва низоми ибтидоии давлатдорӣ буданд, ҳисоб мешуд.

Дар ҷомеаи аҳди ҷоҳилият, ки аксари сокинони онро бадавиён ташкил менамуданд, низоми қабилавӣ мақоми аввалдараҷа дошт.

Ҷузъи хурдтарини қабила, ки аз сокинони якчанд хайма иборат буд, «хай» номида мешуд ва аъзои ҳар як «хай»-ро «кавм» меномиданд. Қабила маҳз аз маҷмӯи қавмҳои аз ҷиҳати хуну насаб бо ҳам наздик ташкил меёфт ва аз миёни ин қавмҳо барои қабила як Раис интихоб карда мешуд. Маъмулан раиси қабила бояд шахси дар синну сол бузургтарин мебуд ва ҳар як узви қабила ба номи худ номи қабилаашро илова мекард.

Раиси қабиларо, ки «шайх» ё «сайид» меномиданд, ба замми бузургии синну сол доштани сифатҳои шуҷоат ва раҳбариву тадбирандеши зарур буд. раиси қабила бояд масъалаҳои ҷангу сулҳ бо қабилаҳои дигар, қазоват дар низои дохилии афроди қабила чарогоҳҳо, наздики об, кӯчбандӣ, интихоби ҷои кӯч ва амсоли онҳоро ҳал мекард, вале қабл аз эълони ҳукми худ дар бораи ин ё он масъала бояд бо сарварони қавмҳо машварат меорост ва мулоҳизоти ононро гӯш карда, сипас карори нихоӣ мебаровард.

Моликтяти шахсии ҳар фарди қабила аз хаймаи вай ва амволи дар он буда иборат буд, вале оби чоҳ ва замини зироату чарогоҳ мулки умумии қабила ҳисоб меёфт. Қабила ҳимоятгар ва пушту паноҳи асосии афроди он дар шароити бодия ҳисоб меёфт ва ронда шудан аз қабила баробари маҳкум шудан ба марг буд.

Теъдоди қабилаҳои араб хеле зиёд буданд, вале дар миёни онҳо қабилаҳои машҳуре вуҷуд доштанд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии аҳди ҷоҳилият нақши муассир доштаанд ва дар осори адабиву таърихӣ аз онҳо зиёд ёд карда мешавад. Қабилаҳои арабҳои ҷануб асосан аз қабилаҳои Хумайр ва Кахлон ба вуҷуд омадаанд. Қабилаҳои машҳуре, ки аз Хумайр баромадаанд Кузоа, Танух, Калб, Чохина  ва Узра мебошанд ва қабилаҳои Тай, Хамлон, Омила, Чузон, Лахм, Канда аз қабилаи Кахлон сарчашма гирифтаанд. Аз қабилаи Азд низ қабилаҳои Гассониён, Хузоъа, Авс ва Хазрач пайдо шудаанд. Дар миёни арабҳои шимол ё Аднонӣ ҳам қабилаҳои Мазар, Қайс, Айлон, Хавозин, Салим, Гатфон, Тамим, Хузайл, Кинола, Қурайш, Рабеъа, Асад, Воил, Бакр, Таглиб, Бану Ҳанифа шӯҳрати зиёддоштаанд.

Дар миёни кабилаҳои аҳди ҷоҳилӣ зуд-зуд баъзан ҷангҳои хеле тӯлонӣ ба амал меомад. Агар яке аз сабабӣои ин ҷангҳо соҳиб шудан ба чорвою чарогоҳҳо ва чоҳу заминҳои кишти қабилаҳои дигар бошад, сабаби асосии дигар гирифтани касос барои қатли яке аз афроди қабила ё чорвои он аз қабили шутур ё асп будааст, зеро дар миёни бадавиёни қабл аз исломи гирифтани қасос, яъне шустани хун бо хун ба ҳукми қонуни зиндагии қабилавӣ даромада, яке аз наздикон ё хешовандони мактул бояд ҳатман хуни қотилро мерехт. Баъзан  то 40 сол ва зиёда аз он ҳам дар фикри интиқом мешуданд ва то гирифтани қасос шароб ва зану атрро барои худ ҳаром медонистанд ва ҳеҷ як фарди қабила ҳақ надошт, ки қонуни қасосро вайрон кунад.

Чангҳои байниқабилавии арабҳои ахди ҷоҳилиро «айём» ё «айёму-л-араб» меномиданд ва ин ҷангҳо ҳар рӯз аз субҳ оғоз ёфта бо ғуруби офтоб қатъ мешуд. Шумораи чунин ҷангҳо хеле зиёд буда, дар китобҳои таърихи аҳди исломӣ баъзан аз 1200 ҷанги миёни қабилаҳо ёдовар шудаанд. Маъмулан ҷангҳо ба сабаби ҷой ё сабаби воқеъ шуданашон ба худ ном мегирифтанд ва баъзан то чиҳил сол идома меёфтанд. Аз чумла, чанге бо номи «Харбу-л.Басус» байни кабилахои Бакр ва Таглиб дар охири асри панҷуми милодӣ оғоз ёфтааст ва 40 сол идома доштааст. Сабаби ин чанг дар он будааст, ки сардори кабилаи Таглиб-Кулайб шутури холаи раиси кабилаи Бакр-Часос ибн Мараро бо тир зада куштааст ва Часос ба интикоми шутур Кулайбро ба катл расонидааст. Дар бораи ин ҷанги чилсола ва паҳлавони он-Мухалхил достонҳои зиёди ба вуҷуд омадааш, ки машҳуртарини онҳо ҳамосае бо номи «Аз-зайр солим» мебошад.

Аз ҷумлаи ҷангҳои дигари машҳури миёни қабилаҳои аҳди ҷоҳилӣ «Харби Дохис ва Габро» мебошад, ки ба сабаби мусобиқаи ду асп бо номҳои Дохис ва Габро оғоз шуда ва ба номи онҳо номгузори шудааст. Раисони қабилаи Абас ва Зубён Қайс ибн Зухайр ва Ҳозифа ибн Бадр ба аспони худ савор шуда, аб мусобиқаи аспдавони оғоз кардаанд, ки Дохис аспи раиси қабила Абас ба пеш гузоштан наздик расидааст. Дар ин вақт марде аз қабилаи Зубён, ки дар камингоҳ истода будааст, Дохисро рамонида аз роҳ берун кардааст ва дар натиҷа Габро, яъне аспи раиси қабили Зубён аз Дохис пеш гузаштааст. Сардори қабилаи Абас-Қайс ибн Зухайр ба ин ноҷавонмардӣ эътироз карда чун годиб ҷоизаи

мусобиқаро талаб намудааст ва ин амр оқибат боиси ҷанги тӯлонии миёни қабилаҳои Абас ва Зубён гардидааст.

Чанги Дохис ва Габро бо он анҷом ёфт, ки бузургони қабилаи Абас-Харм ибн Синон ва Ҳорис ибн Авф аз бузургони Зубён хунбаҳои кушташудагонро қабул карданд ва ба сулҳи миёни ду қабила розӣ шуданд. Дар бораи ин санг ҳамосаи машҳуре бо номи «Қиссату Антара» ба вуҷуд омадааст.

Ҷангу хунрезӣ миёни қабилаҳои араб фақат дар тӯли чаҳор моҳмамнуъ буд, ки онҳоро моҳҳои ҳаром, яъне мӯҳтарам мехонданд. Дар ин моҳҳо, яъне Раҷаб, Зилкаъда, Зилхиҷҷа ва Муҳаррам ҳар гуна қатлу ғорат, ҳатто забҳи ҳайвонот низ қатъиян манъ мешуд ва агар касе ин қонунро вайрон мекард аз ҷониби тамоми қабилаҳо маҳкум карда ба ҷазо расонида мешуд. Дар тӯли ин моҳҳо арабҳо аз тамоми қабилаҳо ва манотиқи Шибхи ҷазираи Арабистон ба Макка меомаданд ва маросими зиёрату ибодати Каъбаро ба ҷо меоварданд. Ҳамчунин дар ин моҳҳо дар бозори Уккоз ва бозорҳои дигар бо тиҷорат ва дар шеъру хитоба машғул мешуданд.

Дар баробари низоми қабилавӣ дар Шибхи ҷазираи Арабистон давлатҳои хурди маҳаллие низ вуҷуд доштанд, ки асосан таҳти нуфузи се давлати муқтадири он замон-Эрон, Рим ва Ҳабаш қарор доштанд. Ин давлатҳои  маҳаллии арабӣ, ки намояндагони онҳо асосан арабҳо ҷануб, яъне яманихо буданд, бо бозаргониву кишоварзӣ ва санъату меъмори шуғл меварзиданд.

Аз ҷумлаи ҳукуматҳои маҳаллии арабӣ дар аҳди ҷохилӣ давлати Хумайриён буд, ки то асри шашуми милоди вуҷуд дошт ва охирин ҳукмрони он Зу Нувос /525 м./ буд.

Яке аз давлатҳои дигари арабӣ дар ин давра ҳукумати Манозираи Лахмиён буд, ки пойтахти он дар шаҳри Ҳираи Ироқ воқеъ буд. Ин давлат аз оғози қарни сеюми милодӣ таъсис ёфта таҳти ҳимоят ва тобеъияту боҷгузории императории Сосониён қарор дошта то футуҳоти исломӣ дар Эрону Ироқ фаъолият намудааст. Подшоҳи машҳури ин давлат ҳамон Нӯъмон ибн Мунзир ё Нӯъмони аввал /400-418 м./ аст, ки боҷгузори Вараҳрани /Баҳроми Гӯри/ Сосонӣ буда, қасрҳои маъруфи Хаварнак ва Садирро бино кардааст. Аз зумраи подшоҳони маъруфи дигари ин хонадон Мунзири сеюми машҳур ба Ибн Моиссамо /писари оби

осмон.-505-554/ ва Амри писари Ҳинд /554-569/ будаанд, ки номи онҳо дар ашъори шуарои Арабу Аҷам бисёр зикр шудааст.

Давлати дигари арабии аҳди чоҷилият каламрави Ғассониёни шом /Сурия/ буда, пойтахти он дар шаҳри Чалк воқеъ будааст.

Подшоҳони давлати Ғассониён тахти ҳимоят ва тобеияти императории Рим будаанд. Яке аз подшоҳони машҳури Ғассониён Хориси дуюми мулаккаб ба Аъраҷ /529-569/ дар ҷанги машҳури Явм Ҳалима Ҳираро тасарруф намудааст. Ин подшоҳ шуарои зиёдеро ба дарбораш ҷамъ оварда будааст.

Яке аз давлатҳои дигари ин аҳд ҳукумати Кинда вокеъ дар Начд будааст, ки қариб сад сол, яъне дар тӯли солҳои 450-540 идома доштааст ва шоири машҳури аҳди ҷоҳилияти араб Имрул Қайс аз насли подшоҳои ин хонадон ҳисоб меёфтааст.

## АСЛУ НАСАБ ВА НАЖОДИ АРАБҲО

Арабҳо аз ҷумлаи миллатҳои сомӣ мебошанд, ки дар бораи таърихи қадими онҳо иттилои ночизе мавҷуд аст ва ҷуз катибаҳое дар даҳсолаҳои охир дар Яман кашф кардаанд ва қадимтарини онҳо ба асрҳои нуҳум ё ҳаштум қабл аз милод мувофиқ меояд, иттилои дигаре дар даст нест.

Арабҳоро маъмулан ба ду гурӯҳи асоси- арабҳои боида ва боқия таксим кардаанд. Арабхои боида онҳое мебошанд, ки чун қавмҳои Оду, Самуд, Тосам, Чадис аз миён рафтаанд ва дар Қуръон ва осори таърихиву динии аҳди исломи қиссаву ривоёти марбут ба онон боқӣ мондааст. Ахиран дар наздикии Ҳичоз бостоншиносон нақшҳо ва катибаҳое кашф кардаанд, ки бо хатҳои лахёнӣ, самудӣ ва сафоӣ китобат шуда, забони онхо аз забони арабҳое, ки осори адабиашон то замони мо расидааст, тафовут дорад.

Арабҳои боқияро ҳам дар навбати худ ба ду гурӯҳи асоси Кахтониён ва Адниониён ҷудо кардаанд. Гурӯҳи аввалӣ, яъне Каҳтониён ё аъроби ориба, ки арабҳои Яман ва ҷануб мебошанд, гуё аъроби асил ва холис будаанд ва аслу насаби онҳо ба Яъриб ибн Каҳтон мерасидааст.

Гурӯҳи дигар, яъне Адноииёнро арабҳои мустаъраба /арабшуда/ хондаанд, ки аз кишварҳои ҳамсояи Шибхи ҷазираи Арабистон ба ин сарзамин кӯчидаанд ва бо мардуми он омезиш

ёфта араб шудаанд. Инҳо Низориён ё Маъдиён мебошанд, ки мардуми Ҳиҷоз, Наҷд, Набатиҳо ва Тадмириҳо маҳсуб мегарданд.

Бо мурури замонҳо баъзе қабилаҳои арабҳои ҷанубӣ, яъне Кахтониён бо сабабҳои тагйири вазъи иқтисоди ва иҷтимои ногузир шудаанд, ки аз сарзаминҳои худ ба манотиқи шимоли муҳоҷират кунанд. Аз ҷумла қабилаи Бани Саълаби ибн Амр ба Ясриб /Мадина/ рафтаанд ва минбаъд набилаҳои Авс ва Хазрат аз онхо ба вучуд омадаанд. Қабилаи Ҳузоъа ба Макка муҳоҷират карданд ва кабилаи Чархамро аз он ҷо берун кардаанд. Чафна ибн Амри бо фарзандонаш ба Шом /Сурия/ рафт ва ба сабаби он ки дар соҳили наҳре бо номи Ғассон манзил ихтиёр карданд, минбаъд бо номи қабилаи Ғассониён шӯҳрат ёфтанд. Қабилаи ҷанубии Лахм ибн Удай ба Хираи Ироқ мусофират кардан два аз ин қабила падари давлати Лахмиён ё Бани Мунзир Наср ибн Рабеъа ба дунё омад. Ҳамин тавр, қабилаҳои чанубии Тай дар кӯҳҳои Ачо ва Салмо дар шимоли шарқии Ясриб манзил ихтиёр карданд ва тадриҷан теъдоде аз қабилаҳои Яман низ ба ҳар сӯ пароканда шуданд. Миёни қабилаҳои ҷанубӣ ва шимолӣ ҳамеша ихтилоф вуҷуд дошт ва он ҳатто баъд аз зуҳури ислом ҳам идома ёфт.

Арабҳои қабл исломро аз лиҳози тарзи зиндагӣ ва машғулияти онҳо ба бадавӣ ва ҳазарӣ ҷудо кардаанд. Арабҳои хазарӣ, ки дар ҷануби Шибхи ҷазираи Арабистон умр ба сар мебурдаанд, шаҳрнишину мутамаддин ва дорои шаҳру иморатҳо, кишоварзиву саноат ва давлатдорӣ будаанд. Арабҳои бадавӣ асосан бо чорводорӣ ва шикору ҷанговарӣ умр ба сар бурда, низоми иҷтимоии қабилавиро доштаанд. Дар бораи бадави ва хазари мо дар фасли вазъи сиёсии Шибхи ҷазираи Арабистон таваққуф ва аз ин ҷо аз зикри муқаррари сохтори қабилаи арабӣ, қабоили машҳур, давлатҳои маҳаллии араби ва намояндагони онҳо худдорӣ менамоянд.

## ЗАБОНИ АРАБҲО

Забони арабиро аз лиҳози асли маншаи пайдоиш ағлаби кулли забоншиносон яке аз забонҳои сомӣ донистаанд ва аз ҷихати таърихи пайдоиши худ он нисбат ба забонҳои дигари сомӣ ҷавонтар аст. Аз ҷониби дигар забони арабӣ нисбат ба забонҳои дигари сомӣ дар ҳоли ба асли худ наздиктар боки мондааст, зеро ба сабаби сахронишин ва дур аз тамаддунҳои ҳамҷавор будани

сохибони худ ин забон камтар дучори омезиш бо забонҳои дигар шудааст ва чун забонҳои дигар гирифтори тағйиру таҳаввулоти зиёд нашудааст. Аз ин сабаб баъзан чунин тахмин ҳам шудааст, ки забони араби шояд модари забонҳои сомӣ бошад.

Дар бораи маънии луғави ва истилохии ин забон чун «араби» ва сабаби ин номро гирифтани он низ мулоҳизоти донишмандон  изҳор шудааст, ки тибки онҳо забони арабӣ номи худро аз алфози «иъроб», «ъуруба» ё «ъурубия» гирифтааст ва ин алфоз маънии фасоҳат ва возеҳии баёнро доштааст. Аз ин сабаб ин забон ва соҳиби он «араб» номида шудааст, ки забонаш барои сохибони он фасеху равшан ва забони «аҷам», яъне қавмҳои дигар мавҳуму нофаҳмост.

Аз кадом замон оғоз шудани араби маълум нест. Ҳамин қадар маълум аст, ки аз замонхои кадим дар Шибхи ҷазираи Арабистон ду забон- Хумайрӣ ва Музарӣ вуҷуд доштааст, ки аксари кулли лаҳҷаҳои арабӣ аз онҳо пайдо шудаанд. Забони кахтонии Химяри забони сокинони ҷануби Шибхи ҷазираи Арабистон ва аднонии Мазари ё хичози забони шимоли ин сарзамин буда, Қуръон бо ин забон, яъне музарии хичози нозил гардидааст.

Ҳарчанд, ки арабҳои ҷанубу шимол дар муносибат ва иртиботи қадим ибо якдигар буданд, вале байни забонҳои хумайрӣ ва Мазари тафовути зиёде вуҷуд дошт. Яке аз забоншиносони асримиёнагии араб Амри ибн Ало ба ин ихтилоф ишора карда дар «Табакоту-ш-шуаро»-и худ дар бораи забони хумайри навишта буд: «Забон ва арабияти Хумайр забон ва арабияти мо нест». Аз ин мебарояд, ки ҳатто баъзан ба забони Хумайри чун ба як забони дигар муроҷиат кардаанд. Иддае аз донишмандон забони хумайри ё Кахтонии ҷанубро яке аз решаҳои аднони шуморида, катибаҳои солҳои охир кашфшударо далел меоранд, ки баъзе алфозу таркиботи онҳо ба вожаҳои юнони наздик аст. Умуман, дар катибаҳо алфозу таркибҳоеро ёфтан мумкин аст, ки ҳам ба вожахои забони Хумайри ва ҳам Мазари шабоҳат доранд ва хешовандии онҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Дар тулии таърихи таҳаввули минбаъдаи худ забони музарии ҳиҷозии шимол дар асари омезиш ва тағйирот шаклу суратеро ба худ гирифтааст, ки дар адабиёти аҳди ҷохили ва Қуръон мебинем. Вале то замони расидан ба шакле, ки дар аҳди

ҷоҳили пайдо кард, забони араби сайри таърихии тулониро аз сар гузаронид.

Маълум аст, ки ҳанӯз дар замони қабл аз милод қабилаҳои ҷануби ба Хиҷоз ва шимоли Ҷазирату-л- араб муҳоҷират намудаанд. Инчунин арабҳои ҷануб ба манотиқи шимол ба тиҷорат мерафтанд.Чунин равобити арабҷои ҷануби шимол, яъне Кахтониёну Аднониён тақозо мекард, ки забонҳои Хумайри ва Мазари ба ҳамдигар наздик шаванд, то якдигарро фаҳмидани соҳибонаш осон гардад. Чунин наздикшави дар тулии панҷсад сол, яъне то қарни V милод идома дошт, вале пас аз заволи давлати арабҳои ҷануб дар Яман ногузир забони музарии аднони бар кахтонии Яман ғалаба ёфт ва чунонки мебинем, дар адабиёти ҷохилии қарни V забони асосии шеъру хитоба забони музарии аднонист.

Қабилаҳои араб ҳам ҳарчанд бо яке аз ду забони муштарак, яъне Хумайри ва Мазари сухан мегуфтанд, вале аз ҷихати лаҳҷаи гуфтугӯ миёна онҳо тафовут вуҷуд дошт. Чунин тафовут дар талаффузи баъзе овозҳо, иъроб, зада ва ғайра зоҳир мегардид, вале барои тамоми қабилаҳо возеҳу фаҳмо буд.

Дар баробари лаҳҷаҳои мухталифи қабилаҳо забони расмие ба вуҷуд омад, ки забони шеъру хитоба ва анҷуманҳои адабӣ буд. дар ташаккул варивоҷи ин забон тамоми қабилаҳои араб саҳмгузор буданд, зеро ин забон аз беҳтарин алфозу таркиботи лаҳҷаҳои қабилаҳо фароҳам омада ва ҳоли аз нуқсонҳои фасоҳату балоғат буд. Намунаи ин забон дар осори адабии аҳди ҷоҳили ва Қуръон ба назар мерасад. Тадриҷан лаҳҷаи қабилаи Қурайш дар ин забон таъсири зиёд расонид, зеро он нисбат ба лаҳҷаҳои дигар тозаву фасеҳтар буд.

Пайдоиши забони расмии шеъру хитоба ва осори адабии аҳди ҷохилӣ ва ваҳдату омезиши забонҳои хумайри ва музари дорои омилҳои муҳими дигаре хам буд. Яке аз чунин омилҳо бозорҳо буданд, ки дар фасли марбут ба вазъи иқтисодии Шибхи ҷазираи Арабистон дар бораи бозорҳои даҳгона таваққуф шудааст. Дар ин бозорҳо мардум аз ҳар ҷониби Ҷазирату-л-араб натанҳо барои хариду фурӯш ҷамъ меомаданд, балки бо суханрониҳо, қироати ансоб, радду бадали афкор машғул мешуданд, шуаро ва хатибон дар мусобиқоти шеъру хитоба ширкат меварзиданд ва ин

ҳама ваҳдат ва ягонагиро дар забон ва фикру андеша тоқозо мекард.

Шоирон ва хатибон ҳам барои он ки суханашон барои оммаи шунавандагон фаҳмову дастрас бошад ва мухлисону алоқамандони зиёде пайдо кунанд, саъй менамуданд, ки аз алфозу таъбироти мафҳум барои ағлаби қабилаҳо ва услуби маъмули умум истифода намоянд. Дар баробари ин ровиён низ ашъори шоиронро дар миёни қабилаххҳои мухталиф қироат мекарданд ва ба ин васила лаҳҷаву тарзи сухани шоирон дар миёникабилахо пахн мешуд. Яке аз маъруфтарин бозорҳо, ки дар густариши забони расмии арабӣ нақши зиёд дошт, бозори Укоз буд ва ин бозор аз соли фил то (593 мелодӣ) то 125 ҳиҷрӣ, яъне дар тулли 150 сол идома дошт. Машҳуртарин доварони ин бозор дар шеър нобиға аз-Зубёни ва дар хитоба Касс ибн Саидаи Аёди буданд.

Аз омилҳои дигаре, ки дар густариши забони расмии араби муассир буд, нақши Макка ва қабилахои Қурайш хисоб мешавад. Шаҳри Макка аз замонҳои қадим маҳалли омаду рафти корвонҳои бозаргонон ва зиёратгоҳи ҳоҷиён ба хонаи Каъба буд. Аҳли қабилаи Қурайш, ки дар Макка  сукунат доштанд бар асари робита ва ихтилот бо тоҷирони қабилаҳо ва кишварҳои мухталиф ва ҳочиён натанҳо доираи фарҳангу иттилоот ва сатҳи забонии лаҳҷаи худро меафзуданд, балки дар густариши забони расмии араби саҳм мегузоштанд. Ба сабаби он ки муҳимтарин бозорҳо дар қаламрави қабилаи Қурайш буданд, шоирону хатибон дар осори худ ба лаҳҷаи Қурайш тақлид мекарданд, вожаҳои онро дар ашъорашон истифода менамуданд. Шеъри араби аз сарзамини Қурайш паҳн мешу два дар баробари паҳн шудани ашъори шоирон лаҳҷаву усули Қурайш низ дар Чазирату-л-араб паҳн мегардид ва ба ин восита ҳам забони арабии расмӣ, ки ба лаҳҷаи Қурайш наздик буд, ба вуҷуд меомад.

Ҳамчунин сокинони Ҷазирату-л-араб аз тамаддунҳои ҳамсояи Руму Эрон ва Ҳабаш низ бебаҳра набуданд ва дар натичҷаи тиҷорату рафту омад бо ҳамсояҳо низ тамаддуни каҳтониву мазари омезише бо тамаддунҳои румиву эронӣ пайдо карда ва ниҳоят, тамоми комёбиҳои он ба забони расмии араби интиқол ёфт ва ба ин восита «забони арабӣ агар дар вожагон нуқсе ҳам дошт, онро бо гирифтани вожаҳое аз ин тамаддунҳои густурда ва азим бартараф сохт» ва чун забони камолёфта ва ғанӣ аз алфозу таъбироти фасоҳату балоғат ба аҳди адабиёти ҷоҳилӣ расид.

# ЗУҲУРИ ХАТ ВА КИТОБАТИ АРАБӢ

Хат ва алифбои арабӣ дар он шакле, ки имрӯз вуҷуд дорад, пайдо нашудааст, балки дар натиҷаи тағйироти падид омада дар ҳарфҳои алифбои навбатӣ, ки қабл аз ислом дар шимоли Шибхи ҷазираи Арабистон маъмул буд ба вуҷуд омадааст. Ҳарфҳои алифбои арабӣ дар асоси се хат, яъне хатти Мисри қадим, финикӣ ва муснид ташаккул ёфтааст. Хатҳои сафоӣ, самудӣ, лихёни, сабои ё хумайри навъҳои хатти муснид ҳисоб меёбанд. Хатҳои кинди ва набатӣ аз муснид пайдо шудаанд. Пайдоиши хатҳои хири ва анбори аз набати, хиҷози ё насхи араби аз анбори сарчашма мегирад. Хатти куфи бо таъсири корҳои ҳандаси ва такмили хатти ҳиҳози ба вуҷуд омадааст.

Арабҳои Яман аз хате истифода мекарданд, ки онро муснид меномиданд ва тибқи эътиқодоти онҳо гуё ба худи пайғамбар бо ин хат вахй нозил шудааст. Вале тибқи тадқиқоти забоншиносон ва кашфиёти бостоншиносон сарчашмаи хатҳои соми хатти финики мебошад ва хатҳои ороми, муснид ва анвои он аз қабили сафои, самудӣ, лихёни дар шимол ва хумайрӣ дар ҷануб пайдо шудаанд. Хатҳои набатӣ ва суриён аз ороми ба вуҷуд омада, асли хатти арабиро ташкил менамоянд. Аз хатти набатӣ шакли наҳс ва аз суриён шакли куфии хатти араби пайдо шудаанд.

Арабҳои шимол хатти насхи набатиро ҳангоми мусофиратҳо ба Шом /Сурия/ омӯхтаанд ва хатти куфии суриёниро Бушр ибн Абдулмалики Канби, ҳокими Думату-л-Чандал дар Макка миёни аҳли Қурайш маъмул гардонидааст. Баъди ба шаҳр табдил ёфтани Куфа дар масҷиду қасрҳои он навиштани хатти суриёни маъмул шуд ва бо номи хатти куфи шӯҳрат ёфт.

Хатти анбории Хира баъди интиқол ба Ҳиҷоз хатти ҳиҷози номида шуд ва ҳангоми зуҳури ислом теъдоди каме аз Курайш бо ин хат менавиштанд. Пайғамбари ислом ҳам дар мачмуъ дар ҳудуди 40 нафар котиб дошт ва хатро бе иъроб, бе гузоштани ҳаракатҳо менавиштанд.

Баъди интишори ислом дар мамолики дигар ва ба вуҷуд омадани хавфи тахриф дар қироати Қуръон  Абуласвадад Дуали дар замони хилофати Муовия бо гузоштани нуқтаҳо дар боло, зер ва самти рости ҳарф чун аломати фатҳа, касра ва замми иъробро ихтироъ кард. Ниҳоят, Халил ибн Аҳмад ба ҳои нуқтаҳои

Абаласвадад Дуали аломатхоеро барои фатҳа, касра ва замма ихтироъ кард, ки имрӯз ҳам дар китобати арабӣ мустаъмаланд.

Кашфиёти бостоншиносон ва катибаҳои ба даст омада аз давронҳои мухталифи таърихи аз он шаҳодат медиҳанд, ки арабҳо дар замонҳои гузаштаи ҳадим катибаҳоро дар устухонҳои шонаи шутур, барги хурмо, дар руи пуст ё пораҳои сафол, лавҳаҳои чуби ва дар замонҳои наздиктар дар қоғази мисри менавиштанд.

## ДИНИ АЪРОБИ АҲДИ ҶОҲИЛИЯТ

Да Шибхи ҷазираи Арабистон қабл аз ислом ба сабаби ҳамсояги ва иртиботу муносибат бо намояндагони дину мазҳабҳои гуногун динҳои мухталифе роҳ ёфта буданд ва пайравони худро доштанд. Қисмате аз аҳли қабилаи Қурайш ва қабилаҳои аднонии араб расму оин ва аҳкоми бозмонда аз Иброҳими Халилуллоҳро ҳифз намуда буданд, хонаи Каъбаро соле ду маротиба зиёрат мекарданду маносики ҳач ба чҷо меоварданд ва чор моҳи ҳаромро эҳтиром менамуданд. Қабилаи Қурайш то замоне, ки пардадории Каъбаро қабилаи Хузоъа аз онхо гирифтан, дар Каъба вазифаи маъмурӣ ва сарвариро бар ӯҳда доштанд. Яке аз сарварони Бани Хузоъа бо номи амру ибн Лухайи Хузоъи боре ба Шом рафт ва будпарастии Амоликаи Шомро дида, аз он ҷо бутеро бо номи Хубал ба  Мака овард ва дар канори хонаи Каъба насб кард. Хубал буте буд, ки аз ақ иқи сурх тарошида шуда, дасти росташ шикаста буд ва  баъдҳо Қурайш дасте аз тилло барои он сохта буданд. Ин нахустин буте буд, ки ба Каъба оварда шуда ва тадриҷан теъдоди бутҳои Каъба хеле зиёд гардид.

Чунонки зикр гардид, ба сабаби ҳамсоягӣ ва иртибот дар Шибхи ҷазираи Арабистон динҳои Яҳудият ва насроният таъсири қавӣ доштанд ва дорои пайравони зиёд буданд. Бузургтарин гурӯҳҳои Яҳудиён, ки соҳиби замину сарват буда, бо кишоварзиву бозаргонӣ шуғл меварзиданд, дар Хичоз, Тимо, Фадак, Хайбар, Водиюл Куров а Ясриб мезистанд. Алалхусус дар Ясриб ва баъзе манотиқи дигар Яҳудиён гурӯҳи нируманде ҳисоб мешуданд.

Дар байни подшоҳои Яман низ саъйе барои таргиби яхудият карда мешуд. Аз чумла подшохи Яман бо номи Таббаъ ду нафар уламои дини Яҳудро ба манотиқи Яман барои тарғиби дини Яҳуди фиристод ва онҳо теъдоде аз яманиёнро ба Яҳудият

даровварданд. Пайравони Яҳудият дар миёни қабилаҳои араб низ ба назар мерасид. Аз ҷумла, теъдоде аз афроди қабилаҳои Авс ва Хазрач баъди мусофират аз Яман ва сукунат дар Мадина  бо таъсири Яҳудиёни қабилаҳои Хайбар, Бани Кариза ва Бани Нозир Яҳудиятро пазируфтаанд.

Пайравони дини насронӣ ҳам дар миёни аъроби аҳди чохилият зиёд буда, марказҳои асосии нуфузи онҳо дар ҷануб, яъне Яман ва дар шимол миёни қабилаҳои тобеъи Византия ва Эрон чун Гассониён ва Лаҳмиён воқеъ буданд. Дар атрофии Макка низ теъдоде аз пайравони насроният аз ҷумла фақ ирон, санъатварон ва сарбоз сукунат доштанд. Пайравони дини насрони дар миёни афроди кабилаҳои арабии Бани Хорис, Бани Асад, Бани Тамим, Бани Таглиб, Тай, Мазхия, Сулайх, Танух ва гайра мавчуд буданд.

Аксари сокинони шибхи чазираи Арабистон бутпараст буданд. Бутҳоро ё наққошӣ мекарданд ё аз санг ва маводи дигар метарошиданд. Ҳар қабила барои худ як ё якчанд бут дошт. Бузургтарини бутҳои араб Хубал буд, ки мансуб ба кабилаи Қурайш ҳисоб меёфт ва нахустин буте дар Ҷазирату-л-араб буд. Аъроби аҳди ҷоҳили бутҳоро мазхари худои воқеӣ, Оллоҳ медонистанд ва гўё ба хотири наздик шудан ба худои воқеӣ бутхоро мепарастиданд.

Аъроби аҳди ҷохилият бутҳои худро ибодат мекарданд ва барои онҳо қурбонӣ менамуданд. Баъзан  бутро ба маркабе ё шутуре бор карда ба майдони ҷанг мебурданд, то барои аҳли қабила пирузӣ орад. Онҳо худои воқеӣ, офаридгори замину осмонҳо-Оллоҳро дорои фарзандон меҳисобиданд. Аз ҷумла, се бути бузург- Лот, Манот ва Уззоро духтарони худо меҳисобиданд. Лот буте буд, ки аз санги сафед тарошида шуда, худои офтоб ҳисоб меёфт ва маъбади он дар Тоиф воқеъ буд. Манот худои сарнавишт ва  марг дониста мешуд ва аз санги сиёҳ сохта шуда буд.

Маъбади он дар мавзее ба номи Кудайд дар байни Макка ва мадина вокеъ буд. Узро худои Зўҳра, яъне ишқ ва зебои буда, маъбади он дар мавзее мобайни Тоиф ва Макка қарор дошт. Ин бутҳоро тамоми қабилаҳои араб мепарастиданд ва онҳо бутҳои умуми ҳисоб меёфтанд. Дар миёни ин бутҳо алалхусус Уззо мақоми бузург дошт ва барои он инсонро қурбон мекарданд.

Дар даруни хонаи Каъба ба ғайр аз бути Хубал, ки маъбуди Қурайш буд, мувофиқи адади рўзҳои сол 260 бут гузошта шуда,

мавриди парастиш ва қурбонии қабилаҳои араб қарор гирифта буд. Дар хонаи Каъба ба ғайр аз бути Хубал бутҳои Усофа, Ноила ва ғайра буданд, ки хоси қабилаи муайян ҳисоб мешуданд. Аз ҷумла, бути Вадд ба қабилаи Бани Калб ва Кузоъа, Наср бути қабилаи Хумайр, Сувоъ, Кинона, Уззо бути қабилаи Гатфон ва Зулкафла бути қабилаи Бачала, Хасъам ва Фалак бутҳои қабилаи Тай ҳисоб меёфтанд. Зулқаъабот бути қабилаи Рабеъа, ва Аёд, Зулқаффайн бути қабилаи Давс, саъд бути қабилаи Бакр ибн Воил, Шамс бути қабилаи Бани Азри ва Рисм бути қабилаи Азд маҳсуб мешуд.

Қабилаи Қурайш ғайр аз бутҳои худ, ки дар хонаи Каъба қарор доштанд, бутҳои Муовируррих /Хамсояи шамол/ ва Мутъимуттайр /Туъмадиҳандаи паррандагон/-ро дар куҳҳои Сафо ва Марва дар мукобили Каъба гузошта буданд ва онҳоро парастиш мекарданд.

Ба замми бутҳое, ки тааллуқ ба қабилаи муайян ё тамоми кабилақо доштанд, аъроби ҷоҳили дар хонаводаи худ низ бут нигоҳ медоштанд. Хонаводаҳои сарватманд барои бути худ хонаи алоҳида месохтанд, хонаводаҳои миёнаҳол фақат бо доштани бут каноат мекарданд. Ҳатто хар касе аз онҳо ба сафар мерафт, чор пора сангро бо худ мегирифт ва дар харҷо, ки таваққуф мекард, пораи беҳтарини сангро чун бут истифода мекард ва се пораи дигар барои афрӯхтани оташ ба кор меомад.

Ғайр аз бутпарасти дар миёни арабҳои аҳди ҷоҳили эътиқодоти тотемисти ва боварҳои ҳурофоти низ ҷой доштанд. Онҳо ба масъалаи ҳулули арвоҳ дар ҳайвоноту наботот ва дигар мазоҳири табиат эътикод доштанд, мазоҳири табиатро чун дарахту ситораву ҳайвонот ва ғайра муқаддас медонистанд. Худи номҳои қабилаҳои араб, ки саг, гов, рубоҳ ва амсоли онҳост, ба он ишорат мекунад, ки ҳар қабила дорои тотеме будааст ва эътиқод доштааст, ки он ҷамоду наботот ва ҳайвоноту парандагон дорои қувваи махфи буда, қабилаи онҳоро ҳимоят бояд кард.

Аъроби аҳди ҷоҳилӣ ба вуҷуди паррандае бо номи Хом доштанд, ки гӯё он руҳи одамӣ буда, пас аз марг ё қатли инсон ба сурати парранда дар омадааст ва дар атрофии қабри марҳум парвоз намуда ахбори дунёро ба ӯ мерасонидааст ва дар паҳлӯи манзили хонаводаи марҳум маскан мекардааст.

Теъдоди дигари арабҳо, ки дар Макка мезистанд, Зоти анвот ном дарахтеро парастиш мекарданд, ки дарахти сабзи

бузурге буда, аҳли Қурайш ва баъзе қабилаҳои араб ҳар сол ба зиёрати он мерафтанд. Онҳо силоҳҳои худро ба шохи он дарахт овехта, дар зери он қурбонӣ мекарданд ва як рӯз дар он ҷо мемонданду аз он дарахт ҳоҷату муроди худро мехостанд.

Иддае аз афроди қабилаҳои аҳли ҷоҳилият муътақид ба вуҷуди гул буданд, ки гуё шабҳо дар ҷойҳои хилват пайдо мешавад ва дар биёбонҳо сари роҳи мусофиронро гирифта, ба онҳо озор мерасонад. Ҷуз ин аъроби аҳди ҷоҳилӣ ба вуҷуди шаётини марада ва куртубу ҷинҳо низ муътакид буданд ва ба ҳар кадоми онҳо сифати шариреро нисбат медоданд.

Дар миёни аъроби аҳди ҷоҳили инчунин эътиқод ба хобу ҷодугари ҳам ривоҷ дошт. Ҷодугарон, ки онҳоро коҳинон меномиданд, дар қабилаҳои араб дорои мақоми бузурге буданд ва фикри онҳо барои аҳли қабилаҳо раднашаванда буд. Дар миёни қабилаҳои араб ду нафар коҳини маъруф бо номҳои Шик ва Сутайх буданд, ки аъроб дар тамоми масъалаҳо ба онҳо мурочиат намуда, ҳукму машварати онҳоро қабул мекарданд.

Аз ҷумлаи боварҳои ҳурофотии аъроби аҳди ҷоҳили эътиқод ба инсоб ва азлом буд. Азлом, ки шакли муфради он залам аст, тирҳои хурде буд, ки аз шохи дарахте бо номи «набъ» бурида, тарошида ва суфта карда мешуд. Ҳар яке аз ин тирҳо бо ранги алоҳида ранг карда шуда аз онҳо барои фолбинӣ ва қимор истифода бурда мешуд. Маҷмӯи ин тирҳои даҳгона, ки дар қимор ё фолбинӣ ба кор мерафтанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд. Аз даҳ тир ҳафттои онро «инсиб», яъне бурднок, баҳранок ва сетояшро тансиб, яъне бебурд ва бебаҳра меномиданд. Арабҳо аз ин тирҳо барои фаҳмидани барор ё набори хангоми ҷанг, сулҳ, интиқом, издивоҷ ва ғайра истифода мебурданд. Коҳини қабилаи Бани Чумах ин тирҳоро дар муқобили бути Хубал дар паҳлуи Каъба ба халтае мерехт ва пас аз омезиши онҳо тиреро берун меовард ва тибқи он пешгӯӣ мекард, ки бояд аз реҷи он амал мекарданд.

Умуман, авҳом ва ҳурофоту ҷодугари дар миёни аъроби аҳди ҷоҳилият ба ҳадде буд, ки ҳатто ба пайғамбари ислом, ки онҳоро ба парастишт худои якто ва тарки ҳурофоту бутпарасти хонд, нисбати сохири, шоири ва амсоли онҳоро додан два танҳо пас аз зуҳури ислом ва интишори он будпарасти ва боварҳои ҳурофоти тадриҷан аз миён рафтанд.

# ИЛМУ ДОНИШ ДАР АҲДИ ҶОҲИЛИЯТ

Муҳити зиндагии биёбони барои аъроби аҳди ҷоҳили барои касби амиқи илму донишҳо имкон намедод ва он донишҳое, ки арабҳои бадави омӯхта буданд, тибқи зарурат ва аз рӯи эхтиёҷу таҷрибаи зиндагии биёбони буд, ки асосан аз илмҳои ансоб, айём, нуҷум, тиб ва махсусан табобати ҳайвонот /шутур, асп ва ғайра/ иборат буд, ки на ба таҳқиқу таълим, балки ба таҷриба асоса ёфта буданд.

Аъроби ҷануб низ илмҳои меъморӣ ва кишоварзиро дар ҳоли ибтидои касб карда буданд ва аз илмҳои фаросат-шинохтани ахлоқи инсон аз руи рангу шаклу рафтор, қиёфашиноси ва пешгуии оянда огоҳ буданд.

Илми нуҷум, ки аъроби аҳди ҷоҳилӣ дар он маҳорате доштанд, аз шинохти ҳолатҳои ситорагон, тулуъ, ғуруб, кирон ва шаклҳои мухталифи онҳо иборат буд ва аз рӯи онҳо замони фарорасии гармо, сармо, боду борон, тавлиди ҳайвонот ва ҳодисаҳои дигарро муайян мекарданд. Ин илм барои онҳо дар ёфтани рох дар зулмоти биёбон ва дарё, пайдо кардани мавзеъхои хосилхезх ва амсоли онхо зарурат дошт. Дар ин илм алалхусус аҳли қабилаҳои Бану Хориса ибн Қалб ва Бану Мура ибн Хумом шӯҳрат доштанд.

Ошноии аъроби аҳди ҷоҳили бо илми тиб бештар аз роҳи таҷриба ва омӯзиш аз миллатҳои дигар ҳангоми тиҷорат ба амал омадааст. Номи ағлаби бемориҳо ва аҷзои инсонро арабҳо аз забонҳои дигар пазируфтаанд. Дар муолиҷа аз акокир /гиёҳҳои шифобахш/ истифода мебурданд ва баъзан ҳиҷомат /хунгири/ ва ба оташ доғ кардани ҷои захмро ба кор мебурданд. Ба замми ин дар табобат аз афсуну ҷодугари ва усулҳои ҳурофоти истифода мекарданд. Аз ҷумла ақида доштанд, ки устухони мурда бемории ҷунунро шифо мебахшад. Аъроби ҷоҳили алалхусус дар муолиҷаи ҳайвонот маҳорати зиёд доштанд. Аз ҷумлаи афроди маъруфи аъроби аҳди ҷоҳили дар табобат Хорис ибн Килдаи Сакафи ва ибн Хозим ат-Тими буданд.

Дар байни аъроби аҳди ҷоҳили ифтихор аз аслу насаб ва мубориза бо тасаллути бегонагон анъанаи қадимӣ буд ва ин ҳолат боиси ривоҷи илми ансоб гардид, ки ҳадафи он шинохти хешовандӣ ва наздикии миёни қабилаҳо буд. Аъроби аҳди ҷоҳили ба воситаи илми ансоб аслу насаби худро ҳифз мекарданд ва ба

фарзандонашон ривоят мекарданд. Маъруфтарин донандагони ин илм дар миёни аъроби аҳди ҷоҳили Дагфал ибн Ханзала аш-Шайбони, Зайд ибн ал-Кабш ан-Намари ва ибн Лисон ал-Хуммара будаанд.

Илми чугрофидонии аъроби ахди чохили аз он иборат буд, ки дар шароити биёбон, мавзеъҳои ҳосилхез, маконҳои об, роҳҳо ва ҷарогоҳҳоро муайян мекарданд. Ғайр аз ин миёни онҳо илми айём, ки тақвиму таърихи онҳоро аз рӯи ҳодисаҳо ва ҷангҳо муайян мекард, роиҷ буд. Илми зачр, ки донандаи онро заччор меномиданд, аз роҳи таваҷҷух ба садоҳои ҳайвонот ва паррандагон пешомади ҳодисаҳоро муайян менамуд ва аз ҷумлаи заччорони машҳур Бану Лахаб, Абузуайби Хазали ва Марраи Асади буданд.

## АХЛОК ВА ОДОБИ АЪРОБИ АҲДИ ҶОҲИЛӢ

Ахлоку одоб ва хислати аъроб, алалхусус аъроби бадави зодаи мавлуди саҳро ва тарзи зиндагии биёбони буд, ки дар зери осмони васеъ ва саҳрои кушод озоду ба қайду банд аз қонуну масъулиятҳо зиндаги ба сар мебурд. Аз ин ҷост, ки аъроби бадави худро аз ҳама ҷиҳат озоду сарбаланд медонистанд ва ба ғайр аз баъзе одобу анъанаҳои қабилавӣ ба чизе ё каси ё дигаре сари итоат ҳам намекарданд ва озодиву истиқлоли зотии шахсияти худро доштанд, зеро онҳо пойбанди низому қонун ва муқаррароти давлате ё ҳукумате набуданд.

Аз ҷониби сахтиҳои табиат ва носозгориҳои зиндагии бодия бадавиро водор мекард, ки бо вазъи моддӣ ва рузгори мавҷуда қонеъ ва сабур бошад ва дар баробари хавфу хатарҳои зиндагии биёбон аз қабили ҷангу ҷидолҳо, офатҳои табиат, таҳдиди ҳайвоноти ваҳшӣ ва ғайра далеру ҷасур ва ҷанговар бошад, ҳунари савориву тирандози ва қоидаҳои ҳамлаву фирорро ба хубӣ донад. Дар шароити зиндагии сахту душвор ва бераҳмонаи табиати биёбон паноҳи асосии бадави шамшери ҷойгоҳаш аспи ва сабуриву ҳилаву тадбираш боиси пирузии ӯ буд. Қимати асосии умри ӯ дар майдони набард бо душманони қабила ва дарандагону офатҳои табиат мегузашт.

Ҳарчанд ки зиндагии душвору пурмашаққати ҳамроҳ бо маҳрумиятҳо аз аъроби бадави дурушту дағал ва бепарво буданро талаб мекард, вале ӯ тавниста буд, ки дар худ руҳияи

меҳмоннавозиву саховатмандӣ ва олиҳиммативу ҷавонмардиро ҳифз намояд ва фазилатҳоеро чун муруввату вафодорӣ, иззати нафс ва мубориза барои хақиқат парварад. Майлу рағбат ба номи нек аъроби бадавиро ба ин хислатҳо ҳидоят мекард ва онҳо бо афрӯхтани оташ ва забҳ кардани шутур барои меҳмонон ва панохандагон меҳмоннавозии худро нишон медоданд. Ҷонибдории заифону мустамандон ва оштинопазирӣ бо зулму ситам ва таҷовуз низ аз хислатҳои муҳими аъроби бадави ҳисоб меёфт.

## МАЪХАЗҲО


1. Акбари Беҳруз. Таърихи адабиёти араб.-Теҳрон, 1359х.
2. Али Авсати Иброҳими. Таърихи фарҳанги араби ба забони форси.-Теҳрон, 1370х.
3. Алии Давони. Таърихи ислом ва оғоз то ҳиҷрат.-Теҳрон, 1361х.
4. Аҳмади Тарҷонизода. Таърихи адабиёти араб аз давраи ҷоҳилият то асри ҳозир.-Теҳрон, 1348х.
5. Густав Лобон.-Тамаддуни ислом ва араб. Тарчумаи Саййид Ҳошими Ҳусайнӣ.- Теҳрон, 1367х.
6. Забеҳуллоҳи Сафо.Таърихи улуми ақлӣ ва тамаддуни исломи. Ҷилди аввал.-Теҳрон, 1371х.
7. Брокелман Карл. Таъриху-л-адаби-л-араби. Ал-чузъу-л-аввал. -Кохира, 1974м.
8. Крачковский И.Ю.Избранные сочинение. Т.11.-М.-Л., 1956
9. Крымский А.Е. История арабов и арабской литературы светской и духовной. Ч.1-111.-М.,1914.
10. Маҳмуди Таботабои. Таърихи таҳлилии ислом. Чилди аввал.-Теҳрон, 1368х.
11. Муртазо Мутаххари. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон.- Душанбе, 1999
12. Пигулевская Н.В. Арабы у границ Византии и Ирана. В 1V-V1вв.-М.-Л., 1965
13. Николсон Ринолд. Таърихи адабиёти араб.- Техрон, 1369х.
14. Филштинский И.М. Арабская классическая литература.-М., 1965
15. Филштинский И.М.Шидфар Б.Я. Очерк арабо-мусулъманской культуры. V11-X11вв.-м.,1971

16. Ханно ал-Фохури. Таърихи адабиёти забони араби.Тарчумаи Абдулмухаммади Ояти.-Техрон, 1365х.
17. Чурчи Зайдон. Таъриху-т-тамаддуни-л-исломи. Ал-чузъу-аввал.- Кохира, 1902м.

## АДАБИЁТИ АРАБ ДАР АҲҶДИ ҶОҲИЛИЯТ
## /475-622. Охирҳои асри V то зуҳури ислом/.

### ҶОҲИЛИЯТ ВА МАФҲУМИ ОН

Дар масъалаи шарҳу тавзеҳи лафзи «ҷоҳилият» ва маънои он донишмандон ду нуқтаи назарро баён намудаанд. Нуқтаи назари аввал ин аст, ки истилоҳи «ҷоҳилият» аз решаи «ҷаҳл», яъне нодони буда, ишора ба ҷахлу нодонии аъроби қабл аз ислом мекардааст. Ин нуқтаи назар дар осори таърихии аҳди исломӣ ҳам маъмул гардид, тибқи он гуё арабҳои қабл аз ислом ба сабаби будпарсатӣ ва дури аз тамаддун дар торикӣ ва ҷаҳолат зиндагӣ мекардаанд ва аз ин ду даврони онҳоро «ҷоҳилият» номиданд ва ин истилоҳ як навъ маънии таҳқиромезро нисбат ба ин аҳди таърихӣ доштааст.

Шарқшиноси олмонӣ И. Голдциер ва дар пайравии у донишмандони араб Шавки Зайф ва Аҳмад Амин ақидаеро изҳор кардааст, ки мувофиқи он ҷаҳл ба маънии нодонӣ набуда, ба маънии муқобили ҳилму бурдбори, яъне душманиву хунрезӣ ва муфохараву худситои миёни қабилаҳои қабл аз исломии араб далолат мекардааст. Ба таъбири дигар, маънии ҷаҳлу ҷоҳилият на нодониву торикӣ, балки ҷангҷӯиву ғазаб ва худситой будааст.

Дар Қуръон ва аҳодиси Пайғамбари ислом низ вожаҳои «ҷахл» ва «ҷоҳилият» бо маъниҳои мазкур омадааст. Аз ҷумла, дар ояти 33 аз сураи Аҳзоб таъбири «ал-ҷоҳилияту-л-увло» истифода шудааст, ки гуё замони то зуҳури пайғамбари ислом будааст. Ҳамчунин дар ҳадиси Пайғамбари ислом қавлӣ «ва локинна иҷтахалату-л-хамия», «худситои ва ғазаб ӯро ба ҷаҳл ҳидоят кард» /ва ё «иннака амрун ва фика ҷоҳилиятун», «дар ту руҳи ҷоҳилият мавчуд аст»/, омадааст, ки ба маънии хилофи фурӯтаниву бурдборӣ, яъне ғазабу худситои ва ҷангу пархошгари далолат кардани вожаҳои «ҷаҳл» ва «ҷоҳилият»-ро нишон медиҳад.

Дар бораи кадом замон оғоз шудан ва то кадом замон идома ёфтани давраи ҷоҳилият низ дар миёни донишмандон ихтилофи назар мушоҳида мешавад. Баъзе муаррихони исломӣ фосилаи миёни замони пайгамбарии Нӯҳ ва Идрисро ва гурӯҳи дигар замони миёни Мусо ва Исо то Муҳаммад /с/-ро даврони ҷоҳилият донистаанд. Дар ҳар ҳол марҳалаи таърихии тоисломии араб бо истилоҳи «даврони ҷоҳилият» маълум гардида ва адабиёти он низ чун адабиёти аҳди ҷоҳилият шуҳрат ёфта, дар аглаби осори адаби, таърихи ва таҳқиқии аҳди исломӣ ва муосир бо ҳамин ном зикр гардидааст.

## «АДАБ» ВА ТАҲАВВУЛИ МАЪНОИИ ОН

Истилоҳи «адаб» дар оғоз ба он маъние, ки мо имруз мефаҳмем, набудааст ва дар тулии таърихи таҳаввули худ се марҳаларо аз сар гузаронидааст.

Дар аҳди ҷоҳилият ва садри ислом ҳанӯз «адаб» лафзи маъмул ва маъруф набудааст ва дар баъзе ҳолатҳо ба маънии асосии худ, яъне ахлок ва тарбияи нек истифода мегардидааст. Аз ҷумла ҳадиси пайгамбари ислом хам, ки мегуяд: «Аддабани рабби ахсана таъдиби /худовандам маро адаби нек омӯзонд/» Муштаккоти дигари ин калима ҳам ба маънои ахлоқу тарбияти нек ишорат менамоянд. Чунончи лафзи «маъдуба» ҳам аз муштаккоти «адаб» буда, маънии таклиф ба меҳмони, таом додан ва эҳтиром кардани меҳмонро дорад. Дар марҳилаи нахустини таҳаввули худ вожаи адаб ҳамон маънии ахлоқу тарбияти некро доштааст.

Дар муҳити душвору бераҳми биёбон агар тӯшаи мусофире тамом мешуд, ҳалокати ӯ муқаррар ва ногузир буд. аз ин сабаб дар миёни аъроби бадави касоне, ки ба роҳгузарон, мусофирон ва паноҳандагон сарпаноҳ ва обу ғизо медоданд, мавриди иззат ва эҳтироми қабилаҳо қарор доштанд. Оини меҳмоннавозӣ ва ҷавонмардиву саховатмандӣ, яъне таъдиб шариату қонуни аъроби бадави буд ва онон бо ин сифоти худ ифтихор мекарданд. Ҳарчанд ки араби бадави худ дар вазъи маҳрумият ва бебизоативу қашшоқи зиндагӣ дошт, саъй мекард, ки иззати меҳмонро ба ҷо орад, чун марди карим ва меҳмоннавоз некноми биёбад. Тадриҷан дар охирҳои аҳди ҷоҳилият, ки марҳалаи аввали таҳаввули вожаи «адаб» будааст, ин истилоҳ маънии васеътаре касб карда, чун

низом ва муқаррароти ахлоқу тарбият ва рафтору кирдори неки одамон дар ҷомеаи ибтидоии қабл аз исломӣ маъмул гардидааст.

Марҳалаи дуюми таҳаввули вожаи «адаб» аз замони зухури ислом оғоз мегардад. Дар ин марҳала ба сабаби он ки ислом дини ахлоқ ва тарбияи инсонҳо маҳсуб мешуд, ҷомеаи исломи тақозо мекард, ки оммаи муслимин дорои ахлоқу тарбияти нек бошанд. Аз ин замон вожаи «адаб» чун муродифи ахлоқу тарбият истифодаи бештаре пайдо кард ва дар ҳади Умавиён табақаи муаллимон ба вуҷуд омаданд, ки онҳоро муаддибон, яъне адабомӯзон номиданд. Ҳамин тариқ, дар марҳалаи дуюми таҳаввули худ вожаи «адаб» дорои маънии илмӣ шуд, ки нишонае аз таълимро дар худ дорад.

Дар марҳалаи сеюми таҳаввули вожаи «адаб», ки асосан аз замони Аббосиён оғоз мегардад, ба сабаби он ки кори таълими ахлоқу тарбият ба воситаи таълими ривояту қасас, амсолу ахбор, шеъру хитоба ва монанди онҳо ба амал меомад, тадриҷан истилоҳи «адаб» ба маҷмӯи донишҳое итлоқ шуд, ки тарбияи ақлӣ ва ахлоқиву маънавии инсонро бар ӯҳда доштанд. Аз ин ҷост, ки истилоҳоти «адаб» ва чамъи он «одоб» ба маънии назму насри хунари имруз хам роиҷ аст, вале истилоҳи «адабиёт», ки дар забони форсӣ ба ин маъни маъмул аст, дар забони арабӣ истифода нашуда ва ба ҷои он «адаб» ва «одоб» мустаъмал аст.

## АДАБИЁТИ АҲДИ ҶОҲИЛӢ

Чун сухан аз адабиёти аҳди ҷоҳили, алалхусус шеъри он ба миён ояд, фасоҳату балоғат ва пухтагию шевоии шеъру шуарои ин аҳд касро ба хайра меорад ва аз он ки бо ин гунна ҳунари волои суханвари, аҳди ин шуароро ҷоҳилият гуфтаанд, як навъ эътирозе пайдо мешавад.

Он фасоҳату балоғати калом, ки дар ашъори бозмондаи аз аҳдиҷоҳилият мушоҳида мешавад, ба он далолат мекунад,ки ин гуна шеъру шоирӣ бояд марҳалаи садсолаҳоро тай намуда бошад, то ба ин пояи камол ва кудрат расида тавонад. Мутаасифона аз намунаҳои қадимии шеъри аҳди ҷоҳили дар даст нест ва намунаҳои бадастомада ба охирҳои асри панҷум ва оғози асри шашуми милоди тааллуқ дорад. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки аксари осори ин аҳд аз миён рафтааст ва ба ин маъни яке аз донишмандони аҳди исломи Абу Амру ибн ал-Ало/ваф.770м./ гуфтааст: «он чи аз сухани аъроб ба шумо расидааст, бас андак аст. Агар фаровон ба

дасти шумо мерасид, ба донишу шеъри бисёр даст меёфтед». Яке аз сабабҳои асосии аз миён рафтани қисмати зиёди ашъори шуаро аҳди қадимтари ҷоҳили дар он будааст, ки китобати ашъор маъмул набуда, шеъри шоирон факат дар ҳофизаи худи онҳо ва ровиёнашон нигоҳ дошта мешудааст. Ба таъбири дигар, ровиён «девонҳои зинда»-и шоирон буданд ва бо даргузашт ё ҳалокати шоирону ровиён дар майдонҳои набардҳои қабилави шеърҳо ҳам аз байн рафтаанд.

Кадимтарин намунаҳои шеъри ба дастомада аз аҳди ҷоҳилият китъаҳое мебошад, ки ба муносибати чанги Басус ё андаке пештар аз он эҷод шудаанд. Ин қитъаҳо, ки дар асл қасидаҳои комил будаанд, ба собиқаи хеле тӯлонии пеш аз онҳо доштаи шеъру шоирии араб далолат менамоянд.

Нахустин ҷамъ оварандагони шеъру насри аҳди ҷоҳилии ровиён будаанд ва аз ҷумлаи ровиёни қабилаи Қурайш Махрама ибн Навфал, Хувайтаб ибн Абдулъуззо қабл аз оғози ислим шӯҳрат доштаанд. Пас аз зуҳури ислом теъдоде аз донишмандон чун хаммод ар-Роаия /ваф. 771м./, Халаф ал- Ахмад /ваф. 796м./, Абу Исҳоқ ибн Марор аш- Шайбони /ваф.821м./, Асмаъи Абдулмалик ибн Кариб /ваф.828м./, Абу Саид ал-Анбори /ваф.896м./ ва дигарон низ ба қамъоварии осори адабии аҳди ҷоҳили машғул шудаанд. Аз ҷумла, Хаммод ар-ровия муаллакоти сабъа /хафтгона/, Муфаззал аз-Заби 128 қасидаро бо номи «Муфаззалиёт», Абу Таммом ва Бухтури девонҳое бо номи «ҳамоса» шомили пораҳои шеъри аз аҳди ҷохилиро фароҳам овардаанд. Дар «Китобу-л-агони»-и абулфарач ал-исфахони, «Китобу-ш-шеър ва-ш-шуаро»-и ибн Кутайба, «Мухторот»-и ибн аш-Шачари, «Чамхарату-л-ашъори-л-араб»-и Абузайд ал-Кураши теъдоди зиёде аз шеърхои аҳди ҷоҳили ҷамъ оварда шудааст.

Яке аз масъалаҳои баҳсноки марбут ба адабиёти аҳди ҷоҳили саҳеҳ ва бетардид будан ё набудани осори ба дастомада аз он аҳд аст, зеро маълум аст, ки ба сабаби шифоҳӣ будани интиқоли шеъру наср миёни қабилаҳои араб имкони тағйири калимаҳо, чизе афзудан ё кам кардан дар шеър вуҷуд дошта метавонист. Ҷуз ин ровиён барои ҷамъ овардани шеър ба Бодия мерафтанд ва ба ивази додани мол аз ровиёни бадавиён ашъори шоиронро ҷамъ мекарданд, ё худи бадавиён ба шаҳр мерафтанд ва ба хотири манфиати моли метавонистанд ҳар шеъри саҳеҳу носаҳеҳро барои

ровиён бихонанд. Инчунин, алалхусус дар карнҳои аввали аҳди исломи баъди шиддат ёфтани муборизаи шуубияи эрони бо қабилаҳои араб ҳолатҳое вуҷуд дошт, ки аз забони шоирони аҳди ҷоҳилият ҳар ду ҷониб ҳам шеърҳои сохта ва маҳкумкунандаи якдигарро истифода ва аз ин роҳ ҳам баъзе ашъори ба шуарои ҷохили муносибат надошта ба вуҷуд омада метавонистанд.

Бо назардошти чунин ҳолатҳо иддае аз донишмандон чун Марголиус ва тохо Ҳусайн бо таҳқиқи мансубият доштани баъзе шеърҳо ба шуарои аҳди ҷоҳилият ва шинохти саҳеҳу носаҳеҳи онҳо машғул шудаанд, вале дар ниҳояти амр ба ғалат роҳ додаанд ва натанҳо ба мансубияти баъзе аз шеърҳо ба шоирони аҳди ҷоҳили шубҳа кардаанд, балки вуҷуди худи он шоиронро низ инкор кардаанд. Теъдоди дигари муҳаққиқони адабиёти араб, аз ҷумла Ханно ал-фохури бо далелҳои мӯътамад дар барои вуҷуди адбиёти аҳди ҷоҳилӣ ва шуарои забардасти он изҳори мулоҳиза кардаанд. Воқеан, адабиёти ҷоҳилӣ аз лиҳози илми ва адабиётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва бо вуҷуди баъзе сохтагиҳо дар ашъор ва ҷузъиёти зиндагиву шахсияти шуаро ағлаби кулли ин адабиёт чун як марҳалаи воқеии таърихи адбиёти араб дониста шудааст.

## ШЕЪРИ АҲДИ ЧОҲИЛИ

Зодгоҳи шеъри аҳди ҷоҳилӣ ва маънои рушду парвариши он шимоли Ҷазиратулараб, яъне биёбонҳои Начду Хичоз ва манотиқи атрофии онҳо будааст. Баъзе аз шоирони ин аҳд чун Имрул Қайс ал-Канди ва Хотам ат-Тои Аслан аз яман Ва авлоди Кахтони будаанд, ки ба шимоли Чазиратулараб муҳоҷират намуда, дар он ҷо манзил ихтиёр кардаанд. Баъзе шоирони дигар аз қабили мухалхил, Тарафа ва Аъшо аз қабилаи аднонии Рабеъа ва Нобига, Зухайр ва Лабид аз қабилаи мазар будаанд. Дар сарзаминҳои Хира ва Гассониён ҳарчанд, ки онҳо бо фарҳангу тамаддуни давлатҳои ҳамсояи худ Руму Эрон ва амсоли онҳо робита доштанд ва шоиронро низ пуштибони намудаву ба дарбори худ ҷалб мекарданд, вале муҳите барои Рушду нумӯи шеъру шоирӣ надоштанд ва шуарои бузургу тавоноеро ба майдони адабиёт оварда натавонистанд.

Дар миёни қабилаҳои аъроби бадавӣ шоир мақоми хеле баланд дошт. Шоир забони қабила, симои он ва боиси ифтихори

ҳамқабилаҳои худ ҳисоб меёфт. Агар шоире дар қабилае пайдо мешуд, аҳди қабилаҳои дигар барои табрику таҳнияти он қабила ҷамъ меомаданд ва ба ин муносибат меҳмониву зиёфатҳои бошукўҳ барпо мешуд. Аъзои қабила даври якдигар ҳалқа гирифта чун дар ҷашнҳои арўси ба дафзаниву пойкўбӣ машғул мешуданд. Мардону писарон ҳамдигарро табрик мегуфтанд, ки дар қабилаашон шоир, яъне ҳомии ифтихороти қабила, ба даст оварандаи номи неки он ва силоҳи муҳофизатгари он пайдо шудааст. Ё худ ба қавли Т. Нёльдеке шоир «паёмбари қабила ва пешвои он дар замони ҷанг буд. Ба ҳангоми ҷустуҷў аз чарогоҳҳо бо ў рой мезаданд ва танҳо бо фармони ў хаймаҳоро барпо мекарданд ё куч менамуданд ва ў буд, ки хайли ташнагонро дар ёфтани об мадад мекард».. «Аз ин ҷост, ки мақоми шоир дар қабила аз хатиб болотар буд, зеро шеър осонтару зиёдтар аз насру хитоба дар хотир нақш мебандад, ба каси дигар осонтар ривоят мешавад ва таъсири бештар аз насру хитоба дар зеҳну хотир мегузорад».

Маъмулан ҳар қабила орзуи онро мекард, ки шоир ва Раису хатибе дошта бошад, вале шоир аз руи мақому манзалати худ дар кқбила баъзан аз раиси қабила ҳам болотар қарор дошт. Одатан суруру шодмони ва зиёфату меҳмондории бошукўҳ дар қабилаҳои араб дар се ҳолат, яъне ҳаноми таваллуди Писар, зуҳури шоир ва зоида шудани курраи асп баргузор мегардид.

Шояд яке аз иллатҳои дигари баланд будани қадру манзалати шоирон дар қабилаҳои аҳди ҷоҳили дар он буд, ки онхо қудрати шоирии худро барои тамаи молу сарват ва мадҳи тамаллуккоронаи подшоҳон истифода намекарданд ва истеъдодашон фақат барои ҳифзи нангу номуси қабила, васфи бегаразонаи қаҳрамонони он, ҳимояти он аз душманон, ҷовидонагии номи қабила ва амсоли онҳо хидмат мекард. Вале баъдҳо суннати мадҳи подшоҳон ва шахсони соҳибнеъматро ба хотири ба даст овардани, мол Аъшо ибн Қайс ва Нобига аз-Зубёни оғоз карданд ва ин суннат дар аҳди исломи ривоҷ ёфт.

Аъроби аҳди ҷоҳили бар он ақида буданд, ки шеър зодаи ваҳӣ ва илҳоми ғайбист. Аз ин сабаб гумон мекарданд, ки ҳар шоире дорои шайтоне мебошад ва аз он илҳом мегирад. Онҳо чунин тасаввуре ба миён оварда буданд, ки гуё худи шеър ҳам бо номҳои хубар ва Хубал ду шайтон доштааст. Агар хубар ҷонибдору хайрхоҳи шеър бошад, он мақбулият ва шўҳрати зиёд касб

мекардааст, вале ҷонибдории Хубал шеърро аз шӯҳрат варивоҷу равнақ маҳрум менамудааст. Тибқи ин суннат ҳар шоире шайтони худро доштааст, ки он дорои номи алоҳида низ будааст. Аз ҷумла шайтони Аъшо-Мусхил, шайтони Имрул Қайс-Лофиз ва шайтони Убайд ибн ал-абрас-Хубайд ном доштааст.

Дар миёни шуарои аҳди ҷоҳилӣ суннате низ роиҷ буд, ки ҳар шоире барои ҳифзу интишори шеъри худ ровие дошт, ки уро «ровия» меномиданд. Сабаби асосии ривочи ин суннат дар он буд, ки шеъри ахди чохили аз рохи шифохи аз хофиза аз насл ба насл интикол меёфт ва ба василаи ин ровиён шеъри шоир пас аз у боки мемонд. Аз чониби дигар лоштани ровиён маънии идомаи мактаби эчодии шоир ва парвариши шогирдонро низ дошт, зеро ровии хар шоир дар Айни замон шогирди у хам буд, ки солхо хидмати уро ба чо меоввард, ашъори у ва шоирони дигарро хифз мекард, ба сабки сухани устодаш пайрави менамуд ва нихоят худ низ чун шоир таовно ба камол мерасид. Аглоби шуарои ахди чохили аз хамаи мактаби ривояти шеъри устодонашон бархостаанд. Далели ин маъни хамин санад Буда метавонад, ки Кассир Азза ровияи Чамил Бусайна, Самил ровияи Худба ибн Хашрам, Худба ровияи Хутаййиа ва Хутаййиа ровияи Зухайр будаанд.

Теъдоди умумии шоирони аҳди ҷоҳили, ки дар маъхазҳои адаби- таърихии аҳди исломи зикри ному осорашон омадааст, дар ҳудуди 120 шоирро ташкил медиҳад, ки аксаран аднони ва бодиянишин будаанд. Дар навбати худ ин шоиронро аз рӯи мавзуоти асосии шеъри онҳо, машғулият, баромади иҷтимоӣ ва хусусиятҳои дигар ба табақаҳои мухталиф ҷудо кардаанд. Аз ҷумла 10 нафари онҳо ба табақаи сарояндагони муаллақот ё асҳоби муаллакот дохил шудаанд, 14 нафар дар баробари шоири амирон ва пешвоёни қавму қабилаҳои худ будаанд. Ҳамчунин 28 нафарро чун шоирони ҷасуру ҷанговар, 4 нафарро чун шоирони ҳаким, 8 нафарро чун шоирони ошиқпеша, 7 нафарро чун шоирони саълуқ /роҳзан/ ба табақаҳо ҷудо карда шудаанд ва 1 нафар шоири навозандаву хунёгар, 4 нафар шоири зан, 4 нафар шоири ҳаҷвсаро, шоирони вассофи асп ва 1 нафар шоири мавло чун табақаҳои алоҳидаи шоирон тақсимбанди шудаанд.

Аз лиҳози шӯҳрат ва пояи шеъри шоирон низ онҳоро ба се табақа ҷудо кардаанд, ки ба табақаи аввал Имрул Кайс, Зухайр ибн Аби Сулма ва Нобиға аз-Зубёни, ба табақаи дуюм аъшо ибн Қайс,

Убайд, Тарафа ва ба табакаи сеюм Антара ва Урва ибн Вард шомил гардидаанд. Бояд гуфт, ки ин табақабандии шоирон аз нигоҳи тамоми муҳаққиқон яксон нест ва аз назари баъзе муҳаққиқон шуарои табақаи аввал дар табақаи дуюм ва ҳатто сеюм ҷой дода шудаанд.

Шоирони аҳди ҷоҳилиро аз лиҳози қасидаҳои ҳафтгонаашон низ ба ҳафт гурӯҳ ҷудо кардаанд, ки маҷмӯи қасидаҳои онҳо 49 ададро ташкил менамояд. Гурӯҳи аввалро асхоби муаллақот ё сабъу-т-тивол, сумут ва музаҳҳабот меноманд, ки аз қасидаҳои Имрул Қайс, Зухайр ибн аби Сулма, Нобига аз-Зубёни, Аъшо ибн Кайс, Лабид ибн Рабеъа, Амру ибн Кулсум, Тарафа ибн ал-абд ва Антараи абаси иборат мебошад.

Бояд гуфт, ки истилохи «муаллака» аз «алака» буда, маънии овехташударо дорад вааз ҳафт то даҳ қасидаи шуарои маъруфи адаби ҷоҳили ин ном дода шудааст. Сабаби муаллақот ё музаҳҳабот ном гирифтани ин қасидаҳо дар он аст, ки қабл аз ислом ҳамасола дар бозори Уккоз воқеъ дар Макка дар мавсими ҳаҷ мусобиқа миёни шоирон баргузор мешуд. Дар саҳни бозор, дар ҷои намоён минбар гузошта ва паҳлӯи он хаймаи сурхе зада мешуд, ки дар он аъзои ҳакамон ё доварон аз зуммраи шуарои маъруф менишастанд ва қасидаи ҳар як шоирро шунида, қазоват мекарданд ва дар интиҳо қасидаи беҳтаринро муайян мекарданд, ки он бо оби тилло дар рӯи катони сафед навишта бар девори Каъба овехта мешуд. Дар замони пайғамбари ислом довари ин мусобиқоти шеър Нобиға аз-Зубёни будааст ва тибқи ривоятҳо баъзе аз ин муаллақот то фатҳи Макка боқӣ будаанд ва баъзеи дигар дар сӯхторе, ки пеш аз ислом дар Каъба воқеъ шуда, аз байн рафтааст. Шумораи муаллақотро аз ҳафт то даҳ донистаанд, вале қавли маъруф он аст, ки теъдоди муаллақот аз ҳафт қасида иборат мебошад.

Гурӯҳи дувуми соҳибони қасидаҳоро асҳоби тафсиршави меноманд, ки онҳо Убайд ибн Абрас, Оди ибн Зайд, Бушр ибн Аби Хозим, Уммия ибн Аби-с-Салт, Хаддош ибн Зухайр, Амр ибн Таваллаб мебошад.

Гурӯҳи сеюм асҳоби мунтақиёт ном дошта, ба он қасидаҳои Мусаййиб ибн Алас, Маркаш Акбар, Муталаммис, Урва ибн Вард, Мухалхил ибн Рабеъа, Дурайд ибн Сима, Мутанаххил Хазали шомил шудаанд.

Гурӯҳи чоруми қасоиди ҳафтгонаро асҳоби музаҳҳабот меноманд, ки аз қасоиди Хассон ибн Собит, Абдуллоҳ ибн Равоха, Молик ибн Ачлос, Кайс ибн Хотим, Ахиха ибн Чулох, Абу Кайс ибн Аслат, амри ибн Имрул Қайс иборатанд. Касидаҳои ҳафтгонаи гурӯҳи панҷум аз марсияҳои аби Зубайди Тои, Мутаммим ибн Нувайри, Молик ибн Райб иборат будаанд ва ин шоиронро асхоби мароси /соҳибони марсияҳо/ меномидаанд. Қасоиди хафтгонаи гурӯҳи шашумро асҳоби мушаввабот /омехта бомаонии куфромез/ меномиданд, ки ба онҳо қасидаҳои Нобиға Бани Чаъда, Каъб ибн Зухайр, Китоми, Хутаййиа, Шамох ибн Зирор, Амру ибн Ахмар ва Тамим ибн Мукбил дохил мешудаанд. Гурӯҳи хафтуми касидахо бо номи асхоби малхамот маъруф буда, ба онҳо қасидаҳои мазмуни паҳлавони ва ҳамоси доштаи Чарир, Фараздик, Ахтал, Убайди Роъи, Зуррумма, Кумайт, Тармоҳ ибн Хаким шомил гардидаанд.

Аз ҷихати марҳалаҳои таърихии ташаккул ва таҳаввул низ шеъри аҳди ҷоҳилиро ба ду давра, яъне давраи зуҳур ва ташаккули шеъри ҷоҳилӣ ва давраи таҳаввулу камоли он тақсимбандӣ намудаанд. Давраи аввалро замони ҷанги Басус /494-534/ донистаанд, ки намояндагони он шоирони саъолик /роҳзанҳо/ Оди ибн Рабеъаи Маъруф ба Мухалхил Собит ибн ал- Аво ал-Аздии машҳур ба Шанфара мебошанд. Марҳалаи дуюми таърихи шеъри аҳди ҷоҳилиро дар ҳудуди 100 сол, яъне аз соли 522 милоди то 622 соли ҳиҷрати пайғамбари ислом ҳисоб кардаанд, ки он даврони зуҳур ва камоли шуарои аҳди ҷоҳили чун Имрул Кайс, Тарафа ибн ал-абд, Убайд ибн ал-Абрас, хорис ибн Хиллиза, Амру ибн Кулсум, Нобига аз-зубёни, Зухайр ибн Аби Сулма, Антара ал-Абаси, аъшо ал-Акбар, Лаби ибн Рабеъа, Хансо, Хутаййиа ва соири онҳо мебошад. Мо низ ҳангоми баррасии шарҳи ҳол ва осори шуарои аҳди ҷоҳили даврабандии мазкурро ба назари эъбор гирифтаем.

## МАВЗУОТИ ШЕЪРИ АҲДИ ҶОҲИЛИ

Мазуоти шеъри бадави низ зодаи муҳити табии ва иҷтимоии уст ва ба сабаби соддагиву ибтидои будани муҳиту рӯзгори ӯ мавзуоти шеъраш ҳам аз доираи васфи мадҳ, марсия, фахр, ғазал, зуҳд, ҳаҷв, ҳамр ва ҳикмат иборат аст.

Шоири бадави ба муҳити атрофии худ менигарист ва он чиро, ки дар бодия медид, аз ҷумлаи регу хору абру боду борон, гургу

Палангу шағолу уштуру асп ва дигар ҷамоду наботу ҳайвон, атлолу даман, фуруд омадани қабила ба қароргоҳ ё кӯч бастанаш аз он, манзараҳои чангу бозиҳои гуногун ва амсоли онҳоро васф мекард. Дар баробари ин ҳадафи аслии шоири бадави аз васф воситае барои изҳори эҳсososту андешаҳо ва баёни хоҳишу ормонҳои вай буд. Намунаҳои олии васфро дар адаби ҷохили имрул Қайс, Зухайр ибн аби Сулма, Нобиға аз –зубёни ва антара ал-абаси ба вуҷуд овардаанд. Шоири бадави забони қабилаи хеш буд, шарафу ифтихор ва шӯҳрати қабила ба ӯ вобастагии қавӣ дошт, зеро маҳз ӯ забон ба мадҳу ситоиши сарварону паҳлавонони қабила мекушод ва аз фазилату ҷасорат ва паҳлавонии онхо сухан мегуфт. Вале муроди ӯ аз ин мадхҳу ситоиш ҳаргиз ҳадафи модди ё тамаи ҳоҷате набуда, аз рӯи ихлосу эътиқоди холис ба мамдуҳ буд. Дар баробари мадҳ шоири бадави ба мавзӯи фахр аз шарафу насаб ва фазилатҳои ахлоқии худу қабилааш низ зиёд руҷӯъ мекард ва ба ин васила ҳам шарафу ифтихори қабилаи хешро ҳифз менамуд. Дар мавзуи мадҳ Зухайр ибн Аби Сулма, Нобиға аз- Зубёни, Аъшо ва дар қасоиди Фахрия Антара, Хорис ибн Хиллиза ва Амру ибн Кулсум шӯҳрат пайдо карда буданд. Умуман, дар адабиёти аҳди ҷоҳили араб сарҳад гузоштани миёни мавзӯи мадҳ ва фахр душвор аст, зеро ҳар ду мавзӯъ низ аз аксоми муҳими касида буда, вазифаи онҳо таъйид ва иштихору тавсияи обрӯву эътибори қабила, сардорону бузургон ва паҳлавонони он мебошад.

Ривоҷи мавзӯи ҳаҷв дар шеъри аҳди ҷоҳили низ тақозои муҳити зиндагии қабилавии аъроби бадави буд. Шоири бадави дар баробари ситоиши шарафу эътибори қабила мебоис дар муқобили ҳаҷву бадгӯии душманон аз қабилаҳои дигар аз шеъри худ чун силоҳи буро истифода мекард ва манфитаҳои қабилаашро ҳимоя менамуд. Аз ин ҷост, ки ҳаҷв яке аз мавзуоти асосии шеъри аҳди ҷоҳили ҳисоб меёфт. Шоири бадави ба василаи ҳаҷв фазилат ва бартариҳои қабилаи худ ё бузургону сарварони онро исбот мекард, разолат ва кабоҳати душманро нишон дода, ӯро мулзаму шармсор менамуд. Аз ҷумлаи маъруфтарин ҳаҷвсароёни аҳди ҷоҳили Хутайа хисоб меёбад.

Марсия низ аз мавзуоти роиҷ шеъри аҳди ҷоҳилият буд, зеро қабилаҳои араб доиман бо якдигар дар ҳолати душманиву ҷанг қарор доштанд, марг пайгири ҳамешагии онон буд ва шоири бадави ногузир буд, ки зуд-зуд дар марги бародару падар, паҳлавони

мактул дар маёдони ҷанг ва соири онҳо навҳа намояд, корномаҳои марҳумро баршумурда, ихлосу эҳтироми худро ба ў изҳор намояд ва аз марги вай бо дарду алам ёд кунад. Аз ин хотир марсия ё рисо низ аз мавзуоти муҳими шеъри аҳди ҷоҳили буд ва аз шоирон Мухалхил ва Хансо устодони марсиясаро будаанд.

Шоири бадави ба мавзуи ғазал ва ишқу ошиқӣ ҳам бисёр мурочиат мекард. Ҳангоме, ки аҳли кабилааш дар чое муддате ихтиёриикомат мекарданд, ба духтаре дил мебаст ва васфи чамолу камолихусни уро месуруд. Вале вақте, ки аҳди қабила ба ҷои дигар кўч мебастанд, ў аз дидори ёр маҳҷур мемонд, дар фироки у месўхт ва ашъори ишқии пурсузу гудоз мегуфт. Бо вуҷуди ин дар адаби аҳди ҷоҳили ашъори ишқии мустақил кам буда, мавзўи ишқ чун муқаддимаи ғинои асосан дар киматинасиби қасоид ворид карда мешуд. Дар баёни мавзуи ишқ дар адаби аҳди ҷоҳили Антара ва Имрул Қайс шўҳрат ёфтаанд.

Мавзўи хамрия ё шаробу бодагусори дар шеъри аҳди ҷоҳили мақоми зиёд надошт, зеро шароб аз Сурия, Фаластин ва баъзе кишварҳои дигари ҳамсоя оварда мешуд ва то расидан ба бодия қимати он хеле гарон мегардид. Аз ин сабаб  фақат тавонгарону сарватмандон имкони нушидани шаробро доштанд ва баъзе шоирон чун Аъшо ва Тарафа, ки баъзан шароб менушиданд, ба тариқи муфоҳарат дар бораи он сухан гуфтаанд.

Аз ҷумлаи мавзуоти дигари шеъри аҳди ҷоҳили зухл ва ҳикмат аст. Шоири бадави ба ҷаҳони муҳити хеш назорат карда, нопойдор ва фони будани онро эҳсос менамуд, ба ахлоқу кирдори мардум ва аҳволу авзои ҷомеа таваҷҷўҳ мекард ва ин таваҷҷўҳи назар ба ҷаҳону инсон ўро баъзан ба гуфтани хикмат водор мекард, ки дар шакли байтҳои алоҳхида дар қасоид ё ҷудогона тархрези мешуд. Ҳикмат ва андарзу мавъиза дар шеъри аҳди ҷоҳили аз василахои асосии байни меъёрхои ахлоки чомеа буд. хусусияти муҳими ҳикмат ва андарзу мавъизаи шоири аҳди ҷоҳили Дао он буд, ки андарзҳои ў на дар натиҷаи тафаккуру таҳлили амиқи ҳикмати, балки дар асоси таҷрибаи зиндагии ў ба даст омада буд.

## АРЗИШҲОИ АДАБӢ ВА ТАЪРИХИИ ШЕЪРИ АҲДИ ҶОҲИЛИ

Бо вуҷуди он ки бунёди шеъри аҳди ҷоҳили ба фитрат ва бадеҳия асос ёфтааст, дорои теъдоде аз санъатҳои бадеии сухан низ мебошад, вале аз ҷиҳати маъни, эҳсосоту хаёл ва лафзу қолаби сухан беш аз ҳама осори фитрати гӯянда аз он намоён аст.

Шоири бадави фақат як маъниро интихоб мекунанд, ки дар муҳити ӯ пайдо карадни он имкон дорад. Ӯ да офариниши маънии амиқ саъй намекунад ва андешаи ӯ аз ин ҷиҳат сатҳист. Аз ин хотир шеъри шоири аҳди ҷоҳили аз ҷихати илҳом ва ифтихори маъни заъиф аст. Ӯ ҷӯяндаи ҳақиқат ва воқеият аст ва шеъраш аз паи зеҳни ӯ меравад. Ба истиснои шеъри Нобиға, Зухайр ва Хорис ибн Хиллиза, ки дар онҳо як навъ осоритаълиф ва ваҳдати фикр мушоҳида мешавад, ашъори ҷоҳили баъзанаш мантиқ ва тартиби фикри озод аст ва ҳарчанд як қасида аз аввал то охир мавлуди андешаи як гӯянда аст, дар он ваҳдати таълиф ё ягонагии фикри дида намешавад. Ба таъбири дигар, офариниши адабӣ барои шоири бадавӣ силсилаи андешаҳои мустақил аз якдигар аст, ки ваҳдати асосии онҳо фикру андешаи шоири офарандаи онҳост.

Бегонагии табиати шоири бадави бо ваҳдат ва якпорчаги сабаби истиқлоли фардии ӯ шуда ва ин дар навбати худ сабаб шудааст, ки ҳар як байти қасидааш воҳиди мустқкил бошад ва як ваҳдати фикрии куллӣ то анҷоми қасида риоя нашавад. Он ҳама диққат ва саъйеро, ки шоири бадави барои матлаи шеър сарф менамояд, барои ваҳдат маъноии абёти тамоми қасида ба харч намедиҳад ва байт меъёри бузургии хунари шоир буда, баъзан шоире ба хотири як ё якчанд байт шӯҳрат ва бартари бар дигаронро пайдо кардааст.

Сохтори қасидаи шоири бадави аз қисматҳои мустақил ва ҷудогона иборат буда, шоир қабл аз он ки дар ҳар мавзӯъ сухан гӯяд, дар бораи таваққуф бар атлолу /харобаҳо/ осори манзилгоҳи холимондаи маъшуқа сухан меронад, хотироти гузаштаро ба ёд меорад. Баъди гиристан бар харобаҳои манзили тараккардаи маъшуқа дар якчанд байт ё абдабиёти тӯлонӣ шоир азми рафтан мекунад ва сухан аз уштури худ, ки бехтарии ҳамсафару муниси уст, сухан ба миён меорад. Баъзан васфи шутур чунон тулони мешавад, ки шоир ҳадафи аслии худро аз ёд мебарорад. Ниҳоят шоир ба манзил мерасад ва ба мадҳи мамдӯҳ ё матлаби дигаре, ки қасида ба хотири он гуфта шудааст, мепардозад.

Чунонке мебинем, ҳар як қасида мавзуоти мустақил аз қабили ишқ, васф, мадҳ, фахр ва амсоли онҳо метавонад фароҳам ояд ва дар айни замон ба сари худ мустақил бошад. Аз ин лиҳоз қасидаро чун қолаби  синкрети ё махлути шеъри араби маҳсуб донистаанд, ки вазифаи жанрҳо ва қолабҳои мухталифи шеърро дар худ ғунҷоиш додаст.

Доманаи хаёли шоири бадави пурвусъат нест ва чун муҳити зиндагии ӯ маҳдуд аст. Сувари хаёли /образҳои/ шеъри ӯ асосан махсус, яъне ҳисшавандаанд ва ӯ ташбеҳу истиоротеро интихоб мекунад, ки воқеи ва ба зеҳну эҳсос наздиканд.

Дар шеъру аҳди ҷоҳили тасвири ҳолати руҳӣ ва баёни тахайюлоти нафсони низ мақоми зиёд надорад, яъне дар шеъри ҷоҳили баёни дарду андуҳи фарди, ҷаҳони ботинӣ ва руҳии худи гӯянда мақоме надорад, зеро шахсияти фардӣ барои ҷомеаи қабилавӣ бегона аст. Бо вуҷуди ин дар баъзе қасоиди антара, Имрул, Қайс, Шанфара ва  дигарон абёти ҷудогонае мушоҳида мешавад, ки дар онхо ҳолати руҳии гӯянда ифода ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими шеъри аҳди ҷоҳили ҷанбаи хитобӣ доштани он аст, яъне матонат ва салобати алфозу таъбироти қасоиди ин шоирон чунон сохта шудааст, ки ҳадаф гӯё оммаи васеи сомеон равона карда шуда бошад. Баъзан ба хотири эъҷози фикр дар қасоиди аҳди ҷоҳили талмеҳе оварда мешавад, вале тавзеҳи он дода намешавад ва талмеҳ норавшан мемонад. Ё лафзе ва таъбире истифода мешавад, ки имрӯз мавқеи корбурд надорад ва маънии он маълум нест. Баъзан ишорат ба ин ё он воқеаи таърихӣ карда мешавад, ки донистани таърихи он воқеа дарки матлаб имкон надорад.

Аз лиҳози вазн дар шеъри аҳди ҷоҳилӣ бештар авзони мухталифи баҳри Тавил истифода шудааст, вале дар мавзуоти отифи чун марсия, фахр, газал ё ҳамоси аз авзони сабуку хушоҳанг низ истифода шудааст.

Аз ҷумлаи арзишҳои мухимтарини шеъри аҳди ҷоҳили арзиши таърихии он аст, зеро он маълумоти пурқимате дар бораи таърихи қабл аз исломии араб дода метавонад. Аз ин ҷо беҳуда нест, ки шеъри аҳди ҷоҳилиро «Девону- л-араб» номидаанд. Ба василаи аҳди ҷоҳили дар бораи вазъи ҷуғрофии Шибхи Ҷазираи Арабистон, шаҳру кишварҳои он, ҳаёти иҷтимоӣ, одобу ахлок, дину мазҳаб, расму оин, ҷангу низоъҳои миёни қабилаҳо, тарзи

зиндагӣ, анвои либосу ғизо ва дигар пахлуҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии сокинони ин сарзамин маълумот ба даст оварда метавонем.

## НАМОЯНДАГОНИ ДАВРАИ ЗУҲУР ВА ТАШАККУЛИ ШЕЪРИ АҲДИ ҶОҲИЛӢ /494-532/.

### МУХАЛХИЛ.

Удай ибн Рабеъа ат-тағлиби, ки ба сабаби нозукӣ ва соддагии шеъраш лақаби Мухалхилро гирифтааст, тағоии Имрул Қайс будааст. Маълумоти асосӣ дар бораи зиндагии ӯ ба василаи қиссаи ҷанги Басус, ки бо вуҷуди асоси таърихи доштанаш ба ҳукми асотири араб даромадааст, то замони мо расидааст.

Тибқи ахбори ба даст омада Мухалхил, ки шоири бодагусориу хушгузарон буд, бародаре дошт бо номи Воил ва лақаби Қулайб. Қулайб соли 440 ба дунё омада, муддате фармондеҳии ҷанговарони қабилаҳои Бакр ва Тағлибро бар ӯҳда дошт ва чунин мартаба ӯро гирифтори гурӯҳу худписандӣ кард. Ӯ ба худ раво медонист, ки аз чарогоҳҳои дигарон истифода кунад, ҳад надошт ба чарогоҳи ӯ қадам ниҳад. Ҳангоми нишастани Қулайб касе ҳад надошт, ки аз муқобили ӯ гузарад ва агар шутури вай барои обхӯрӣ омада бошад, ягон шутури дигар наметавонист об бихӯрад.

Қулайб Чалила ном духтареро аз қабилаи Бакр ба зани гирифта буд, ки падари духтар Марраи Шайбони ном дошта соҳиби даҳ писар буд ва хурдтарини онҳо Ҷасос ном дошт. Ҷасос бо номи Басус хоҳарзодае дошт, ки духтари Мункиз ном марде аз қабилаи Бани Тамим буд.

Рӯзе Басус барои меҳмони ба манзили хоҳарзодаи худ Ҷасос ва савори шутури модае буд, ки куррае ҳам дошт. Дар он ҳангом зани Қулайб дар ҳузури ӯ аз бародарони худ Ҷасос ва Хумом изҳори болидагӣ ва ифтихор намуд. Қулайб, ки аз ин ба хашм омада буд, берун баромад ва чашмаш ба курраи шутури Басус афтоду камонро гирифта тире ба сӯи кура андохт ва онро ба ҳалокат расонд. Қулайб дар ҳоли хашмгини ҳатто ба ғуломи худ амр дод, ки тире ба пистони шутури мода занад. Шутури захми бо пистони маҷрӯҳ худро ба назди Басус расонид.

Вақте ки Басус аз асли ҳодиса огоҳ гардид ва ба хоҳарзодаи худ Ҷасос хабар дод, Ҷасос ба интиқоми шутур баромад ва дид, ки қотили шутур- Қулайб дар канори обгиреи нишастааст, найзае заду Қулайбро ба қатл расонид. Бар асари ин воқеа Мухалхил ба қасоси бародари худ Қулайб бархост ва кинаву адовати миёни қабилаҳои Тағлиб ва Бакр оғоз ёфта боиси ҷанге шуд, ки 40 сол идома ёфт ва бо номи ҷанги Басус шўҳрат пайдо кард. Сарварони ин ҷанг аз ҷониби тағлиб Мухалхил ва аз тарафи Бакр Хорис ибн Марра ва дар ин набарди тўлонӣ бештар қабилаи тағлиб ва баъзан Бакр пируз мешуданд. Дар ин ҷанг ду бародари Ҷасос- Шарохил ва Хумом ба қатл расиданд.

Дар охир аҳли қабилаи Тағбил аз ҷанги тўлони хаста шуда дар ғайби Мухалхил бо қабилаи Бакр сулҳ карданд. Вақте, ки Мухалхил ба қабилаи худ бозгашт, бори дигар ҷангро оғоз кард, вале ин дафъа худ асир гардид ва соли 531 дар асорат вафот кард. Тибқи ривоятҳо гўё падари подшоҳи Хира Амру ибн Ҳинд-Мунзир пас аз марги Мухалхил миёни ду қабила сулҳро устувор кард.

Ашъори Мухалхил ба таври пароканда ба василаи маъхазҳои адабие чун «Китобу-л-агони», «Райхонату-л-адаб» ва «девону-л-ҳамоса» боқӣ мондааст. Маҷмўаи ашъори Мухалхилро адиб ва муҳаққиқи араб Луис Шайху дар китоби худ «Шуароу-н-насрония», ки соли 1890 ба табъ расидааст, фароҳам овардааст.

Аз лиҳози мавзўъ ва мундариҷа ашъори Мухалхилро ба ду даста тақсим намудан мумкин аст. Ба дастаи аввал шеърҳое дохил мешаванд, ки ба тасвири ишқбозиву бодагусориҳо бахшида шудаанд ва ба сабаби ба ҳамнишинии занон шўҳрат ёфтани шоир абёти зиёде дар ин мавзўъ ба ў нисбат дода шудаанд, ки дар асл ба вай тааллуқ надоранд. Дастаи дуюми ашъори Мухалхилро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки дар марсияи бародараш Қулайб ва воқеоти марбут ба ҷанги басус ва таҳдиду хушдори душманон гуфта шудаанд ва ин қабил шеърҳо қисмати аъзами осори ўро дар бар мегиранд.

Шеъри Мухалхил зодаи ашки дидагони у оҳу нолаҳои сўзони ўст, ки бо хашму ғазаб ва нафрату кинхоҳӣ аз душманон омезиш ёфтааст. Дар шеърҳои мазмуни ишқу бодагусори ва лаззатҷўйи сурудаи вай баръакс эҳсосоти латиф ва нарму нозук мушоҳида

мешавад ва ин хусусият дар алфозу таъбирот ва мусиқавияти ин навъ ашъори ӯ низ мушоҳида мегардад.

Сабки баён ва услуби нигориши ашъори Мухалхил ҳамоҳанги табиати бодия озод аз қайду банду мантиқист ва аз ҷаҳони вуҷуди шоир бармеояд. Алалхусус дар марсияҳои худ Мухалхил бо ашки талху нолаи сӯзнок бузургвори ва ҷавонмардии бародари мактули хеш-Кулайбро ситоиш менамояд, ки ин тасвироти ӯ ба зоти худ беназир аст. Аз ҷумла дар абёти зайл ҳодисаи аз даст додани бародари худро талафоти ҷуброннопазир медонад ва мегӯяд:

*Эй Кулайб, дар дунё аҳли он дигар хайре намонд,*
*Чун ва ту дунёро ҳамроҳи рафтагон тарк гуфтӣ.*
*Эй Кулаб, он кадом ҷавони азизу гиромист*
*Ки дар лаҳад хуфта ва хок рӯи ӯро пӯшонидааст.*
*Чун ба ман хабари марги Кулайбро доданд, ман гуфтам:*
*Ё замини зери поям канда шуда ё кӯҳҳо бар Сарам фурӯ рехтаанд.*

Умуман, дар ағлаби шеърҳои Мухалхил ҷуброннопазирии марги Кулайб борҳо таъкид мешавад ва ин навъ шеърҳо саршори эҳсоси каҳрамониву мардонагӣ ва таҳдиду оштинопазири бо душманон мебошад. Чунончӣ дар абёти зерин ҳам маъние таъкид мешавад, ки сулҳ бо душманон фақат дар холӣ аз нав зинда гашта тавонистани Клайб имкон дорад:

*Замони сулҳ бигзашт, ё Кулайбро ба ман бозгардонед,*
*Вагарна фардо ба Шаъбониён ҷоми ғам хоҳам чашонид.*
*Замони сулҳ бигзашт, ё Кулайбро ба ман бозгардонед,*
*Вагарна душманонро хору залил хоҳам кард.*

Бояд гуфт, ки соддагӣ ва нозукӣ сабки хоси ашъори Мухалхил аст ва маҳз ба сабаби ҳамин ҷиҳати ашъораш ба вай лақаби Мухалхилро додаанд. Ҳатто дар он қабил шеърҳое, ки ба оҳанги қаҳру ғазаб ва таҳдиду хушдори душманон гуфта шудааст, сухани ӯ нарму сода аст ва аз алфозу таъбироти пурсалобат ва дурушту дағал орист. Авзони нарму хушоянд ва такрори таъбироти нарму латиф низ мусиқавият ва равониву назокати шеъри ӯро таъмин кардаанд.

# ШАНФАРА.

Собит ибн ал-Авс ал-Аздии маъруф ба Шанфара дар таърихи адаби ҷоҳили чун шоири саълук, яъне роҳзан низ шӯҳрат дорад. Дар бораи таърихи волидат ва маҳалли зисти ӯ санади дақиқ наст ва ахбори маъхазҳо ҳам дар ин мавзеъ пурихтилоф аст.

Шанфара аз ҷумлаи шоирони ҷасуру диловар буда, дар чавони қабилаи хешро тарк кардааст ва бо касоне монанди худ каробат пайдо намуда, аз ҷое ба ҷое мусофират мекардааст. Дар ин миён шуғли асосии ӯ ғорату роҳзани буда ва аз ин сабаб номи ӯ боиси тарсу ваҳшати занону кӯдакон ва ҳатто мардони қабилаҳои мухталиф гардида будааст.

Тибқи ривояте гӯё Шанфара ба қабилаи бани Суломон хусусият дошта ва савганд ёд кардааст, ки сад мардро аз ҷумла онон ба қатл расонад. Баъди қатли наваду нӯҳ нафари онҳо ниҳоят марде аз он қабила бо номи  Усайд ибн Ҷобир бо ҳила ӯро дастгир намуда, ба ҳалокат расонидааст. Ривояте ҳам ҳаст, ки гӯё марде аз қабилаи Бани Суломон баъди ҳалокати Шанфара аз рӯи хашм ба косахонаи сари вай бо пои худ зарбаи сахте зад ва устухони сари мақтул ба пои он мард даромада, сабаби марги он мард шуд ва ба ин васила гуё садумин марди Бани Суломон ба ҳалокат расид ва савганди шанфара ба тамом иҷро шуд.

Аз осори Шанфара абёти парокандае боқӣ мондааст, ки асосан мавзуоти фахру ҳамосаро дар бар гирифта, саршори васфу ифтихор аз ҳамлаҳо ва саргузаштҳои роҳзаниву ғоратгарии гӯянда мебошад. Аз ҷумлаи қасоиди маъруфи у «Ломияту- л- араб» ном дошта, аз 68 байт иборат аст ва дар баҳри тавил суруда шудааст. Ба ин қасида шарҳҳои зиёде навишта шудаанд, ки машҳуртарини онҳо шаҳхри Замахшара /1075-1144/ бо номи «Аъҷабу-л-аҷаб фи ломияти-л-араб» мебошад ва ба забонҳои фаронсавӣ, олмонӣ ва инглисӣ тарҷума шудааст.

Сабаби асосии таълифи қасидаи «Ломияту-л-араб» тӯҳмате будааст дар ҳақи Шанфара, ки ба иззати нафси ӯ сахт расида, ба сабаби он қабилаи худро тарк гуфтааст. Дар аснои танҳоиву биёбонгарди ва унс гирифтан бо ҳайвоноти ваҳшӣ шанфара қасидаи махкури худро суруда, дар но қабилаи хешро сарзаниш менамояд ва аз танҳоиву зиндагиаш дар муҳити ҳайвоноти ваҳшӣ, аз сабри таҳаммули худ дар машаққатҳо ва шуҷоату каҳрамониҳояш ифтихор мекунад.

Каҳрамони асосии ин қасида- Шанфара зодаи биёбонҳои беобу гиёъ Рафиқу ҳамнишини даррандагон аст, вале соҳиби иззати нафс ва шарафу номуси мардии хеш мебошад. Ў ситаму хори қавмашро дар ҳаққи худ таҳаммул намекунад ва онҳоро тарк гуфта рў ба замин паҳновари биёбон меорад, зеро:

*Дар рўи замин гўшаҳои амну осоиш аз озори мардум*
*барои ҷавонмардон мавҷуд аст,*
*Ҳамчунин дар рўи замин ҳаст ҷойҳо барои панохандагон*
*аз хавфи кинхоҳон.*

Шанфара даррандагонро аз одами афзалтар медонад, зеро онҳо роздору бахшандаи хатокориҳо мебошанд. Ў худро бо диле шуҷоъ, шамшере сайқал дода ва камоне ҳадафзан бениёз аз ҳам олам ва болотар аз даррандагон мешуморад:

Се хамнишин дорам яке дил шуҷоъ аст,
Ва дигаре шамшери сайқалдода ва сеюми камони дарозгардан

Шанфара шахсиятест, ки ба ситаму номарди гардан намениҳад ва ба хўрдани хоки биёбон розист, вале мадад ва миннати одамизодаеро намепазирад:

*Худро ба фаромўш кардани гуруснагӣ маҷбур месозам,*
*Ва саъй мекунам, ки гуруснагиро бори дигар ба ёд наорам.*
*Дар гуруснагӣ хоки заминро фурў мебарам*
*То аз карам касе дар ҳаққи хеш озод бошам.*

Шанфара аз фақириву бенавоӣ наменолад, тавонгариро боиси ифтихор намедонад ва аз ин ҷо таҳаммули ҳар машаққату сахтии танҳоӣ дар бодия барои ў осон аст. Ҳарчанд, ки дарду андўҳе бо худ дорад, шарафи мардӣ ва иззати нафси шоир барои изҳори он имкон намедиҳад.

Умуман, қасидаи «Ломияту-л-араб» дорои арзиши зиёди адаби буда, қабл аз ҳама он нахустин қасидаи комиле аз даврони аввали ҷоҳилият ба шумор меравад ва бозтоби рўҳияи шоирест, ки саршори эҳсосоти бадавӣ, руҳи саркаш, иззату нафс ва шарафу ҷавонмардии шахсияти табиати биёбон мебошад.

# НАМОЯНДАГОНИ МАЪРУФИ ДАВРАИ ТАҲАВВУЛ ВА КАМОЛИ ШЕЪРИ АҲДИ ҶОҲИЛӢ /522-622/. СОҲИБОНИ МУАЛЛАКОТ

## ИМРУЛ ҚАЙС

Абу Хорис Хундач ибн Хучр ал Киндии маъруф ба Имрул Қайс ва мулаккаб ба Малику-з-зарир /подшоҳи хоршуда/ ва Зулкурух /Дорои ҷароҳатҳо/ фарзанди охирин подшоҳи бани Асад ва хоҳарзодаи Мухалхил ва Қулайби Тағлибӣ мебошад.

Имрул Қайс дар ҳудуди соли 500 ва бино ба баъзе ахбори дигар соли 520 милоди дар Наҷд таваллуд ёфтааст. Овони ҷавонии ӯ бо шеъргӯӣ ва айёшиву шаробхорагӣ гузаштааст. Пас аз қатли падараш Хачар ал-Киндӣ ва шикасти давлати бани Асад дар Наҷд Имрул Қайс қабилаҳои тарафдори худро ҷамъ оварда, кӯшиш кард, ки подшоҳии аз даст рафтаро барқарор намояд, вале ин амр ба ӯ муяссар нагардид ва ҷангҳояш бо нокоми анҷомид. Ниҳоят, ӯ ба подшоҳи Византия /Руми шарқӣ/ Юстиниан паноҳ овард ва муддате дар қаламрави ин подшоҳ буд. Ҳангоми бозгашт аз Рум Имрул Қайс ба бемории обила гирифтор шуда, соли 540 дар роҳи Анкара вафот ёфт ва дар ҳамон ҷо мадфун гардид. Сабаби лақаби Зулкурухро гирифтанаш низ ҳамин гирифтории ӯ ба бемории обила будааст.

Ҳамин тавр, Имрул Қайс то охири умри худ саъй кард, ки подшоҳии аз даст рафтаро бозгардонад ва ҳарчанд ки ин кор ба ӯ муяссар нагардид, аммо «ӯ он чиро ки бо шамшер ба даст наоварда буд, ба ниру кариха ба даст овард ва ба поймардии он барои худ давлати ҷовидон бунёд ниҳод ва пешвои шеъри араб шуд, чунин ҳар сар ояндаеро тахти таъсири хеш карор дод ва эҳсосу отифаи ӯ ба ҳар қалбе роҳ ёфт».

Имруз Қайс аз овони ҷавони шеър мегуфт, табиист, ки ашъори зиёде эҷод намудааст. Мутаасифона аз теъдоди бузурги осори вай теъдоди андаке дар шакли девони хурд то замони мо расида ва маҷмуи осори бозмондааш аз 25 қасида ва якчанд қитъа иборат аст. Ин қасоид ва муқатаоти ӯро бори нахуст шарқшиноси фаронсавӣ де Слон соли 1837 дар Париж ба табъ расонд ва он соли 1865 бори дуюм бо шарҳи Батлиюси дар Миср чоп гардид. Соли 1890 девони Имрул Қайс бори сеюм бо саъйи Абубакр ибн Осим ба

табъ расид ва ахиран соли 1930 бо хавошиву таъликоти Ҳасан ас-Сандуби дар Коҳира чоп гардид. Девони Имрул Қайс якчанд маротибаи дигар ҳам чоп шуда ва ба забонҳои олмони, инглиси, форси ва ғайра тарҷума ҳам гардидааст.

Аз маҷмӯи қасоиди Имрул Қайс се муаллакаи ӯ шӯҳрати зиёд дорад, ки аз онҳо ду қасидаи ломия ва яке боия мебошад, вале маъруфтарини онҳо муаллақаест, ки бо матлаи зайл оғоз меёбад:

*Ҳамсафарон, лаҳзае биистед, ки ман ба ёди ёри худ ва*
*манзили тарккардаи ӯ бигирям,*
*Дар Сиктал – Ливо, ки миёни Дахул ва Хамвал воқеъ аст.*

Муаллақаи мазкури имрул Қайс дар баҳри тавил таълиф гардида, аз 80 ва дар баъзе маъхазҳо аз 81 байт иборат аст. Донишмандони исломи Зузани ва Хатиби Табрези ба қасидаи мазкур шарҳ навиштаанд.

Сабаби таълифи ин муаллақаи Имрул Қайс «Рузӣ дорад Чулчул», яъне рузе будааст, ки шоир бо Унайза ном духтари амаки худ, ки бо духтарони дигари қабила ба сайру гашт баромада буд, вохӯрда, ошиқи вай мешавад. Аз ин ҷост, ки насиби қасидаи мазкур дорои мазмуни зайл аст:

Ҳамсафарон, лаҳзае биистед, ки ман ба ёди ёри худ ва
манзили тарккардаи ӯ бигирям,
Дар Сиктал – - ал Ливо, ки миёни Дахул ва Хамвал воқеъ аст.
Ва Тузаху Микротро аз ашки чашмони худ сероб гардонам
Ҳануз бодҳои ҷанубу шимол бо вазидани худ
Нишони хаймаҳо ва хокистари оташдонҳои манзилҳои холимондаро пок накардааст.
Ва ҳанӯз саргини оҳувон дар гадирҳо чун донаҳои филфил боқӣ мондааст.

Мазмуни насиби мазкури қасида тасдиқ мекунад, ки дар ашъори ишқии қабл аз исломии араб ва ҳатто то замони Аббосиён муошиқаи шоир асосан бо занҳои шавҳару фарзанддори ашроф ё духтари яке аз хешовандони ӯ воқеъ мегардидааст ва инро ишораи Имрул Қайс ба саргузашти ишқии ӯ бо духтари амакаш Унайза ва занҳои бо номи Умм Хувайрис ва Умм Рабоб низ тақвият медиҳад.

Қисматҳои дигари муаллақаи мазкур аз васфи саргузаштҳои шоир аз қабили васфи шаб, барқ, сел ва ғайра иборат буда, дар маҷмуъ ин муаллақаи Имрул Қайс то ҳадде маъруф будааст, ки

арзиши ҳунари ва ибдооти шеъри шоиронро дар нисбати «Кифо набки»-и Имрул Қайс андоза мекардаанд.

Бояд гуфт, ки қисмате аз ашъори Имрул Қайс нисбат дода шуда моли ӯ нестанд, зеро бо шеваи сухани ӯ, рухи замони вай ва расму одатҳои он мувофиқ набуда, зоҳиран сохтаи аҳди Умавиён ва аббосиён аст, ки бо мақсадҳои сиёси, чун далелҳои сарфу наҳвӣ ва ҳадафҳои дигар сохта ва ба номи ӯ нисбат дода шудаанд. Вале андешаи иддае аз муҳаққиқон, аз ҷумла Тохо Ҳусейн, ки тамоми ашъори ба Имрул Қайс нисбат додашударо моли ӯ намедонанд, бахталаб аст. Далели асосии ин муҳаққиқон он аст, ки Имрул Қайс зодаи Яман аст, вале ашъораш ба забони қабилаи Қурайш таълиф шуда ва ба замми ин васфи айшу хушгузарони бо махшукагон хоси эҷодиёти Фараздак ва сурудани қасидаҳои ошиқонаи ҳунари хоси Умар ибн Рабеъа будааст. Вале дар асл Имрул Қайс дар Наҷд ба дунё омада ва тарбият ёфтааст ва бо забони Қурайш, ки ба ҳайси як забони ҳамагонии шеъру адаби қабл аз исломи буда, эҷод кардааст. Ҳамчунин қасоиди Имрул Қайс пеш аз Фараздак ва Умра ибн Рабеъа шӯҳрат дошта ва маъхазҳои таърихиву адабӣ низ инро тасдиқ кардаанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки қисмати зиёди ашъори Имрул Қайс воқеан моли худи ӯ мебошанд ва руҳи замони зиндагии шоир, тарзи зиндаги ва урфу одатҳои мардуми бодияро ифода кардаанд.

Маълум аст ки зиндагии Имрул Қайс ду мархала, яъне давраи ҷавониву хушгузарони ва айёшиву ишқварзиҳо ва давраи баъд аз қатли падар ва муборизаву талошҳои ӯро барои баркарор кардани подшоҳии аз даст рафта дар бар мегирад. Аз ин ҷост, ки дар теъдоде аз қасоиди ӯ мазмунҳои айёшиву фориғболӣ ва ишқбозиву хушгузаронӣ баён гардидаанд. Дар ин гуна шеърҳо изҳори розу ниёз ва ғурури ҷавонии шоир мушоҳида мешавад. Чунончи дар ин абёт мехонем:

------------
-----------
------------
--------------

*Эй фотима, нозу ишваро бигзор,*
*Агар аз ман ҷудо шудан хоҳӣ, роҳи беҳтаре интихоб кун.*
*Оё ту гумон мекуни, ки ишқи ту маро қотили ман хоҳад шуд?*
*Ё дили ман фақат ба фармони ту амал хоҳад кард?*

Қатли падар дар руҳияи Имрул Қайс тағйире азим ворид кард ва ӯ фориғболиву айёшии айёми ҷавониро паси сар гузошта ба интиқоми падар бархост ва барои расидан ба мақсади худ аз марг ҳам боке надошт ва ба ин маънӣ мегуфт:

-------------

-------------

*Ман ва вай гуфтам: гиря макун, ки*

*Мо барои барқарор кардани подшоҳӣ саъй мекунем ё дар ин роҳ мемирем.*

Дар ин гуна ашори худ шоир баъзан онҳоеро, ки дастгиру мададгораш будаанд, ситоиш менамояд ва онҳоеро, ки ба ӯ хиёнату душманӣ кардаанд, таҳдид менамояд. Дар ҳолатҳое, ки дар кинхоҳии падар ва аб даст овардани подшоҳии барбодрафта кораш ба нокомӣ мекашад, навмед мегардад ва оҳанги таслим ба қазо ва андешаҳои зоҳидона дар шеъраш ба гӯш мерасад:

----------------------

----------------------

---------------------

---------------------

-----------------------

------------------------

*Ман офоқ /олам/-ро давр задам*

*Ва аз ғаниматҳои он ба он розӣ шудам, ки бозпас гардам.*

*Оё пас аз Хорис ибн Амруи подшоҳ*

*Ва баъди Хучри некноми соҳиби лақабҳо*

*Аз дунё ва гардиш он роҳату осоиш умед намоям*

*Аз ин дунёе, ки сангҳои куҳистонро реза месозад.*

Воқеоти зиндагии Имрул Қайс ӯро бо табиат пайванд месохт ва лаҳзаҳои зеботарини табиати зинда, ҷамоду набот ва паррандагону дарандагони онро аз наздик мушоҳида мекард. Ин ҳам шоирро водор месохт, ки ба тавсифи табиати биёбон ва ҳодисоту мавҷудоти он бипардозад ва лахзаҳои нотакрори васфиро дар ин мавзуъ дар шеъраш ба вуҷуд орад. Аз ин ҷост ки дар ашъори ӯ тасвири манзараҳои табиати биёбон, барқ, борон, бод ва мавҷудоти зиндаи он чун асп, шутур, гӯрхар, шутурмурғ, саги шикорӣ ва амсоли онҳо мавқеи намоён дорад. Аз ин гуна тасвирот муҳаббати гӯянда ба табиати биёбон ҳувайдост, у ин табиатро бо

тамоми рангҳои воқеиаш тасвир менамояд, иғрок ва муболиғаро роҳ намедиҳад дар каломаш хашв ва алфозу таъбироти зиёдати нест, бо эҷоз сухан мегӯяд ва такаллуфу санъатнамоиро раво намедорад. Чунон чи ӯ дар тасвири як лаҳзаи ҳаёти бодия мегӯяд:

----------

----------

----------

----------

*Субҳгоҳон ҳангоме ки паррандагон ҳанӯз дар лонаҳояшон*
*хоб буданд,*
*Ман ба аспи бузургҷуссаи худ нишаста ба шикор мерафтам*
*Чашмони хайвоноти вахши, ки гирди хаймаҳо*
*Ва бозори шутурҳои мо буданд, чун ҷазаъи /муҳраҳои*
*Сиёҳу сафеди/ суфтанашуда метофтанд.*

Дар ҷои дигар шоир галаи говони ваҳширо ки бо ӯ рӯбарӯ омадаанд, чунин тасвир мекунад:

----------

----------

----------

----------

*Дар руӯбарӯи мо ногаҳон галаи модаговони ваҳшӣ*
*Чун бокирадухтароне, ки санги муқаддасро зиёрат мекунанд*
*пайдо шуданд.*
*Ва он говон чун мӯҳраҳои гардан, ки аз ҳам канда мешаванд*
*рӯ ба гурез нихода, пароканда шуданд,*
*Дар ҳоле, ки мо ҳануз аз ҷои худ як қадам пеш нагузошта*
*будем.*

Тасвироти Имрул Қайс аз он гувоҳӣ медиҳад, ки у шоири табиат аст, ба манзараҳои оддии табиат руху ранги тозаву нотакрор мебахшад. Ҳарчанд, ки бунёди шеъри ӯро ваҳдати мантиқа ва санъатнамоӣ ташкил намадиҳад ва тасвироти вай бар санъатҳои бадеии илмӣ асос наёфтааст, вале дар шеъри ӯ арзишҳои ҳунарие ба назар мерасад, ки дар натиҷаи вуҷуди бадавият ва тамаддун дар шахсияти ӯ падид омадааст. Аз ҷумла, Имрул Қайс ба истифодаи ташбеҳ майли зиёд дорад, вале ин майли ӯ ба хотири суханорои ва санъатнамои нест, балки ташбеҳоти вай зодаи фитрат ва воқеияти зиндагии бодия аст. Имрул Қайс ташбеҳоти дастрас, воқеи ва

наздик ба завқу фаҳмро интихоб мекунад, ки ба сухани ӯ зебоӣ ва рангу ҷилои хос мебахшад. Аз ҷумла, дар ин абёти вай мехонем:

----------

----------

----------

----------

/Асп/ бо сумҳои сахти худ чунон роҳ мегардад
Гумон мекунӣ, ки об дар рӯи сангҳо ва зери обсабзҳо равон аст.
Сагрияш ба сагрии оҳу, зонуҳояш ба зонуҳои шутурмурғ
Давиданаш ба гург ва ҷаҳиданаш ба рубоҳ монанд аст.

Яке аз хусусиятҳои ташбеҳоти Имрул Қайс дар он аст, ки у баъзан онҳоро бо ташбеҳоти рамзӣ меомезад ва ба ин восита ҷузъиёти воқеа ё чизи тасвиршавандаро хеле муҷаз ва нишонрас баён менамояд. Ҳамчунин интихоби алфозу таъбирот ва мусиқавияти шеър низ барои Имрул Қайс чун воситаҳои муҳими ибдои маъни ва зебоиву шевоии сухани у гардидааст.

Имрул Қайсро воқеан солору бунёдгузори шеъри араб метавон донист, ки шеъри ӯ лабрези эҳсосу авотифи инсонист. Ӯ барҳақ бунёдгузори васфи табиат дар шеъри араб ҳисоб меёбад. Вай нахустин шоирест ки пойдевори шеъри ҷоҳилиро бунёд ниҳода, расми истодан бар харобаи манзили маъшуқаву гиристан ба ёди уро ривоҷ додаст ва шоирони минбаъда дар ин равиш ба ӯ пайрави кардаанд.

Имрул Қайс нахустин шоире буд, ки авзони тозаи аруз ва алалхусус тавилро ба шеъри араб ворид кард, зеро қабл аз ӯ асосан ба баҳри Раҷаз менавиштанд. Ҳамчунин ӯ нахустин поягузори ташбеҳ, истиора ва санатҳои дигари бадеӣ дар шеъри араб буд ва аксари шуарои ҷоҳилӣ ва аҳди исломии араб чун Зухайр ибн Иби Сулма, Тарафа ибн ал-Абд, Умар ибн Рабеъа, Абу Нувос, ибн ар-Руми ва дигарон ба у пайрави кардаанд.

Аҳамияти осори Имрул Қайс ва хидмати ӯ дар таърихи адабиёти араб дорои арзиши таърихи ҳам мебошад, зеро ба василаи ашори у дар бораи таърихи аҳди ҷоҳилият, тарзи зиндагӣ, мавзеъҳои ҷуғрофи, расму оинхо, рафтору кирдори аъроби ахди чохили ва дигар масъалаҳои марбут ба таъризи Ҷазиратулараб дар дар замони қабл аз ислом маълумот ба даст оварда метавонем.

## ТАРАФА ИБН АЛ-АБД /543-569/.

Амру ибн ал-Абди маъруф ба Тарафа аз ҷумлаи шуарои бузурги аҳди ҷоҳилият буда, дар ҳудуди соли 543 милоди дар қабилаи Бани Бакр ибн Воил дар Баҳрайн ба дунё омадааст. Падари ӯ –Абд ал-Бакри ва бобояш низ шоир будааст. Ғайр аз ин ду амаки вай-Маркаш Акбар ва Маркаш Асгар ҳам ҳунари шоири доштаанд.

Дар овони хурдсолии Тарафа падараш вафот карда, парастории ӯву модарашро амакҳояш ба ӯҳда гирифтаанд, вале ба аҳди худ вафо накарда дар ҳаққи онҳо беадолативу ситам раво дидаанд. Дар натиҷа миёни Тарафа ва амакҳояш ихтилоф ба вуҷуд омада. Ӯ ба ҳаҷви онҳо пардохт ва ҳуқуқи модари хешро дифоъ намуда чунин таҳдид намуд:

----------

---------

Воқеаи хурде баъзан сабаби ба вуҷуд омадани воқеаи бузург мегардад,

Ва он воқеаи бузург ҳатто боиси хунрези мешавад.

Тарафа айёми кӯдакиро бе парастору роҳнамо гузаронида буд ва чун ҷавони айёшу бадмаст ва исрофкору беҳудагард ба камол расид. Оқибат аҳли қабилааш ӯро аз миёни худ ронданд ва ӯ бар шутураш савор шуда дар биёбон саргардон шуд. Гоҳе бо ҷанг машғул буд ва гоҳе  дар корҳои кӯҳистон паноҳгоҳ меёфт. Ниҳоят ӯ аз ранҷи рӯзгор ва оворагардӣ безор шуда боз ба назди қабилааш омад ва амакаш Маъбад шутурҳои худро барои чаронидан ба ихтиёри ӯ дод. Вале Тарафаи шоирпеша шутуронро ба ҳолашон гузошта бо шеъргуи машғул шуд ва шутурҳо беназорат монда гум шуданд.

Вақте, ки Маъбад шутурони худро аз Тарафа талаб кард, ӯ ба писари амакаш Молик паноҳ бурд ва аз ӯ ёрӣ хост. Вале Молик Тарафаро қабул накард ва баръакс барои гуноҳи содир кардааш сарзаниш намуд.  Тарафа аз хешовандони худ ноумед гардида, ду нафар ҳамқабилагони сарватмандашро мадҳ гуфт ва онҳо ба ӯ ёрии моддӣ карданд. Шоир аз ҳисоби моли ба даст овардааш баҳои шутурҳои амакашро ҷуброн кард ва маблағи боқимондаро сарфи майхорагиву беҳудагарди намуд.

Баъди, он ки Тарафа боз гирифтори мӯҳтоҷиву бенавоӣ гардид, ба сафар баромад ва ба дарбори подшоҳони Хираи Ироқ расид, ки дар но ҷо устодаш Муталаммис ва домодаш Абд Амру

ибн Бушр чун шуарои дарбор эътиборе доштанд. Подшоҳи Хира Амру ибн Тарафаро хуш қабул кард ва аз ҷумлаи мукаррабони худ гардонид. Боре Тарафа беэҳтиромии домодаш амру ибн Бушрро нисбат ба хоҳари худ дида, ўро ҳаҷв гуфт ва ин амал боиси адовати миёни онҳо гардид. Вале сабаби асоси ҳаҷви Тарафа дар ҳақи подшоҳи Хира Амру ибн Хинд ва бародараш Кобус буд, ки ниҳоят сабаби ҳалокати шоир гардид. Аз ҷумла Тарафа дар ҳаққи Амру ибн Хинд гуфта буд.

----------

----------

----------

----------

*Эй кошки ба ҷои подшоҳ Амру,*
*Гове ҷўшоӣ дар атрофии хаймаҳоямон медоштем.*
*Қасам ба умри ту, ки Кобус ибн Хинд*
*Мулки худро бо аҳмақони бисёре олуда кардааст.*

Бар асари ин ҳаҷвиёт домоди Тарафа Амру ибн Бушр дар назди подшоҳи Хира Амру ибн Хинд дар ҳақи вай бадгўӣ кард. Амру ибн Хинд ҳам, ки аз ҳаҷви Тарафа сахт озурда буд, дар қасди қатли у ва устодаш Муталаммис афтод ва ба дасти ҳар дуи онҳо мактубе дода хоҳиш кард то ба назди омили вай дар Баҳрайн баранд ва аз у молу ҳадяҳо бигиранд. Вале Муталаммис, ки марди рузгордидаю ботаҷриба буд, мактуби худро кушода дид, ки он номаи қатли вай аст. Сипас Муталаммис номаи худро даронида, ба Тарафа ҳам таклиф кард, ки бигрезад, зерохадуи онҳоро Амру ибн Хинд ба қатл маҳкум кардааст.

Тарафа ба маслиҳати Муталаммис рози нашуд ва ба Бахрайн рафт, Омили Баҳрайн нахост, ки ўро ба қатл расонад ва аз подшоҳи Хира хоҳиш кард, ки ин корро ба каси дигаре супорад. Амру ибн Хинд мардеро аз қабилаи Тағлиб омили Баҳрайн таъйин намуд ва он мард ба Тарафа пешниҳод кард, ки тарзи қатлағро худаш интихоб кунад, то ўро ба ҳамон тарзи хостааш ба қатл расонанд. Тарафа пешниҳод намуд, ки аввал ба ў сери шароб бинушонанд ва дар ҳолати масти ба қатл расонанд.

Ҳамин тавр, ҳам кардан два Тарафа соли 569 дар сини бисту шашсолагӣ, дар Айни шўҳрату эҷод буд, аз олам даргузашт. Хоҳари ў Харнак, ки табъи расои шоири доштааст, дар ҳақи вай марсияи пурсўзе гуфтааст, ки дорои абёти зайл аст:

----------
----------
----------
-----------
*Сину соли ӯро бисту шаш сол ҳисоб кардем,*
*Вақте, ки вафот кард, у марди бузургмақоме шуда буд.*
*Умедвор будем, ки вақте ба назди мо бозмегардад,*
*На ҷавон ва на хурдсол /миёнсол/ хохад буд.*

Осори адабии Тарафа девоне ташкил менамояд, ки аз 657 байт иборат буда, ба он Яъқуб ибн ас-Саккит дар асри 1Х ва Аълам аш-Шантимири дар асри Х1 шарҳ навиштаанд. Ин девон бори нахуст соли 1870 бо саъйи шаркшиноси олмони Вилям Олвардт дар маҷмӯаи «Ал-икда-с-самин фи давовини-ш-шуарои-л-чохилийин» ва бори дигар соли 1900 бо тарҷумаи фаронсави ва муқаддимаи Макс Селигсон ба табъ расидааст.

Аз ҷумлаи ашъори Тарафа қасидаи роияи ӯст, ки бо байти зайл оғоз меёбад:

----------
----------
*Оё имрӯз ҳушёр асти ё иштиёқи хуре туро маст кардааст?*
*Ишқ ҳам навъе аз чунин /девонаги/ мебошад.*

Қасидаи долияи Тарафа, ки ба шумори муаллақоти ҳафтгона дохил шудааст, дар баҳри таввил ва дорои 104 байт буда, шарҳҳои зиёд ба он навишта шудааст.

Сабаби таълифи муаллақаи Тарафа таҳқиру беадолатие будааст, ки хешовандон ва аҳли қабилааш дар ҳақи шоир ва модараш раво дидаанд ва ӯ мехостааст, ки бо таълифи ин қасида рафтори ноҷавонмардонаи хешовандони худро маҳкум намояд.

Муаллақаи Тарафа бо қисмати ғинои /лирики/, яъне насиб оғоз гардида, дар он шоир дар бораи таваққуфи худ дар харобаи манзили маъшуқа сухан меронад. Қисмати дуюми касила пурра ба васфи шутуре бахшида шудааст, ки шоир савори он аст. Дар қисмати хитоб ё «фалсафи»-и қасида шоир суханро аз шиносонидани худаш сар карда, андешаҳояшро дар бораи инсон ва зиндаги баён мекунад. Писари амаки Маъбадро таънаву мазаммат менамояд. Муаллақа бо васияти шоир ба хешовандон ба анҷом мерасад ва шоир хоҳиш менамояд, ки пас аз маргаш пайвандон сазовори мақоми ӯ азодорӣ кунанд.

Аксари донишмандон ва муҳаққиқони таърихи адабиёти араб муаллақаи мазкури Тарафаро аз тамоми ашъори дигари аҳди ҷоҳили болотар донистаанд, ки саршори эҳсосоти латифи инсони ва андешаҳои ҷолиб дар бораи маргу зиндагӣ ва арзиши гаронбаҳои таърихист. Ҳарчанд, ки шеъри Тарафа аз лиҳози табии будани васф ва сабки баён бо қасоиди шуарои дигари аҳди ҷоҳили умумият дорад, вале бо гармии эҳсосот ва озодиву умки тафаккури гӯяндаи худ аз ашъори дигарон фарқ мекунад.

Тарафа шоирест бо шахсияти қави ва фикри озоду равшании баён ва орӣ аз эътиқоди дини. Андешаҳои ҳикматомези ӯ мавлуди зиндагии ӯст, ки баъзеи онҳо ба дараҷаи мақолу ҳикматҳои пурарзиш вирди забони омма гардидааст. Аз ҷумла абёти зайл:

----------
----------
----------
----------

*Зулму ситами хешовандон сахттар аст,*
*Барои мард аз захми теғи ҳиндӣ.*
*Он чиро ки намедонисти, рӯзгор бароят хоҳад омӯхт,*
*Ва аз он чизе ки напурсидаи, хабар хоҳад дод.*

Тарафа маргро барои ғаниву фақир, кариму бахил ва далеру тарсу ҳатмӣ медонад ва аз ин хотир ба натиҷае мерасад, ки одами бояд умрро ғанимат донад, аз зиндагӣ лаззат барад ва умрро дар роҳи ҷавонмардиву саховат ва дастгирии ниёзмандон сарф намояд. Шоир ба ин маънӣ мегуяд:

----------
----------
----------
----------
----------
----------

*Эй он ки маро дар лаззатчӯи маломат мекуни ва аз ҷанг метарсони,*
*Вале агар лаззатҷӯиро тарк кунам, оё ту ба ман умри ҷовидон мебахшӣ?*
*Ва агар маргро аз сари ман дафъ карда натавони,*
*Маро ба ҳоллам гузор то аз умрам ба қадри тавонам баҳра барам .*

*Қасам ба умри ту, ки аз марг касеро халосӣ нест,*
*Мо монанди чорвоён ҳастем, ки бо ресмон баста сар додан*
*ва нуки ресмонро соҳибамон дар даст дорад.*

Аз ин хотир, ба андешаи шоир вақте ки марг ҳатмист, дасти кушода бояд дошт ва аз бухлу хариси пархез бояд кард. Ростиву шуҷоат ва саховату ҷавонмардӣ бояд пеша намуд:

----------

----------

----------

----------

*Валекин дур кардааст аз ман одамонро ҷуръатам,*
*Сидқу рости ва устувориям.*
*Агар қавм /мардум/ ҳама даст ба силоҳ баранд, маро хоҳӣ дид, ки*
*Дар даст шамшер аз ҳеҷ гуна силоҳе бок надорам.*

Шоир майгусориро яке аз воситаҳои асосии хушгузаронии зиндагӣ медонад ва умуман мавӯи май ва майгусорӣ дар ашори ӯ мақоме дошта аз ин лиҳоз ӯро яке аз пешвоёни ин мавзӯъ дар адбиёти араб донистан мумкин аст. Аз ҷумлаи абёти маъруфи ӯ дар васфи май байти зерин аст:

----------

----------

*Маро бигзор, ки дар зиндагиам гулуи худро аз май сероб созам,*
*Хоҳӣ донист, ки фардо чун бимирем, кадоме аз мо ташна аз дунё хоҳад рафт.*

Тарафа зиндагиро фақат барои зинда мондан дӯст намедорад, зеро медонад, ки оқибати зиндагӣ марг аст. Ӯ мехоҳад, ки дар тулии умри кӯтоҳ бо тамоми вуҷуди хеш аз зиндагӣ лаззат барад. Вале ҳангоме, ки масъалаи ҳифзи ору номус, иззати нафс ва шарафи ҷавонмарди пеш меояд, аз марг парвое надорад ва зиндагиву лаззатҷӯӣ барояш дар дараҷаи дуюм қарор мегирад.

Маълум мегардад, ки Тарафа дар шоири бештар ба тафаккур майл дорад, вале тафаккури ӯ амалист, на маҳсули андешаи илмӣ. Ӯ бештар ба амри эҳсосоти хеш итоат карда ва аз ин рӯ ташбеҳоти ҳисси дар ашъори вай мақоми зиёд пайдо кардааст. Бо вуҷуди ин дар истифода ва офариниши ташбеҳот Тарафа ба пояи Имрул Қайс расида наметавонад.

Дар ашъори Тарафа фасоҳат ва равшании баён мушоҳида мешавад, вале баъзан истифодаи алфозу таъбироти печида ва

бегона дар онҳо роҳ ёфтаанд ва ин ҳолат алалхусус дар қисматҳои ба васфи шутур бахшидашуда зиёд ба назар мерасад.

Шеъри Тарафа дорои арзиши фарвони таърихи низ буда, аз муаллақаи ӯ хоҳем дарёфт, ки фазилатҳои ахлоқии аъроби аҳди ҷоҳили чи гуна будаанд, хоҳем донист, ки дар он замон киштиҳои дарёнавардони араб аз халиҷи форс мегузаштаанд ва сӯи Дачла мерафтаанд, дар Баҳрайн санъати киштисозӣ ва дар Яман рангрези будааст. Ҳамчунин ашъори Тарафа дар бораи баъзе ҷузъиёти ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои ҳамсояи шибҳи Ҷазираи Арабистон маълумот дода метавонад.

## УБАЙД ИБН АЛ-АБРАС /ТАВ 454-455/

Убайд ибн ал-Абрас аз ҷумлаи шоирони қабилаи Мазар буда, тибқи ахбори Умар Фаррух ва баъзе муҳақиқони дигар соли 455 ба дунё омадааст. Ривоёте ҳам мавҷуд аст, ки гӯё ӯ дар ҷавонӣ шеър намегуфтааст ва сабаби бо шеър шуғл варзиданаш он будааст, ки шаб марде дар хоб дар дилаш маҷмӯаи ашъори арабро ҷой додаст ва ӯ пас аз он ба машқи шеър оғоз кардааст. Дар асл дар таърихи таваллуди Убайд ибн ал-Абрас ихтилофот аст ва санади вилодати ӯ чандон возеҳ нест. Ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар айёми подшоҳии падари Имрул Қайс-Хучр ибн ал-Хорис ал-Кинди зиндагӣ кардааст ва надими ин подшоҳ будааст. Ҷуз ин воқеаи бо шафоати Убайд аз зиндони Хучр ибн ал-Хорис озод шудани ҳамқабилагони аз супоридани хироҷ саркаши кардаи ӯ низ маълум аст.

Зиндагии минбаъдаи Убайд дар хидмати подшоҳони Хираи Ироқ гузашта, ӯ муддати зиёде мукарраби дарбори подшоҳони мунзири будааст. Дар бораи катли Убайд ибн ал-Абрас, ки соли 545 бо амри мунзир ибн Муиссамо вокеъ шудааст, ривояте мавҷуд аст. Тибқи ин ривоят Мунзир ҳангоми ғазаб ду надими худро ба қатл расонида, рузи дигар аз кардаи худ пушаймон шудааст ва барои ҳар кадоми онҳо макбарае сохта, дар муддати як сол ҳар руз дар сари қабри онҳо менишастааст. Яке аз ин рӯзҳо рӯзи хуш ва дигаре рузи бад ҳисоб мешудааст. Дар рӯзи хуш ҳар касе, ки аввал бо Мунзир дучор меомад, бояд сад шутур ба ӯ дода мешуд ва агар дар рӯзи бад дучор меомад, бояд ба қатл мерасид. Иттифоқан, Убайд ҳам дар рӯзи бад бо Мунзир дучор гардида, ба қатл расид. Албатта чунин

ривоёт то хадде афсонамонанд мебошанд, вале ҳамин қадар маълум аст, ки Убайд ибн ал- Абрас соли 554 бо амри Мунзир ибн Моиссамо ба қатл расидааст.

Осори адабии Убайд ибн ал-Абрас аз девоне иборат аст, ки соли 1913 дар Лейден ба таб расидааст. Машҳуртарин шеъри ӯ қасидаи боияи вай аст, ки баъзе донишмандони аҳди исломи онро аз ҷумлаи муаллақот донистаанд. Хатиби Табрези ин қасидаи Убайд, қасоиди Аъшо ва Нобиғаи Зубёниро ба шумори муаллақоти ҳафтгона илова кардааст ва бо ин роҳ шумораи умумии муаллақотро ба даҳ расонида, ба маҷмӯи онҳо шарҳ навиштааст.

Муаллақаи Убайд ибн ал-Абрас бо байти зерин оғоз меёбад:

----------

----------

Холи шуданд аз сокинони худ мавзеъҳои худ мавзеъҳои Малхуб

Ва Қутбиёну Зануб.

Муаллақаи мазкури Убайд ибн ал- Абрас аз якчанд қисмат иборат буда, дар қисмати аввал истодану гирифтани шоир бар харобаҳои манзили маъшуқа тасвир мегардад. Қисмати дуюми қасида аз ҳигмату мавъиза ва тавҳид иборат аст ва ин ҳолат муҳаққиқонро ба андешае овардааст, ки гӯё ин қисмат дар ҷои худ наомада бошад, зеро тибқи анъанаи қасидасароии аҳди ҷоҳили аввал васфи шутур ва баъд андешаҳои ҳиками бояд ҷой дода шаванд. Қисмати сеюми қасида ба васфи шутур бахшида шуда, дар он шоир шутури худро ба гурхаре, ки дар пахлӯҳояш нишони дандон аст ва ба гови наре, ки дар мавзеи пургиёҳ мечарад, ташбеҳ мекунад. Қасида бо васфи асп ва ташбеҳи он ба уқоб ба анҷом мерасад.

Ҳунари шоирии Убайд ибн ал-Абрас беш аз ҳама дар фахру васф ва ҳикмату рисо /марсия/ зоҳир мегардад. Васфҳои шоир зинда ва табии буда, ба василаи онҳо ӯ мехоҳад саҳнаҳои табиатро чунонки худ мебинад, ба шунаванда нишон диҳад. Баъзан ӯ зимни тасвир ба зикри қиссае пардохта, ба васф обу ранги ҷолиб мебахшад, алфозу таъбиротро чунон интихоб мекунад, ки барои офариниши маъни хидмат менамоянд.

Ҳамин тартиби муносиби алфоз ва такрорҳои бамаврид саҳнаҳои васфшавандаи ӯро боз ҳам муассиру ҷолибтар

менамоянд. Аз ҷумла дар пораи зерин аз муаллақаи ӯ, ки дар он аспи худро ба уқобе ташбеҳ медиҳад:

----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------
----------

*Уқоб босуръат бархост*
*Ва ба суи он рубоҳ парвоз кард*
*Рубоҳ аз тарси вай худро ба замин пахш карда мегурехт.*
*Ва чашмонаш аз тарс аз косахона барҷаста буданд.*
*Уқоб ба ӯ расид ва ба замин афканд*
*Ва сайд дар чанголи у афтод.*
*Боз сайдро бар замин куфт*
*Ва аз зарби замини сахт руи вай баднамо гардид.*
*Уқоб бори дигар бозгашта ӯро баланд бардошт*
*Ва аз боло ба поён партофт*
*Сайд азоб мекашиду нола мекард,*
Дар ҳоле, ки чанголи уқоб паҳлӯҳояшро сурох карда буд.

Ҳамин тавр, Убайд ибн ал- Абрас яке аз устодони васф дар шеъри аҳди ҷоҳили буда, саҳнаҳои ҷолиб ва манзараҳои муассири табиати биёбон ва мавҷудоти онро офарида тавонистааст, ки имрӯз ҳам зебои ва таровати худро аз даст надодаанд.

## ХОРИЗ ИБН ХИЛЛИЗА /ваф, ҳудуди 580/

Хорис ибн Хиллиза ал-Юшкари аз ҷумлаи бузургон ва сарварони қабилаи Бакр ибн Воил буда, ӯ чун шоири қабилаи таглиб-Амру ибн Кулсун бо санги тулонии миёни кабилаҳои Бакру ибн Таглиб, ки бо номи «Чангу Басус», шӯҳрат пайдо кардааст, иртибот дорад.

Дар бораи баъзе ҷузъиёти зиндагии Хорис ибн Хиллиза асосан ахборе маълумот медиҳанд, ки дар робита бо ҷанги мазкур зикр шудаанд. Тибқи ин ривоятҳо ҷанги миёни қабилаҳои Бакр ва Таглиб бори нахуст бо довари подшоҳи Хира-Мунзир ибн Моиссамо ба анҷом расид, вале ба зудӣ боз оташи ҷанг миёни онҳо афрӯхта шуд. Қабилаҳои Бакр ва Тағлиб ин дафъа боз ба подшоҳи Хира, ки акнун Амру ибн Хинд шуда буд, руҷӯъ карданд, то миёни онҳо ошти диҳад. Барои изҳори даъвоҳо ва ҳаққонияти худ аз номи қабилаи Тағлиб Амру ибн Кулсум ва аз номи Бакр Хорис ибн Хиллиза бо муаллақаҳои худ баромад карданд. Амру ибн Кулсум дар қасидааш бо худситои ва фахри аз ҳад зиёд роҳ медиҳад ва ин чун як навъ беэътинои ба иззати нафси довар, яъне Амру ибн Хинд мерасад.

Хорис ибн Хиллиза муаллақаи худро бо байти зерин, ки минбаъд вирди забонҳо гардид, оғоз намуд:

----------

----------

*Асмо гуфт, ки аз мо чудо хохад шуд,*
*Бисёранд онхое, ки икомати зиёдашон боиси малол мегардад,*
*вале иқомати ӯ /Асмо/ боиси малоли касе нахоҳад шуд.*

Сипас Хориз ибн Хиллиза муаллақаи худро идома дода чун марди гарму сарди рӯзгор дида ба ради даъвоҳои ҳарифи худ пардохт ва дар мавриди муносиб байтҳои ситоиши дар мадҳи Амру ибн Хинд илова кард.

Ниҳоят, подшоҳи Хира-Амру ибн Хинд ҷангро ба фоидаи қабилаи Бакр, яъне қабилаи Хорис ибн Хиллиза ҳал кард ва бо ҳамин ҷанги тулонии миёни ду қабила ба анҷом расид.

Зоҳиран, Хорис ибн Хиллиза умри хеле тулони дидааст ва ба қавли баъзе муаллифони аҳди исломи ӯ ҳангоми таълифи муаллақаи мазкур 135 сола будааст. Таърихи вафоти ӯро дар ҳудуди соли 580 милоди донистаанд.

Теъдоди ашъори Хорис ибн Хиллиза чандон зиёд нест ва сабаби шӯҳрати бузурги ӯ ҳамон муаллақаи вай аст, ки бо номи «Озантано» маъруф аст ва шуарои форсизабон ҳам аз он ёд кардаанд. Аз ҷумла Манучеҳрии Домғони дар байти зерин бо зикри «Озантано» Хорис ибн Хиллиза ва муаллақаи ӯро дар назар доштааст ва мурод аз «Аз-зохибин», «Ас-сайфу асдак» ва «Абла-л-

хаво» касидахои маъруфи се шоири дигари араб-Имрул Кайс, Абу Таммом ва Ал-Мутанабби мебошад:

Он ки гуфт «озантано», он ки гуфт «Аз- зоҳибин»,
Он ки гуфт «Ас-сайфу Аскад», он ки гуфт «Абла-л-ҳаво».

Муаллақаи Хорис ибн Хиллиза дорои қофияи ҳамза буда, аз 85 байт иборат аст ва дар баҳри хафиф эҷод шудааст. Ба ин қасида Хатиби Табрези ва Зузани шарҳ навиштаанд ва шарҳи Зузани соли 1820 дар Оксфорд ва соли 1827 дар Бони /Олмон/ ба таъб расидааст. Тарҷумаи ин қасида бо забонҳои лотини ва фаронсави низ мавҷуд аст.

Сабаби таълифи муаллақи мазкури Хорис ибн Хиллиза, чунонки қаблан зикр гардида буд, ҷанги миёни қабилаҳои бакру тағлиб, дифои даъвоҳои қабилаи худ ва рад намудани даъвоҳои Амру ибн Кулсум-шоири қабилаи Тағлиб мебошад. Қасида маъмулан бо тасвири истодану гиристани шоир дар харобаҳои манзили маъшуқа, васфи шутуру ташбеҳи он ба шутурмурғ оғоз меёбад. Сипас шоир ба ради даъвоҳои тағлибиён гузашта, ба исботи дурӯғ будани қавли хасм ва ситамгории вай мепардозад. Шоир таъкид мекунад, ки ба даъвоҳои ботили тағлибиён на Амру ибн Хинд аҳамият хоҳад дод ва он на ба Бакриён асаре хоҳад кард. Баъд аз ин шоир ба муфоҳарот мегузарад ва аз паймоншикании тағлибиён ёд оварда, аз дустии миёни Амру ибн Хинд ва қабилаи Бакр сухан ба миён меорад ва подшоҳи Хира-Амру ибн Хиндро мадҳ мегуяд. Ниҳоят, суханро бо зикри хидматҳои бакриён ба подшоҳони Хира, хешовандии миёни подшоҳи Хира ва бакриён ба охир мерасонад.

Аз мазмуни муаллақаи Хорис ибн Хиллиза маълум мегардад, ки он лаҳни хитоби ва ҳамоси дорад ва муаллифи он хатабе комил ва суханваре оташин сухан аст. Ӯ дар ин муаллақаи ҳадаферо ба миён гузошта тамоми воситаҳои ҳунариро барои расидан ба ин ҳадаф ба кор мебарад. Ҳадафи ӯ ҷалби таваҷҷӯҳи довари ҷанг- Амру ибн Хинд ба қабилаи худ аст ва шоир саъй мекунад, ки подшоҳи Хира низоъро ба нафъи қабилаи Бакр, ки Хорис ибн Хиллиза намояндаи он аст ҳал намояд.

Шоир бо далелу бурҳонхои ҳакимони ба дифои қавмаш бармехезад ва даъвоҳои хасмро ботил месозад. Ӯ барои таъкиди далелҳояш баъзан аз қиссаҳо ва воқеоти таърихи, ки вазифаи ташбеҳҳоти ҳиссиро адо мекунанд, истифода менамояд ва рухи

ҳамосавию паҳлавонии қасидаи худро тақвият мебахшад. Аз ҷумла ӯ дар байтҳои зерин мегӯяд:

----------

----------

----------

----------

*Дар маъракаи Шорики Шакика, ки Маъад омад ва ҳар гурӯҳ Байрақе дошт,*

*Ҷанговарони ҷавшанпуш гирди Қайсро давра гирифта буданд ва марде кӯҳпайкар аз Карз ном мавзеъ ба назди вай омада буд.*

*Мо бо найзаҳоямон, ки хун аз онҳо чун об аз машкҳо ҷори буд, онҳоро боз пас рондем,*

*Коре, ки мо бо онҳо кардем, ҷуз худо касе нахоҳад донист ва ҳатто хунбаҳои куштагонашонро ҳам нададем.*

Дар муаллакаи Хорис ибн Хиллиза унсурхои тавсифи ҳамосӣ ва достони зиёд ба назар мерасад, ки намунаи онҳо тавсифоти абёти зерин аст:

----------

----------

----------

----------

Шомгоҳон азм мекунанд, ки бо мо ҷанг хоҳанд кард.

Вале субҳгоҳ ба ғавғо табдил меёбад.

Корашон ин аст, ки аз як сӯ яке фарёд мезанад ва дигаре аз сӯи дигар ба фарёди вай ҷавоб медиҳад.

Ва садои онҳо бо наъраи шутурҳо ва шихаи аспон омехта мегардад.

Муаллақаи Хорис ибн Хиллиза ба замми мақоми ҳунари адаби ва тасивроти ҳаммосиву хитоби дорои арзиши таърихии муҳим низ мебошад. Дар ин қасида бо абёти зиёде мувоҷеҳ мегардем, ки дар бораи ҷанги миёни қабилаҳои Бакру Тағлиб, воқеоти сиёсиву иҷтимоӣ дарбори подшоҳони Хира, сабабҳои ҷанг миёни қабилаҳо ва ҳодисаву воқеоти дигари таърихи маълумот медиҳанд. Умуман, дар муаллақаи Хорис ибн Хиллиза омезиши шеъру хитоба возеҳ ба назар мерасад.

## АМРУ ИБН КУЛСУМ /ваф. Худуди 600м./

Абуласвад Амру ибн Кулсум, ки қасидаи муаллакааш чун Хорис ибн Хиллиза бо ҷанги Басус иртибот дорад, дар хонаводаи сарвари қабилаи Тағлиб-Кулсум ба дунё омадааст. Модараш-Лайло духтари шоир аҳди ҷоҳили- Мухалхил будааст. Қабилаи Тағлиб аз зумраи бонуфузтарин қабилаҳои Чазмраталараб будаанд ва дар бораи онҳо мегуфтаанд: «Агар зуҳури ислом таърих мекард, Бану Тағлиб мардумро мехӯрданд». Амру ибн Кулсум ҳануз дар 15 солаги ба мақоми раиси қабилаи худ расида буд ва таҳти сарварии ӯ қабилааш пирузиҳои зиёд дар ҷангхоба даст овард.

Чуночи дар шарҳи холи Хорис ибн Халлиза зикр гардид, Амру ибн Кулсум, шоир ва раиси қабилаи Тағлиб ҳангоми доварии подшоҳи Хира-Амру ибн Хинд буд, вале Амру ибн Кулсум дар муаллақаи худ ба ифтихороти қавми ва худситоии зиёд роҳ дода эҳтироми подшоҳи ва довари Амру ибн Ҳиндро ба ҷо наовард ва дар натиҷа Амру ибн Ҳинд корро ба манфиати қабилаи Хорис ибн Хиллиза, яъне қабилаи Бакр ҳал намуд ва ҳаққонияти даъвои онҳоро эътироф кард.

Ҳамин тавр, тағлибиён навмеду озурда аз Амру ибн Хинд бозгаштанд ва соли 569 воқеае сабаб гардиду Амру ибн Кулсум подшоҳи Хира-Амру ибн Хиндро ба қатл расонид. Воқеа ин буд, ки боре Амру ибн Хинд дар назди надими хеш худситои намуда гуфт; ки оё дар тамоми Ҷазиратулараб касе бошад, ки модараш аз хидмати модари  Амру ибн Ҳинд саркаши карда тавонад? Надимон гуфтанд, ки чунин кас Амру ибн Кулсум ва модари ӯ Лайлост, ки падараш Мухалхил, амакаш Кулайб ва шавҳараш Кулсум ибн Молик сарвари араб ва писараш Амру шоиру сарвари бузурги қавм аст.

Пас Амру ибн Ҳинд Амру ибн Кулсумро ба ҳузури худ талаб кард ва хоҳиш намуд, ки модарашро низ ҳамроҳ бигиранд. Чун Амру ибн Кулсум бо модари худ Лайло ба дарбори подшоҳи Хира ҳозир шуд, модари Амру ибн Ҳинд фармон дод, то таому ширинҳо ҳозир кунанд. Чун таом оварданд, модари Амру ибн Хинд ба модари Амру ибн Кулсум амр дод, ки табақи таомро ба назди ӯ орад. Вале Лайло қабул накард ва гуфт, ки ҳар кас ба чизе, ки ниёз дорад, худ барои ниёзи хеш бояд бархезад. Вақте, ки модари Амру ибн Ҳинд ба амри худ исрор кард, Лайло фарёд намуд, ки: «Эй қавми Тағлиб, ба чи хори афтодам!»

Амру ибн Кулсум фарёди модарро шунида аз воқеа огоҳ шуду ба хашм омад ва шамшери Амру ибн Ҳиндро, ки дар равоқи хона овезон буд, гирифт, зеро худ силоҳе надошт ва дар ҳолати хашм бо ҳамон шамшер Амру ибн Хиндро ба қатл расонд. Сипас ҳамқабилагони Амру ибн Кулсум бо нидои ӯ ҷамъ омада, қасри Амру ибн Ҳиндро ғорат карданд ва ба мавзеи қабилаи худ баргаштанд.

Дар натиҷаи қатли Амру ибн Тағлиб душмани ба вуҷуд омад. Тадриҷан қабилаи Тағлиб гирифтори парешониву овораги гардиданд ва Амру ибн Кулсум ба асорат афтод. Ӯ баъди озоди аз асорат низ ба таҳдиди Абуяъкуб Нуъмон бо ҳаҷв ҷавоб дод. Зоҳиран, Амру ибн Кулсум умритулони дида , дар ҳудуди соли 600 вафот кардааст.

Аз Амру ибн Кулсум ашъори каме дар фахру ҳаҷв ва мадҳ боқӣ мондааст, ки машҳуртарини онҳо муаллақаест, ки зикраш рафта ва қисмате аз он дар ҳузури Амру ибн Ҳинд дар муқобили муаллақаи Хорис ибн Хиллиза хонда шудааст.

Муаллақаи Амру ибн Кулсум қасидаи нуния буда, дар баҳри Вофир таълиф шудааст ва ба он Зузани, Хатиби Табрези ва дигарон шарҳҳо навиштаанд муаллакаи мазкур соли 1819 ба таъб расида, бо забонҳои фаронсави, лотини, англиси ва ғайра тарҷума гардидааст.

Муаллақаи Амру ибн Кулсум бо абёти зайл оғоз мегардад:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

*Эй соқӣ, вақти сабуҳи расида, аз хоб бедор шав*
*Ҷомро пурмай кун ва шароби «андарин»-ро аз мо дареғ мадор.*
*Аз шароби софи ва аз заъфарон гулрангшуда*
*Чунон мастам кун, ки дунёро фаромӯш созам.*
*Шаробе ба ман деҳ, ки ҳар соғари он*
*Ғамҳои дил ва андӯҳи дунёро аз ёдам бибарад*

Мазмуну мундариҷаи муаллакаи Амру ибн Кулсум аз лиҳози замони таълиф ба ду қисмат ҷудо мешавад. Дар бахши аввал воқеаи барои довари ба Амру ибн Ҳинд муроҷиат кардани қабилаҳои Бакру Тағлиб ва дифоъи манфиатҳои қабилаи Тағлиб баён гардидааст. Дар қисмати дуюм, ки баъди гузашти фосилаи

замони таълиф шудааст, воқеаи қатли Амру ибн Хинд бо дасти шоир тасвир гардидааст.

Пас аз муқаддимаи кӯтоҳе дар хитоб ба сокиву маю маъшуқ то байти 48-уми қасида иборат аз фахр аст, ки шоир барои исботи даъвоҳои қабилаи хеш ва бартари бар қабилаи Бакр гуфтааст. Аз байти 48 то охири қасида, ки марбут ба воқеаи қатли Амру ибн Хинд аст, дорои мазмуни худситои, тайъиди тан надодан ба ору ситам аст.

Муаллақаи мазкури Амру ибн Кулсум дар адаби аҳди ҷоҳили ва алалхусус миёни қабилаи Тағлиб чунон шӯҳрате доштааст, ки онро чун ҳамосаи қавмии худ медонистаанд ва хурду калони қабила онро бар мекардаанд. Ҳатто дар байни қабилаи Бакр байти зерин маъруф буд, ки аз шӯҳрати муаллакаи Амру ибн Кулсум миёни тағлибиён гувоҳи медиҳад:

----------

----------

Бани Тағлибро аз ҳар гуна кори бузург боздоштааст

Қасидае, ки Амру ибн Кулсум гуфтааст.

Амру ибн Кулсум, ки худ савари қабилааш буд, бо он гурӯҳу ифтихор мекард ва мехост, ки шараф ва бузургиву бартарии онро нигоҳ дорад. Барои ин тамоми ҳунари суханварии худро ба кор мебурд, ҳатто аз гурӯҳу худситоиҳои муболиғаомез ҳам худдори намекард ва аз иғрокҳои ҳамоси ҳам рӯ намегардонд. Чунончи дар абёти зайл меугяд:

----------

----------

----------

----------

Хушки /замин/ аз вуҷуди мо пур гашт ва ҳатто он барои мо танг гардид,

Ва рӯи оби дарёҳоро ҳам бо киштиҳои худ пушонидем.

Вақте, ки кудакони мо аз сини ширхораги мегузаранд,

Ситамгорон ҳама дар пеши онҳо сар фуруд меоранд.

Оҳанги ҳамоси ва паҳлавонии муаллақаи Амру ибн Кулсумро тасвири руҳи қаҳрамононаи тағлибиён, ки зану мард, пиру ҷавон ҳама далеру шуҷоъ, соҳиби иззати нафсу, карам, дастгири панохандагон, нанги Тағлиб мебошанд, тақвият медиҳанд. Аз

ҷумла, дар байтҳои зерин занони Тағлиб низ бо сифатҳои далериву шуҷоат ва қаҳрамони тасвир шудаанд:

----------
----------
----------
----------

*Дар ақиби мо занҳои сафедпусте, ки зиллату*
*Мо барои ба асорат наафтодани онҳо ҷонфишони мекунем.*
*Онҳо аспони моро алаф медиҳанд ва мегуянд:*
*Шумо шавҳарони мо нестед, агар моро асири душман созед.*

Муаллақаи Амру ибн Кулсум воқеан аз ҷихати фаровонии унсурҳои ҳамоси, таърихи ва иҷтимоӣ ҷолибтарин қасидаи аҳди ҷоҳили мебошад, ки аз ҳар байти он руҳи ҳамоси, ғуруру иззати нафс, далерую шуҷоат, оштинопазири бо зулму ситам ва дигар сифатҳои аъроби аҳди ҷоҳили эҳсос мегардад.

## НОБИҒА АЗ-ЗУБЁНИ /535-604/

Қабл аз он ки дар бораи рӯзгор ва осори яке аз саромадони шеъри мадеҳави ва сиёси дар адбиёти араб Абу Амома Зиёд ибн Муовияи маъруф ба Нобиға аз-Зубиёни сухан ба миён ояд, лозим меояд, ки дар бораи муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва адабие, ки ӯро ба майдони адабиёт овардааст, ба таври мухтасар тавaққуф карда шавад.

Дар миёни қабилаҳои Гатфон дар аҳди ҷоҳилият ду қабилае бо номҳои Абас ва Зубён шӯҳрати зиёд доштанд, ки дар шимолу ғарбии Наҷд /Арабистони Сауди/ зиндагӣ мекарданд. Дар солҳои хушксоли, ки дар ин сарзамин бисёр воқеа мешуд, гуруснагӣ ҳукмфармо мегардид ва мардум муддатҳо бо обу гиёҳ қаноат мекарданд. Дар аксар мавридҳо барои халоси аз чанголи гуруснагӣ лозим меомад, ки ба кишварҳои ҳамсоя ҳуҷум намоянд, то ғанимате ба даст оранд. Аз ин сабаб зиндагиашон бо ҷангу хунрезиҳои паёпай мегузашт.

Аз рӯи таърихи пайдоиши худ қабилаҳои Абас ва Зубён аз наслҳои ду нафаре буданд, ки писари амаки якдигар ҳисоб мешуданд, ва ба қабилаи Гатфон тааллуқ доштанд. Дар оғоз ҳар ду қабила бо ҳам муносибатҳои дустиву хешованди дошта, дар ҳолатҳои душвор якдигарро дастгири мекарданд. Вале воқеае сабаб шуду кинаву адоват миёни ин ду қабила оғоз ёфт ва ба ҷанги

чилсола анҷомид. Сабаби ин ҷанг мусобиқаи ду асп-аспи сардори қабилаи Абас- Кайч ибн Зухайр ва раиси қабилаи Зубён Хузайфа ибн Бадр будааст. Аспи раиси  Абас Дохис ном дошта, номи аспи раиси Зубён Габбро буд. Ин ду асп дар давидан бояд мусобиқа мекарданд ва ҳар аспе, ки дар мусобиқа ғолиб меояд, ҷониби мағлуб бояд ба соҳиби он сад шутур медод. Дохис дар ин мусобиқа пешмерафт, вале соҳиби Габбро-раиси қабилаи Зубён Хузайфа ибн Бадр ба одамони худ пинҳони амр дода буд, ки Дохисро пеш гузаштан намонанд ва онро рамонида аз роҳ бароранд. Ҳамин тавр шуд ва Габбро пеш гузашт, вале Қайс ибн Зухайр эътироз кард ва аз додани сад шутур саркаши кард. Дар асари ин воқеа миёни ду қабила ҷанге ғгоз шуд, ки бо номи «Харбу-с-сибок» / «ҷанги мусобиқаи аспдавонӣ»/ ва «Харбу-д-Дохис ва Габро» / «чанги Дохис ва Габро»/ шухрат ёфт. Ин чанги тулони 40 сол идома ёфт ва достонҳои зиёде дар бораи он ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумлаи паҳлавонони ин ҷанг Антарату-л-фаворис аст.

Дар ин овон ду давлати маҳаллии арабие ҳам арзи вуҷуд доштаанд, ки миёни ҳамдигар душмани ва низои доими барои нуфузи худ дар минтақа доштанд. Яке аз ин давлатҳо Мунзириёни Хира буданд, ки таҳти таъсири Сосониён қарор доштанд ва дигаре давлати Ғассониёни Яман зери таъсири Рум буданд. Қабилаҳои араб дар навбати худ зери таъсири ин ду давлат қарор доштанд ё ногузир буданд, ки баъзан барои наҷотёби аз кахтсоли ба сарҳадоти онҳо ҳуҷум кунанд. Аз ҷумла Бани Зубён дар солҳои хушксоли ба мавзеъҳои сарҳадии Гассониён ҳуҷум мекарданд ва ҳангоми шикаст қабилаи Бани Асад, ки ҷонибдори ҳукумати Хира буданд ба ёрии онҳо меомаданд.

Дар миёни давлатҳои Ҳира ва Ғассониён низ ҳамеша ҷангу низоъ вусъати нуфузи худ дар Чазиратулараб ба амал меомад. Ҷангҳое, ки дар солҳои 554, 570 ва 580 миёни ҳукуматҳои Хирраву Гассониён воқеъ гардидаанд, ба ягон ҷониб пирузи наовардаанд. Ҷангҳо миёни ин ду давлат дар оғози зуҳури ислом низ идома доштаанд.

Подшоҳи Хира-Нуъмон ибн Мунзир /580-602/ дар баробари ҳуҷумҳои Ғассониён истодагари кард ва барои вусъати нуфузи давлати худ ва пайдо кардани ҷонибдорону хайрхоҳон аз миёни қабилаҳои араб шоиронеро чун Лабид, Аъшо, Хассон ибн Собит ва дигарон ба дарбори хеш даъват намуд ва молу неъмат ато кард. Ин

шоирон дар миёни қабилаҳояшон аз шаҳомату бузурги ва қудрати подшоҳони Ҳира ёд мекарданд ва ҳисси ҷонибдориву хайрхоҳи дар миёни қабилаҳо нисбат ба давлати Хира бедор мекарданд. Яке аз чунин шоирон Нобиға аз-Зубёни буд, ки дар баробари мадеҳасароии подшоҳони Ҳира ва Ғассониён манфиатҳои қабилаи худро ҳам ҳимоя мекард.

Дар ашъори иддае аз шоирони аҳди ҷоҳили таъсири мактаби адабие мушоҳида мешавад, ки онро мактаби Мазари ё Авси меноманд ва бунёдгузори ин мактаб Авс ибн Ҳучр маҳсуб мешавад. Хусусияти асосии ин мактаб дар он зоҳир мегардад, ки дар ашъори намояндагони он дар баробари таъсири зиндагии бодия, осори қабилаҳои шаҳрнишини Бакр ва таъсири тамаддуни эрони ба назар мерасад.

Авс ибн Хучр шоире аз қабилаи Нумайр буд, ки ба хидмати дарбори Амру ибн Ҳинд рафт ва мадеҳасарои ӯ гардид. Ӯ дорои девони шеър аст, ки соли 1892 дар Вена дар тарҷума ба олмонӣ ба таъб расидааст.

Шеъри Авс ибн Хуҷр низ чун ашъори дигар шуарои аҳди ҷоҳили мавлуди зиндагии бодия аст ва бар тасвироти ҳисси асос ёфтааст. Авс ибн Хучр асосан пайрави Имрул Қайс дар вокеъгароист ва тасвири ҳолати руҳӣ ва андешаву ҳикмат дар шеъраш мақоме надорад.

Яке аз хусусиятҳои асосии мактаби адабии Авс ибн Хучр дар он аст, ки шеър бадохатан ва якбора эҷод намешавад, балки шоир барои ҷустуҷӯи санъати сухан саъй мекунад. Шоирони ин мактаб ба санъатҳои сухан аз қабили ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва ғайра, ки бунёди ҳунари ва тасаннуӣ доранд, бештар майл менамоянд, ки ин ҳол зоҳиран натиҷаи таъсири шаҳрҳо ва тамаддуни шаҳрнишинон ба шеъри ин шоирон аст. Бузургтарин шоири ин мактаб пас аз Авс ибн Хучр Нобиға аз Зубёни мебошад.

Нобиға аз- Зубёни аввалин шоири дарбори дар таърихи адабиёти араб дониста шудааст ва сабаби Нобиға тахаллус доштанашро дар бузургии мақоми ӯ дар шоири ва зиёдии ашораш нишон доданд.

Нобиға аз - Зубёни фаъолияти мадеҳасароии худро аз дарбори подшоҳи Хира Амру ибн Ҳинд /569-580/ оғоз кард ва қасоиде чанд дар матҳи ин подшоҳ гуфт, ки яке аз онҳо қасида дар таҳнияти ҷулуси Ару ибн Ҳинд бар тахти подшоҳӣ мебошад. Нобиға-

Зоҳиран муддате кӯтоҳ дар хидмати Ғассониён низ будааст ва баъди ба тахти подшоҳӣ нишастани Абуқобус Нуъмон ибн Мунзир /580-602/ боз ба Хира баргаштанд, қисмати зиёди умри худро дар мадҳасароии ин подшоҳ гузаронидааст. Дар аҳди ин подшоҳ Нобиға соҳиби чунон макону иззат ва ному неъмате будааст, ки дар зарфҳои тиллои ва нуқраги таъом мехӯрдааст. Чунин макону маъзалати шоир боиси ҳасаду нотавонбинии аҳли дарбор гардида, ба ӯ тухмат карданд ва ҳатто кор ба ҷое расидааст, ки Нуъмон ибн Мунзир фармони қатли вайро баровардааст. Усома ном ҳоҷиби подшоҳ пинҳони ба Нобиға хабари фармонро дар бораи қатли вай расонидааст ва Нобиға аз Хира фирор намуда, аввал ба қабилаи худ ва сипас дар ҳудуди соли 587 ба хидмати 6-умин подшоҳи Ғассониён Амру ибн ал-Хорис рафтааст.

Нобиға дар хидмати Амру ибн ал-Хорис ва вориси вай Абу Карб Нуъмон низ бо нозу неъмат ва иззату эҳтиром мезист. Подшоҳони Ғассони ҳатто гуноҳҳои қабилаи шоирро, ки ба марзҳои сарҳадии онҳо хуҷум карда, молу чорвояшонро ба ғорат мебурданд, ба хотири Нобиға ва шафоати вай авф мекарданд. Вале бо ин ҳама Нобиға аз дарбори Хира ба кулли дил канда наметавонист ва гоҳ- гоҳ узрномае ба Нуъмон ибн Мунзир ирсол мекард. Аз ҷумла дар абёти зайл, ки аз эътизорномаи уст, мегӯяд:

----------
----------
----------
----------

Подшоҳон ва бародароне, ки ман ба назди онҳо рафтам,

Аз молҳояш ба ман бахшиданд ва маро мукарраби худ гардониданд.

Мисли рафтори ту бо қавме чун дида, ки гуноҳ карданд,

Ба хотири шукри онҳо ту гунаҳгорашон намедони.

Ниҳоят вақте Нобиға донист, ки узрномаҳояш ба Нуъмон ибн Мунзир асар карданд, роҳи Хираро пеш гирифт, зеро аввалан баъди вафоту Абукабр Нуъмон муҳити дарбори Ғассониён ба таъби ӯ мувофиқ наомад ва сониян мехост макони аввалаи худро дар дарбори Хира пайдо намояд.

Поддшоҳи Хира Нуъмон ибн Мунзир Нобиғаро хуш пазируфт ва шоир боз мақому мартабае пайдо кард. Вале соли 602 Хусрави Парвиз бо гуноҳе Нуъмон ибн Мунзирро ба қатл маҳкум

кард ва ӯро ба зери пои филҳо партофтанд. Аз ин пас Нобиға ба назди қабилаи худ рафт ва то охири умр, яъне то соли 604 дар миёни қавми худ умр ба сар бурд.

Нобиға аз зумраи бузургони қавми худ дорои иззати нафс ӯ виқор буд. Дар айшу ишрат ба лаззатҷӯӣ низ қадам аз ҳадди эътидор берун намениҳод. Ҳарчанд бо мадеҳасарои шуғл меварзид, фурумоягон ва золимонро мадҳ намегуфт. Ӯ ростқавлу вафодор ва ҷавонмарду адолатпеша буд, зулму ситам ва беадолатиро тобу тоқат надошт. Аз ин ҷост, ки ӯ дар миёни қавми зубёну қабилаҳои дигар ва дар дарборҳои подшохон эътибори зиёд дошт. Ашори ӯро мутрибон бо овозу оҳанг мехонданд, суханҳои ӯро гӯш мекарданд ва мепазируфтанд. Дар бозори Хуккос барои ӯ хаймае аз чарм омода карда буданд, ки вай дар он нишаста дар мусобиқоти шоирон довари мекард, ба шеъри онҳо баҳо медод ба раъйи ӯ ҳамеша мақбули ом меафтод.

Аз Нобиға осори зиёде боқӣ мондааст. Бори нахуст луғавии асри 1Х Асмаъаи 24 қасидаи Нобиғаро ҷамовари намуд ва дар асри Х ҷамоварандагони осори ӯ якчанд қасидаи дигарро ба девонаш илова карданд. Соли 1870 шарқшиноси англис Вилям Алвардт девони Нобиғаро дар маҷмӯае, ки девонҳои панҷ шоири дигари арабро дар бар мегирифт, ба таъб расонд.

Девони Нобиға якчанд маротиба дар Берут ва Коҳира чоп шудааст ва ба он шарҳҳои зиёде навишта шудаанд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёти араб се қасидаи Нобиғаро аз ҷумлаи машҳуртарин осори вай донистаанд ва алалхусус қасидаи боияи ӯ ва муаллақаи долияаш, ки ба Нуъмон ибн Мунзир бахшида шудааст, сазовори эътирофи умум гардидааст. Қасидаи боияи ӯ бо матлаи зайл оғоз мегардад:

----------

----------

Эй Амима-маро бигзор бо ғаму андӯҳ

Ва бо шабе, ки дар он ситорагон сайр мекунанд.

Қасидаи долияи Нобиға, ки онро дар шумори муаллақаҳо овардаанд, зоҳиран баъди фирор аз дарбори Нуъмон ибн Мунзир бо умеди авфи ӯ таълиф шудааст ва матлаи он чуни наст:

----------

----------

Хонаи Мия, ки дар баланди дар домани кӯҳ воқеъ шуда

Муддати зиёдест, ки аз сокинони худ холӣ шудааст.

Муаллақаи Нобиға маъмулан бо истодан дар кароргоҳи холимондаи маъшуқаву гиристан ба ёди ӯ оғоз шуда, сипас фасли шутур ва гови ваҳшӣ меояд ва мадҳи Нуъмон ибн Мунзиру узрхоҳии шоир ва талаби авф аз подшоҳ онро ба анҷом мерасонад. Муҳаққақон дар интихоби баъзе аз бахшҳои қасида ба Нобиға шубҳа карданд ва қисмати мансуб ба Мутачаррида завҷаи Нӯъмон ва васфи Сулаймонро дар муаллақаи Нобиға шубҳаовар донистанд.

Шеъри Нобиғаро аз лиҳози мавзӯъ иборат аз васфу мадҳ, таназзул ва ҳаҷв донистаанд. Ҳамчунин аз ҷиҳати ҳадафи таълиф ва мақсадҳои ба миён гузошта низ ашъори Нобиға ба се гурӯҳ ҷудо карда шудааст. Гурӯҳи аввалро қасидаҳое ташкил менамоянд, ки ба мадҳи подшоҳони Хира бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи дигар қасоиди марбут ба Ғассониён шомил мегарданд. Гурӯҳи сеюм аз қасидаҳое иборат аст, ки ҷамбаи сиёсӣ дошта, дар онҳо ба маъсалаҳои ҷанг ё сулҳ миёни қабилаҳои Наҷд дахл карда мешавад ва аз ин лиҳоз Нобиғаро яке аз бунёдгузорони шеъри сиёсӣ дар адабиёти араб ҳисоб кардан мумкин аст.

Яке аз мавзуоти асосии шеъри Нобиға васф ва мадҳи подшоҳони мунзириву Ғассонист ва аз ин ҷиҳат барҳақ ӯро нахустин шоири дарбори дар адабиёти араб донистаанд. Ба қавли Ханно ал-Фохури ӯ «нахустин шоири араб аст, ки дарбор ба ӯ хиёнат кард ва ӯро дар қафаси тиллоии худ маҳбус сохт ва нахустин шоири араб аст, ки шеърро дар хидмати қабила ва амчоду мафохири он карор надод». Ба таъбири дигар, вазифаи шеър миёни аъроби аҳди ҷоҳили тасаллии хотир ва сипосгузории холисонаву бетамаъ аз касе барои хидматҳояш буд ва Нобиға роҳеро дар шоири оғоз кард, ки шеърро ба фасилаи ҷаъми молу сарват ва мақому мартаба назди подшоҳон табдил дод.

Дар оғози мадеҳасарои ба подшоҳон, Нобиға барои атоҳои онҳо фақат изҳори шукру сипос мекард вале «чун таъми хуши молу макнатро чашид, зиёдат талабид ва шеъваҳое баргузид, ки мулук ва умароро бештар хушдил созад, то бар молу рифъаташ биафзояд». Аз ин ҷост, ки у зимни мадҳ саховату ҷавониардии мамдуҳро меситояд, то ӯро ба бахшиши мол таҳрик намояд ва баъзан сареҳан талаби мол менамояд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо аз гуруснагиву урёнии худ ба маҳдуд хабар медиҳад.

Нобиға фақат подшоҳону амирони Ғассонӣ ва мунзириёни Хираро мадҳ гуфта ва фақат як-ду маротиба дар бораи афроди ба қавли худаш «аз раъият», буда, қасида гуфтааст. Аз ҷумлаи ин афроди ангуштшумор сарлашкари Ғассониён Нуъмон ибн ал-Чулох аст, ки ба хотири ў духтари Нобиға ва дигар асирони зубёнии ба сарҳади ҳукумати Ғассониён ҳуҷум кардаро озод кардааст ва Нобиға ногузир қасидае ба сипоси ў гуфта, вале бо вуҷуди ин ба тарзи истисно будани ин кори худро зикр мекунад ва мегўяд:

----------

----------

Ман марде будам, ки дар тулии умр касеро аз афроди раъият мадҳ нагуфтаам

Ва ҳоло барои кори хайре, ки ту кардаи, ҳасад намебарам.

Нобиға чун шоири мадеҳасаро услуб, алфозу таъбирот ва муболиғаҳоеро нисбати мамдуҳ ба кор бурдааст, ки минбаъд ин равиш дар эҷоди мадеҳасароёни аҳди исломи ривоҷи зиёд пайдо кардааст. Аз ҷумла дар иғрокоти байти зерин, ки мамдуҳ бо офтоб ва подшоҳони дигар бо ситорагон қиёс карда шудаанд:

----------

----------

Ту офтобиву подшоҳони дигар ситораанд,

Агар офтоб тулуъ кунад, ситорае дар осмон нахоҳад монд.

Ё дар байти дигар, ки подшоҳ дар қиёс чун шаб асту ҳамаро фаро мегирад ва чизеву касе аз иҳотаи ў берун нест:

----------

----------

Ту чун шабе ҳастӣ, ки маро фаро мегирӣ,

Ҳарчанд, ки дар миёни ману ту фосилаи зиёдест.

Дар мадҳияҳои Нобиға ва узрномаҳои ў ҳодисаи дар аснои мадҳи мамдуҳ марги урофарз кардану гиристан бармамдуҳи зинда ба назар мерасад, ки муҳаққиқони адабиёти араб онро чун нуқсони мадеҳаҳои шоир муаррифи кардаанд. Ҳамчунин ҳолати дар узрномаҳо худро аз ҳад зиёд хору залил гирифтан ва виқору иззати нафси будавиро нигоҳ надоштани ў низ аз ҷмлаи айбҳои ин навъ шеъри ў дониста шудааст.

Ақлу заковат ва тадбирандешии Нобиға, мақому мартабаи ў дар назди қавми Зубён ва қабилаҳои дигар, муносибаташ бо подшоҳони Ҳира ва Ғассониён ўро ба марди сиёсие табдил дода

буд, ки суханашро гуш мекарданд, довари ва шафоаташро қабул менамуданд ва ҳукми вай дар ҳалли мушкилоти ба амал омада ба назари эътибор гирифта мешуд. Аз ин ҷост, ки Нобиға аз шеъри худ ва макому мартабааш чун марди сиёси барои дифои манфиатҳои қабилаи хеш, ҳалли мушкилоту низои миёни қабилаҳо ва давлатҳои Хирраву Ғассониён истифода мебурд. Бо истифода аз мақоми худ дар дарбори Ғассониён борҳо асирони Зубёнро, ки ба марзи Ғассониён ҳуҷум мекарданд, аз ёд намудааст. Ӯ қабилаҳоро ба иттиҳоду ҳампаймони даъват менамуд, ҳамеша чун миёнарав устуворкунандаи сулҳу мурос омиёни қабилаи худ ва Ғассониён амал мекард.

Нобиға чун марди сиёсат ва огоҳ аз авзои замон аз зиддиятҳои миёна подшоҳони Ҳира ва Ғассониён низ ба манфиати худ ва дифои қабилааш истифода мекард. Ин ду давлати мухолифи якдигар кӯшиш мекарданд, ки Нобиғаро ба дарбори худ ҷалб кунанд ва аз шеъри ӯ чун дастгоҳи таблиғоти сиёсати хеш истифода намоянд. Нобиға низ аз ин вазъ мохирона истифода карда тавонист, ки ҳам молу сарвати зиёде ҷамъ оварад ва ҳам манфиати қавли худу қабилаҳои ҳампаймони Зубёнро ҳимоя намояд.

Бархурдори аз табиати бодия ва ошнои бо зиндагии шаҳрнишини ва шуғли мадеҳасарои боиси он гардида буд, ки васф дар шеъри Нобиға мавкеи аввалдарача пайдо намояд. Дар маърази васфи Нобиға гоҳ мамдуҳе қарор дорад, гоҳ ҳайвоне чун шутур асп, гови ваҳши, ё раъду барқу борону шаб ва амсоли онҳо. Бо истифода аз эҳсосот ва дарки ҳиссии афроду ашёи васфшаванда шоир саъй мекунад, ки тасвири Айни воқеиро ба вуҷуд оварад. Чунончи дар тасвири мори афъи мегуяд:

----------
----------
----------
----------
----------
----------

Борик ва зарду нарм асту аз кутоҳи печида наметавонад,
Нигоҳе дурбин ва бегуноҳ дорад.
Бадҳайбат асту ҳайбати ӯ
Фикру андеша аз сари бинанда мерабояд.
Чашмони каҷ ва фукашро кушодаасту

Дандонҳои каҷу тези чун сузани худро намоён кардааст.

Ё дар васфи гесуи Мутачаррида-завҷаи Нуъмон ибн Мунзир чунин мегуяд:

----------

----------

Гесувони сиёҳу анбӯҳи ӯ

Монанди шохаҳои ангур аст,ки рӯи ӯро пӯшонидаанд.

Дар шеъри Нобиға ҳолате ба назар мерасад, ки шоир нисбати афроду ашъёи васфнамудааш эҳсосу авотифи руҳии худро изҳор намекунад ва ин ҳолатро бо истифодаи касасу асотири ба ҳайси тамсил баён месозад. Истифодаи касасу асотири араб ва ривоёти Таврот пеш аз Нобиға ҳам дар адаби ҷоҳили мушоҳида мешавад, вале Нобиға истифодаи кисаро унсури асосии сабки баёни худ табдил додааст ва дар тамоми мавзуот ин усулро ба кор бурдааст. Аз ҷумла, масали море, ки ҳампаймонаш ба у хиёнат намуд ва он мор оқибат аз хиёнати ҳампаймони худ раҳои ёфта хам кард, ки дигар ба вай паймон набандад, дар робита ба аҳди басташуда миёни қабилаи шоир ва қавми Бани Марра оварда мешавад. Чунин масалҳо зоҳиран дар миёни аъроби аҳди ҷоҳили қабл аз тарҷумаи «Калила ва Димна» ҳам роиҷ будаанд, чунон, ки худи Нобиға ҳам ба ин маъни ишора менамояд:

----------

----------

Он гуна,ки он мори сангиниш аз ҳампаймонаш дид,

Чунин масалҳо дар миёни мардум ривоҷ доштааст.

Чунон ки қаблан зикр гардида буд, Нобиға аз ҷумлаи шоирони мактаби Авс ибн Хучр буда, чун дигар шуарои ин мактаб ба дохатан ва якбора шеър намегуфтааст, балки мудатҳо барои ҷустуҷӯи алфозу таъбироти зебову гӯшнавоз ва маонии дақиқ андеша мекард. Аз ин сабаб дар шеъри ӯ алфозу таъбироти бегона ва дағалу нохушоянд ба мушоҳида намерасад ва мувофиқати томи миёни вазну оҳан ва алфозу таъбирот риоя мешавад. Ташбеҳ унсури асосии шеъри Нобиға аст, вале ӯ дар офариниши ташбеҳот ба пояи Имрул Қайс расида натавонистааст. Шояд ба сабаби таъсири тамаддуни шаҳри бошад, ки дар шеъри Нобиға як навъ услуби ҳунарии шабеҳ ба шуарои аҳди исломи мушоҳида мешавад ва ӯ аз санъатҳои бадеии маҷоз, истиораву киноёте истифода

намудааст, ки дар пояи ҳунарии қарнҳои минбаъда қарор доранд. Аз ҷумла дар байти Зайл ал-мадҳу бимо яшбаҳу-з-замм /мадҳе, ки ба мазаммат mананд аст/ ба назар мерасад:

----------

----------

Онҳоро айбе нест ҷуз он ки

Сафҳояшон бо шамшерҳои тези бурранда орсота аст.

Шеъри Нобиға замми он ки дорои балоғат ва фасоҳати хоси худ аст, чун таърихномаи замони шоир низ маҳсуб мегардад, зеро ба воситаи он дар бораи ҳаёти сиёси, иҷтимои ва иқтисодии ду давлати арабии он замон ҳукуматҳои Мунзириён дар Ироқ ва Ғассониён дар Яман маълумоти фаровон ба даст оварда метавонем. Шеъри Нобига ба мо дар бораи расму оинҳои дарбории ин подшоҳон, силоҳҳои ҷангӣ, санъату меъмори ва робитаҳои онҳо бо Эрону Рум маълумот медиҳад. Инчунин дар шеъри Нобиға санадҳои таърихие доир ба қавми Зубён ба қабилаҳои ҳампаймони он, воқеъоти марбут ба ҷанг ё сулҳи миёни қабилаҳо равобити қабилаҳои араб бо якдигар ва бо Мунзириёну Ғассониён ва масъалаҳои дигари марбут ба таърихи аъроби аҳди ҷоҳили пайдо карда метавонем.

Бояд гуфт, ки эҷодиёти Нобиға аз –Зубёни ба равиши минбаъдаи тахаввули адабиёти араб таъсири бузург расонид. Ӯ роҳеро оғоз кард, ки шеър ба василаи ҳигмати подшоҳон ва тамаллуку талаби молу сарват табдил ёфт. Шоирони дигаре чун лабид, Аъшо, Хассон ибн Собит ва дигарон, ин равиши Нобиғаро пеш гирифтанд. Ин ҳолат боиси як навъ рақобат миёни шуаро барои ҷалби таваҷҷӯҳи подшоҳон ва саъй барои офаринишин тасвирҳои тоза маъниҳои нав ва тафаннун гардида ҷанбаи ҳунарии шеърро вусъату тақвият бахшид. Ин ҳол ҷиҳати номатлуб ҳам дошт, зеро бар асари он шеъри араби дар банди тамаллуқ ва тамаъкорӣ афтод ва қадру маъзарати собиқи он дар назари ҷомеъаи аъроби аҳди ҷоҳили ва замонҳои баъди коста шуд.

## ЗУХАЙР ИБН АБИ СУЛМА/530-627/

Зухайр ибн Аби Сулма Рабеъа дар қабилаи Гатфон ба дунё омада падару аҷдодаш аз қабилаи Музайне, ки яке аз қабоили ташаккулёфта аз қавми Мазар аст, зуҳур кардаанд. Падари Зухайр, ки Рабеъа ном дошт, дар овони ҷавони қавми худро тарк карда, ба

қабилаи Гатфон рафт ва бо Умм Амру ном духтаре издивоҷ кард, ки ӯ модари Зухайр аст.

Айёми навраси ва камолоти Зухайр дар қабилаи Гатфон гузашта ӯ дар оғоз ӯ аз Башома ном шоире, ки тағоии падараш буд, шеъргӯиро омӯхт ва сипас дар назди бунёдгузори мактаби Авси дар шоири –Авс ибн Хучр касби камоли шоири намуда, пайрави сабки ӯ дар суханвари гардид. Аз ҷузъиёти зиндагии Зухайр ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар миёни Гатфониён умр ба сар бурда, бори аввал бо Умм Авфо ном духтаре издивоҷ кард, вале ба сабаби бефарзандӣ аз вай ҷудо шуда, бори дуюм Кабша ном занеро ба ҳамсари пазируфт, ки аз ин издивоҷ ду писари ӯ –Каъб ва Бачир ба дунё омаданд ва дар шоири чун падари худ шӯҳрат пайдо карданд.

Минбаъд Зухайр бо ду нафар бузургони сарватманди қабилаи Гатфон Харм ибн Синон ва Хорис ибн Авф, ки сабабгори сулҳи миёни қабилаҳои Абас ва Зубён дар ҷанги 40 солаи Дохис ва Габро ё «Харбу, с, сибок» буданд, қаробат пайдо намуд ва дар қасоиди худ онҳоро мадҳ мегуфт. Муаллақаи маъруфи ӯ ҳам дар мадҳи ин ду сарвари сулҳовар бахшида шудааст. Гарм ва Хорис ҳам дар навбати худ Зухайрро бо молу неъмат қадршиноси менамуданд ва ба ин васила худи шоир ҳам дар шумори таваонгарони замони хеш даромада буд.

Зухайр дар ҷомеъаи замони худ чун шахсияти ҳақиқатпарвар некхоҳу хушахлоқ ва тарғибгару ҳомии сулҳу иттиҳод миёни қабилаҳо буд. ба қавли Бутрус ал-Бустони Зухайр «Қозии сулҳ буд, ки аҳкоми худро возеҳ ва ошкор ба сурати шеър содир мекард». Ба сабаби парҳезгору худотарс ва ба рузи ҳисоб имон дотанаш баъзе муҳаққиқон ӯро пайрави масеҳия донистаанд. Зухайр бо ахлоқи ҳамида, ҳақиқату адолатҷӯӣ ва андешаҳои ҳакимонаи худ да замони зиндагии шӯҳрат доштааст ва зоҳиран умри дороз дида, соли 627 тақрибан дар ҳудуди 97-солаги вафот кардааст.

Ашъори Зухайр ибн Аби Сулма аз девоне иборат аст, ки борҳо шарҳ шуда ва соли 1888 дар Лейден, соли 1905 дар Кохира чоп шудааст. Қисмати бештари девони Зухайрро қасидаҳое ташкил менамоянд, ки дар мадҳи Харм ибн Сунон ва Хориз ибн Авф ва ашрофу бузургони дигари қабилаҳои Гатфон суруда шудаанд. Қисмати ками ашъори ӯро таназзул ва фахр ташкил менамояд. Мавзуи ҳаҷв дар қассоиди ӯ қариб куллан мавкеъ надорад ва тибқи ривоят гуё ӯ як маротиба қавмеро ҳачв гуфта боз пушаймон

шудааст. Андарз ва андешаҳои ҳакимона, ки зимни қасоиди ӯ баён карда мешаванд, дар ашъори ӯ зиёд ба назар мерасанд ва из ин лиҳоз ӯро аз зумраи нахустин шуарои ҳакими араб ҳисобидан мумкин аст.

Муҳаққиқони таърихи адабиёти араб чаҳор қасидаи Зухаррро дар шумораи машҳуртарин қасоиди ӯ овbooked, ки аз онҳо ду қасида бо қофияи «мим» ва ду қасидаи дигар бо қофияи «алиф» аст. Аз ҷумлаи ин қасоид муаллақаи ӯст, ки мимия буда, аз 64 байт иборат аст ва бо абёти зайл оғоз меёбад:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Оё аз маъшуқаи ман  Умм Авфо сухане намегӯяд,

Ҳеҷ харобае дар Хавмонатуддурроҷ ва Мутасалламм.?

Ва аз хонаи ӯ, ки дар Ракматайн, ки

Чун холҳои банди зане метобад, дигар садое намеояд?

Афсус, ки дар манзили ӯ говони ваҳшӣ ва оҳувони сафед маскан карданд,

Ва оҳубарагон аз қафои модаронашон равонаанд.

Ҳадафи аслии Зухайр аз муаллақаи мазкур он будааст, ки сабабгорони сулҳ ва анҷоми ҷанги Дохис ва Губроро, ки Харм ибн Синон ва Хориз ибн Авф буданд, ситоиш намояд ва сипосгузорӣ кунад. Ин муаллақа ба ду қисми асосӣ ҷудо мешавад, ки дар қисмати аввал мавзӯи тағаззул ва истодану гиря кардан ба харобаҳои манзили маъшуқаи шоир- Умм Авфо ва кӯч бастани қабила ба ҷои дигарро дар бар мегирад. Дар қисмати дуюм, ки мадҳ ва масъалаи сулҳу миёна қибилаҳои Абас ва Зубён бахшида шудааст, шоир бо тартиб суханро аз мадҳи сабабгорони сулҳ сар карда, сипас ҷараёни сулҳ ва паймонбанди миёни қабилаҳоро тасвир менамояд. Баъд аз он тарафҳои сулҳкунандаро насиҳат карда ҷараёни ҷангро ба ёд меорад ва қибилаҳоро аз оқибатҳои харобиовари ҷанг огоҳ намуда, аз қабилаи Зубён узр мехоҳад ва қасидаи худро ба абёте, ки мазмуни андарзи ва хигматӣ доранд, ба анҷом мерасонад.

Зухайр ибн Аби Сулма, ки дар тарбияти устоди нахустини худ Башома дар баробари шоири дарси ахлоқӣ ҳамида, хирадмандиву дурандешӣ, мурувату парҳезгорӣ ва ҳигматро омӯхта буд, чун шахсияте ба камол расид, ки дар гуфтору кирдор яксон буд, аз ҷангу хунрези ва беадолатиҳо иҷтимои парҳез мекард ва алорағми Имрул Қайс, Тарафа ва шуарои дигари аҳди ҷоҳили, шеъваи айшу компрони ва лаззатҷӯиро пеш гирифта буданд, ақлу тадбир ва покии ахлоқро шоири зиндагии хеш сохту ва ақлу покии ахлок ҳам дар зиндаги ва ҳам дар шеъри ӯ мақоми аввалдараҷа пайдо карда буд.

Албатта ақлгароии Зухайр бунёди илмии мантиқи надошт ва ӯ бо низоми донишҳо ба маънии имрӯза, таҳлилу қиёс ва натиҷагириҳои илмиву мантиқӣ муҷаххас набуд. Маънии ақлгароии ӯ дар он аст, ки дар гуфтору кирдор ва ашъори худ ба ақли фитри ва таҷрибаи зиндагӣ такя мекунад, то чун дигарон гирифтори шаҳватҳои нафсони ва лаззоти ҷисмонӣ набошад, аз хатои дигарон ибрат бигирад ва онро такрор насозад. Ҳамин ақли фитрӣ дар шеър ҳам раҳнамои ӯст. Ӯ дар эҷоди хеш шитоб намекунад, муддатҳо абёт ва маъонии онҳоро сайқал медиҳад, алфозу таъбиротро пухтаву шеъво мегардонид. Баъзе муаррихони адаби аҳди исломи Зухайрро муаллифи «Ҳавлиёт», аъне қасидаҳои донистан, ки дар тӯлии як сол эҷод мешуданд. Гӯё Зухайр қасидаи худро дар тӯлии чаҳор моҳ эҷод мекард, чаҳор моҳи дигар такмил медод ва чаҳор моҳ дар ҳузури наздиконаш мехонд ва танҳо пас аз гузашти як сол онро барои умум пешниҳод менамуд.

Зухайр худро масъули сулҳу иттиҳоди ҷомеаи бадави ва раҳнамои ахлоқи поку кирдори нек медонист ва аз ин хотир ӯро лозим меомад, ки дар шеъраш аз панду насиҳат ва андешаҳои ҳакимона зиёд истифода намоянд. Мояи афкору андарзҳои ҳакимонаи ӯ таҷрибаи тӯлони зиндагӣ, такяаш ба ақлу андеша ва хулосаҳои ибратомӯзаш аз аҳволу кирдори мардуми замонаш буд.

Бар асари таҷрибаи тӯлонии зиндагӣ ва ҷамъбастҳои ақлии худ Зухайр ба натиҷае мерасад, ки  аҷал барои неку бад хурду бузург ногузир аст. Аз ин сабаб соъодати инсон дар лаззатҳои модди ва ҷисмони нест, балки дар сулҳу мурувват ва фазилатҳои ахлокист. Ба андешаи ӯ одамӣ бояд дар зиндагӣ вафову қаноатро пеша кунад, аз риёву тамаъкори бадгӯиву бадноми парҳез намояд. Дар ҳаёти иҷтимоӣ инсон бояд оштиву мадоро ва саховату

ҷавонмардиро тарғиб намояд. Аз нигоҳи Зухайр агар инсон ба осмон равад ҳам, аз марг ҷои гурез нест:

----------

----------

Касе, ки аз марг метарсад, марг ўро хоҳад дарёфт,

Агарчи бо нардбон ба осмон равад.

Аз ин рў одамӣ дар зиндагӣ бояд дилу забони пок дошта бошад, зеро қимати худи одам хам дар дилу забони ўст:

----------

----------

Ними ҷавонмард забони ў ва ними дигар дили вай аст,

Вагарна аз одам ҷуз сурате иборат аз гўшту хун боқӣ намемонад.

Зухайр дар афкори ахлоқии худ ҷонибдори сулҳу оштист ва ҷангу хунрезиро маҳкум менамояд, вале дар ҷомеаи бадавӣ даъфи зулм ба дифои худ бе шамшеру мубориза имкон надошт. Аз ин сабаб шоир барои дифои хеш аз зулму ситам ҷангро ҷоиз медонад:

----------

----------

Касе, ки бо силоҳ худро дифоъ насозад, ки масканаш аз
даст равад

Ва касе, ки ба одамон зулм накунад, зулм хоҳад дид,

Баъзан дар андешаҳои ҳакимонаи шоир оҳанги яъсу навмеди аз зиндаги эҳсос мегардад ва ў бо афтодаруҳи чунин хитоб намояд:

----------

----------

Ман акнун аз зиндаги безор шудаам ва ҳар касе

Агар 80 сол зиндаги кунад хам, албатта безор хохад шуд.

Умуман овардани андарзу ҳикматҳои фаровон дар қасидаи аҳди ҷоҳили ба ҳадде ки дар қасоиди Зухайр мебинем, вуҷуд надоштааст ва аз ин лиҳоз ўро метавон ўро аз ҷумлаи ривоҷдиҳандаи ин мавзўъ дар касидасароии араби мақсуд донист.

Чунон, ки қаблан низ зикр гардида буд, дар қасоиди Зухайр мадҳ низ мақоме дорад ва ў аз ҷумлаи шуарои мадеҳасаро ҳам маҳсуб мешгардад. Зухайр чун Нобиға аз-Зубёни бо подшоҳони Хира ва Ғассониён робитае надошт ва мадҳи ў асосан ба бузургону сарватмандон ва ашрофони қабила –Харм ибн Синон ва Хорис ибн Авф, ки аз моли худ хумбаҳои кушташудагони ҷанги Дохис ва

Ғаброро дода, сабабгори сулҳи миёна қабилаҳои Абас ва Зубён гардидаанд, бахшида шудааст. Ғайр аз ӯ мардони некӯкори соҳибкарами дигареро чун Хисн ибн Хузайфа ибн Бадр, ки аъмоли хайрро анҷом додаанд, ситоиш менамояд ва ба онҳо сипосгузори мекунад. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки Зухайро ба мадеҳасарои асосан фазлу некӣ, ҳилму бурдборӣ, вафову ҷавонмардӣ, сахову карами афрод таҳрик менамояд, на касби маош ва тамаъи подшоҳи мадҳ ва Зухайр онҳоеро, ки дорои ин сифод нестанд, намеситояд. Бо вуҷуди ин дар шеъри ӯ баъзан чун дар қасоиди Нобиға таъқиби мандуҳ ба саховат ва бахшиши мол мушоҳида мешавад, ки нишоне аз тамаъ дорад. Аз ҷумла дар абёти зайл, ки дар мадҳи Хисн ибн Хузайфа гуфтааст, чунин омадааст:

----------

----------

----------

----------

Ҷавонмарде, ки боэътимодаст ва шароб моли ӯро талаф намекунад,

Вале саховати ӯ сарваташро барбод медиҳад.

Агар ба талабе назди ӯ равви, чунон менамояд, ки

Гӯё худи ту медиҳӣ, он чиро ки талаб кардаӣ.

Сифатҳое, ки мандуҳи Зухайр дорад, аз қабили шуҷоат, иззати нафс, шарафи қавми ва аҷдоди, хулқи нек, саховат ва амсоли онҳо хоси аъроби бадави мебошанд. Хусусияти асосии мадҳи ӯ дар он аст, ки шоир аз рӯи садоқат ва ихлос мамдуҳони худро меситояд. Сифатҳое, ки шоир ба мамдуҳони худ медиҳад, наздик ба воқеият ва мақбули ақл мебошанд. Ӯ дар мадҳи мамдуҳ чун Нобиға иғроку гулувв роҳ намедиҳад ва муболиғаи вай ҳам то ҳадде табиии ва аклпазир аст. Чунон, ки дар сифати Харм ибн Синон мегуяд:

----------

----------

Туро сано мегуянд бо сифатҳое, ки дар ту дида ва донистаам,

Бо сифатҳое диловариву фазилатҳоят, ки вирди забонҳост.

Зухайр дар мадҳ ҳам бештар на ба эҳсосу авотиф, балки ба тавсифоти ақли, тамкину нарми ва виқор такя мекунад. Ҳамин ҳолатҳо дар кагазулоти маъмулан кутоҳи ӯ ва ҳатто ҳаҷвиёташ низ мушоҳида менамоем. Ӯ зимни ҳаҷв ҳам ба мухотаби худ ба

таҳдиду дурушти ва таҳқиру худнамоиҳо сухан намегӯяд, балки чунин менамояд, ки гӯё вай ба мухолифаш андарзу насиҳат мекарда бошад, то ки айбу нуқсони ӯ ислоҳ гардад. Чунон ки дар байти зерин, ки дар хаҷви Оли Ҳисн гуфта шудааст шоир чунин менгӯяд.

----------

----------

Ҳақ бо се чиз исбот мешавад:

Бо қасам, довари назди бузургон ё изҳори амр.

Тибқи эътирофи муҳаққақон Зухайр аз зумраи тавонотарин шоирони аҳди ҷоҳили дар васф маҳсуб мегардад. Дар шеъри ӯ доманаи насф чунон пурвусъат аст, ки аз атлолу даман, аспу шутур, гурҳару гову ваҳшӣ сар карда то тасвири дарди фироқ, гаму ғусса ва ҳолатҳои руҳии инсонро фаро мегирад. Васф дар шеъри ӯ тасвири зебоиҳои табиати бодия ва зиндагии аъробии бадавист, ки бо тамоми шукӯҳу шаҳомат ва дилпазири акс ёфта, минбаъд мавриди пайравии шуарои мутааххир қарор гирифтааст.

Зухайр дар васф комилан пайравии мактаби Авс ибн Хучр аст, вале баъзе хусусиятҳои васфи ӯ аз усули мактаби Авси, ки шоир худ парвардаи он аст, тафовут дорад. Зухайр сайъ мекунад, ки ашёву ҳодисот ва афроди тасвиршавандаро чунон ки ҳаст, бе каму кост ва бе иғроқоти зиёдати тасвир намояд ва тавре, ки чашму хисм онро мушоҳида менамояд, нишон диҳад. Аз ҷумла вақте, ки шоир харобаҳои манзили маъшуқаро васф мекунад, бо тартиб тамоми ҷузъиёти он манзараро тасвир менамоянд. Девори пасти гирди хайма, ҳавзи об, сангҳое, ки чун оташдон хидмат мегарданд ва болои онҳо дег мегузоштаанд, аз назари мушоҳидакори шоир берун намемонанд шоир ҳатто сабзии ранги алафро, ки дар даҳони гулхарҳост, чунин тасвир мекунад:

----------

----------

Се /гурҳар/ чун камонҳои ростшуда, ки

Аз хоидани алаф ҷойҳояшон сабз мешудааст.

Дар ҷои дигар  вақте, ки манзараи аспи баландқоматро лаҷом задании ғуломи шоир тасвир мешавад, қади ғулом ҳатто то ёли асп намерасад ва ӯ барои он ки аспро лаҷом занад, бо нӯги ангуштони пой меистад, то қадаш ба ёли асп бирасад:

----------

----------

Ғуломи мо барои он ки аспро лаҷом бизанад,

Пояш ба замин намерасид ва танҳо нӯги ангуштонаш мерасид /зеро бо нӯги ангуштон меистод/.

Зухайр саъй мекунад, ки тасвироту ба зеҳну дар 5ки ҳар як бадави наздик ва ошно бошад ва хонанда ва шунавандаро қонеъ карда тавонад. За ин лиҳоз ӯ ба манзалати хатибест, ки мехоҳад натанҳо матолиби марбут ба олами ҳисси ва модди, балки ҳолатҳои руҳонӣ ва маънавиро низ бо сабке соддову фаҳмо баён созад. Масъалан, ҳангоме, ки ӯ мехоҳад, мухотаби худро аз оқибатҳои ҷанг ва харобиҳои он огоҳ кунад, ҷангро бо ахремане қиёс мекунанд, ки ҳар сол ду маротиба ва он ҳам дугона мезояд ва одамон чун донаҳои гандуми зери санги осиёб таҳти зарбаҳои он ҳақр ва куфта мешаванд. Ба таъбири дигар, шоир зиёни ҷангро дар қиёси бори меҳнати фарзандон, хоса дар ҳолати дугона тавлид ёфтани фарзандони Ахреман нишон медиҳад:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Ҷанг чизе дигаре ҷуз он нест,ки донистеду дидед,

Ва ҷанг чизе нест, ки дар бораи он ба тахмин сухан мегуфта бошам.

Вақте, ки ҷангро сар кардед, донед, ки бадиро сар кардаед,

Зеро бо оғоз гардидани ҷанг ҳирсу оз ҳам меафзояд.

Осиёби ҷанг шумора чун донаҳои гандум пайдо хоҳад кард,

Ҷанг ахреманест, ки ҳар сол ҳомила мегардад.

Зухайр зимни тасвироти худ беш аз ҳама аз ташбеҳоте мадад меҷӯяд, ки ҷамъбаи ҳисси ва модди доранд, шоир дар баробари ташбеҳи кассе ё чизе натанҳо ҷузъиёти тасвири ташбеҳшаванда, балки сифати ташбеҳкунанда низ меорад. Чунон чи вақте ки мамдуҳро ба шеър ташбеҳ мекунад, дар назари хонанда худи шеър бо ёли хуфта ба чанголи тез падид меояд:

----------

----------

Он марди ҷангдидаи мусалла ҳангоми ҳамла чун шеърест, ки

Ёлаш ҳамида чанголҳояш тез аст.

Дар ашори Зухайр чунин ҳолат ҳам мушоҳида мешавад, ки шоир пас аз васфи касе ё чизе ба васфи дигаре мегузарад, ки бо он иртибот дорад ва идомаи он мебошад. Чунин васфҳоро, ки паси ҳам меоянд, васфҳои мусалсал метавон хонд. Масалан, шоир ду чашми ашкбори худро ба ду сатил монанд мекунад, сипас ба васфи шутури худ мегузарад, ки ин сатилҳоро мекашад ва сорбонеро васф мекунад, ки шутурро меронад ва ба ин тариқ аз васф ба васфи дигар идома меёбад. Баъзан бар асари чунин авсофи мусалсал Зухайр манзара, ҳодиса ва ҳаракатҳоеро тасвир мекунад,ки ранги қиссаро ба худ мегиранд. Чунон чи шоир зимни тасвири шикор ва ҳаракатҳои ғуломи худ чунин лаҳзаҳоти қиссамонандро ба вуҷуд овардааст:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Вақте ки ба шикор рафта будем, ғуломи мо омад

Оҳиста медавид ва мехост, ки пинҳон шавад, назди мо омад

Ва гуфт: Гурхарҳо дар саҳро мечаранд,

Дар алафзори канори ҷуй.

Сипас /ғулом/ аз паси гурхарҳо рафт,

Чун борони сел, ки бар куҳистон меборад.

Ҳамин тавр, мутолиаи ашори Зухайр ибн Аби Сулма ба хулосае меорад, ки ӯ яке аз устодони васф дар адаби аҳди ҷоҳили буда,  дар шеъри худ тасвироти ҷолибу рангин ва нотакроре ба вуҷуд овардааст. Ӯ афроду ашё ва ҳолатро бо тамоми  ҷузъиёти онҳо тасвир намудааст, бо тамоми рангини ва вақеияти табииву зоти онҳо дар назари хонанда падид меоянд. Яке аз хусусиятҳои ҷолиб ва мақбули сабки Зухайр дар васф он аст, ки ӯ аз истифодаи алфозу таъбироти мафҳум ва талмиҳоти ноошно ба зҳни хонанда парҳез менамояд ва матлабро бо алфозу таъбироте сода ва наздик ба зеҳнҳо баён менамояд.

Зухайр ибн Аби Сулма дар адабиёти аҳди ҷоҳили сазовори мақоми волое буда, чун шахсияти ҳомии сулҳу адолат ва иттиҳод миёни қабилаҳо, ҷонибдори ҳақиқату рости ва хайрхоҳиву

ҷавонмарди бо лақабҳои «қозию –ш-шуаро» ва «қозии сулҳ» низ маъруф гардидааст. Ӯ шоирест, ки дар шеъри худ шеъваи хатибонро пеш гирифта, саъй намудааст,ки маъниву матлабро ба зеҳни мухотаб наздик созад ва барои ин мақсад васфро воситаи асоси қарор додаст.

Яке аз хадамоти бузурги Зухайр ибн Аби Сулма ба адбиёти араб он аст, ки ба василаи ашори ӯ қасида шакли муназзам ва ниҳои ҳунари ба худ гирифт ва дорои муқаддима мавзӯъ ва хотима гардид. Қабл аз Зухайр дар қасоиди Имрул Қайс, Тарафа ибн ал-Абд ва дигарон тартиб ва низоми муайяни фиқри ва мантиқӣ ва иртиботи миёни ақсоми қасида вуҷуд надошт ва дар як қасида мавзӯву матолиби зиёди номарбут бо ҳамдигар ҷой дода мешуд. Зухайр нахустин шоирест, ки дар миёни ақсоми қасида тартибу низоми муайяни фикрӣ, мантиқӣ ва мавзӯи ворид кард ва «дар асъори куҳан тавонист он чиро, ки шеър имкон дошт, аз инсиҷом ва чавдат насибаш шавад, бар он арзонӣ дорад. Шеър барои Зухайр як ҳирфа буд ба маънии дақиқи ин сухан». Аз ин хотир вақеан ӯро бунёдгузори қасидаи ҳунари дар адабиёти араб маҳсуб донистан мумкин аст.

## АНТАРА ИБН ШАДДОД /525-615/

Антара ибн Шаддод ал-Абаси яке аз намояндагони маъруфи адабиёти ҷоҳилист, ки шахсияти ӯ ба як қаҳрамони достонӣ ва асотирӣ табдил ёфтааст.

Антара дар ҳудуди соли 525 дар сарзамини Наҷд дар қабилаи Абас ба канизаке ҳабаши ба дунё омадааст, ки ӯро падари Антара – Шадуф дар яке аз ҷангҳо ба асорат оварда буд. Дар миёни аъроби бадави чунин одате будааст, ки падар фарзанди аз каниз зодаи худро наметавонистааст, чун фарди озоди қабилаи хеш пазирад ва чунин дар шумори ғуломон ва чокарони ӯ ба шуғли чаронидани шутур ё асп хидматгори дар хонаводаи падар умр ба сар мебурдааст. Чунин фапзанд фақат дар ҳоле ҳуқуқи озодӣ ва баробариро бо афроди дигари қабила пайдо карда метавонист, ки агар кори хеле бузургеро анҷом диҳад ё қаҳрамониву шуҷоати беназир аз худ нишон диҳад.

Айёми тифливу наврасии Антара ҳам дар ҳоли таҳқиру маҳрумиятҳо дар қатори ғуломони дигар ба чаронадани чорвои падар мегузашт. Шуғли чупонӣ, ки хатарҳои зиёде аз қабили

ҳамлаи даррандагон ва дуздону ғоратгаронро дошт, тақозо мекард, ки ӯ зурманду размандa ва савори чолоку ҷҷанговари ҷасур бошад, то хатарҳоро аз худ дафъ карда тавонад. Ғайр аз ин ӯ дар ҳалқаи чӯпонон достонҳои паҳлавонӣ мешунид ва ҷасорату размоварии паҳлавонони он достонҳо низ ӯро ба далериву шуҷоат ва қаҳрамони таҳрик мекард. Ба замми ин ва муҳимтар аз ҳама ӯ намехост, ки ба вазъи ғуломӣ ва хории худ тан диҳад. Ин омили асосие буд, ки ӯ чун ҷавони далеру шуҷоъ, зурманду сафшикан ва ҷанговари беназир ба камол расид. Бо ин ҳама баъд омила дигаре, яъне ишқи духтари амакаш Абла зам гардид, ки Антара барои сазовор шудан ба эътирофу муҳаббати вай ба ҳар гуна қаҳрамониву далери ва шуҷоату ҷоннисори рози буд.

Боре ба қабилаи Абас гурӯҳе аз қавми Тай ҳуҷум оварданд ва мехостанд, ки якчанд шутурро бо худ баранд. Падар аз Антара хоҳиш кард, ки ба ғоратгарон ҳамла кунад, вале ӯ баҳонаи он ки кори ғулом чупониву шунидани шутурон аст, на ҳамлаву набард, саркаши кард. Вақте ки падар ба ӯ ваъдаи озодӣ дод, ба душман ҳамла оварду онро саркуб кард ва шутурҳоро бозгардонида, бо ҳамин ҳуқуқи озодӣ пайдо кард.

Баъди ба даст овардани озодӣ ба зудӣ Антара чун фориси беҳамто ва ҷанговари мағлубиятнопазир дар миёни қабилаи абас ва қабоили дигар шӯрҳат пайдо кард. Ӯ душманони қабилаи Абасро аз ҷумлаи қабилаҳои Тай, Гатфон ва Хунайфа саркуб намуд ва дар ҷанги Дохису Габро ба ҳайси сарфармондеҳи Абасиён дар дили душман ҳарос меафканд. Чунин шӯҳрати Антара боиси он гардид, ки теъдоди хосидонаш аз қавми Абас зиёд гардид ва канизакзодаву собиқ ғулом будани ӯро баҳона карда, таҳқираш менамуданд. Ба замми ин Антара, ки аз ҷониби модар аслу нажодаш ҳабаши буд, чун ҳамаи зангиёни дигар лабони ғафсу чеҳраи сиёҳ дошт ва ин ҳам боиси мазаммат ва эҳтирози хосидону бадбинонаш мегардид. Маҳз хамин тафовути зохирии ӯ буд, ки амакаш Молик, писариамакаш Амру ва ракибаш Имора ибн Зиёд уро араби асил намехисобиданд ва бо хар рох саъй мекарданд, ки дар дили духтари амакаш абла нисбат ба Антара эхсоси нафрату нописанди бедор кунанд. Антара аз ин хама беадолатихо ба дарду алам мепечид, вале духтари амакаш Абларо бо ҷону дил дӯст медошт, нисбат ба вай дар дил эҳсоси муҳаббати поку беолоиш мепарварид ва саъй мекард, ки назди маъшуқааш покиву вафодорӣ, ҷавонмардиву

паҳлавонӣ ва шарафу бузургии худро исботнамояд ва илтифоту муҳаббати Абларо ба худ ҷалб намояд.

Бо вуҷуди ин ҳама таҳқиру озори руҳӣ ва беадолатиҳои ҳамқавмон ва ширкат дар набардҳои зиёди хатарнок Антара дар ҳудуди 90 сол умр дида, тақрибан соли 615 аз дунё гузаштааст. Ба қавли баъзе аз муаррихон ӯ дар яке аз набардҳояш бо қабилаи Тай кушта шудааст.

Бо гузашти қарнҳо пас аз марги Антара шахсияти ӯ ба паҳлавони достонӣ ва асотири дар адабиёти араб табдил ёфт ва бар асари ин дар қарни Х достонҳое бо номи «Киссату Антара» ба вуҷуд омаданд, ки дар ҳаҷми якчанд ҷилд чоп шуда ва дар истилоҳи аврупоиён бо номи «Илиада»-и араб шӯҳрат ёфтаанд.

Дар ин достонҳо Антара аз як шахсияти таърихи ва шоири шуҷову рамзманде ба қаҳрамони афсонавие табдил ёфтааст, ки зангиён сиёҳпуст асту симои дурушти зоҳирӣ дорад, вале паҳлавони мағлубиятнопазирест, ки дасгиру ҳомии ниёзмандону бенавоён ва мазлумону ҷабрдидагон мебошад.

Аз ҷониби дигар қаҳрамони қиссаи Антара гирифтори ишкқ поку самимист, ки барои расидан ба висоли маъшуқаи худ- Абла аз ягон хавфу хатар ва қаҳрамониву ҷонбози рӯ намегардонад. Вале дар роҳи расидан ба висоли маъшуқа амаку амакзодааш ва рақибони вай монеаҳо бунёд мекунанд. Бо вуҷуди он ки паҳлавони ин достон дар тамоми мавридҳое, ки ба қабилаи Абас душман ҳамла менамояд, ҷасорату далерӣ ва қаҳрамониҳои беназир нишон дода, душманро саркуб ва хатарро аз сари қабила дур месозад вале қавми беадолат ва тақдири носозгор нисбат ба ӯ бетараҳҳум аст ва оқибат кораш ба нокомӣ меанҷомад.

Пас за ин ҳама диловарию ҷонфишониҳо қаҳрамони ин достон дар болои аспи худ- Анчар, ки ягона рафиқу ҳасафари бовафояш буд, аз тири яке бо номи Зар ибн Ҷобир ва мулаккаб ба «Ал-асаду-р-рокис» /шери раксанда/ ба ҳалокат мерасад.

Осори адабии Антара аз девоне иборат аст, ки шомили 1500 байт шеър буда, борҳо дар Бейрут чоп шудааст ва чопи нахустини он соли 1864 дар Бейрут анҷом ёфтааст. Мавзуоти асосии ашъори Антара аз фахру ҳамоса, воқеаномаҳо ва тагаззулоти ӯ дар бораи ишқи духтари амакаш- Абла иборат аст. Қисмати хеле ками мавзуоти ашъори ӯро мадҳ ва марсия ташкил менамояд.

Ба иттифоқи муҳаққиқон маъруфтарин шеъри Антара муаллакаи ӯст, ки дар ҳудуди 79 байтро дар бар мегирад ва бар он Зузани ва Хатиби Табрези шарҳ навиштаанд. Муаллакаи мазкур бо матлаи зайл оғоз мешавад:

----------

----------

Оё нағмае ҳаст, ки шоирон онро насуруда бошанд?

Оё пас аз саргардониҳо манзили маъшуқаро шинохтаи?

Баъзе ровиён байти зайлро матлаи муаллакаи Антара донистаанд:

----------

----------

Эй хонаи Абла, дар мавзеи Чаво сухан бигуй,

Хуш боши ва офатҳо эмин бимони эй хонаи Абла!

Аз мазмуни муаллакаи Антара маълум мегардад, ки он ҳангоми ҷанги Дохис ва Габро таълиф шудааст. Сабаби таълифи муаллака он будааст, ки баъди озоди ёфтан ва ба фарзандии падар қабул шудани Антара марде аз қабилаи Абас сиёҳии пусти ӯ, каниз будани модарашро таъна задаст. Вақте ки Антара бартарияти худро дар шуҷоат, саховат савориву шамшерзанӣ ва дигар хисоли ашрофона ба он мард исбот мекунад, рақибаш даъво мекунад, ки дар шоири аз Антара пешдастӣ дорад ва аз ӯ шоиртар аст. Антара барои исботи он ки дар шоири ҳам аз рақиби худ муқаддам аст, муаллакаи хешро эҷод кардааст.

Муаллакаи Антара аз ду қисмати асоси иборат буда, қисмати аввал мавзӯи тагаззул ва фахрро дар бар мегирад. Шоир ин қисматро бо хитоб ба шоири даъвогар оғоз карда харобаҳои хонаи холимондаи Абларо тасвир мекунад ва сипас ба васфи шутуре мегузарад, ки савори он аст. Баъди анҷоми васфи шутур шоир боз ба ёди Абла бармегардад ва ба фахр аз сифоти баргузидаи худ мепардозад. Бахши дуюми муаллака ба тасвири ҷанги Дохис ва Габро ва корнамоиҳои шоир дар он бахшида шудааст. Бо ин ҳама дар тамоми қасида оҳанге ба гӯш мерасад, ки бунёди шеър бар он асос ёфтааст ва он ёди Абла ва изҳори муҳаббати поку беолоиш ба маҳбуба аст.

Яке аз масъалаҳои марбут ба осори Антара вуҷуди иддае аз қасоид ва пораҳои шеъри сохта аст, ки ба номи ӯ мансуб动 дониста мешавад. Алалхусус баъди пайдоиши достони Антара дар охири

қарни даҳуми милоди ровиён ва қиссапардозон шеърҳои сохтаро дар бораи қаҳрамони ва шуҷоати Антара достони ба вуҷуд оварда, ба Антара таърихи нисбатдодаанд ва ин шеърҳо минбаъд ба девони шоир низ роҳ ёфтааст.

Теъдоди зиёде аз ашори Антара, ки ба гумони ғолиб ба У таалуқ доранд, аз покиву иффат ва саховату ҷавонмардии гӯяндаи худ гувоҳӣ медиҳад ва як навъ муаррифинномаи покии шахсияти ӯ маҳсуб мегарданд. Аз ин лиҳоз Антара шоирест, ки ба худ назире надорад.

Далели покиву иффати Антара он аст, ки ба ҷуз Абла, ки дӯсташ медорад ба ҳеҷ зани дигаре майл надорад. Ҳатто бо ягон зане бе ҳузури шавҳари он зан мусоҳиб намешавад:

----------

----------

Дидори зани шавҳардорро фақат дар ҳузури шавҳараш
хоҳам дид,
Ва агар шавҳари зан бо сипос ба ҷанг рафта бошад, ба
дидори ӯ нахоҳам рафт.

Антара мардест, ки аз паи ҳавоҳои нафсони намеравад, хулқи неку дорад, ба касе ситам намекунад, дар ҳақи касе бадиро раво намебинад, далеру шуҷоъ, ҷавонмарди саховатманд ва соҳиби шарафу иззати нафси мардист. Дар набардҳо аз ҳеҷ хавфу хатар боке надорад ва далерона ба пешвози марг меравад. Вале бо ҳамаи ҷонфишониҳо дар майдон ҷанг ҳангоми тақсими ғаниматҳо саъю талош намекунад ва ба ин маъни дар руҷӯъ ба Абла мегӯяд:

----------

----------

----------

----------

Эй духтари молик, чаро напурсидӣ,
Агар аз далерии ман огоҳӣ надоштӣ?
Шоҳидони майдони корзор ба ту хабар хоҳанд дод, ки
Ман аз баландҳиммати ба ғаниматҳои ҷангӣ рӯ намеорам.

Маълум мегардад, ки Антара дар зиндагии худ саъй менамудааст, то бо тамоми сифоти баргузидаи бадави ороста ва ҳатто дар ин сифоти мартабаи волотаре аз дигарон пайдо намояд, то ба ин васила сиёҳии пӯсти худ ва насаби модариашро, ки боиси

таънаву таҳқири ҳамқавмон шудааст, ҷуброн намояд ва аз ҷониби дигар таваҷҷӯҳу илтифоди Абларо ба худ ҷалб созад.

Бо вуҷуди ин ҳама зиндагии Антара тавъам бо дарду алам ва хузну андӯҳ буд, зеро ало рағми покии ботинаш сиёҳии пусташро ҳамеша чун айби вай таъна мезаданд, дар шуҷоату далери ва озодманиши ба ӯ ҳасад мебурданд, вале ғулому каниззодааш мехонданд. Антара дар ишқ низ иффат ва садоқатро шоири худ карда буд, вале ҳама умр аз ҷониби маъшуқа эътиное эҳсос намекуард. Ин ҳама дарду алам ва хузну андӯҳ ӯро ба изҳори андешаву эҳсоси даруни таҳрик мекард, ба ба шеъраш мусиқавияту муассири ва латофату зебои мебахшид ва саранҷом ӯро дар сурудани шеъри ғинои /лирики/ ба камоли ҳунар расонд.

Антар дар шеъри ғиноии худ, ки бештар аз тагаззулоти ӯ дар бораи Абла иборат аст, аз ишқи содиқона, боиффат ва бе риё ҳарф мезанад, ӯ мехоҳад дар роҳи ин ишқ тамоми буду набуди худро қурбон созад ва саъй мекунад, ки аъмолу атвораш хушоянду маъшуқа бошад:

----------

----------

Уро дуст медорам ва агар маро ба кори бузурге даъват
намояд,

Ба мадади ӯ меравам ва аз хатоҳояш чашм мепушам.

Ҳарчанд, ки шоир сурати маҳбубаро дар оинаи дили худ ҷой додаст, вале худи маҳбуба дастнорас аст ва бо дарду алам ва яъсу навмедӣ аз у ёд мекунад ва мегуяд:

----------

----------

Маро аз маҳбуби дӯстдоштаам дур намуданд,

Ва ман дар биёбони бекас афтодам.

Тағаззулоти Антара аз тасвири олами руҳии ошиқ ва тахайюлоти амиқ орист, таранумҳои ошиқонаи ӯ «ашкест дар баробари хаймахое, ки ба зуди сарнагун мешаванд, то дар ҷои дигар афрохта шаванд». Тағаззулоти ӯ суруди иштиёқи ошиқ ва сузу гудози ӯ дар ёди маъшуқаи дурафтода, тарануми покӣ, иффат ва садоқату вафодорист.

Дар шеъри Антара дар баробари изҳори дарду алам ва хузну андӯҳ аз беадолатиҳои ҳамқавмон ва аз ишқи бебарор, тасвироти ҳамоси ва васфи қаҳрамониву сафшиканиҳои гӯянда низ мақоми

зиёд дорад. Шоир ба ин васила мехоҳад фазилатҳои худро исбот намояд, то Абла ва бадгӯиву айбҷӯии ҳосидон бовар накунад. Аз ин хотир шоир ба тасвироти ҳамосии саҳнаҳои набард, алалхусус ҷанги Дохису Габро мепардозад ва чунин мегуяд:

----------

----------

----------

----------

Ҳарчанд, ки дар шумори ғуломон будам, вале ҳимматам,
Болотар аз ситораи Сурайю ва Самоки баланд аст.

Ман ба қувваи найза ва шамшерам ба ин мақоми баланд расидам,
На ба воситаи хешовандон ва сарвати бисёр.

Чунон ки зикр гардид, ҳадафи асосии тасвироти ҳамоси Антара бештару возеҳтар ҷилва додани ҷасорату далери, олиҳиммативу ҷавонмардӣ ва савориву сафшикании худ дар чашми маъшуқа ва исботи ноҳаққии айбҷӯёну ҳосидон аст. Ӯ зимни тасвироти ҳамосии худ аз васф ҳам зиёд истифода мебарад, гоҳе майдони набардро васф мекунад, гоҳе ҳарифи худро дар майдони ҷанг ва гоҳе асп ё силоҳи ҷангии хешро дар маърази тасвир меоварад. Чунончи дар абёти зайл зимни тасвири майдони набард аз мардони сипоҳи душман сухан мегуяд, ки далеру мубориз буданд, вале аз теғи ӯ амон наёфтанд:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Хосе зиёд буданд мардони устувор дар майдони набард,
Ки на аз майдони ҷанг мегурехтанд ва на таслим мешуданд.
Силоҳдороне буданд, ки дар набардгоҳ
Ҷанг дар ба онон ҳарос дар дилҳо меафканд.
Ман онҳоро туъмаи дарандагон кардам
Ки ангуштони банди дастҳояшонро дарандагон мехурданд.

Антара дар тасвироти ҳамосии худ аз муболиға ҳам истифода менамояд, вале муболиғаҳои ӯ ба ҳадди гулувв нестанд ва бо соддагиву наздикии худ ба зеҳни хонандаву шунаванда фарқ

мекунанд. Чунон, ки ӯ ҳамлаи размандагонро дар набард васф мекунад:

----------

----------

Чун ба зиреҳҳои худ ҳамла мекунанд, гумон мекуни, ки Селҳои марговар дар селраҳаҳо равонанд.

Антара дар тавсифоти худ чун шуарои дигари аҳди ҷоҳили ба ташбеҳоти ҳисси низ такя мекунад. Ӯ баъзан ба ашёву ҷонварони тасифшаванда сифату хислатҳои инсониро медиҳад, ки ин ҳолат яке аз ҷиҳатҳои фарккунандаи тавсифоти ӯст. Аз ҷумла сифатҳои ашк рехтан ва шикоят карданро, ки хоси инсонҳост, дар байти зерин дар тавсифи аспи шоир мувоҷеҳ мегардем:

----------

----------

/Аспи ман/ аз шиддати зарбаҳои найза, ки ба синааш мехалид

Бо ашкрезиву шиҳакаши ба ман шикоят намуд.

Дар шеъри ҳамосии Антара низ омӯзиши эҳсосу авотифи гӯянда, дарду андӯҳ, шикваву эътироз ва ҳаяҷони қалбии ӯ мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат баъзан ба тасвироти ҳамосии шоир оҳанги ғинои медиҳад, ки намунаи он абёти зерин аст:

----------

----------

----------

----------

Ман туро ба ёд овардам, вақте, ки найзаҳо хунамро мерехтанд,

Ва шамшери ҳинди қатраҳои хунамро мерезонд.

Мехостам, ки шамшерҳои дурахшонро бибӯсам,

Зеро ба дурахши дандонҳои то дар табассум монанд будан.

Ҳамин тавр шеъри Антара бозтоби руҳи озодманиш, қалби поку беғаши гӯяндаи он аст, шеъри дарду аламҳо, эҳсосу авотиф ва шеъри ҷасоратмардонаги, саховату олиҳиммати ва ҷавонмардист. Сабки сухани ӯ сода ва орӣ аз такаллуфот аст, аз истифодаи алфозу таъбироти душвор ва печидагӯӣ парҳез менамояд. Ӯ бо алфозу таъбироти сода тавонистааст, ки маъонии нодир биёфарад ва аз ин ҷо муҳақиқон сабки ӯро саҳлу мунтаъме донистаанд.

АЪШО АЛ-АКБАР /530-629/

Абубасир Маймун ибн Қайс ал-Бакри, ки ба лақаби Аъшо ал-Акбар маъруф аст, дар Манфуҳа ном деҳаи Ямома дар ҳудуди соли 530 тавалуд шудааст. Ӯ дар оғоз ровии шеъри тағои худ Мусайиб ибн Алас буда, дар назди вай ба шеъргӯӣ низ машғул шудааст. Аъшо аз оғози ҷавони ба айёшиву бодагусори ва қиморбозӣ одат карда буд ва табиист, ки ин хуи носавоби ӯ сарфи маблағ ва талафи молро тақозо мекард. Аз ин хотир ӯ барои касбу молу маблағ пешаи шоирӣро дар хидмати мадҳи касон гузошт ва аз маҳалле ба маҳалли дигар сафар намуда, ҳар каси пеш омадаро аз раъият сар карда то вазиру амир мадҳ мегуфт ва дар роҳи Ямомаву Яман, Ҳиҷозу Хира, Уммому Фаластин қариб подшоҳу амире намонда буд, ки Аъшо мадҳи вайро нагуфта бошад.

Дар замони худ Аъшо чун шоири мадеҳасаро шӯҳрати зиёд пайдо намуда, шеъраш дар миёни умаро ва ақваму қабоил эътибори бузург дошт ва ба қавле «Аъшо дар ҷоҳилият ҳар касро мадҳ гуфт, сабаби рифъаташ шуд ва ҳар касро ҳиҷо гуфт, сабаи таназули мақомаш» ва аз ин рӯ ҳар кас ба ато молаш мехост, ки Аъшо мадҳашро гӯяд, то ба ин васила ному мақоме пайдо кунад. Ривояте маъруф аст, ки тибқи он Муҳаллиқ ал-Килоби ном марде, ки ҳашт духтари шавҳар накарда дошт, барои аъшо шутуре забҳ кард, то ӯро мадҳ намояд. Аъшо баъди рафтан аз меҳмонии ин мард дар бозори Уккоз мадеҳае хонд ва ба зуди духтарони он мардро касоне аз зумраи ашроф ба зане хостанд ва ӯ аз ҳисоби махри духтаронаш моли зиёде ба даст овард.

Аъшо умри тулони дида, соли 629 вафот кардааст. Дар бораи вафоти ӯ ва мадфанаш ривоёти мухталиф мавҷуд аст. Ба қавле гуё Аъшо ба қасди дидори Пайғамбари ислом сафари Ҳиҷозро пеш гирифтааст, вале мушрикони араб аз хавфи таъсири шеъри ӯ ба қавми қабилаҳо ба шоир сад шутур инъом кардаанд, то ба Мадина наравад. Аъшо ҳам барои хондани қасидаи мадеҳаи худ ба Мадина нарафтааст ва дар бозгашт дар наздикии Ямома аз шутур афтода ҳалок гардидааст.

Бинобар ривояти Абулфараҷи Исфаҳонӣ қабри Аъшо зиёратгоҳи ҷавонони бодагусор будааст ва шаробхорагон ҷуръае ҳам бар хоки мадфани ӯ мерехтаанд, то устухонҳои ӯ аз шароб сероб гардад.

Аъшо дар мадеҳасароӣ ва касби мол ба василаи шеър бор оҳи Нобиға аз-Зубёни рафта, вале фарқи ў аз Нобға дар он аст, ки «дар ситоишгари фарқ миёни подшоҳону мардуми одди нагузошт, зеро ҳар касро, ки аз бешу каме баҳрамандаш месохт, мадҳ мегуфт, то он ки наҳваи амаливу бо гадои наздиктар аз такассуб буд». Аз ин хотир дар ҳақи ў гуфтаанд, ки «ў нахустин шоир аст, ки бо шеър гадоӣ кард» ва ин қавл маъруф аст.

Аъшо дар мадеҳасарои сабки қадими шеъро аҳди ҷоҳилиро идома дод ва аксоми қасидаи ў аз тағаззул, васфи ҳам ва амсоли онҳо оғоз шуда, бо зикри сафару васфи шутур ва рафтан ба назди мамдуҳ идома ёфта, бо мадҳи мамдуҳ ба анҷом мерасад. Ў дар мадҳи мамдуҳ сифатҳоеро чун шуҷоату саховат, шарафу иззат, ёриву дастгирии ниёзмандон ва амсоли онҳо, ки боиси ифтихори ҳар як бадавист, истифода менамояд.

Васф яке аз воситаҳои асосии баёни матолиб дар шеъри Аъшо мебошад, вале комилан барои мадҳ хидмат менамояд. Дар шеъри ў васфи мачлисҳои бодагусори ва лаҳву хурсанди мақоми зиёд дорад. Баъзан чун Антара ў ба ашёву ҳайвонот сифатҳои инсони медиҳад. Аз ҷумла ў бо шутури худ чун бо инсон муносибат менамояд, онро бо алфози хуш тасалли медиҳад, то хастагии роҳи тулониро фаромўш кунад.

Васфи шароб ва шаробхори дар шеъри Аъшо хеле назаррас буда, қариб дар ҳар як қасидаи ў мушоҳида мешавад. Ҳадафи ў аз ситоиши шароб, чунонки одати шуаро аз вай буд, на худи шароб, балки тафохур аз он аст. Ў зимни васф аз надиму мутриб ёд мекунад, муколамаи миёни майфуруш ва сокиро меорад, ки минбаъд ин суннат дар хамриёти ал-Ахтал ва Абу Нувос ривоҷ ёфтааст. Чунин муқоламаро дар абёти зерин мушоҳида мекунем:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Мо ба вай /майфуруши/ гуфтем, ки Машки шаробро ба мо бидеҳ,

Бар ивази шутури сафеде, ки маҳорат дар дасти ғуломи мост.

У гуфт: Агар бар он шутур нуҳтои дигар зам кунед,

Қимати ин шаробро нахоҳад дошт.

Баъд аз он бархесту ба мо шароб рехт,

Ки он баъди ларзиши худ вуҷуди моро таскин бахшид.

Аъшо шоирест, ки ҳам аз фарҳанги араби баҳраманд асту ҳам аз тарзи зиндагии эрониён ошнои доштааст. Дар ин ки Аъшо бо дарбори Хусрави Парвизи Сосони робита доштааст, тардиде набояд бошад, зеро ағлаби муҳаққиқон ин ҳақиқатро тасдиқ кардаанд ва вуҷуди номхои форси ва алфози таъбироти он дар шеъри у аз ин маъни гувоҳи медиҳад.

Бар асари сафарҳо ва тавсиаи ҷахонбинии Аъшост, ки дар шеъри ӯ ғановати тахаййюл ва тафаккур мушоҳида мешавад. Ӯ дар бораи ҳаводис ва ашёву афроде сухан мегуяд, ки мақбули хаёл ва эҳсосу отифаи уст. Ҳангоме, ки эҳсоси ишқ бар ӯ ғалаба мекунад, тағаззул месарояд ва гоҳе, ки дар муқобили пире қарор мегирад, ба зуҳду панҷ руҷуъ мекунад.

Шеъри Аъшо бо хушоханги ва мусикавияти худ фарк мекунад ва хонандаву шунавандаро ба вачх меорад. Аз ин чо бехуда нест, ки муосиронаш Аъшоро «Санночату-л-араб» / «Чанги араб»/ номидаанд. Чунон мусикавият хатто ба касидахои тулони ва мавзуоти мухталифро фаро гирифтаи Аъшо низ хос аст. Алфозу таъбироти шеъри у хатто алфози форси, ки дар шеъри у фаровонанд, хушохангу равонанд ва маъз бо ин сифати худ шеъри Аъшо макбули хотиру зехни умум гардидааст.

## ЛАБИД ИБН РАБИЪА /560-661/

Абукайл Лабид ибн Рабиъа ал-Омири ал-мазари ба қавли мусташрикон охирин шоири бадави маҳсуб мегардад. Дар бораи таърихи таваллуд, вафот ва тулии умри миёни муҳаққиқон ихтилоф вуҷуд дорад. Тибқи ахбори Чурчи Зайдон ва теъдоде аз донишмандони таърихи адабиёти араб гӯё Лабид дар ҳудуди соли 540 ба дунё омада, 145 сол зиндагӣ кардааст, ки 90 соли он дар аҳди ҷоҳили сипари шудааст. Бино ба тасдиқи гурӯҳи дигари муҳаққиқон, аз ҷумла И. Фильштинский ва Ханно ал-Фохури таваллуди Лабид дар соли 560 ва вафоти соли 661 воқеъ гардидааст. Дар ҳар ҳол умри тӯлонии беш аз 100 сол дидани шоир ҳақиқате бебаҳс аст.

Зиндагии Лабидро ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст. Давраи аввал аз оғози соли 629, ки ба ҳаёти ӯ дар миёни қавм ва

вазъияти бадави мувофиқ меояд. Давраи дуюм аз соли 629 то соли 661, яъне замони ба хидмати Пайғамбари ислом расидан ва исломро пазируфтани шоирро то таърихи вафоти ӯ фаро мегирад.

Лабид аз ҳамон оғози ҳаёти худ дар миёни қабилаи Бани Омир зиндаги карда, саховат ва карамро аз падараш Рабиъа ва шуҷоату далериро аз тағоияш Малоъибу-л-асинна ба мерос гирифтааст. Дастурхонаш ҳамеша барои меҳмонон кушода ва ӯ чун дастгиру мададгори мӯҳточону ниёзмандон шӯҳрат доштааст.

Соли 629 Лабид ҳамроҳи намояндагони қабилаи Бани Омир ба хидмати Пайғамбари ислом расида, ба ислом гаравид ва Қуръонро ҳифз намуда гуё баъди ислом овардан пешаи шоириро тарк кард. Ба қавли аксари муаллифони аҳди исломи Лабид баъди ба ислом гаравидан шеър нагуфтааст ва гуё фақат як байти зерин ба у тааллуқ доштааст:

----------

----------

Алҳамдулиллоҳ, ки то аҷалам нарасида

Ва ман зиндаам, хирқаи исломро дар бар дорам.

Дар замони хилофати Умар ибн ал-Хаттоб Лабид ба Куфа рафта бақияи умри худро дар ҳамон шаҳр гузаронида ва дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Чунончи аз шарҳи ҳоли шоир маълум мегардад, бештар аз 30 соли ҳаёти ӯ дар аҳди исломи гузаштааст, вале ба сабаби он ки тамоми ашъори ӯ қабл аз ислом эҷод шуда ва Лабид баъди исломро пазируфтан шеъргӯиро тарк кардааст, вайро дар шумори шоирони аҳди ҷоҳилӣ зикр карданд.

Мероси адабии Лабид аз девони ашъори ӯ иборат аст, ки соли 1880 дар Вена ба таъб расидааст. Чопи дуюми девони у соли 1891 дар Лейден анҷом ёфтааст. Машҳуртарин шеъри Лабид муаллақаи ӯст, ки аз 88 байт иборат буда, дар баҳри комил эҷод гардида, ба забонҳои олмони, руси, форси ва ғайра тарҷума шудааст.

Муаллақаи мазкури Лабид чун қасидаҳои суннатии аҳди ҷоҳилӣ аз васфи харобаҳои манзили маъшуқа оғоз гардида, васфи шутур, тафохур аз худу қабилаи хеш ва амсоли онҳоро дар бар мегирад ва бо абёти зайл оғоз меёбад:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Хонаи ӯ /маъшуқа/, ки замоне дар онҳо мезистанд, хароб шуда ва осоре аз онҳо намондааст,

Афсӯс, ки дар мавзеи Мино ва кӯҳҳои Гавлу Риҷом осоре аз онҳо падид нест.

Атрофи чашмаи Райён аз онҳо холӣ шудааст,

Вале сангҳои селоварда ҳануз чун ёдгори онҳо боқист.

Аз он вақте ки аз ин манзили хароб маъшуқи ман куч бастааст,

Солҳои зиёде бо моҳҳои ҳалолу ҳаромаш сипари шудааст.

Лабид шорест ки дар эҷодиёти худ суннатҳои умдаи шеъри бадавиро идома додаст ва шеъри ӯ аз таъсири шаҳр ва ҳаёти шаърнишини орист. Дар сурудаҳои ӯ садоқат ва самимияти шеъри бадави хеле возеҳ мушоҳида мешавад ҷамолу наботу ҳайвонот ва афродро васф мекунад, ки ба ҳиссу зеҳну дили ӯ ошнову наздик мебошанд. Аз ин рӯ тасвироти шоир бо воқеияти табиат ва ҳаёти аъроби бадави мувофиқат дорад. Лабид низ чун ағлаби шуарои аҳди ҷоҳили дар васф маҳорати зиёд дорад ва харобаҳои манзили таркнамудаи маъшуқа, сифоту ҳолатҳои шутур ва ҳайвоноти ваҳшии биёбонро хеле устодона тасвир менамояд. Алалхусус дар васфи шутур шоир саъйи зиёд намуда, норо дар қиёси пораабре, ки сорбонаш бод аст, гурхари даванда бо ёри худ ва гови ваҳши, ки бар сагони шикори пируз мегардад, тасвир менамояд ва манзараву халотҳои нотакроре ба вуҷуд меорад. Лабид дар марсиясарои низ тавоно буда, ин мазеъро бо ҳикмату мавъиза омезиш додаст ва аз ин сабаб марсияҳои ӯ барои муосиронаш ва хонандаву шунавандагони давронҳои минбаъда дорои таъсири зиёд будаанд. Умуман, метавон гуфт, ки Лабид дар шеъри худ соддагӣ ва асолати зиндагии бадавиро бо тамоми нозукиҳояш тасвир кардааст ва аз ин лиҳоз ҳам шоири бадави ва намояндаи шеъри аҳди ҷоҳилият ҳисоб меёбад.

## НАМОЯНДАГОНИ ДИГАРИ ШЕЪРИ АҲДИ ҶОҲИЛИЯТ

Дар баробари шоироне, ки қабл аз ин шарҳи рӯзгору осори онҳоро зикр намудаем ва онҳо шоирони соҳиби муаллакот будаанд, теъдоде аз шоирони дигар чун Таббата Шарран, Алкама ал-Фахл, Маркаш, Асгар, Самуил ибн Одиё, Муталламмис, Урва ибн ал-Вард, Оди ибн Зайл, Уммия ибн Аби-с-Салт, Хотам ат-Тои ва дигарон дар аҳди ҷоҳилият зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки бештар аз қабилаҳои Бани Рабиъа, Кайс ва Тамим будаанд. Дар бораи ин шоирон дар маъхазҳои аҳди исломи чун «Китобу-л-агони»-и Абулфарач ал-Исфаҳони, «Аш-шеър ва-ш-шуаро»-и ибн Кутайба, «Муъчаму-л-булдон»-и Ёкути Хамави, «Девону-л-хамоса»-и Абу Таммом ва амсоли онҳо маълумот дода шудааст. Бояд гуфт, ки аз ҷумлаи ин шоирон ду нафар, яъне Хансо ва Хутаййиа шухрати зиёд доштаанд, вале қабл аз он ки дар бораи онҳо таваққуф намоем, мо лозим донистем, ки дар бораи шоирони дигар ба таври мухтасар маълумот диҳем.

### ТАББАТА ШАРРАН

Собит ибн Ҷобир Фахми, ки бо лақаби Таббата Шарран маъруф будааст, аз қабилаи Қайс зуҳур кардааст. Сабаби ин лақаби ўро чунин шарҳ додаанд, ки гўё вай рузе дар зери бағал шамшери худро пинҳон карда ба берун баромад ва вақте ки аз модараш ба куҷо рафтани ўро пурсиданд, модар дар ҷавоб гуфт, ки : Ло аърифу валокинна таббата шарран /намедонам, вале бадиро дар зери бағал пинҳон кардааст/, аз ин сабаб ў лақаби Таббата Шарран, яъне дар зери бағал бадӣ пинҳон доштаро ба худ гирифтааст.

Таббата Шарран араби сиёҳпуст ва аз ҷумлаи шуарои роҳзан будааст. Ў дорои биноиву шунавоии қавӣ ва ҷасорату диловарии камназир буда, хеле тез медавидааст ва ҳатто пиёда аспу оҳуро ба чанг оварда метавонистааст. Ў хоҳарзодаи Шанфара буда, ашъораш низ чун қасоиди Шанфара бештар дар мавзуоти ҳамоси, Фахр ва васфи шуҷоату роҳзанист. Шояд аз сабаби наздикии мавзўву мундариҷа бошад, ки шеърҳои Таббата Шарран бо ашъори Шанфара омезиш ёфтаанд. Баъзе муаллифони аҳди исломи чун Чоҳиз мансубияти баъзе шеърҳоро ба Таббата Шарран рад кардаанд.

Таббата Шарран дар ҳудуди соли 530 вафот кардааст ва аз ҷумлаи ашъори ӯ қасидаест, ки дар васфи амакаш Шамс ибн Молик гуфта шудааст.

## МАРКАШ АКБАР

Авф ибн Саъд ибн Молики маъруф ба Маркаш Акбар аз ҷумлаи он шуарои камшумори аҳди ҷоҳилист, ки хондану навиштанро медонист ва аз ин сабаб дорои мақому мартабаи хосе буд.Ӯ соли 524 дар Яман ба дунё омада, минбаъд дар Ироқ тарбият ва камол ёфтааст.

Маркаш Акбар шоирест, ки ашъори зиёд нагуфтааст. Аксари шеърҳои ӯ тағаззулоте мебошад, ки дар бораи духтари амакаш Асмо эҷод шудаанд ва аз ин лиҳоз ӯ чун шоири ошиқпеша дар миёни қавмҳои араб маъруф будааст. Шеърҳои Маркаш дар мавзуоти фахру ҳамоса хеле каманд. Шояд яке аз иллатҳои кавмии ашъори шоир дар кутохии умри у бошад, зеро вай соли 552 дар сини 28 солаги вафот кардааст, ки ин фосила нисбат ба ағлаби шуарои ҳамзамони ӯ умри кӯтоҳ ҳисоб меёбад.

## САМУИЛ ИБН ОДИЯ.

Самуил аз ҷумлаи яҳудиёни сарватманд ҳисоб мешудааст ва дар Тимо ном мавзеи воқеъ дар шимоли Мадина, дар қасри худ, ки Аблак ном доштааст, умр ба сар мебурдааст. Ӯ дар вафодори ба аҳд шӯҳрати бузург пайдо карда ин сифаташ ба ҳукми зарбулмасал даромада будааст ва таъбирҳои «Авфа мин Самуил «/Бовафотар аз Самуил/» ва «Вафа кавафои Самуил»/ «Вафо кард чун вафои Самуил»/ вирди забонҳо гардида будааст.

Дар бораи вафодории Самуил ба аҳд ривоёте мавҷуд аст. Аз ҷумла, тибқи яке аз ин ривоёт шоири маъруфи араб Имрул Қайс вақте ки аз таъкиби душманонаш саргардон буд, муддате ба қасри Самуил паноҳ овард. Қабл аз рафтани худ Имрул Қайс Панҷ адад зиреҳро ки аз аҷдодонаш ба ӯ мерос монда буд, ба Самуил дод, то онҳоро ба амонат нигоҳ дорад. Сипас имрул Қайс ба Рум рафт, то аз подшоҳи он кишвар Константин барои баргардонидани салтанати аз даст рафтаи худ мадад хоҳад, вале дар роҳи бозгашт аз Рум вафот кард.

Дар ин ҳангом душмани деринаи қавми Имрул Қайс-подшоҳи Хира- Амру ибн Ҳинд бо сардории Хорис ибн Золим

сипоҳе ба қасри Самуил фиристод, ки зиреҳҳои Имрул Қайсро аз ӯ бигиранд. Вале Самуил ба амонати ба ӯ супурдашуда хиёнат кардан нахост ва бо дифои қасри худ аз сипоҳи подшоҳи Ҳира бархост.

Сипоҳиёни Ҳира писари Самуилро ба асорат гирифтанд ва ба ӯ таҳдид карданд, ки зиреҳҳоро бидиҳад, вагарна писарашро ба қатл хоҳанд расонд. Бо вуҷуди ин Самуил хиёнат ба амонат амре бадтар аз марги писар донист ва ҳарчанд, ки фармондеҳи сипоҳ душман писари уро бо шамшер дунима кард, Самуил амонати ба онхо супоридашударо ба онҳо надод.

Сумаил да ҳудуди соли 560 вафот кардааст. Девони ӯ соли 1909 дар Бейрут чоп шудааст ва аз ҷумлаи ашъори ӯ қасидаест, ки шомили байти зерин мебошад:

----------

----------

Агар мард шараф номуси худро нигоҳ дошт,<br>
Ҳар либосе ки ӯ мепушад, зебост.

## УРВА ИБН АЛ-ВАРД

Абу Наҷд Урва ибн ал-Вард аз ҷумлаи шуарои роҳзани араб /саъолик, чамъи саълук/ буда, дар қабилаи Абас ба дунё омадааст. Ба сабаби диловариву ҷасорати камназари худ ӯ ба мартабаи раиси роҳзанон расида ва лақаби Амрувати-с-саъолик /Амир, солори duздон/ соҳиб шуда будааст. Дар «Китобу-л-агони» ӯ дар саховату ҷавонмарди болотар аз Ҳотам диниста шудааст ва сифатҳои вафодориву устувори ба аҳдро низ ба ӯ нисбат додаанд.

Урва ибн ал-Вард соли 615 вафот кардааст. Мероси адабии ӯ иборат аз ашъори девонест, ки бори нахуст соли 1864 бо тарҷумаи олмони дар Готенген ва бори дуюм дар Бейрут ба табъ расидааст.

Ашъори Урва ибн ал-Вард бештар дар мавзуоти фахру ҳамоса буда, дар миёни қабилаи шоир таъсиру нуфузи зиёд доштааст. Дар «Девону-л-ҳамоса»-и Абу Таммом якчанд қитъаи ӯ оварда шудааст, ки байти зайл аз ҷумлаи онҳост:

----------

----------

Дар сарзаминҳои Худованд сафар бикун ва бузурги биҷӯ,<br>
Рост бизи ё бимир ва ту маъзури.

## ВАРКА ИБН НАВФАЛ

Варка ибн Навфал ибн асад аз зумраи шоири дигари нодирест, ки чун маркаш Акбар хондану навиштанро медонист ва суханони арабиро бохавфи иброни менавишт.

Варка аз қабилаи Қурайш зуҳур карда ва писари амаки Хадича завҷаи Пайғамбари ислом Муҳаммад /с/ будааст. Ум шахсе парҳезгор ва муъмин ба тавҳиди худои ягона буда, бутпарастиро тарк гуфта буд ва мардумро аз хурдани қурбониҳое, ки барои бутҳои худ мекарданд, манъ менамуд. Марбут ба Варка ривояте мавҷуд аст, ки тибқи он вақте ки Пайғамбари ислом ваҳйи илохиро аз забони Ҷабраил шунид, ҳамсари ӯ Хадича аз ин ҳол огоҳ шуда, ҳаросон ба назди Варка омад ва дар бораи ин ҳодиса раъйи ӯро пурсид. Варка дар ҷавоб гуфт, ки он суханон ваҳйест, ки ба Мусо меросид ва Муҳаммад /с/ Пайғамбари ин уммат мебошад.

Ашъори Варка дар садри ислом шӯҳрате дошта, онҳоро мутрибон бо оҳанг мехонданд. Байти зайл дар маънии тавҳид ва диндорӣ аз ҷумлаи шеърҳоест, ки ба Варка ибн Навфал нисбат додаанд:

----------

----------

Қавмҳоро насиҳат кардам ва ба онҳо гуфтам, ки

Ман огоҳӣ аз Худовандам, вале касе шуморо гумроҳ намекунад.

## ҲОТАМ АТ-ТОИ

Ҳотам ибн Абдуллоҳ аз қабилаи Тай буда, кунияаш Абу Сафона аст ва дар миёни қквоми араб ба рамзи саховат ва ҷавонмардӣ табдил ёфтааст. Шӯҳрати ӯ дар ин сифат то ҷоест, ки зарбулмасалҳое аз қабили «Ачваду мин Ҳотам ат-Тои» / «Саховатмандтар аз Ҳотам ат-Тои»/ миёни арабҳо ба вуҷуд омада, интишор ёфтаанд.

Саховат ва бахшандагии Ҳотам баъд аз вафоти ӯ низ бештар шӯҳрат ёфта боиси пайдоиши қиссаву ривоятҳо дар аҳди исломи гардидааст. Аз ҷумла ибн ал-Аъроби дар китоби худ «Ан-наводир» нақл мекунад, ки Ҳотам ат-Тои аз ҷумлаи шуарои араб ва марде саховатманд ва ҷасуру диловар буд. Дар шеъраш низ аз саховат ва ҷавонмарди сухан мегуфт. Дар набардҳо ҳамеша ғолиб меомад ва

ғаниматҳои ба даст овардаашро ба мўҳтоҷону ниёзмандон мебахшид.

Тибқи ривоятҳо Ҳотам дар моҳи Раҷаб, ки қабилаи Мазар дар аҳди ҷоҳилият он моҳро муқаддас медонистанд, ҳар рўз даҳ шутур забҳ мекард ва мардумро таом медод.

Таърихи вафоти Ҳотам ат-Тои саҳеҳ нест, дар маъхазҳо ва осори тадқиқоти солҳои 506 ва 607 чун таъризи вафоти ў зикр гардидааст.

Чунонки қаблан зикр гардид, мавзўи асосии ашъори Ҳотам ат-Тои саховат ва ҷавонмардист. Девони ашъори ў бори аввал соли 1872 дар Лондон ва сипас дар Бейрут ба табъ расидааст. Байти зайл дар маъхазҳо ба номи ў оварда шудааст:

----------

----------

Агар барои баъзе касон молашон худованди онҳо бошад,
Сипос худоро, ки моли ман, бандаи ман аст.

## УММИЯ ИБН АБИ-С-САЛТ

Абу Усмон Уммия ибн Аби –с-Салт аз ҷумлаи он шоирони арабӣ аҳди ҷохилист, ки мутадаййин ва босавод буда, аз китобҳои динии гузашта ва алалхусус Таврот огоҳӣ доштааст ва дар ашъораш алфози таъбиротеро аз ин китобҳо меовардааст, ки аъроби он аҳд бо маъноии онҳо ошнои надоштаанд.

Уммия ибн Аби-с-Салт диндору парҳезгор буда, шаробро ҳаром медонист ва ҳатто даъвои пайғамбари дошт. Аз ин сабаб вақте ки Пайғамбари ислом Муҳаммад /с/ зуҳур кард, Уммия аз бухлу ҳасад гуфт: «Уммедвор будам, ки ман пайғамбар бошам». Бухлу ҳасад ўро кофир гардонд ва кори ў то ба ҷое расид, ки аҳли Қурайшро бар зидди пайғамбари ислом таҳрик мекард ва дар ҷанги Бадр дар ҳақи мактулони Қурайш марсия гуфт. Ҳарчанд, ки ў дар забон аб ислом имон овард, вале ҳасад боиси он шуд, ки дар дилаш чун кофир бимонад.

Уммия ибн аби-с-Салт соли 629 вафот намудааст. Ашъораш асосан дар мавзўи зуҳду худоҷўи ва масоили динист.

ХАНСО /575-664/

Яке аз мухтаасоти адабиёти аҳди ҷоҳилӣ, ки дар адабиёти халқҳои олам хеле нодир аст, вуҷуди занҳои суханвар дар миёни шоирони ин аҳд мебошад. Дар миёни занҳои суханвари аҳди ҷоҳилият шоираҳое буданд, ки ному шӯҳрат ва мартабаи баланди шоирӣ доштаанд ва яке аз онҳо Ҳансо бо кунbackият Умм Амру маҳсуб мегардад.

Ҳансо дар ҳудуди соли 575 дар хонаводаи амру ибн аш-Шурайд ном марди сарватманду бонуфузи мазари ба дунё омадааст. Ӯ дар тӯлии умр ду бор издивоҷ намуда, аз шавҳари нахустинаш, ки Абд-ул-Уззо ном дошт, соҳиби Амру ном писаре гардидааст. Аз шавҳари дуюмаш –Мардос ас-Сулмо низ соҳиби якчанд фарзанд гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар далериву шуҷоат шӯҳрат ёфтаанд.

Баъди марги ду бародари худ-Муъовия ва Сахр дар набард Ҳансо дар мотами онҳо чунон ашк рехт, ки чашмонаш нобино гардиданд. Алалхусус марги Сахр, ки дар шуҷоату саховат, ҷавонмардиву олиҳимматӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи як араби бадавӣ маъруф буду ғамхору меҳрубони Ҳансо маҳсуб мешуд, барои шоир кулфати сахту андӯҳи бузурге ҳисоб меёфт.

Ҳансо дар ҳудуди панҷоҳсолагии худ замони оғози исломро дарёфт ва ба он имон овард. Дар оғози ҷанги миёни мусалмонону эрониён ӯ фарзандони худро ба майдони набард фиристод, ки соли 638 дар ҷанги Кодисия ба шаҳодат расиданд. Вақте ки хабари шаҳодати писарони худро шунид, Ҳансо гуфт: «Сипоси худое, ки шарафи шаҳодати онҳоро арзони дошт. Орзуям ин аст, ки Парвардигори ман маро бо онон дар як чо дар қароргоҳи раҳмати хеш гирд оварад». Хансо умри тӯлонӣ дида, соли 644 дар 89 солагӣ аз олам даргузаштааст.

Мероси адабии Ҳансо асосан аз марсияҳое иборат аст, ки дар сӯгвории бародаронаш, алалхусус Сахр гуфта шудаанд. Девони ашъори ӯ бори нахуст соли 1888 дар Бейрут ба таъб расида, соли 1889 тарҷумаи фаронсавии он низ чоп шудааст. Муҳаққиқи муосири араб Луис Шайху, ки девони Ҳансоро ба таъб расонидааст, шарҳу тавзеҳи он девонро ба ҳайси китоби дарси таҳти унвони «Анису-л-чалсо фи шарҳи девони-л-Хансо» чоп намудааст.

Мағзу мояи шеъри Хансоро дарду алам ва андӯҳи бузурге ташкил мекунад, ки бар асари марги бародаронаш ба сараш омада, адр дилу эҳсоси ӯ маъво гирифтааст. Ҳамин дарду андӯҳи бузург аст, ки Хансоро ба шеър гуфтан таҳрик менамояд ва эҳсоси самимият ва дилсӯзӣ ба бародари фавтида бо чашмаи хуни аз чашмонаш фавворазананда ба шеъри сузу гудоз ва дарду ҳасрати бепоён табдил меёбад.

Хансо дар тамоми мавҷудот ва ҳодисоти табиат осори бародари худро мебинад, ӯро ба ёд меорад. Тулӯи офтоб аз шуҷоату диловари ва ҳамлаҳои ӯ бар душманон ёд меорад ва ғуруби он базмҳои сururу меҳмондориҳои Сахрро ёдовар мешавад:

----------

----------

Тулуи офтоб Сахрро ба ёди ман меорад,

Ва дар ҳар як ғуруби хуршед ҳам аз ӯ ёд мекунам.

Гоҳо эҳсоси хашму ғазаб ва кинаву нафрат ба душманон, ки боиси марги бародараш гардиданд, адр дили ҳансо ба ҷуш меояд ва ба сатрхои нафрату газаб алайхи душманон табдил меёбад. Гохо шоира аз лахзахои видоъ бо бародар, ки дили у ва модараш захме давонопазир гузоштааст, бо алам ёд мекунад ва мегуяд:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Ба худо, ки туро фаромӯш нахоҳам кард,

Ҳатто агар аз дили худ ҷудо шавам ё дар қиёмат гӯрамро бишикофонд.

Рузи фироқ, ки видоъ, кардам бо Сахр

Абу Хассон, бо лаззатҳои зиндагӣ ва унс бо мардум ҳам видоъ кардам.

Ғаму андӯҳи ману модарам аз ёди ӯст, ки

Оё у дар маркади худ шабро руз ва рузро шаб мусозад.

Хансо истеъдод ва ҳунари шоирии худро асосан ба марсиясарои сарф намудааст ва ҳатто мавзуоте чун фахр ва даъват ба интиқом, ки баъзан дар шеъри ӯ мушоҳида мешаванд, бо ҳадафи аслии вай, яъне сӯгворӣ ва дарду ҳасрат аз марги бародари иртибот

доранд. Ҳамин ҳадафи аслӣ, яъне изҳори дарду андӯҳ ва аламу ҳасрат боиси он гардидааст, ки дар шеъри Хансо такрорҳо ба назар мерасад ва баъзан дилгиркунандаанд.

Ба сабаби он ки Хансо ба хотири ёд овардани сифатҳои неки бародар ва шуҷоату қаҳрамониҳои ӯ аз васф бисёр истифода мебаранд, ба муболиға низ зиёд руҷӯъ мекунад, вале муболиғаххҳои ӯ ба хадди гулувва ифрот нестанд ва кобили пазироии зеҳни хонандаву шунаванда мебошанд. Аз ҷумла, дар абёти зайл, ки Ҳансо дар васфи бародари худ мегуяд:

----------

----------

----------

----------

Бузурги ва саховат ҷомае бар Тани ӯст,

Рости муҳити қудрати ӯст, ки наздики ба он ҳавлнок бошад.

Дар маҳфилҳо сухан сухани ӯст, ӯ ба доди мазлумон мерасад,

Агар аз мушкиле хавф дорад, барои ҳалли он илоҷе меҷӯяд.

Дар сабку услуби нигориши Хансо иҳзори эҳсосу отифа мақоми бузург дорад, ки ба василаи мурочиат ба чашмони худ ва даъват кардани онҳо ба ашкрези, хитобу гуфтугӯ бо бародари фавтида, васфи сифатҳои бародар дар базму разм ва амсоли онҳо баён гардидаанд. Дар баробари ин шеъри Хансо сухани саҳлу соддаест, ки ори аз такаллуф ва санъатнамоиҳост. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Хансо яке аз устодони шеъри марсия дар адабиёти араб маҳсуб мегардад.

**ХУТАЙЯ /ваф. 679/**

Чурул ибн Авс, ки бо лақаби Хутайа шӯҳрат ёфтааст, дар қабилаи Абас аз Зарро ном модаре ба дунё омадааст. Аслу насаби ӯ маълум набудааст. Аз ин сабаб вақте ки Хутайа аз бародарони падари худ хоҳиш намуд, ки ӯро ба бародарӣ бипазиранд, рад кардаанд. Хонадони зани падараш ҳам, ки аз қабилаи Бани Заҳл будаанд ӯро чун узви қабилаи худ қабул кардаанд. Хутайаи озурда аз қавму қабоил онҳоро ҳаҷв гуфт ва минбаъд зиндагии бесару сомон ва оворагардиро ихтиёр намуда, шеъри хешро ба василаи мадҳ ва ҳаҷв табдил дод. Ӯ миёни қабилаҳо ва хонаводаҳо мегашт, агар чизе медоданд, мадҳашон мегуфт, вагарна забон ба ҳаҷви онҳо мекушод.

Нокоми дар талоши аслу насаб ва озурдагӣ аз ҳаёти одами минбаъд Хутайаро ба шоире табдил дод, ки қариб ҳамаро саросар ҳаҷв мегуфт ва гӯё ба ин васила никор мегирифт. Ҳама аз теғи забони ҳаҷви ӯ дар ҳарос буданд. Ӯ ҳатто наздикону хешовандон ва худашро ҳам ҳаҷв карда буд.

Аз ҷузъиёти ҷолиби зиндагии Хутайа, ки бар хилофи сифоти ҳаҷвгӯӣ ва мардумбадбинии ӯст, муносибати неку ҳалимонаи вай бо зану фарзандонаш будааст. Ӯ бо Умм Малика ном зане издивоҷ карда будааст, ки аз вай соҳиби фарзандон гардида ва бо аҳли байти худ ҳалиму меҳрубон муомила мекардааст. Аз ин хотир метавон гуфт, ки сабаби ҳаҷвгӯӣ ва тундхуии Хутайа бо мардум як навъ аксуламали ӯ алайҳи сахтии зиндаги ва беадолатии аҳли рӯзгор нисбат ба вай будааст.

Хутайа то охири умр ҳаҷвгӯӣ ва таънаву мазамматимардумро тарк накардааст. Дар охирҳои умри Пайғамбари ислом ӯ имон оварда, мусалмон шудааст, вале зоҳиран, исломи ӯ забони будааст на қалби. Ӯ то охири умр ба таънаву изои мардум идома додаст, то ҷое, ки барои дар Амон мондан аз теғи забони ӯ мардум қаблан ба вай чизе инъом мекардаанд. Ба сабаби ҳаҷвгӯии Хутайа ҳатто Умар ибн ал-Хаттоб ӯро ба зиндон ҳам андохтааст. Хутайа дар ҳудуди соли 679 вафот кардааст ва тибқи ривояте гӯё баъди эҳсоси наздикии марги худ хоҳиш кардааст, ки ӯро ба модахаре савор кунанду бигардонанд, зеро ба андешаи вай мардони бузург бояд дар рахти хоб намиранд. Ҳангоме ки ӯро савори модахар мегардонидаанд, сатрҳои зеринро гуфтааст:

----------

----------

----------

Нест касе лаинтар аз Хутайа,

Ки фарзанду зани худро ҳаҷв кардааст.

Ӯ аз лаимии худ дар болои модахар бимурд.

Хутайа аз ҷумлаи шоиронест, ки девони у мавриди тахрифу тасарруфи ровиёни зиёд карор гирифтааст. Девони бори нахуст дар Кустантиния /Константинополь/ ва сипас дар солхои 1893 ва 1905 дар Лейпцигу Кохира ба таъб расидааст, баъзан фахру тагаззул хам мушохида мешавад.

Шеъру шоири василаи асосии гузаронидани зиндаги ва ягона колои Хутаййиа буд, ки барои фурухтан ва чизе аз молу сарват ба

даст оварданэчод мешуд ва шоир бо ин ният дар миёни шахрхо ва кабилахо сафар мекард, касеро, ки ба у чизе медод, мадх мегуфт, кассе, ки моле намедод, хадафи тири хачваш мегардид. Хамин хадафи Хутайййа аз шеъру шоири дар хитоби у, ки аз зиндон ба Умар ибн ал-Хаттоб фиристодааст, возех мушохида мешавад:

----------

----------

----------

----------

Чи мегуи дар чавоби чучахое, ки дар Зу Марах мондаанд,

Бе обу ташна ва бедарахте барои ошён.

Ту пайдокунандаи ризки онхоро ба каъри торики /зиндон/ афкандаи,

Маро бубахшо, саломи худо бар ту бод, эй Умар!

Хутайййа чунонки дар хачв махорат дорад, дар мадх низ устод аст ва дар мадхияхои худ тавре Сухан мегуяд, ки шукуху шахомат ва сифатхои неку мамдухро васф намуда, дар дили у эхсоси саховат ва карамро бармеангезад. Чунин хусусиятро дар абёти зайл, ки дар мадхи Оли Шамос гуфтааст, мушохида менамояд:

----------

----------

----------

----------

Онхо кавме хастанд, ки агар биное созанд,бинои нек месозанд,

Агар ахд банданд, вафо мекунанд ва дар ахди худ устуворанд.

Агар ба онхо хидмат куни, мукофоти хуб медиханд,

Ва агар хидмате барояд кунанд,миннат насозанд ва ранчат надиханд.

Бо ин хама Хайййа дар замони худ ва баъд аз он хамчун шоири хачвсаро шухрат пайдо кардааст ва хачв дар миёни ашъори у макони аввалдарача дорад. У хар чизеро, ки писанди мардум аст, нописанд медонад ба забон ба хачви он мекушояд, хатто чизе ё касеро ки каблан ситоиш карда буд, хачв мекунад ё хачвкардаи худро ситоиш менамояд. Ба таъбири дигар,Хутайййа ибн ал-Вакт, яъне фарзанди холат аст ва тибки холате сухан мегуяд, ки дар он карор дорад.

Ҳаҷв низ барои Ҳутаййиа чин мадҳ воситаи рӯзгузаронӣ ва таъмини аҳли байти вай буд, зеро шуҳрати ҳаҷвгӯиаш мардумро ба ҳарос оварда, теъдоде аз муосиронаш фақат барои он чизе ба ӯ инъон мекарданд, ки онҳоро ҳаҷв нагӯяд. Хабаре низ ҳаст, ки тибқи он халифа Умар ибн ал-Хаттоб бо пардохти 3 ҳазор дирҳам аз Ҳутаййиа талаб кардааст, ки ӯ дигар ҳаҷми мусалмононро нагӯяд, вале Ҳутаййиа дар ҷавоби Умар гуфтааст: «Чӣ кунам, ки агар ҳаҷв нагӯянм, бачаҳоям аз гуруснагӣ мемиранд. Ин касби манн ва роҳи маоши манн аст».

Аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва ҳадафи таълиф ҳаҷвҳои Ҳутаййиа ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: гурӯҳи аввалро ашъоре ташкил медиҳанд, ки ба хотири касби мол гуфта шудаанд. Ба гурӯҳи дигар ашъоре дар ҳаҷви Зубаркон ва афроди мухталиф шомил мегарданд, ки бо мақсади интиқомгирӣ ё таскини хотири шоир эҷод гардидаанд.

Ҳарчанд, ки ашъор ҳаҷвии Ҳутаййиа мардуми замони ӯро ба ҳарос оварда буданд, дар онҳо алфозе, ки мазмуни фаҳш ва таҳқиромез бошад, мушоҳида намегардад. Ӯ сифатҳои иҷтимоии шахсони ҳаҷвшавандаро аз қабили бухл, тарс, пастҳимматӣ, нотавонӣ ва амсоли онҳо мазаммат менамояд ва таҳқири шахсияти кассе дар шеъри ӯ ба назар намерасад. Чунончи дар ҳаҷви Зубаркон мегӯяд:

----------

----------

----------

----------

----------

----------

Вақте, ки ба манн ботини шумо ошкор гашт,

Донистам, ки дарди маро дар шумо дармоне нест.

Ман аз атои шумо руҳафтода шудам

Ва радкунандатар аз яъсбарои марди озода чизе наҳоҳӣ дид.

Бахшандагиро бигзор ва барои пайдо кардани он ба ҳеҷҷо сафар накун,

Ва биншин, зеро ту худ хӯрандаву пӯшандаӣ.

Ҳутаййиа аз зумраи шоиронест, ки дар пайравии мактаби шоирии Авс ибн Ҳуҷр эҷод мекунанд ва тамоми хусусиятҳои мактаби мазкур дар шеъри ӯ мушоҳида мегардад. Ҳутаййиа чун

шоирони дигари мактаби Авси дар пешниходи шеъри худ барои хонанда ва шунаванда таъчил намекард, баръакс то замоне, ки шеъраш суфтаву устувор ва комилу шеъво намегардид, бо такмили он машгул мешуд. Харчанд ки шеъргуиро Хутайййа воситаи касби маош ва рузгузарони гардонида буд, вале дар ин хунар махорати зиёд дошт ва дар шоири ба Зухайр ибн Аби Сулма пайрави мекард ва сабке оливу ороста бо алфозу таъбироти сайкал ёфта ва дар мизони истеъдоду фитрати шоирона санчидашударо дошт.

Аз ин чост ки мухаккикон уро дар радифи шуарои бузурги тоисломии араб хисоб кардаанд ва аз зумраи устодони хачву мадх дар таърихи адабиёти араб донистаанд.

# ФЕҲРИСТИ МАЪХАЗҲО


1. Абдулазим Али Канови. Ал-васф фи-ш-шеъри –л-араби.-Кохира,1341
2. Адам Мец. Мусулманский ренессанс.-М.,1973.
3. Ал-агони. Таълиф Аби-л-Фарач ал-Исфахони.-Бейрут,1959.
4. Ал-Бухтури. Китобу-л-хамоса.-Бейрут,1910
5. Алии Давони.таърихи ислом аз огоз то хичрат.-Техрон, 1361х.
6. Анису-л-Макдиси. Татаввуру-л-асолби-н-насрия фи-л-адаби-л-араби.-Бейрут,1929
7. Аттая М.О. Очерк по истории арабской литературы.-М.,1963
8. Ахмад аш- Шоиб. Таъриху-ш-шеъри-с-сиёси.-Кохира, 1945
9. Гибб Х.А.Р.Арабская литература. Классически период.-М.,1972
10. Зохидов Н. адабиёти арабизабони форсу точик аз истилои араб то ахди сомониён.-Хучанд, 1999
11. Зухайр ибн Аби Сулма. Девон.-Бейрут, 1964
12. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения.Т. 2.-М.-Л.,1956
13. Крымский А.Е.История арабов и арабской литературы, светской и духовной.Ч.1-111.-М.,1914
14. Луис Шайху. Шуароу-н-насрония.-Буйрут,1890
15. Морун Аббуд. Ар-руус.-Буйрут,1946
16. МУхаммад Хамма Абдулмунъим Хафочи. Эълому-ш-шеъри-л-чохили.- Кохира, 1949
17. Мухаммад ал-Хизр ал-Хусайн. Ал-Хитоба инда-л-араб-Кохира, 1346х.
18. Муаллакоти сабъ. Тарчумаи Абдулмухаммади Ояти. –техрон, 1345х.
19. Насим Наср. Аш-шеъру-л-араби фи балототи-л-мулук. –Бейрут, 1950.
20. Нобига аз- Зубёни. Девон. –Кохира, 1964
21. Раиф Хаври.Имрул Кайс. – Бейрут,1934
22. Саййид Навфал. Шеъру-т-табиъа фи-л-адаби-л-араби.-Кохира,1945
23. Салим ал-Чунди. Имрул Кайс.- Димишк, 1925

24. Тохо Хусейн. Фи-л-адаби-л-чохили.-Кохира,1964
25. Умар ад-Дасуки. Ан-Нобига аз –Зубёни. –Кохира,1949
26. Филштинский И.М. Арабская классическая литература. – М.,1965
27. Фуот ал- Бустони. Аш-шеъру –л-чохили.-Бейрут,1936
28. Хана ал-Фахури. История арабской литературы. Т.1-2.-М.,1959-1961
29. Шавки Зайф.Ал-фан ва музохаба фи-ш- шеъри-л-араби.-Кохира,1945
30. Шарифов Х. Балагат ва суханвари.-Душанбе,2001
31. Шарифов Х. Назарияи наср.-Душанбе, 2004
32. Шидфа Б.Я. Образная система арабской классической литературы.-/У 1-Х11вв./.-М.,1974
33. Чурчи Зайдон. Таъриху адаби-л-лугати-л-арабия.-Ч.1.-Кохира, 1936

# АДАБИЁТИ АҲДИ ХУЛАФОИ РОШИДИН ВА УМАВИЁН (622-750)

## Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии шибҳи ҷазираи Арабистон пас аз зуҳури ислом.

Маълум гардид, ки шибҳи ҷазираи Арабистон дар арафаи зуҳури ислом дар ҳоли бӯҳрони шадиди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ қарор дошта, қабилаҳои араб дар вазъи парокандагӣ ва ҷангу низоъи доимӣ бо якдигар қарор доштанд. Фасоди ахлоқӣ, айёшиву лаззатҷӯӣ, шаробхорагӣ, қимору зино, рибохорӣ ва амсоли ин кирдорҳои зишт дар ҷомеа авҷ гирифта буд.

Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) аз овони таваллуд, яъне 570 ва овони кӯдакиву наврасӣ ин бӯҳрони иҷтимоӣ, маънавӣ ва фасоди ахлоқии ҷомеаро бо чашмони худ медид, ӯ медид, ки ба замми ин ҳама мардуми замони ӯ ба бутон саҷда мекунанд, ба коҳинону ҷодувон итоат менамоянд, рӯҳан азоб мекашид. ҳангоме ки ба синни камолот расид ва баъсати Пайғомбарӣ ёфт, мардумро ба тавҳид ва ислому Қуръон даъват кард. Мардуми Макка ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд, ки гурӯҳи аввал Пайғомбари исломро пайравӣ карданд, вале гурӯҳи дуюм аз ҷумлаи мушрикон бар хилофи ӯ бархостанд.

Пас аз шиддат ёфтани ихтилоф миёни мусалмонони ва мушрикон Пайғомбари ислом соли 622 аз Макка ба Ясриб (Мадина) ҳиҷрат намуд ва бо ҳамин марҳалаи таърихии ислом оғоз гардид, ки солшумории ҳиҷрӣ номида мешавад.

Дар тӯли даҳ соли боқимондаи умри Пайғомбари ислом (с) миёни мусалмонони Ясриб ва мушрикони Макка ғазавоти зиёде рух дод, ки оқибат бо пирӯзии мусалмонон анҷомид. Дар замони зиндагии Пайғомбари ислом ағлаби кулли қабилаҳои араб зери парчами дини ягона ва Пайғомбари барҳақи ислом (с) муттахид гардиданд ва як давлати арабии исломие ба вуҷуд оварданд, ки дар муддати кӯтоҳе давлатҳои зиёди дуру наздикро таҳти тасарруфи худ даровард ва ба як императории бузурги исломӣ табдил ёфт.

Пас аз вафоти Пайғомбари ислом (с), яъне аз соли 632 то соли 661 чаҳор нафар халифаҳои рошидин – Абубакр ас-Сиддиқ, Умар ибн ал- Хаттоб, Усмон ибн Аффон ва Алӣ ибн Абитолиб умури

идораи сиёсӣ ва дини давлати навбунёди арабиро ба ўҳда гирифтанд. Ба сабаби он ки хулафои рошидин аз ҷумлаи саҳобагони Пайғомбари ислом (с) ва пайравони ў буданд, идораи умури давлати арабиро дурусту рост бо шеваи Пайғомбари ислом идора мекарданд.

Хулафои рошидин бо қарори шўрои мусалмонон интихоб мешуданд ва дар замони онҳо доираи нуфузи ислом ва ҳудуди давлати арабии исломӣ вусъат ёфта, то Сурияву Эрон ва Мисру Африқои шимолӣ доман густурд.

Баъди ба хилофат расидани Алӣ ибни Абитолиб (а) ихтилофоти шадид миёни табақоти бонуфузи хилофати араб ба вуҷуд омад. Намояндагони қабилаи Зубайр Алиро ба қатли Усмон гунахкор донистанд ва душманonii ў оғоз намуданд. Волии Шом Муъовия ибни Абусуфён низ ба баҳонаи ситонидани интиқоми хонадони хеш ба муқовимат бо Алӣ бархост. Алӣ аз Мадина, ки маркази хилофат буд, ба Куфа тағйири макон кард ва мубориза ҳо миёни ўву мухолифонаш шиддат ёфт. Мардуми хилофат дар ин муқовимат ба ду гурўҳ, яъне ҷонибдорон ва мухолифони Алӣ ҷудо шуданд. ҳангоми ҳалли масъалаи ҳокимият гурўҳи дигаре низ ба миён омаданд, ки ҳам бо Алӣ ва ҳам бо Муъовия дар мухолифат буданд ва он гурўҳро хавориҷ меномиданд.

Пас аз шаҳодати Алӣ ибни Абитолиб пайравони ў писараш – ҳасанро ба сарварӣ ихтиёр карданд. ҳасан муқовиматро бо Муъовия бефоида дониста, сулҳро ихтиёр намуд, то қатлу хунрезии мардуми бегуноҳро боздорад. ҳамин тавр Муъовия ибни Абусуфён халифаи давлати исломии арабӣ гардид ва дар соли 661 бунёди давлати Умавиёнро гузошт, ки кариб 90 сол, яъне то оғози хилофати Аббосиён дар соли 750 идома дошт.

Умавиён пойтахти хилофатро, ки дар Мадина буд, ба шаҳри Димашқ интиқол доданд. Дар замони хилофати умавиён шаҳрҳои Куфа, Басра, Макка, Мадина ва амсоли онҳо низ марказҳои бузурги исломӣ маҳсуб мешуданд.

Хулафои Умавӣ дар идораи умури давлатӣ ва сиёсӣ роҳи Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошидинро пеш нагирифтанд, баръакс сиёсатеро пеш гирифтанд, ки дар бисёр мавридҳо хилофати суннатҳои исломӣ буд. Онҳо қабл аз ҳама сиёсати арабгароӣ ва таассуби нажодиро пеш гирифта, бар хилофи фармудаҳои Пайғомбари ислом (с) мақоми аъробро дар хилофат

дар дараҷаи аввал гузоштанд ва ҳокимону сарлашкарон, сардорони лашкар ва дигар мансабҳои баландро дар хилофат аз миёни арабҳо таъйин мекарданд ва бо халқҳои ғайриараби хилофат аз қабили эрониёну румиён ва соири онҳо бо назари таҳкир ва беэътиноӣ менигаристанд ва онҳоро тобеи арабҳо меҳисобиданд.

Бар асари таассуби нажодӣ ва арабгароӣ Умавиён барои ҳифзи фарҳанги арабӣ саъйи зиёд мекарданд. Фарзандони худро ба бодия миёни аъроби бадавӣ мефиристоданд, то дар он ҷо забон ва шеъру адаби бадавиро омӯзанд ва дорои сифоту хислатҳои аъроиби бадавӣ гарданд. Дар маҷлисҳои адабие, ки дар дарборҳои хулафои Умавӣ баргузор мешуд, ровиёну адибон ва шоирон даъват мешуданд ва ба онҳо атоҳои зиёд дода мешуд.

Аз ҷумлаи хусусиятҳои давлатдории Умавиён ин буд, ки онҳо хилофатро барои фарзандони худ меросӣ гардониданд. Қасрҳои боҳашамат бунёд намуда, аз ҳисоби сарватҳои аз ҳисоби тасхири кишварҳои дигар ҷамъшуда бо айшу комронӣ машғул гардиданд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати Умавиён дар миёни мардуми Куфаву Басра, Маккаву Мадина ва манотиқи дигари хилофат норизоӣ алайҳи онҳо ба вуҷуд омад. Аз ҷониби дигар ин амали умавиён ва арабгароии онҳо наҳзати шуубияро ба вуҷуд овард, ки бештари намояндагони он аз зумраи эрониён буданд.

Муъовия саъй кард, ки бо додани моли фаровон ба сардорони қавмҳо ва бузургони Маккаву Мадина ва шаҳрҳои дигари хилофат онҳоро аз исён ва мубориза боздоранд ва бақои ҳукумати худро таъмин намояд. Вале чунин тадбир дер давом накард ва пас аз вафоти Муъовия мубориза алайҳи хилофати умавиён шиддат ва вусъати зиёд ёфт. Дар муборизаи зидди умавиён ҷонибдорони Алӣ аз аҳли ташаййуи Ироқу ҳиҷоз, хонадони Зубайриён, хавориҷ ва маволиву шуубиён муттаҳид гардиданд ва ҳарчанд ки умавиён барои дифои худ аз хидмати хунрезоне чун ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф истифода намуданд, оқибат дар соли 750 ҳукумати 90-солаи онҳо сарнагун карда шуд ва хилофатро хонадони Аббосиён соҳиб гардиданд.

Таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар нимаи аввали қарни VII дар шибҳи ҷазираи арабистон ба вуҷуд омад, дар ҳаёти адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардуми ин сарзамин низ бетаъсир намонд. Муҳимтарин падидае, ки дар ҳаёти мардуми ин сарзамин ба вуҷуд омад дар баъсати Муҳаммад (с), нузули Қуръон ва зуҳури ислом буд.

Зуҳури ислом як инқилоби динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоие буд, ки вазъи иҷтимоӣ ва маънавии арабҳоро ба куллӣ дигаргун сохт, расму оинҳо ва ахлоқу аҳволи онҳоро тағйир дод. Нахустин тағйире, ки ислом дар ҳаёти иҷтимоии аъроб ворид кард, иттиҳоду ваҳдати қабила ва хонаводаҳои парокандаи араб буд. Чунонки медонем, қабл аз ислом аъроби ҷоҳилӣ бо нисбаташон ба қабила, яъне бо ҳумайрӣ, мазарӣ, абасӣ, тамимӣ ва ё аз қабилаи дигар будани худ фахр менамуданд. Вале дини ҷадид тамоми қабилаҳоро зери парчами як мафҳум – «ислом» муттаҳид кард ва ба мисдаҳи қавли Пайғомбари ислом (с) «Ал-муслимун ихватун» ҳамаи мусалмононро бародарони якдигар хонд. ҳамчунин пайғомбари ислом (с) дар ҳадиси худ фарқи натанҳо арабҳо, балки тамоми фарзандони Одамро фақат дар парҳезгорӣ ва имон денista ва эълон намуд: Ё аййуҳа-н-носи анна раббакум воҳидун ва анна абокум воҳидун. Куллукум ли Одама ва Одаму мин турабин ва акрамакум индаллоҳи атқокум. Лайса лиарабийин ала аҷамийин фазлун илло би-т-тақво.
(Эй мардум Худои шумо ягона аст ва падари шумао якест, ҳамаи шумо аз Одам ба дунё омадаед ва Одам аз хок хилқат шудааст ва беҳтарини шумо назди Худованд парҳезгортарини шумост. Миёни араб ва аҷамӣ фарқе нест, магар аз рӯи тақводорӣ.)

Ислом дар расму оинҳо ва суннатҳои аҳди ҷоҳилӣ тағйироте ворид кард ва хурофоту эътиқодоти мушриконаи онҳоро барҳам дод. Қимор, шаробхорӣ, зино, рибохорӣ ва дигар одоти зиёноварро манъ кард, мардумро ба покии ахлоқу имону динаш даъват намуд. Аммо коҳинону ҷодувонро маҳкум кард ва мардумро аз бутпарастиву хурофт боздошт ба сӯи тавҳид ва парастиши Худои ягона роҳнамоӣ намуд.

Тағйироти муҳими дигаре, ки пас аз зуҳури ислом ва футуҳоти хилофати араб дар сарзаминҳои дигар ба вуҷуд омад, омезиш ва иртиботи онҳо бо халқҳои гуногун алалхусус Эрониёну румиён мебошад. Қабл аз ислом арабҳо бо миллатҳои ҳамсоя иртиботи кам доштанд, вале дар садри ислом ин иртибот ва омезиш вусъат ёфта, боиси вуруди алфозу таъбирот аз забонҳои бегона ва афкору андешаҳои тоза ба фарҳанги арабӣ гардид. Бар асари ин иртибот арабҳо таҷрибаи эрониён ва румиёнро дар умури давлатдорӣ ва ташкили лашкар омӯхтанд ва истифода намуданд. Фиқҳи румиён, ҳикмати юнониён ва дабирии эрониён дар тарзи

тафаккур ва сабки нигориши арабҳо таъсир намуд. Бар асари ин илмҳои қироат, фиқҳ, ҷуғрофиё, таърих, улуми адабӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки дар ташаккули онҳо халқҳои тобеи хилофат, алалхусус эрониён саҳми бузург доштанд.

Таъсиротеро, ки зуҳури ислом дар адабиёти араб ворид кард, метавон чунин арзёбӣ намуд. Аввалан, бар асари зуҳури ислом ва таҳаввулоти падидомада дар садри ислом адабиёте ба вуҷуд омад, чун улуми шеърӣ ва забонӣ, ки қаблан собиқа надоштанд. Сониян, теъдоде аз осори аҳди ҷоҳилиро аз ҷумлаи саҷъи коҳинон ва дуоҳои онон куллан аз байн бурд. Ахиран, дар рушду равнақи баъзе ақсоми арабӣ чун хитоба ва шеър мусоидат намуд, ҳарчанд агар дар аҳди ҷоҳилӣ хитоба дар ҷои дуюм пас аз шеър қарор дошта бошад, дар садри ислом хитоба мавқеи аввалдарҷаро ишғол кард. Ин ҳолат бесабаб набуд, зеро мусалмонон ҳам дар аҳди хулафо ҳангоми ғазавот ва намоз ба хутба ниёзи бештар доштанд. Аз ин сабаб дар миёни мусалмонони садри ислом хатиб нисбат ба шоир мақоми болотаре пайдо кард.

Яке аз хусуиятҳои муҳими адабиёти аҳди хулафои рошидин ва Умавиён дар он зоҳир мегардад, ки он тобиши адабиёти муборизаи сиёсиро ба худ гирифтааст, зеро агар дар аҳди Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошиддин он чун силоҳи муборизаи сиёсӣ миёни пайравони ислом ва мушрикон хидмат карда бошад, дар замони Умавиён ба василаи муборизаи миёни гурӯҳҳои сиёсӣ табдил ёфтааст.

ҳарчанд ки дар ин давра арабҳо соҳиби давлати мустақили арабӣ гардиданд ва имконоти зиёд барои рушди адабиёт пайдо намуданд, вале чандон тағйирот ва таҳаввулоти ҷиддие дар адабиёти ин давра ба назар намерасад. Сабаби ин ҳол шояд дар он бошад, ки дар оғози ислом адабиёт ба василаи муборизаи сиёсӣ миёни мусалмонону мухолифони онҳо табдил ёфта буд. Вале дар аҳди Умавиён, ба сабаби таассуби нажодӣ ва саъйи Умавиён ба адаби бадавӣ адабиёти ин давра пойбанди тақлид ва пайравӣ ба адабиёти аҳди ҷоҳилӣ гардидааст. Сабаби асосии ин ҳолат дар он аст, ки халифаҳои умавӣ фақат он қабилаҳоеро дастгирӣ мекарданд, ки ҷонибдори онҳо буданд вале дар ҳақи қабилаҳое, ки ба онҳо мухолифат доштанд, беэътиноӣ ва сахтгирӣ мекарданд. Дар натиҷа низои миёни қабилаҳо, ки дар замони Пайғомбари ислом ва хулафои рошидин аз миён рафта буд, аз нав ривоҷ ёфта,

суннатҳои муфохара ва мунозараи байни қабилаҳо вусъатнок гардид ва адабиёт аз нав ба сабки шеъри ҷоҳилӣ баргашт. ҳокимону сарватмандони умавӣ низ дар навбати худ мухлисони ашадии шеъру адаби ҷоҳилӣ буданд ва ба намояндагони он атоҳои зиёд медоданд. Аз ин ҷост, ки «гироишҳои ҷоҳилӣ дидаи мардумро кӯр кард ва адаби ҷоҳилӣ мардумро ба худ машғул дошт».

Дар тақлид ва пайравии аҳди ҷоҳилӣ дар замони Умавиён бозорҳое аз қабили Канноса дар ҳудуди Куфа ва Марбад дар Басра ба вуҷуд омаданд. Алалхусус мардуми Басра мехостанд ки бозори Марбадро ба Уккози аҳди ҷоҳилӣ табдил диҳанд ва аз ҳар ҷониб ба он ҷо шоирону олимон меомаданд. Мардум ҳар рӯз дар ин бозор ҷамъ омада, тафохурот ва ё ҳаҷвномаҳои шоиреро аз як гурӯҳи сиёсӣ ё қабилаи худ интизор мешуданд. Умуман, бозори Марбад дар ҷараёни адабии аҳди Умавиён таъсири бузург дошт.

Бояд гуфт, ки халифаҳои Умавӣ барои рушди адабиёт мехостанд, ки саҳми худро гузоранд ва бо ин мақсад аҳли адабро ба дарборҳои худ ҷамъ оварда, ба онҳо моли фаровон ато мекарданд. Бо ин ҳама адабиёт дар замони онҳо фазои озоди ҳунарӣ надошт ва чун василаи рақобатҳои хулафову мухолифони онҳо ва манфиатҳои сиёсии фардиву гурӯҳӣ хидмат мекард. Аз ин сабаб ҳарчанд фаъолияти аҳли адаби ин давра густурда ва вусъатнок буд, вале онҳо аз банди муборизаҳо ва мавзӯъҳои сиёсӣ пой берун ниҳода наметавонистанд.

## ШЕЪР ДАР АҲДИ ХУЛАФОИ РОШИДИН ВА УМАВИЁН.

Дар аҳди хулафои рошидин ва умавиён шеъри арабӣ натанҳо дар миёни бадавиён идома дошт, балки доманаи нуфузи он вусъат ёфта, шаҳрҳои ҳиҷоз, Мадина, Димашқ, Куфа, Басра ва соири онҳо ба марказҳои илму адаб табдил ёфтанд. Дар ин даврон тағйироти ҷиддӣ дар вазифаи иҷтимоӣ ва моҳияти шеър хидмати қабила ва дифои манфиатҳои он бошад. Дар ин давраи Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошидин ба василаи даъвати исломӣ ва мубориз бо мушрикону мухолифони мусалмонон табдил ёфт. Баъди қатли Усмон ибн Аффон, халифаи сеюми рошидин дар хилофати араб ихтилофот миёни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд омад ва дар аҳди Умавиён ин ихтилофот ва муборизаи миёни гурӯҳҳои сиёсӣ ба

авҷи аълои худ расид. Дар натиҷа шеъру шоирӣ ба дастгоҳи тарғибот ва муборизоти сиёсии миёни гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа табдил ёфт ва ҳар як шоир қудрат ва маҳорати суханварии худро барои дифои ҳизби сиёсии худ ва саркӯб кардани гурӯҳҳои мухталиф сарф менамуд.

Чунонки қаблан зикр гардида буд, Умавиён сиёсати арабгароӣ ва таассуби нажодиро пеш гирифта буданд ва ба дарбори худ шоиронро аз қабилаҳои мухталиф ба дарборашон даъват намуда, маҷлисҳои шеърхонӣ ташкил менамуданд. Дар ин маҷлисҳо ҳар як шоир аз номи қабилаи худ муфохара ва мунозара мекард ва молу сарвати зиёд ба даст меовард. Дар баробари ин шоирон ногузир буданд, ки дастгоҳи хилофат ва ҷонибдорони онро дастгирӣ ва ситоиш намоянд.

Метавон гуфт, ки дар мавзӯоти шеърӣ тағйироти ҷиддие ба вуҷуд наомад ва ҳамон фахр, мадҳ, ҳаҷв, марсия ва амсоли онҳо, ки дар шеъри аҳди ҷоҳилӣ низ роиҷ буданд, мавзӯоти асосии шеъри ин давраро ташкил менамуданд. Вале ба вуҷуд омадани ашъори ошиқонаи бо оҳанг сурудашаванда дар ҳиҷоз ва зуҳури шеъри динӣ падидаи тоза дар адабиёти ин давра ҳисоб меёбад.

Мавзӯоти ошиқона дар қисмати муқаддимавии ғазал дар адабиёти аҳди ҷохилӣ низ роиҷ буданд, вале аз аҳди Умавиён ба баъд дар ҳиҷоз шеърҳои алоҳидаи ошиқонае бо номи ғазал ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо шаҳват ва лаззати ҷисмонӣ тарғиб карда мешуд. Ин навъ шеърҳо барои дилхушӣ ва айшу компронии сарватмандони ҳиҷоз ва фарзандони онҳо хидмат мекарданд ва мутрибону навозандагон онҳоро бо оҳанг мехонданд.

Дар мавриди шеъри динӣ бояд гуфт, ки он дар адаби ҷоҳилӣ собиқа надошт ва дар замони Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошиддин ба вуҷуд омад. Чунонки медонем пас аз аз зуҳури ислом муддате кӯтоҳ, шеъру шоирӣ аз равнақ монд, зеро аввалан, ниёзи бештаре ба хитоба вуҷуд дошт ва хитоба ҷои шеърро иваз кард. Сониян, ояти: «Ва-ш-шуароу аттабиъуҳуму-л-ғовуна а лам таронаҳум фи кулли водин яқимуна ва аннаҳум яқулуна мо ло яфъалун». (Ва шоиронро мутобиат мекунанд зиёнкорон ва сафеҳон (монанди шуарои мушрикин, ки чандин тан буданд, шеър мегуфтанд ва Пайғомбарро (с) ҳаҷв мекарданд ва мардуми ҷуҳҳол назди онҳо истода гӯш мекарданд.) Оё намебинӣ онҳоро, ки дар ҳар водӣ аз калом саргардонанд, зеро ағлаби калимоти эшон ҳазлу

ҳатак ва мадҳи халоиқ ва ҳаҷви номустаҳақ аст) нозил шуда буд. Ба замми ин Пайғомбари ислом (с) фақат ба шеъре рағбат дошт, ки чун шеъри Уммия ибни Аби-с-Салт дар он сухан аз фикри Худову киёмат, ҳикмату мавъизат ва зуҳду тақво рафта бошад. Фармудаҳои Пайғомбари ислом (с) аз қабили «Инна мина-ш-шеъри лаҳикматун» (Ба дурустӣ, ки мурод аз шеър ҳикмат аст) ва «Асдақу калиматин қолаҳо шоирун қавлу Лабидин: А ло куллу шайъин мо халаллоҳу ботилун» (Росттарин сухан он аст, ки аз қавли Лабид гуфта шудааст: ҳар сухане, ки аз зикри Худо холист, ботил аст.) дар бораи назари ӯ ба шеър гувоҳӣ медиҳанд. Хулафои рошидин низ чунин равиши Пайғомбари исломро пайравӣ мекарданд ва мардумро ба ҷои шеър ба хондани Қуръон даъват мекарданд.

Бо вуҷуди ин ҳама шеър ва алахусус шеъри динӣ дар садри ислом зуҳур кард ва ривоҷ ёфт. Теъдоде аз шуаро чун Абдуллоҳ ибни Зубайр, Абу Суфён, Амру ибни Ос дар ашъори худ мусалмонон ва Пайғомбари исломро (с) ҳаҷв мекарданд. Теъдоди дигар аз қабили ҳассон ибни Собит, Каъб ибн Молик, Абдуллоҳ ибни Равоҳа, ки бунёдгузорони шеъри динӣ маҳсуб мешаванд, дар ашъори худ масъалаҳои тарғиби ислому Пайғомбари он, мазаммати кофирон ва ҳимояи мусалмононро ҳадафи эҷодӣ қарор дода буданд.

Бо ташаккули тафсирнигорӣ дар садри ислом ниёз ба шеър бештар гардид ва қавли яке аз муфассирони нахустини Қуръон Ибни Аббос, ки мегуфт: «ҳаргоҳ дар хондани Қуръон чизеро надонистед, онро дар ашъори араб ҷустуҷӯ кунед» таҳрикдиҳандаи ривоҷи шеър буда, метавонист. Бесабаб нест, ки қасидаҳои комил ва абёти алоҳида дар маъхазҳо ба хулафои рошидин Абубакр, Умар, Усмон ва беш аз ҳама ашъору хитобаҳо ба Алӣ ибни Абитолиб (а) нисбат дода шудааст.

Аз лиҳози теъдоди шоирон ва миқдори шеъри онҳо ин давра нисбат ба аҳди ҷоҳилӣ хеле камтар аст ва худи шоиронро низ аз лиҳози замони зиндагӣ ба ду гурӯҳ: мухазрам ва муҳдас ҷудо кардаанд. Ба гурӯҳи аввал шоироне шомил мегарданд, ки замони зиндагияшон ҳам ба давраи ҷохилият ва ҳам ба садри ислом мувофиқ меояд. Шуарои муҳдас онҳоеро мегуфтанд, ки дар замони ислом зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Мавзӯоти асосии шеъри садри ислом тарғиби ислом ва дифои он аз мухолифону мушрикон, даъват ба ислом, мубориза ва шаҳодат дар роҳи дифои он, ҳаҷви мусалмонон ё мухолифони

онҳо, васфи муборизаҳо, ғазали ошиқона марсияи шаҳидони роҳи ислом ва амсоли онҳо ҳисоб меёбад. Шеъри ин давра бо истифодаи фаровони зарбулмасалу ҳикмат насиҳату мавъиза ва оёти қуръониву аҳодиси набавӣ низ фарқ мекунад. Дар ин марҳала инчунин ашъоре ба вуҷуд омаданд, ки дар мадҳи Пайғомбари ислом (с) гуфта шуда бадеъиёт ном гирифтанд.

Аз ҷумлаи хусусиятҳои фарққунандаи шеъри садри ислом дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд аз лиҳози сабк ба шеъри аҳди ҷоҳилӣ шабоҳат доранд, ба сабаби  таъсири Қуръон ва фарҳанги исломӣ низоми муайяни фикрӣ ва ягонагии мантиқӣ дар шеъри ин давра ба вуҷуд омад. Мавзӯи мадҳ ҳам дар шеъри ин давра камтар буда, фаҳшгӯӣ дар ҳаҷв низ кам ба назар мерасад.

Аз лиҳози мавзӯву мундариҷа ва вазифаи иҷтимоӣ шеъри ин давраро ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ намуданд. Ба гурӯҳи аввал, ки шеъри муборизаи динӣ ном дорад ва намояндагони маъруфи он Каъб ибн Зуҳайр, ҳассон ибн Собит, Абузуайб ал- ҳазалӣ ва Нобиғаи Ҷаъдӣ мебошанд, ашъоре дохил мешаванд, ки ба мавзуоти даъват ба ислом,  дифои ислому Пайғомбари он, ҳаҷви душманон, футуҳоти исломӣ, тарғиби таълимоти исломӣ ва амсоли онҳо бахшида шудаанд.

Гурӯҳи дуюм шеъри лаҳв ё шеъри ғиноӣ (лирикӣ) ном дошта, ба он ашъори ошиқонаи омехта ба тарғиби шаҳват ва лаззоти ҷисмонӣ ва ғазали ошиқона дар бораи ишқи поку боиффатӣ ва саршори садоқату вафодорӣ шомиланд. Намояндагони ин гурӯҳ Ҷамил ибн Муаммар, Лайло Ахилия, Умар ибни Аби-Рабиа ва дигарон ҳисоб меёбад.

Ба гурӯҳи сеюм, ки шеъри сиёсӣ номида шудааст ва дар бораи сиёсати хулафо қабилаҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ эҷод гардидааст, Ахтал, Ҷарир, Фараздақ, Кумайт, Тиримmoҳ, Убайдулло Руқаёт ва дигарон ворид мегарданд.

Гурӯҳи чаҳорум фунуни хос ном гирифтааст, ки ашъори дар баҳри комили раҷаз гуфташуда, яъне урҷузаҳо ва шеърҳои бо номи роъуёт дар бораи чӯпон ва рамаи ӯ гуфташуда аз қабили онҳост. Шоирон Аҷҷоҷ ва Руъба аз зумраи маъруфтарин урҷузасароён ва Роию Зу-р-Румма машҳуртарин эҷодкорони роуёт дониста шудаанд.

# НАМОЯНДАГОНИ МАЪРУФИ ШЕЪРИ МУБОРИЗАИ ДИНӢ

## КАЪБ ИБНИ ЗУҲАЙР

Қаблан зикр гардида буд, ки баъд аз баъсати Пайғомбари ислом (с) қабилаи Қурайш ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буданд. Онҳое, ки ба Пайғомбар (с) ва Худои ягона имон оварда буданд ва онҳое, ки ба мухолифат бо мусалмонон бархостанд. Шуарои ҳар ду гурӯҳ ҳам манфиатҳои гурӯҳи худро ҳимоя мекарданд. Аз ҷумла Абдуллоҳ ибн аз-Зубайрӣ, Амру ибни Ос ва Абусуфён ибн ал-ҳорис ба ҳаҷви пайғомбари ислом (с) ва мусалмонон оғоз кардаанд ва гурӯҳи дигари шуаро, аз қабили ҳассон ибни Собит, Каъб ибни Молик ва Абдуллоҳ ибн Равоҳа бо сухани худ ба мубориза бо душманони ислом бархостанд. Бояд гуфт, ки он ашъори ҳаҷвӣ, ки дар ҳақи Пайғомбари ислом (с) ва саҳобагони ӯ гуфта шудаанд, тамоман аз миён рафтаанд, зеро вуҷуди онҳо боиси фитнаву фасод миёни муслимин буда метавонист ва сониян қабилаи Қурайш ва қабоили дигари араб, ки ҳамагӣ ба ислом гаравида, тахти парчами ислом муттаҳид шуда буданд, дигар ба чунин шеърҳо ниёз надоштанд.

Аз ҷумлаи нахустин шоироне, ки Пайғомбари исломро (с) ҳаҷв гуфта минбаъд аз кирдори худ пушаймон гардид ва қасидаи «Бонат Суод»-и худро, ки бо номи «Қасидаи бурда» ҳам маъруф аст, ба мадҳи Пайғомбар бахшид.

Каъб ибни Зуҳайр писари шоири маъруфи аҳди Ҷоҳилӣ Зуҳайр ибни Аби-Сулма дар хонаводае ба дунё омадааст, ки ба майдони адабиёти араб ёздаҳ шоирро овардааст. Бобояш Аби Сулма, падараш Зуҳайр, бародараш Баҷир ва теъдоде аз бародарону ақрабои ӯ ҳама шоир буданд ва дар таърихи адабиёти араб мақому нақше доштанд.

Каъб дар қабилаи Ғатафон, ки қабилаи модариаш будааст, ба дунё омада, дар ҳамин ҷо парвариш ёфтааст. Табиист, ки дар чунин хонаводаи шеъру адаб Каъб хеле бармаҳал ба шеъргӯӣ сар кардааст, вале падараш аз хавфи он ки бо байте носуфта обрӯи хонаводаро нарезад, ӯро аз хондани шеъраш миёни мардум то замони камол ёфтанаш дар шоирӣ манъ карда буд.

Пас аз баъсати Пайғомбари ислом (с) ва ба ислом гаравидани бародараш Баҷир, Каъб бо мақсади мазаммати бародар ва баргардондани ӯ ба дини аҷдодонаш, ҳаҷвияе дар ҳақи Муҳаммад (с) ва ислом эҷод кард. Пайғомбар ӯро насабгумкарда хонд ва нафрат кард. Сипас Каъб ба ҳар қабилае, ки мерафт, ҳеҷ касе ӯро намепазируфт ва паноҳ намедод. Ниҳоят бародараш Баҷир ӯро ба ислом даъват кард ва Каъб чун паноҳгоҳе дигар надошт, қасидаи «Бонат Суод»-ро навишт ва бо тавба ба Мадина ба ҳузури Пайғомбари ислом (с) омад. Вақте ки қасидаи худро дар рӯ ба рӯи Муҳаммад (с) хонд, Пайғомбари ислом ӯро авф кард ва бурдаи (хилъати) хоси худро ба ӯ бахшид ва аз ин сабаб қасидаи мазкур бо номи қасидаи бурда низ шӯҳрат ёфт.

Бурдаи Пайғомбари ислом муддатҳо дар хонадони Каъб ибни Зуҳайр даст ба даст мегашт. Пас аз вафоти Пайғомбари ислом (с) ва даргузашти худи Каъб ибн Зуҳайр нахустин халифаи Умавӣ Муъовия ибн ал-ҳорис бурдаи Пағомбарро(с) аз хонаводаи Каъб ба бист ҳазор дирҳам харид ва дар аҳди Аббосиён он ба чиҳил ҳазор дирҳам барои Мансури Аббосӣ фурӯхта шуд ва оқибат ба дасти подшоҳони Туркиёни усмонӣ афтод.

Каъб ибн Зуҳайр дар ҳудуди соли 644 вафот кардааст ва ашъоре дар мадҳ, ғазал, ҳаҷв, марсия ба мерос гузоштааст. Бо ин ҳама машҳуртарин шеъри Каъб ҳамон қасидаи «Бонат Суод» ё «Қасидаи бурда» аст, ки қасидаи ломия буда, дар баҳри басит навишта шудааст ва дар ҳудуди 58 байтро дар бар мегирад.

Дар бораи шӯҳрати қасидаи мазкур шарҳҳои зиёде, ки ба қалами Хатиби Табрезӣ, Ибн Дурайд, Ибн ҳишом ва дигарон навишта шудаанд ва чопҳои зиёди он дар соли 1748 дар Лейден , 1871 дар Лейсиг, соли 1904 дар Париж, соли 1931 дар Бейрут ва кишварҳои дигар воқеъ шуда, ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, англисӣ, русӣ ва ғайра тарҷума шудааст, гувоҳӣ дода метавонад.

Қасидаи Каъб ибни Зуҳайр тибқи анъана бо тағаззул оғоз гардида, сипас васфи шутуре меояд, ки шоирро ба манзили маъшуқ мерасонад. Шеър ба мадҳи Пайғомбари ислом (с) ва муҳоҷирони мусалмони Мадина ба анҷом мерасад.

Қасидаи «Бонат Суод» (Суод рафт) бо абёти зайл оғоз мегардад, ки шоир дар онҳо маъшуқи худро ба оҳубарра бо чашмони сурмасо қиёс менамояд:[1]

Суод рафт ва имрўз дилам девонаи ишқи ўст,
Ва дар дами ў асир аст ва ин асирро кас ба фидя озод накардааст.
Ва Суод дар бомдоди рўзи ҷудоӣ он гоҳ ки кўч карданд,
Оҳубараеро мемонад, ки чашмони сурмасояшро ба замин дўхта бошад ва оҳиста аз бинӣ суол кунад.

Бояд гуфт, ки Каъб дар қисмати тағаззул чандон ибтикор ва маҳорате зоҳир накардааст, вале дар васфи шутур ва бодия ў чун пайрави падари худ ва мактаби Авс ибн ҳуҷр бо камоли устодӣ сухан меронад ва дар абёти зайл васфи ў хеле табиитару зиндатар аз васфҳои гузаштагони ў таҷаллӣ мекунад:[2]

Дар мадҳи Пайғомбари ислом (с) тавбаву узрхоҳӣ ва ситоиши муҳоҷирони Мадина, Каъб сабку равиши мадеҳасароии Нобиғаи Зубёниро дорад, вале дар баёни эҳсосоти дардноки худ ба пояи Нобиға расида натавонистааст. Аз ҷиҳати зебоии сабки баён, расоии тасвир ва интихоби алфозу таъбирот дар ин қасида маҳорат ва устодии Каъб ибни Зуҳайр аён аст.

Аз қасидаи мазкури Каъб ибн Зуҳайр ва ашъори бозмондаи ў маълум мегардад, ки ў чун падараш Зуҳайр ибн Аби Сулма пайрави мактаби Авс ибн ҳуҷр буда, дар оғоз чун ровии шеъри падари худ ба фаъолият оғоз намудааст ва аз сабки суханварии падараш баҳра бардоштааст.

Яке аз хусусиятҳои сабки баёни Каъб дар он зоҳир мегардад, ки дар шеъри ў хаёли ҳиссӣ мавқеи назррас дорад ва шоир ашёи ҳисшавандаро бо ташбеҳоти пайдарҳам, тасвирҳои муқаррар таҷассум менамояд. Маҳз ба василаи ҳамин такрорҳо ва тасвирҳои пай дар пай на ба воситаи таҳлили амиқ шоир маъниро барои хонанда хотирнишин ва мақбул мегардонад.

Аз ҷумлаи мухтассоти дигари қасоиди Каъб ибни Зуҳайр дар он аст, ки ў барои нигоҳ доштани иртиботи фикрӣ ва мантиқии миёни ақсоми қасида ва ягонагии мантиқии онҳо саъй менамояд ва аз ин лиҳоз нисбат ба падари худ пешрафтатар аст. Чунончи ҳангоми гузаштан аз васфи шутур ба қисмати тағаззули қасида иртиботи фикри миёни ин мавзўашро нигоҳ медорад ва мегўяд:[3]

Суод дар сарзамине маскан гузидааст, ки ҷуз уштурони асил ва раҳвор бад он ҷо натавонад расид.

Каъб дар истифодаи санъатҳои бадеии сухан ба таҷрибаи гузаштагони худ қаноат накарда, ба замми ташбеҳоту муболиғот аз

такрори лафзҳо, алфозу таъбироти хушоҳанг ва амсолу қавлҳои ҳикматомез низ ба таври фаровон истифода мебарад, ки ба сухани ӯ таъсир мебахшанд. Аз ҷумла дар мадҳи Пайғомбари ислом (с) аст:[4]

Пайғомбар мисли нурест, ки аз он рӯшноӣ мегиранд, шамшерест ҳиндӣ, аз шамшерҳои баркашидаи Худованд.

Аз миёни гурӯҳе аз қавмаш, ки чун ислом оварданд, гӯяндаи онҳо фармон дод: «Акнун ҳиҷрат кунед!»

Муҳоҷират карданд ва ҳамвора дар майдони набард на нотавонанд ва на нопойдор ва на аз онҳо, ки силоҳ меафкананд ва бар душман пушт мекунанд.

Дар сабк сухани Каъб ибн Зуҳайр дуруштии шеъри бадавӣ камтар ба мушоҳида мерасад ва сухани ӯ бештар ба бадеият ва ороиши ҳунарӣ асос ёфтааст. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки Каъб яке аз шуарои нововар ва тозакори араб маҳсуб мегардад, ҳарчанд ки дар ин равиши суханварӣ ба пояи камолот нарасидааст.

## ҲАССОН ИБНИ СОБИТ (ваф. 672м.)

Бунёдгузори воқеии шеъри динии араб шоири маъруфи садри ислом Абулвалид ҳассон ибн Собит тақрибан соли 562, яъне ҳашт сол қабл аз валодати Пайғомбари ислом (с) дар Мадина ба дунё омадааст. Асли ӯ аз қабилаи Хазраҷ аст, ки аз Яман ба Мадина муҳоҷират намуда, бо қабилаи Авс дар Мадина сукунат ихтиёр намудаанд. Дар овони ҷавонии ҳассон Мадина майдони низоъҳои миёни қабилаҳои Авс ва Хазраҷ буд ва дар байни шоирони ин қабилаҳо ҳассон ибн Собит ва Қайс ибн ал-Хотим муфохироту мунозироти шеърӣ баргузор мегардид.

Баъди он ки ҳассон дар шоирӣ шӯҳрати зиёд пайдо кард, подшоҳони ҳира ва Ғассониён ӯро ба дарборҳои худ ҷалб намуданд. Ӯ нахуст хидмати мадеҳасароиро дар пойтахти давлати Ғассониён шаҳри Ҷалқ оғоз намуд ва дар қатори шуарои дарбори онҳо Нобиға аз- Зубёнӣ, Алқама ал-Фаҳл ва дигарон ба мадҳи Ғассониён пардохт. Дар муддати начандон зиёд ҳассон аз пешаи маддоҳӣ молу сарвати фаровон ҷамъ овард ва роҳи дарбори подшоҳи ҳира Абуқобус Нӯъмон ибн Мунзирро пеш гирифт. Дар он ҷо мақоми Нобиғаро соҳиб гашт. Зеро дар он айём Нобиға дарбори ҳираро тарк гуфта ба хидмати Ғассониён рафта буд. Ӯ муддате дар ҳира хидмат кард ва вақте ки Нобиға боз ба дарбори

ҳира баргашт, ҳассон мақоми худро дар ин дарбор тарк гуфта, ба назди қабилаи худ рафт.

ҳангоме ки Пайғомбари ислом (с) баъсат кард ва ба даъвати худ оғоз намуд. ҳассон тақрибан шастсола буд ва ба ислом гаравида, минбаъд шеъри худро дар хидмати ислом ва Пайғамбари мусалмонон гузошт. Силоҳи асосии ӯ дар ин ҷода мадҳ ва ҳаҷв буд ва ҳассон ин ҳунарҳоро бо камоли устодӣ медонист. Зеро агар ҳаҷвгӯиро дар қабилаи худ ба авҷи камол расонда бошад, мадеҳасароии ӯ зимни хидмат дар дарборҳои подшоҳони ҳира ва Ғассониён камолу сайқал ёфта буд. Ӯ бо ҳаҷв душманони исломро аз ҷумлаи Қурайшиён ва қабилаи дигар саркӯб мекард, ба ҳамлаҳои шоирони мушрикон ҷавоб медоду ислому мусалмононро дифоъ мекард ва Пайғомбари ислому (с) муҳоҷиронро ситоиш намуда, дар тарғиби ислом ва аҳкому таълимоти он саҳм мегузошт.

Пайғомбари ислом (с) низ ҳассонро қадршиносӣ мекард ва ҳарчанд ки шоир фақат бо сухан дар мубориза ширкат мекарду боре ҳам ҷуръати иштирок дар ғазалҳоро надошт, ба ӯ илтифот зоҳир мекард. Аз ҷумла Пайғомбари ислом (с), Сирин ном хоҳари завҷаи худ Морияи Қибтияро ба ҳассон ба занӣ дод ва қасреро, ки Абу Талҳа дар Мадина вақфи хонаводаи Пайғомбар (с) карда буд ба ихтиёри ҳассон бахшид.

Пас аз вафоти Пайғомбари ислом (с) ҳассон аз соли 632 то охири ҳаёташ дар хидмати гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ба сар бурд. Дар оғоз дар муборизаи ансор ва муҳоҷирин барои соҳиб шудан ба қудрат дар Мадина ансорро ҷонибдорӣ намуд. Сипас дар ҳалқаи ҷонибдорони Усмон ибни Аффон даромада, марсияи пурсӯзе дар ҳақи вай навишта, Алӣ ибн Абитолибро дар қатли Усмон гунаҳгор кард ва мардумро ба интиқом даъват намуд. Дар охири умр ҳассон ба хидмати Муъовия ибн ал-ҳорис расида, то охири умр, яъне то соли 672 дар хидмати Муъовия буд ва назди ӯ мақому мартабаи хосе дошт.

Мероси адабии ҳассон ибн Собитро девоне ташкил медихад, аз қарни ҶІҶ ба баъд дар ҳиндустон, Тунис, Миср ва ғайра ба табъ расидааст. ҳассон ибн Собит дар таърихи адабиёти араб чун бунёдгузори ашъори динӣ ва сиёсӣ эътибори зиёд пайдо кардааст ва аз ин сабаб баъдан душманони ислом гоҳо муаллифини зиндагиномаи Пайғомбари ислом таҳрифоту тасарруфоте дар он ворид кардаанд, Ибн ҳишом иддае аз ин таҳрифотро зикр кардааст.

Аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва мавзўъ шеъри ҳассонро асосан мадҳ ва ҳиҷо ташкил менамояд. Тағаззул ва мадҳ дар ашъори ў кам ба назар мерасад. Мадеҳаҳои ҳассон дар бораи подшоҳони ҳира ва Ғассониён, бузургони қабилаҳо Пайғомбари ислому муҳоҷирон ва ахиран дар бораи хулафои рошиддин то Муъовия эҷод шудаанд. ҳаҷвияҳои ўро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷавоби душманони қабилаи Хазраҷ, мухолифони ислому Пайғомбар ва амсоли онҳо гуфта шудаанд.

ҳассон ибн Собит қабл аз ислом оварданаш марҳалаи тўлонии умри худро сипарӣ намуда буд. Ў дар оғоз чун дигар шоирони аҳди ҷоҳилӣ шеъри худро барои ҳимояи қабилаи худ аз душманони он равона сохта буд. Хусумате, ки миёни қабилаи Хазраҷ ва Авс вуҷуд дошт, ҳассонро водор мекард, ки дар баробари шоирони қабилаи мухолиф, алалхусус Қайс ибн ал-Хотим ба мубориза бархезад ва манфиатҳои қабилаи худ-Хазраҷро дифоъ намояд. Ин муборизаи миёни шуарои ду қабила хеле идома ёфт ва ҳар як шоир қабилаи мухолифро ҳаҷв мекард ва нуқсонҳову сифатҳои разилаи ононро нишон дода, бартарӣ ва афзалияти қабилаи хешро бар душман исбот кардан мехост. ҳассон дар яке аз қасидаҳои худ дар ҷавоби ҳамлаи шоири қабилаи Авс Қайс ибн Хотим чунин мегўяд: [1]

Чунонки зикр гардида буд ба сабаби иртиботи тўлонии ҳассон бо дарборҳои Ғассониёну Мунзириён дар ашъори ў мавзўи мадҳ низ мақоми зиёд дорад. Бештари мадеҳаҳои ў ба подшоҳони Ғассонӣ Амруи чаҳорум, Ибн ал-ҳориси шашум, бародари вай Нўъмони шашуми маъруф ба Абу Карб ва Ҷиббила ибн Айҳам бахшида шудааст. Аз подшоҳони ҳира ҳассон асосан Абуқобус Нўъмон ибн Мунзирро мадҳ гуфтааст.

ҳассон алалхусус дар дарбори подшоҳони ғассонӣ соҳиби молу сарвати зиёд гардида будааст ва баъзан худи ў мамдуҳонашро ба саховатмандони афзунтар таҳрик намуда мегўяд:[2]

Сабки ҳассон дар мадеҳасароӣ идомаи сабки аҳди ҷоҳилист ва чун анъана бо истодану гиристан бар харобаҳои манзили маъшуқа оғоз меёбад ва сипас шоир ба мадҳи мамдўҳ мегузарад ва бо зикри хислатҳои олӣ ба шахсияти мамдўҳ, бузургӣ ва шаҳомоти хос мебахшад.

Пас аз ислом овардани ҳассон дар шеъри ў тағйироти ҷиддие падид омадааст, ки ин қисмати зиндагии ўро чун як марҳалаи хос

ва ҷолиб дар таърихи адабиёти араб ҷилвагар месозад. Дар ин марҳалаи зиндагии худ ҳассон ҳунару шоирии худро комилан сарфи мадҳи ислому Пайғомбари он, муборизаи дини алайҳи мушрикон ва дифои ислому мусалмонон аз ҳамлаи шуарои мушрик гардонид. Аз ин лиҳоз ӯ воқеан бунёдгузори шеъри динӣ ва сиёсӣ дар адабиёти араб маҳсуб мегардад. ҳамчунин ӯ бунёдгузори шеъри мадеҳавӣ дар васфи Пайғомбари ислом ҳисоб меёбад, ки дар таърихи адабиёти араб ин гуна ашъор бо номи «бадеъиёт» маъруф аст.

Мадҳияҳои динии ҳассон асосан дар бораи Пайғомбари ислом, саҳобагон ва шахсиятҳои диниест, ки дар роҳи дин хидматҳои бузург кардаанд. Тафовути асосии ин навъ мадҳияҳо дар он аст, ки шоир онҳоро барои талаби молу сарват нагуфтааст ва ин гуна шеърҳо ҷанбаи ақидатӣ ва ихлосӣ дошта, ҳадаф аз онҳо исботи рисолати Паҕгомбари ислом, зикри сифоти ҳамидаи он ва саҳобагон, ҷоннисорӣ, шуҷоат ва далерии муҳоҷирон дар набардҳо алайҳи мушрикон аст. Чунончи дар мадҳи Пайғомбари ислом мегӯяд:[3]

Пас аз навмедӣ ва як даврони фатрат, ки ҳеҷ паёмбаре набуд, паёмбаре бар мо мабъус шуд, дар ҳоле, ки дар рӯи замин мардум бутҳоро мепарастиданд.

Он паёмбар чароғи рушанибахш ва роҳнамои мо шуда, чун шамшери дурахшони ҳиндӣ ошкор гардид.

Моро аз оташ бим дод ва ба биҳишт башорат дод ва исломро ба мо омӯхт, пас Худовандро сипос мегӯем.

Ва ту, эй Худованди махлуқот, парвардигори ман ва офаринандаи манӣ, то зиндаам дар миёни мардум ба ин гувоҳӣ хоҳам дод.

ҳассонро лозим меомад, ки дар ҷавоби мушрикони Қурайш ҳаҷвияҳо бигӯяд, вале дар ин роҳ мушкиле пеш меомад. Мушкили пеш омада, он буд, ки мушрикони Қурайш ҳамқабилагони Пайғомбари ислом буданд ва шоир наметавонист онҳоро ба сабаби аз Қурайш буданашон ҳаҷв намояд. Дар ин амр шоир Абубакрро ба ёрӣ хонд ва аз ӯ аслу насаби мушриконро омӯхта, дар асоси онҳо ба ҳаҷвашон пардохт. Дар ҳаҷвияҳои ӯ таъну мазаммате ба қабилаи Қурайш дида намешавад, балки мухолифони ислом чун шахсони дар аслу насаб бегона ба Қурайш ё аз ҷонибӣ модар насаби паст дошта, ё чун шохаи пӯсидаи қабилаи Қурайш тасвир карда

шудаанд. Ба ин маънӣ дар ҳаҷви Бани Саҳм ибн Амру ибн ҳасис ва Амру ибн ал-Ос мегӯяд:[4]

Теъдоди мавзӯоте чун тағаззул, айшу хушгузаронӣ, васфи шаробу бодагусорӣ дар қисмате аз шеърҳои ҳассон мушоҳида мешаванд. Табиист, ки ин навъ шеърҳо қабл аз ислом овардани шоир эҷод шудаанд ва бахусус ба замонҳое мувофиқ меояд, ки ӯ ба дарборҳои ҳираву Ғассониён иртибот дошт.

Мавзӯоти ошиқона ва хамриёти ҳассон шеърҳои алоҳида набуда, дар қисмати насибии қасида ё зимни фахр омадаанд. Дар тағаззулоташ муошиқаи ӯ бо Шаъсо ва Амру тасвир мегардад. Хамриёти шоир, бештар ба хотири тафохур гуфта шуда, шоир гуё бо хӯрдани шароб дар назди мухотаби худ ифтихор менамояд.

Дар шеърҳои ҳассон нақши эҳсосу отифаи шоир мақоми бузург дорад ва шеъри ӯ таровиши эҳсосу отифаи вай аст. Аз ин ҷост, ки дар шеъри ӯ чун дар шеъри Каъб ибн Зуҳайр иртиботи фикриву мантиқии миёни ақсоми қасида риоя намешавад. ҳамчунин шоир барои ороиши зоҳирии сухан ва истифодаи сухан ба истифодаи санъатҳои бадеъӣ саъй намекунад ва сухани ӯ ороишӣ зотӣ ва перояи табии бадеӣ ба бар карда аст. Воқеаву руйдодҳои иҷтимоӣ ва сиёсии замон, ки зуд-зуд сар мезаданд, ба шоир имкони тааммул ва андешаи зиёдро намедоданд ва ӯро лозим меомад, ки фавран ва бадоҳатан шеър гӯяд. Шеъри ҳассон аз васфу тамсил, ки хоси шеъри ҷоҳилист, холӣ мебошад ва дар девони ӯ шеърҳои аз лиҳози бадеият заифу суст дучор мешаванд, ки шояд натиҷаи таҳрифот ва далолати дигарон бошад.

Дар шеъри ҳассон осори дини ҷадид ва таъсири Қуръон зиёд мушоҳида мешавад ва шоир дар бораи тавҳид, савобу иқоб ва амсоли онҳо зиёд сухан мегӯяд. Аз ин ҷо ҳассонро бунёдгузори шеъри динии исломӣ донистаанд.

Шеъри ҳассон аз арзиши таърихӣ низ холӣ нест, зеро шеъри ӯ як навъ таърихномаи замони ӯст, ки дар бораи подшоҳони ҳираву Ғассониён, дар бораи ғазавоти Пайғомбари ислом маълумоти муфид дода метавонад.

## АБУ ЗУАЙБ АЛ-ҲАЗАЛӢ (ваф. 646м.)

Абу Зуайб Хувайлид ибн Холид ҳазалӣ аз зумраи шоиронест, ки қисмати бештари умрашон дар аҳди ҷоҳилият гузаштааст ва дар даврони охири умр ба ислом гаравида, ба ҳимояи он бархостааст.

Абу Зуайб аз қабили бани Саъд буда, пас аз зуҳури ислом дар Мадина иқомат ихтиёр кард ва ҳамроҳи муҳоҷирону ансор дар ғазавот иштирок намуд. Дар замони хилофати Усмон ибн Аффон бо лашкари Абдуллоҳ ибн Саъд ибн Аби-с-Сарҳ ба шимоли Африқо рафт ва дар фатҳи он сарзамин ширкат намуд ва ниҳоят ҳамроҳи Абдуллоҳ ибн Зубайр ба Миср баргашта дар ҳамон ҷо дар ҳудуди соли 646 вафот кард.

Аз Абу Зуайб теъдоди зиёди қасоид боқӣ мондааст, ки баъзеи онҳоро Ибн Қутайба дар китоби «Аш-шеър ва-ш-шуаро»-и худ овардааст Абу Зуайб дар Миср панҷ писари худро аз даст додааст, ки ба сабаби бемории тоун фавтидаанд ва аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти ӯ марсия мавқеи аввалдараҷа дорад. Ағлаби марсияҳои ӯ дар сӯгвории писаронаш гуфта шудаанд.

Дар шеъри Абу Зуайб сухани инсони ранҷида ва гирифтори дарду андӯҳи бузург ба гӯш мерасад, ки дар муқобили сахтиҳои зиндагӣ ва пасту баландиҳои он устувор бошад, вале ашки ҳасрат ва ғаму андӯҳи худро нигоҳ дошта наметавонад:[1]

Баъд аз онҳо пиндори, ки дар дидагонам хор кашидаанд, ки аз ранҷи он ашки ман мерезад.

Абу Зуайб гоҳо барои таскини дили хеш ба андеша ва ҳикмати зиндагӣ паноҳ меорад ва мегӯяд:[2]

Чун марг чанголҳои худро фурӯ барад, мебинӣ, ки ҳеҷ таъвизе суд намекунад.

Шояд аз ин ҷост, ки Абу Зуайб дар таърихи адабиёти араб чун шоири марсиягӯ ва баёнгари андешаҳои ҳакимона шӯҳрат ёфтааст ва соддагиву бетакаллуфии шеъри ӯ ва шахсияти шоирии ӯ эътироф шуда, тибқи ривоятҳо ҳанӯз ҳассон ибн Собит ӯро беҳтарин шоири қабилаи ҳузайл мансуб дониста будааст.

## НОБИҒА АЛ-ҶАЪДӢ (ваф. 699м.)

Абу Лайло ҳассон ибн Абдуллоҳ ал-Ҷаъдӣ ал-Омирӣ аз зумраи шоиронест, ки қисмати асосии ашъори онҳо дар мадҳи Пайғомбари ислом, ҳимояи ислому муслимин аз ҳамлаҳои шуарои душмани ислом ва амсоли он эҷод гардидааст.

Зоҳиран, айёми ҷавонӣ ва камолу нубуғи ӯ ба замони зуҳури ислом мувофиқ омада, аз ин сабаб Нобиға тахаллуси шоирии ӯ гардидааст. Қабл аз зуҳури ислом Нобиға зиндагии осудаву сарватмандона доштааст, вале пас аз ҳиҷрати Пайғомбари ислом(с) бо гурӯҳе ба Мадина рафта ба ислом гаравидааст ва Пайғомбарро мадҳ гуфта, муддате дар муҳоҷират, дар Мадина умр ба сар бурдааст.

Пас аз вафоти Пайғомбари ислом Нобиға дар сафи мухолифони Умавиён қарор дошт ва аз ин сабаб Умавиён ба ӯ таҳдиду озор мерасониданд. Дар оғоз ӯ ба ҳалқаи Алӣ ибн Абитолиб (а) даромад ва ҳамроҳи Алӣ дар ҷанги Сиффин иштирок намуд, ҳам бо силоҳу ҳам бо сухан ба Алӣ мадад расонд.

Баъди ба сари қудрат омадани Умавиён ва оғози хуруҷи Абдуллоҳ ибн Зубайр бар зидди Язид, Марвон ва Абдулмалик бо гурӯҳи Абдуллоҳ ибн Зубайр пайваст ва аз ӯ ба ивази мадҳияҳои худ молу сарвати фаровон ба даст овард.

Нобиға пас аз шикасти Умавиён ва ба хилофат омадани Аббосиён ба нияти саёҳати кишварҳои фатҳшудаи исломӣ баромад ва ҳангоми саёҳати Эрон дар ҳудуди соли 699 дар Исфаҳон аз олам даргузашт.

Аз мероси адабии Нобиғаи Ҷаъдӣ ашъори зиёде дар мавзуоти мадҳ, ҳаҷв, фахр ва марсия боқӣ мондааст. Ӯ дар васф алахусус дар васфи асп шӯҳрат доштааст. Қасидаи роияи ӯро дар мадҳи Пайғомбари ислом (с.), ки бо байти зайл оғоз меёбад, муҳаққиқон машҳуртарин шеъри вай донистаанд:[1]

Нобиға ба ороиш ва такмили шеъри худ, ки хоси шуарои мактаби Авс ибн ҳуҷр аст, камтар эътибор медиҳад ва аз ин сабаб баъзе байтҳои сусту халадор дар миёни ашъори ӯ мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин мусиқавияти дилнишин ва равонии сухану устувории алфозу таъбирот ӯро чун шоири тавоно ва суханвари мумтози араб дар садри ислом муаррифӣ менамоянд.

# НАМОЯНДАГОНИ ШЕЪРИ ҒИНОӢ (ЛИРИКӢ)

## Баҳси мухтасар дар бораи ғазал ва анвои он дар садри ислом ва аҳди Умавиён.

Шеъри ғиноӣ ё лирикӣ шеърест, ки аз эҳсосу авотифи гӯянда сарчашма мегирад ва шоир ба василаи ин навъ шеър аз ғаму шодӣ, шавқу ҳасрат, ғазабу нафрат ва дигар ҳолатҳои руҳии худ сухан мегӯяд. Шеъри ғиноӣ маъмулан барои оҳанг ва олоти мусиқӣ эҷод карда мешавад. Яке аз мавзуоти асосии шеъри ғиноӣ баёни ҳолатҳои руҳи ошиқ, шодии висолу ғами ҳиҷрони маъшуқа, садоқату вафодории амиқ ва истиғнои маъшуқа ва амсоли онҳоро дар бар мегирад.

Дар шеъри қабл аз ислом низ мавзӯи ишқ, чун ҷузъи таркибии қасида зимни тағаззулот баён карда мешуд, вале дар аҳди Умавиён ғазал чун шеъри ошиқона ривоҷ ва вусъати зиёд пайдо кард. Ғазале, ки чун шеъри алоҳида, на ҳамчун муқаддимаи қасида эҷод шуда бошад, дар адабиёти аҳди ҷоҳилӣ ба назар намерасид. Ғазале, ки  чун шеъри мустақил бошад, баъзан дар ҳиҷоз ва сарзаминҳои аъроби холис ба вуҷуд омад.

Ғазали ин давраро муҳаққиқини таърихи адабиёти араб ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд, ки аввалӣ ғазали бадавӣ - ғазали сокинони бодия ва дуюмӣ ғазали ҳазарӣ - ғазали шаҳрнишинон аст. Ба ғазали бадавӣ ё узрӣ ошиқонаҳое шомиланд, ки дар онҳо ишқи афлотунӣ, ишқи поку беолоиш васф карда мешавад ва намояндагони он ошиқи Бусайна – Ҷамил ибн Муаммар,  маъшуқаи Тавбат ибн ҳумайр –Лайли-ал-Ахилия, ошиқи Лубно – Қайс ибн Зариҳ, ошиқи Лайло – Маҷнун ал-Омирӣ, ошиқи Афро –Урва ибн ҳузом ва дигарон ҳисоб мешаванд.

Ғазали ҳазарӣ ё шаҳрӣ ғазалест, ки орӣ аз иффат ва покдоманӣ буда,  дар он лаззоти ҷисмонӣ ва майлҳои шаҳвонӣ тарғиб карда мешавад. Ин навъ шеър аз шарму ҳаё орӣ буда шаробхорагӣ, лаззатхоҳӣ ва ҳавасҳои ҷисмониро васф  мекунад. Намояндагони ғазали ҳазарӣ Умар ибн Аби Рабиъа, Аҳвас ва Валид ибн Язид ба шумор меравtotal. ҳиҷоз, ки дар садри ислом маркази императории навтаъсиси исломӣ буд ва баъди  вафоти Пайғомбари ислом хулафои рошиддин онро пойтахти хилофат қарор доданд ва аз ин сабаб ба маркази динӣ ва сиёсии давр табдил ёфт. Дар ҷараёни футуҳоти исломӣ, ки дар замони хулафои рошидин оғоз

ёфт, ғаниматҳои ҳарбӣ, молу сарват, маволии ирониву румӣ, шомиву мисрӣ ва амсоли онҳо ба Мадина фиристода мешуданд. Дар натиҷа аз як ҷониб арабҳои Мадина соҳиби молу сарвати бешумор гардиданд ва аз ҷониби дигар омезиши тамаддуни арабӣ ва аҷамӣ ба вуҷуд омад.

Баъди ба хилофат омадани Умавиён ва ба Димишқ кӯчонидани пойтахт ва беэътиноии Умавиён ба аҳли ҳиҷоз эътирозҳо миёни ҳиҷозиён падид омад. Умавиён барои фурӯ нишондани эътирозҳо ба ҳиҷоз атоҳои зиёд мефиристоданд. Дар натиҷа рӯҳи эътироз ва норизоӣ дар ҳиҷозиён фурӯ нишаста, як навъ муҳити осудагиву фориғболи ва айёшиву лаззатхоҳӣ аз ҳисоби молу сарвати осон ба даст омада, ба вуҷуд омад.

Бар асари ин ҳодиса агар ҳиҷозиён ва алалхусус бузургону ашрофи он ба молу сарват ғӯтавар шуда бошанд, арабҳои бодияи Наҷду ҳиҷоз гирифтори маҳрумияту бенавоӣ ва ноумедиву рӯҳафтодагӣ шуданд. Аз ин хотир агар теъдоде аз бадавиён ба зӯҳду тарки дунё майл намоянд, теъдоди дигар  ва беш аз ҳама шуарои бадавӣ бо эҷоди ошиқонаи поку беолоиш дар бораи ишқи ноком ва пур аз дарду андӯҳ худро машғул медоштанд.

Фарзандони муҳоҷирону ансори Макка ва Мадина, ки ба сарватмандони бузург табдил ёфта буданд, ба дилхушиву лаззатчӯӣ машғул гардиданд ва дар миёни ин ҷавонон гурӯҳҳое ба вуҷуд омаданд, ки ҷуз шаробхорӣ ва беҳудагардиву исрофкорӣ кори дигаре надоштанд. Вуҷуди ғуломону канизон ва мардону занони навозандаву сароянда аз ҷумлаи ирониён, румиён ва кишварҳои дигари тасхиршуда, имкони мусоид барои ривоҷи суруду мусиқӣ ва шодмониву хушгузаронӣ фароҳам овард. Муҳити ба вуҷуд омада эҷоди шеъреро тақозо мекард, ки онро бо доираву танбур ва олоти дигари мусиқӣ хондан имкон дошта бошад ва чунин шеър бояд асосан дар мавзӯи ишқбозӣ ва лаззати ҷисмонӣ эҷод карда мешуд. Дар натиҷа ғазалҳои кӯтоҳе ба вуҷуд омаданд, ки аз одоби шарму ҳаё ва иффату покӣ дар онҳо нишоне набуд ва фасоду шаҳвати ҷисмониро тарғиб мекарданд.

Чунонки медонем дар қасидаи аҳди ҷоҳилӣ тағаззул чун муқаддима дар оғози қасида оварда мешуд ва ҳадафи аслии шоир ҳисоб намеёфт. Маъмулан тағаззулот дар як сабку услуб буда, бо истодану гиристан дар харобаҳои манзили маъшуқа оғоз мешуданд. Вале дар ин давра васфи ишқ ва ишқбозӣ ба ҳадафи

аслии ғазал табдил гардид ва ба шеъри мустақил табдил ёфт ва ба сабаби он ки бояд онро мутрибон бо лаҳни мусиқӣ мехонданд, дар ҳаҷми ду-се то даҳ байт эҷод карда мешуд.

Ба ин васила ғазал ба шеъри мардумӣ ва ҳамагонӣ табдил ёфт, зеро ба сабаби кӯтоҳӣ ва бо оҳанг хонда шуданаш ба осонӣ дар хотирҳо нақш мебаст ва аз Макка ё Мадина баромада, то Ироқу Шом, байни қабилаҳои бодия ва шаҳру навоҳии мухталиф сайр мекард.

## НАМОЯНДАГОНИ ҒАЗАЛИ БАДАВӢ

### 1. ҶАМИЛ ИБН МУАММАР (ваф. 701м.)

Ҷамил ибн Абдуллоҳ ибн Муаммар ал-Узрӣ дар бодияи ҳичоз ба дунё омадааст. Дар овони ҷавонӣ ба духтари амаки худ Бусайна ошиқ шуд ва Бусайна низ дилбохтаи ӯ буд. Ҷамил дар ин ошиқӣ чунон шӯҳрат ёфт, ки лақаби Ҷамили Бусайнаро гирифт.

Ашъори дар бораи сӯзу гудози ишқи Бусайна эҷод кардаи Ҷамил вирди забонҳо гардид ва хонаводаи Бусайна аз ин овозашавии номи духтар дар ошиқӣ чунонки расми бадавиён буд, ба хашму ғазаб омаданд ва вақте ки Ҷамил ба хостгории Бусайна омад, рад намуданд ва духтарро ба каси дигар доданд. Аз он пас Ҷамил ғазалхонон дар атрофи манзили Бусайна мегашт ва аз ишқи нокоми худ нолаву фиғон мекард. Ниҳоят, хонаводаи Бусайна аз ин рафтори Ҷамил ба ҳокими Мадина Марвон шикоят карданд. Баъди он ки Марвон Ҷамилро таҳдиди қатл намуд, ӯ роҳи саргардониро пеш гирифт ва танҳову озурда аз роҳи биёбонҳо ба Яман ва Шому Миср рафт ва то замони вафоти худ дар ҳудуди соли 701 дар ҳамин ҳоли сарсониву саргардонӣ буд.

Дар бораи ишқи нокоми Ҷамили Бусайна ривоёти зиёде ба вуҷуд омада, ки баъзе аз онҳо дар осори адабӣ – таърихии аҳди исломӣ чун «Ағонӣ»-и Абдулфараҷ ал-Исфаҳонӣ зикр шудаанд. ҳамчунин ровиёни осори Ҷамил ва гӯяндагони ривоёт дар бораи зиндагии ӯ бо мақсадҳои гуногун таҳрифоту тасарруфоте дар ашъори вай ворид кардаанд.

Аз мероси адабии Ҷамил ибн Муаммар ашъори алоҳидае дар мадҳу ҳаҷв ва фахр ба василаи маъхазҳои адабӣ–таърихии аҳди исломӣ то замони мо омада расидааст, вале шӯҳрату овозаи ӯ ба

туфайли ғазалиёти шӯҳратангезаш дар бораи ишқи Бусайна будааст.

Қаҳрамони лирикии ғазалҳои Ҷамил ошиқест, ки дар ишқи маъшуқаи худ то охирин лаҳзаҳои зиндагӣ устувору вафодор аст ва ҳатто пас аз марг ҳам, аз қабри ӯ садои меҳри ёр хоҳад бархост:[1]

То зиндаам, диламро ҳавои туст ва бимурдам.

Садои ман садои туро миёни қабрҳо дунбол хоҳад кард.

Баёнгари сӯзу гудози ошиқ ашку оҳи ӯст ва вай тайёр аст, ки дар роҳи ишқи маъшуқа ҷуз шараф ҳама ҳастии худро фидо намояд.: [2]

Агар рӯзе Бусайна касе назди ман фиристад ва бихохад савгандамро бишканам, ҳарчанд шикастани савганди ман душвор ояд.

Он чиро расули ӯ аз ман талабидааст. Ба ӯ хоҳам дод ва мегӯям пас аз савганд, боз ҳам чизе аз ман бихоҳ.

Ғазали Ҷамил шеъри ашку оҳ, сӯзу гудоз, суботу вафодорӣ ва покиву иффат аст, дар он нишонае аз шаҳвату беҳаёӣ, лаззатӯиву комронӣ нест ва маҳз ҳамин сифатҳо ӯро чун намояндаи ғазали афифонаи бадавӣ муаррифӣ менамояд ва мақоми ӯро дар таҳаввули шеъри ишқии арабӣ муайян месозад.

## 2. УРВА ИБН ҲУЗОМ (ваф. 650 м.)

Урва ибн ҳузом аз ҷумлаи шоирони ошиқпешаи араб аст, ки дар ин роҳ ҷон додаанд ва қиссаи ишқи онҳо вирди забонҳо гардидааст.

Урва шоири қабилаи Узро буда, аз хурдӣ бо духтари амакаш Иқол ибн Маҳосир, ки Афро ном дошт ошиқ мешавад. ҳангоме ки ба балоғат мерасанд, Урва хост, ки бо Афро издивоҷ намояд, вале амакаш ба сабаби фақириву бебизоатии Урва хостгории ӯро рад кард ва Афроро ба марди сарватманде дод.

Урва дар ғами фироқи ёри азизи худ ҷуз сӯзу гудозу оҳу нола ва эҷоди ғазалҳои пур аз эҳсоси суботу вафодорӣ ва муҳаббати якумрӣ чораи дигаре надошт ва оқибат ин сӯзу гудоз ва дарду андӯҳ ӯро дар ҳудуди соли 650 ба ҳалокат расонид.

Тибқи ривоятҳо пас аз марги Урва рӯзе Афро бар сари қабри ӯ истода чунон гиряву зорӣ намуд, ки дар болои қабри маҳбуби худ ҷон дод.

Пас аз марги Урваю Афро қиссаи ишқи онҳо вирди забонҳо гардида, дар атрофи он ривоёти муассир эҷод гардидаанд, ки матни онҳо ва ашъори Урва ибн ҳизом ба василаи осори адабӣ- таърихӣ, чун «Китоб ул-ағонӣ»- и Абулфараҷ ал Исфаҳонӣ , «Аш-шеър ва-ш-шуаро»-и Ибн Қутайба, «Фувот ал-вафиёт»-и ал-Қутбӣ, «Хизонат ул-адаби»-и ал-Бағдодӣ ва амсоли онҳо дарҷ шудааст.

Дар «Китоб ул-ағонӣ» шеъре аз номи Урва ибн ҳузом дар руҷӯъ ба табиб Арроф ал- Ямома оварда шудааст, ки дар он шоир илоҷи дарди ишқи худро аз табиб мепурсад:

*Манам беёду маро гуноҳе нест,*
*Валекин эй бародар, амакам дуруғгуй аст.*
*ҳамегӯям ба Арроф ал-Ямома, маро даво кун,*
*Ки агар маро даво кардӣ, дар ҳақиқат табибӣ.*
*Ва ҷигарам ҳамесӯзад аҷзои маро,*
*Мисли он ки месӯзонад оташ сӯзишвориро.*
*Бегоҳ асту Афро назди ту нест,*
*Маро тасаллӣ медиҳанд, вале аз ту умеди тасаллӣ нест.*
*Бегоҳ асту аз пасу пеши ман ғамгусоре набувад,*
*ҳавои дигаре дар сар набошад.*
*Ба худо, ки фаромӯш намекунам туро то боди шарқ мевазад.*
*Ва аз паси он мевазад боди ҷануб.*
*Ва аз ёди ту маро ларзае фаро гирифта,*
*Ки он байни пӯстам ва устухонҳоям ҷо дорад.*

Шеърҳои ишқии Урва ибн ҳузом ва саргузашти ҳузнангези ишқи ӯ бо Афро минбаъд дар аҳди умавиён ва Аббосиён шакли қиссаи ишқи ба худ гирифта, дар миёни аъроби аҳди исломӣ шӯҳрати зиёд доштааст ва номи ин дилдодагон чун чун рамзи покиву вафодори дар ашъори шоирони араб ва форсу тоҷик дар асрҳои Ҷ-ҶII зиёд ба назар мерасад ва дар асоси киссаи ишқи Урва ва Афро дар адабиёти форсу тоҷик дар асри X достони «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ таълиф гардидааст.

## ҚАЙС ИБН МУЛАВВАҲ

Қайс ибн Мулаввaҳ ибн Музоҳим ал-Омирии маъруф ба Маҷнуни Лайлӣ аз шоири ғазалсарои бадавист, ки дар асоси саргузашти ишқи нокоми ӯ қиссаву ривоёти зиёд ба вуҷуд омадааст.

Қайс дар қабилаи бани Омир дар бодияи Наҷд ба дунё омадааст. Дар бораи шахсияти воқеии ӯ ихтилофи андешаҳо вуҷуд дорад ва иддае аз ровиён ӯро шахсияти таърихӣ донистаанд ва иддаи дигар бофтаи хаёли афсонапардозон ҳисоб кардаанд.

Қайс аз даврони кӯдакӣ духтари Маҳдӣ ибн Саъд ном яке аз мардони бонуфузро, ки номаш Лайлӣ буд, дӯст медошт. Вақте ки қиссаи ишқи онҳо вирди забони мардум шуд, падари Лайлӣ ӯро ба марди дигаре ба занӣ дод, зеро одати арабҳо дар он замон чунин буд, ки агар духтар дар ошиқӣ вирди забонҳо гардад, инро барои худ ор медонистанд ва духтарро на ба ҷавони ошиқи ӯ, балки ба каси дигар медоданд.

Баъди ҷудоӣ аз маъшуқаи худ Қайс ғаму андӯҳ ва сӯзу гудози худро дар шеърҳое, ки аз Лайло ёд мекард, изҳор менамуд ва тадриҷан ғами ҷудоӣ ва иштиёқи маъшуқа ишқи ӯро ба ҷунун табдил дод ва номи аслии Қайс фаромӯш шуда, ӯ бо лақаби Маҷнуни Лайлӣ шӯҳрат ёфт. Ӯ ғазалхонон доимо дар атрофи хонаи маъшуқа ба умеди дидор мегашт ва баъди шинохти хонаводаи Лайло ба ҳокими Марвон рӯ ба биёбон ниҳод.

Ишқи Маҷнун ниҳоят ба нокомӣ анҷомид ва ғаму ғуссаи фироқи маъшуқа дар ҳудуди соли 620 мелодӣ ӯро ба ҳалокат расонд. Дар «Китоб-ул-ағонӣ» ва маъхазҳои дигари адабӣ таърихии аҳди исломӣ намунаҳои ашъори Қайс ибн Мулаввaҳ зикр шудааст ва дар асоси саргузашти ӯ қиссаҳову ривоятҳои зиёд дар аҳди Умавиён ва Аббосиён эҷод гардида, вирди забонҳо будааст. Аз ҷумлаи абёти машҳури ӯ байти зерин аст:

*Даво кардам дарди ишқи Лайлиро бо ёди Лайло,*
*Чунонки шаробхор хуморро бо шароб даво мекунад.*

Таъсири қиссаи ишқи Маҷнун ва Лайлӣ дар адабиёти халқҳои Шарқ, алалхусус, адабиёти форсу тоҷик хеле бузург аст. Ишороти талмеҳи ба Лайливу Маҷнун дар шеъри форсӣ аз асри X оғоз гардида, достони манзуми он дар асри XII бо қаламии Низомии Ганҷавӣ эҷод гардид ва дар тӯли асрҳои минбаъдаи достонҳои зиёде дар ин мавзӯъ таълиф шуданд.

## ЛАЙЛО АЛ-УХАЙЛИЯ (ваф. 695)

Лайло ал-Ухайлия аз зумраи занҳои шоираи араб буда, бо ашъори ошиқона ва саргузашти ишқии худ шӯҳрат пайдо кардааст. Лайло духтари Абдуллоҳ ибн ар-Риҳол ном яке аз бузургони қабилаи Бани Омир ҳисоб меёфт. Ӯ зане хубчеҳра, шеъру сухандон ва огоҳ аз илми ансоби араб ва ҳадис буд.

Тавбатибн ал-ҳумайр ном марде аз қабилаи Ухайл, ки ҳамчунин яке аз шохаи қабилаи Омир буд, ошиқи Лайло гардид ва дар ишқи ӯ ба шеъргӯӣ пардохт. Муддатҳо Тавбат ва Лайло дар бораи якдигар шеърҳои ошиқона мегуфтанд ва вақте ки қиссаи ишқи онҳо ба забонҳо афтод, тибқи одоти араб Лайлоро ба каси дигар ба шавҳар доданд.

Шавҳари Лайло марди ниҳоят бадрашк буда, ҳаргиз намегузошт, ки занаш дидори мардеро бубинад. Вақте ки шавҳараш бо хешовандони худ қасди куштани Тавбат карданд ва дар интизори омаданаш нишастанд, Лайло аз ин нияти онҳо Тавбатро огоҳ кард ва ӯ ба шутури худ нишаста фирор намуд. Тавба, ки пешаи ғоратгариву роҳзанӣ дошт, дар яке аз ҷангҳо кушта шуд ва Лайло аз хабари марги ӯ огоҳ гардида, дар мотами вай марсияҳо гуфт.

Тибқи ривоятҳо рӯзе Лайло болои шутур дар каҷоваи худ нишаста мерафт ва шавҳараш ҳам дар канори ӯ буд. Дар сари роҳ ба назди қабри Тавбат расиданд ва Лайло хост, ки ба Тавба салом диҳад. ҳарчанд шавҳараш монеъ шуд, вале Лайло бо шутури худ ба теппае, ки қабр воқеъ буд, рафта гуфт: «Эй Тавба, салом ба ту!» Пас аз он ки аз қабр ҷавобе наомад. Лайло ба ҳамроҳони худ рӯ оварду гуфт: «То ҳол фикр намекардам, ки ӯ дуруғгӯст. Охир ӯ дар шеъри худ ваъда дода буд, ки аз қабр ҳам ба саломи ман ҷавоб хоҳад дод»:[1]

Агар Лайлои Ухайлия бар ман салом кунад ва бар рӯи ман хокҳо ва сангҳо бошад.

Ё худ ба шодмонии ӯ салом кунам ё садо аз сӯи қабри ман фарёд кунад ва ба сӯи ӯ пар гирад.

Пас аз қироати абёти Тавбат Лайло гуфт: «Пас чаро ӯ ба саломи ман ҷавоб намегӯяд?». Бо баробари гуфтани ин суханон буме, ки дар сурохии қабри Тавба пинҳон шуда буд, берун парид. Шутур аз ин ҳолат рамида, Лайлоро ба замин зад ва ӯ дарҳол ҳалок шуд. Лайлоро дар паҳлӯи Тавба ба хок супориданд.

Аз Лайло ал-Ухайлия пораҳои ҷудогона ва абёти пароканда дар мадҳу ҳаҷв, марсия, ғазал ба василаи маъхазҳои адабӣ-таърихии аҳди исломӣ то замони мо расидааст, ки байти зерин намунае аз онҳост: [2]

Савганд хӯрдаам, ки пайваста бароят гиря кунам, то кабутарони ҷохӣ бар шохаҳо мехонанд ё паррандагон парвоз мекунанд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёти араб Лайло ал-Ухайлияро аз лиҳози баёни эҳсосоти нозук, латофати сухан ва устувории алфозу таъбирот дуюмин шоираи бузурги араб пас аз Хансо донистаанд ва шеъри ӯро шеъри занонаи махз ҳисоб кардаанд.

## НАМОЯНДАГОНИ ҒАЗАЛИ ШАҲРӢ (ҲАЗАРӢ)

### 1. УМАР ИБН АБИ-РАБИА (644-711)

Умар ибн Аби Рабиа дар Мадина дар қабилаи Махзум, ки яке аз шохаҳои бонуфузи Қурайш ҳисоб меёбад, соли 644 ба дунё омадааст. Ӯ дар хонаводае ба камол расид, ки соҳиби мақому сарват ва эътибори зиёд буд. Падараш Баҷир шуғли бозаргонӣ дошт ва дар замони Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошиддин мансаби амирии вилояти Ҷундро дар Яман бар ӯҳда дошт.

Аз ҳамон овон ҷавонӣ Умар ибн Рабиа ғуломону канизон ва тамоми воситаҳои дилхушиву комрониро дар ихтиёр дошт ва чун фарзандони ашрофи дигари Мадина бе ранҷу заҳмат ва бо фориғболиву беғами умр ба сар мебурд ва ба Яману Ироқ ва Шом ба сайру саёҳатҳо мебаромад. Ӯ нисбат ба сиёсату гурӯҳҳои сиёсӣ бепарво буд ва шеър мегуфту бо аҳли шеъру адаб ҳамнишин буд.

Умар ибн Рабиа алоқаи зиёд ба сӯҳбату дидори занон дошт ва алахусус дар айёми ҳаҷ бо либосҳои фохир савори аспи худ ба Макка мерафт, то занони зеборо, ки ба ҳаҷ меомаданд, тамошо кунад ва дар шеъраш онҳоро ситоиш намояд. Бо баробари шӯҳрат пайдо кардани ӯ худи занони ашроф ба дидори ӯ меомаданд, то ки мавриди васфи шеъри вай қарор гиранд.

Умар ибн Рабиъа бо Кулсум ном духтаре аз қабилаи Махзум издивоҷ намуда, аз ин издивоҷ писаре ба дунё омадааст. Тибқи баъзе ривоятҳо Умар ибн Аби Рабиа гӯё дар охирҳои умр ба зӯҳду парҳезкорӣ рӯ овардааст. Вале теъдоде аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки зӯҳди ӯ доимӣ набуда, вай вақте ки хешовандон

айёшӣ ва лаззатчӯии ӯро мазаммат мекарданд, баъзан ба зуҳду тавба рӯй меовардааст. Дар ҳар ҳол аз кардаҳои худ дар пирӣ тавба кардани Умар ибн Рабиа амре табиист ва ӯ гӯё аҳд кардааст, ки барои ҳар байт шеъре, ки мегӯяд, як ғуломро озод намояд ва бар ин аҳди худ устувор ҳам мондааст.

Дар бораи вафоти шоир андешаву ахбори мухталиф вуҷуд дорад. Тибқи баъзе хабарҳо халифа Умар ибн Абдулазиз ӯро ба ҷазирае дар баҳри Аҳмар табъид (бадарға) кардааст ва Умар дар ҷанге, ки дар он ҷо воқеъ шудааст, киштии Умар ибн Аби Рабиа оташ гирифта, ӯ ба ҳалокат расидааст. Мувофиқи ривояти дигар гӯё дар Яман бемор шуда, соли 711 вафот кардааст.

Мероси адабии Умар ибн Рабиаро девоне ташкил медиҳад, ки бузургҳаҷм буда, асосан шомили ғазал аст ва миқдори хеле ками он дар фахру васф мебошад. Ин девон соли 1893 дар Лейпциг ва дар Миср ва соли 1934 дар Бейрут ба табъ расидааст.

Умар ибн Аби Рабиа гӯё табиатан барои ситоиши занон офарида шуда буд, ҳам ҷамоли зебо, ҳам нуктадониву хушсӯҳбатӣ ва майл ба маҳфилороиву лаззатҷӯӣ барои ин шуғли ӯ мусоидат мекард. Ӯ тамоми ҳунару истеъдоди шоирӣ ва умри худро сарфи ситоиши занон намуд ва бештар занони ашрофро, ки худ аз табақаи онон буд, мадҳ мегуфт. Дар шеъри ӯ аксари кулли сифотеро, ки ба занон нисбат додан мумкин бошад, пайдо менамоем. Ӯ ҷамоли занонро бо офтоб, оҳу, гови ваҳшӣ ва амсоли онҳо қиёс мекунад, бӯи хуши онҳоро ба заъфарону кофур ташбеҳ мекунад ва ҳатто аслу насаби онҳоро низ аз хотир намебарорад. Чунончи дар васфи яке аз занҳо мегӯяд:[1]

Ба ҳангоми шомгоҳ хуршеде бар мо гузашт ва чи касе дар шомгоҳ хуршедро дар гузаргоҳ дидааст?

Падари модараш аз ҳама Қурайш вафодортар ба аҳди хеш аст ва амакҳояш агар насабашонро хоҳӣ аз Сақиф ҳастанд.

Дар шеъри ӯ хаёлу андеша мақом надорад, ҳадафи аслии ӯ баёни эҳсосоту авотиф ва хотироту қиссаҳои ишқбозиҳои ӯст. Аз ин ҷост, ки дар шеъри вай муколамаҳо бо занон, васфи хулқу атвор ва гуфтори онон мавқеи зиёд дорад. Аз ҷумла дар абёти зерин, ки муколамаи шоир бо зани мавсуфа мавқеи асосӣ дорад:[2]

Гуфтам: Ин кист? Гуфт: Яке аз онҳост, ки худовандаш мафтуни шумо сохтааст.

Гуфтам: Рост мегӯӣ? Он гоҳ сухане гуфт, ки дилро андӯҳгин сохт.

Гуфт: Худованд шоҳиди ишқи ман аст ба шумо ва ашкҳояму андӯҳам ду гувоҳи ман.

Гуфтам: Эй бонуи ман, маро нороҳат кардӣ. Гуфт: Парвардигоро, маро низ нороҳат кун.

ҳарчанд, ки ғазалҳои Умар ибн Аби Рабиа дорои оҳангҳои айёшиву лаззатҷӯӣ ва фасоди ахлоқӣ мебошанд, вале аз лиҳози соддагиву равонӣ ва мусиқивият аз шуарои дигари муосири ӯ фарқ мекунанд ва яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат дар он аст, ки ин шеърҳо барои хондан бо олоти мусиқӣ эҷод карда шудаанд. Аз ҷумла дар байти зерин, ки лафз низ барои хушоҳангӣ ва мусиқавияти шеър хидмат кардааст: [3]

Умар ибн Аби Рабиа дар тӯли фаъолияти эҷодии худ маҳорат ва ҳунари шоирии худро сайқал додааст ва дар миёни ашъори дар овони камолоти ҳунарӣ таълифнамудаи ӯ кам нестанд, шеърҳое, ки дар пояи ҳунарии Ҷарир ва Фараздақ қарор доранд.

Умар ибн Аби Рабиа нахустин шоире дар таърихи адабиёти араб ҳисоб меёбад, ки шеъри худро комилан бо мавзӯи ғазал ва муошиқа бо занон маҳдуд сохт ва дар баёни муколамаҳо ва қиссапардозии ошиқона бар гузаштагони худ пешдастӣ ёфт. ҳамчунин ӯ аз миёни вазнҳои шеърӣ, баҳрҳоеро аз қабили хафиф, мунсареҳ, рамал ва баъзе авзони тавилро истифода намуд, соддаву хушоҳанг буда, ба завқу хотири навозандагону сарояндагон мувофиқ меафтоданд. Мавзуоти шеъри Умар ибн Аби Рабиа хоси худи ӯ буда, шоир ба сиёсат, зуҳду парҳезкорӣ, ифтихороти қабилаи худ ва амсоли онҳо ҷуз васфи занон ва айёшиву лаззатҷӯйӣ сару кор надорад.

Муҳит ва хонандаву шунавандаи шеърӣ ӯро мардону занони ҷавонӣ ҳиҷозӣ ташкил медоданд, ки дар осудагиву сарватманди умр ба сар мебурданд ва хушдиливу комрониро ҳадафи асосии зиндагии худ медонистанд.

Умар ибн Рабиа саромади мактаби ғазалсароӣ дар адабиёти араб буда, иддае аз ҷавонони ҳиҷоз чун Арҷӣ ва Аҳвас аз зумраи шогирдон ва тарбият ёфтагони мактаби ғазалсароии ӯ буданд. ҳарчанд ки шеъри Умар ибн Рабиа хатаре ба маънавияти мардум дошт ва ба қавле «ҳеҷ чиз чун шеъри Умар ибн Аби Рабиа мардумро ба маъсияти Худо наяндохтааст», бо вуҷуди он ҳунари

шоирии ӯ аз тарафи муосири ӯ Ҷарир эътироф шуда, ӯро дар қатори шуарои тавонои араб ҳисоб кардаанд.

## 2. АҲВАС (ваф. 722м. )

Абдуллоҳ ибн Муҳаммад ал-Авсӣ, ки бо лақаби Аҳвас маъруф аст дар шаҳри Мадина ба дунё омадааст. Ӯ дар фориғболӣ ва ҳачвгӯиву беобрӯӣ шӯҳрат доштааст ва дар эҷоди ғазали ошиқонаи тарғибгари шаҳвату лаззатҷӯиҳо пайрави Умар ибн Аби Рабиъа ҳисоб меёбад.

Дар ашъори ӯ васфи занону мардоне карда мешавад, ки ишқбозиҳо ба сари онҳо сахтиву балоҳо овардааст. Чунончи дар бораи яке аз чунин ошиқон мегӯяд:

Ишқи ӯ дар дили ман дардест, ки ҷой гирифта ва ҳаргиз намеравад.

Ғазалҳои Аҳвас ҳарчанд, ки бо бадеият ва мазмунҳои тозаи худ фарқ мекунад, вале дар он чун дар шеъри Умар ибн Аби Рабиъа берун рафтан аз ҳадди шарму ҳаё ва иффату покдоманӣ мушоҳида мешавад. Чунин суннати изҳори ишқ бо занон дар ғазали ҳазарии замони умавиён ба вуҷуд омад, минбаъд дар аҳди Аббосиён дар эҷодиёти Башшор ибн Бурд, Абу Нувос ва дигарон идома ёфт.

## 3. ВАЛИД ИБНИ ЯЗИД (708-743)

Абулаббос Валид ибн Язид Абдулмалик ибн Марвон дар ҳудуди соли 708 дар Димишқ таваллуд ёфтааст. Ӯ аз айёми ҷавонӣ бо айёшиву шаробхорӣ ва лаззатҷӯиву ҳавасронӣ хӯ гирифта, қасди худро дар  Димишқ  ба маркази ҷамъомади навозандагону сарояндагон, шоирону адибон ва зарифону ширинкорон табдил дода буд. Соли 733 ӯ ба мақоми хилофат расида, пас аз даҳ соли хилофати худ дар ҳудуди 35 солагӣ вафот ёфтааст.

Язид ибн Валид аз зумраи шоирон ва адибони асри умавӣ ҳисоб меёбад, вале аз ашъори ӯ миқдори хеле кам мондааст, ки дар мавзӯоти ғазали ошиқона, васфи шароб, фахру марсия, ҳаҷв эҷод шуда,  дар онҳо шоир аз комрониву ҳавасбозӣ ва шаробхориву лаззатҷӯиҳои худ сухан мегӯяд. Шеъри ӯ низ бо соддагиву латофат ва ширинии баён фарқ мекунад, ки намунаи зайл гувоҳи ин маънист:

Маро хабар доданд, ки Салмо дар рӯзи намоз берун рафтааст.

Паррандае ғамгин рӯи шохаи дарахте бо минқор миёни парҳояшро меҷӯст,

Гуфтам: Чи касе Салморо мешиносад?

Гуфт: ҳо ва шохаи болотар парид.

Гуфтам: Эй мурғ, наздики ман биё,

Гуфт: ҳо ва наздиктар омад.

Гуфтам: Оё Салморо дидаӣ? Гуфт: ҳо ва бозгашт.

Захми дарунамро нештар зад ва бол кушоду рафт.

Бино ба эътирози муҳаққиқони таърихии адабиёти араб Валид ибн Язид низ аз зумраи пешвоёни ғазали ҳазарӣ ва сарояндаи шаробхориву лаззатҷӯӣ, айёшиву комронӣ ва лоуболиву фориғболист, ки минбаъд сабку равиши ӯро шоироне чун Абу Нувос дар аҳди Аббосӣ идома доданд.

## НАМОЯНДАГОНИ ШЕЪРИ СИЁСӢ

Шеъри сиёсӣ дар адабиёти араби аҳди ҷоҳилӣ низ собикае дошт ва бо он фарқ мекард, ки манфиатҳои қабиларо дифоъ мекард ва дар садри ислом низ вазифаи он мубориза бо душманони ислому Пайғомбари он ва тарғиби аҳкому таълимоти исломӣ буд. Дар ин навъи шеърҳо новобаста аз он ки мавзӯоти мадҳ, фахр, ҳаҷв, марсия ё ғайри онҳо гуфта мешуданд, ҳадафи ниҳоӣ тарғиби сиёсати муайян буд.

Баъди катли халифаи сеюми рошидин - Усмон ибн Аффон низоъҳои сиёсӣ дар хилофат оғоз гардида, дар аҳди Умавиён ба авҷи аълои худ расиданд ва боиси пайдо шудани гуруҳҳои мухталифи сиёсӣ чун хавориҷ, шиъа, зубайриён ва маволӣ гардиданд, ки манфиатҳои сиёсии онҳоро дифоъ мекарданд. Аз ҷумлаи ин шоирон Имрон ибн Хаттон ва Тиримоҳ ибн ҳаким шоирони фирқаи хавориҷ, Кумайт ал-Асадӣ, Қусаййир Азза шоирони шиъа, Убайдуллоҳ ибн Қайс ар-Руққиёт намояндаи Зубайриён ва Исмоил ибн Ясор, Язид ибн Забба аз зумраи шорони маволии эрониасл ҳисоб меёфтанд. Хусусияти умумие, ки дар ашъори ин шоирон мушоҳида мешавад, аз он иборат аст, ки шеъри сёсии онҳо на ба хотири тамаи молу сарват ва манфиатҳои моддӣ,

балки ба хотири ихлосу ақида ва эътиқоди фикрии гурӯҳи сиёсии онҳо эҷод мегарид.

Дар баробари ин шоироне чухам аз қабили Абулаббос ал-Аъмо, Аъшо Рабиъа ва Нобиға аш-Шайбонӣ зиндагӣ ва фаъолият доштанд, ки бо дарбори Умавиён алоқаманд буданд ва аз ҳисоби мадеҳасароӣ ва ҳимояи манфиатҳои сиёсии хулафои Умавӣ молу сарвати фаровон ба даст меоварданд. Сабку услуби ин шоирон ҳамон сабки шеъри ҷоҳилӣ буда, дар мадеҳаҳои онҳо низ хислатҳои маъмули бадавиён чун сахову карам, ҷасорату шуҷоат, ҷавонмардӣ ва амсоли онҳо ситоиш карда мешуд.

ҳамчунин дар ин аҳд се шоири дигар – Ахатал, Ҷарир ва Фараздақ зиндагӣ мекарданд, ки ҳанӯз бо таассуби қабилавии худ боқӣ монда буданд ва сабаби робитаи онҳо бо дарбори Умавиён истифодаи нуфузи халифахои умави барои манфиатхои кабилави ва мубориза бо душманони қабилаҳояшон буд. ҳадафҳои сиёсии Умавиён ва мубориза бо душманони қабилаҳояшон буд. ҳадфҳои сиёсии Умавиён ва молу сарвати онҳо барои ин шоирон аҳамияти аввалдараҷа надошт ва мадҳи хулафои Умавӣ барои онҳо фақат василаи барои таъмини зиндагии моддӣ буд.

## АХТАЛ (640-710)

Ному насаби шоир Абу Малик Ғиёс ибн Авс ибн ас-Салт буда, Ахтал лақаби шоирии ӯст. Дар баробари Ҷарир ва Фараздақ сеюмин шоири бузурги аҳди Умавиён ҳисоб меёбад, ки аз тарафи шуарои минбаъдаи Арабу Аҷам эътироф гардиданд.

Ахтал аз қабилаи Тағлиб буда, дар ҳудуди соли 640 дар ҳираи Ироқ ба дунё омадааст. Ба сабаби он ки ӯ дар дини насроният буд ва ҳамроҳи худ салибе доштааст, ба вай лақаби Зу-с-салибро низ додаанд.

ҳанӯз дар замони кӯдакӣ Ахтал аз модар маҳрум гардида, гирифтори ҷабру зулми модарандар шуда ва бо азоби гурӯснагиву машаққатҳо ба камол мерасад. Ягона таскини дил ва шуғли дӯстдоштаи ӯ майл ба шеъргӯӣ, шунидани қиссаву ривоятҳо дар бораи ифтихороти қабилаи худ Тағлиб ва эҳсоси фахру таассуби қабилавӣ буд, ки минбаъд дар тӯли умри ӯ идома ёфт.

Ахтал аз айёми ҷавонӣ ба шаробхорӣ тундзабонӣ хӯ гирифта ва нахуст модарандари худро ҳаҷв гуфт ва пас аз он, ки шоири тағлибӣ Каъб ибн Ҷуайлро ҳаҷв кард, шӯҳрат пайдо намуд. Вақто

ки шоири Пайғомбари ислом ва ансори Мадина ҳассон ибн Собит ба воситаи шеър ба духтари Муъовия изҳори муҳаббат кард, бародари ӯ аз Ахтал хоҳиш намуд, ки ансорро ҳаҷв гӯяд ва ба ҳамин ҳаҷвия душманони Ансор ва дӯстии бани Уммия бо Ахтал оғоз гардид.

Минбаъд Ахтал дар ҳимояти Умавиён қарор гирифт ва ба ҷонибдориву тарғиби онон ҳам рафоқияти моддии худро таъмин менамуду ҳам манфиатҳои қабилаашро дифоъ мекард. Алалхусус дар замони хилофати Муъовия ва Язид ба саффи муқаррабони дарбори Умавиён даромад ва дар замони Абдумалик ибн Марвон соҳиби лақабҳои «Шоири бани Умия» ва «Шоири амир-ал-муъминин» сазовор гардид. Ахтал то замони хилофати Валид ибн Абдулмалик (705-715) шоири воломақоми Умавиён буд, вале Валид ба ӯ чандон эътиноe накард. Ва дар ин даврони зиндагӣ ба шеъри ӯ оҳанги шикваву эътироз ва яъсу азоби руҳӣ ворид гардид. Вафоти Ахтал дар ҳудуди соли 710 воқеъ гардидааст

Мероси адабии Ахтал аз девони бузурге иборат аст, ки онро Абусаид ал-ҳасан ас-Суккарӣ ҷамъоварӣ намуда, бори нахуст соли 1891 ва бори дуюм соли 1950 дар Бейрут ба табъ расидааст.

Мавзӯоти шеъри Ахталро асосан мадҳу ҳаҷв ва васфу хамриёт ташкил менамояд ва маҳз ба василаи чунин ашъор ӯ соҳиби номи бузурги шоирӣ гардидааст. Шеъри сиёсии Ахтал низ асосан ба василаи мавзӯъҳои мадҳу ҳаҷв баён гардидааст ва чун силоҳи буррои Умавиён хидмат кардааст.

Ахтал, ки аз ҷавонӣ дар руҳи таассуби қабилавӣ ва ифтихороти қавмӣ парвариш ёфта буд, барои дифои манфиатҳои қабилаи худ ба ҳимояту дастгирии Умавиён ниёз дошт. Аз ҷониби дигар, Умавиён ҳам, ки дар назари ҷомеа чун ҳосибони хилофат ва барҳамзанандагони суннатҳои Пайғомбари ислом, хулафои рошидин ва душмании хонадони расули Худо шинохта мешуданд, барои ҳақ баровардани хилофат ва ҳукумати худ ба шоироне чун Ахтал эҳтиёҷ доштанд.

Аз ин ҷост, ки Ахтал ба забони сиёсати Умавиён ва ҳамин қабилаи худ табдил ёфт ва ҳатто аз мавзӯоте чун васфи шаробу тағаззул ҳам барои баёни ҳадафҳои сиёсӣ истифода менамуд. Яке аз масъалаҳои асосии сиёсати Умавиён, ки Ахтал бояд ба зеҳни умум мерасонд, исботи ҳаққоният ва қонунияти хилофати онон

буд. Ӯро лозим меомад, ки хилофати Бани Умаяро чун хости илоҳӣ ва интиқом барои хуни Усмон ибн Аффон муаррифӣ намояд.

ҳадафи дигари сиёсие, ки Ахтал пайгирӣ мекунад, исботи он ақида аст, ки халифаҳои Бани Умая нисбат ба дигар қавму хонаводаҳо барои ҳукумат ва хилофат сазовортаранд ва барои ин мақсад шоир беш аз ҳама аз мадҳ истифода менамояд. Ӯ дар мадҳу ҳиҷои худ, ки ба Холид ибн Язид ибн Муъовия, Абдулмалик ибн Марвон ва дигар хулафои Умавӣ бахшида шудаанд, онҳоро дар аслу насаб болотар ва сазовортар аз хонадонҳои дигар муаррифӣ менамояд ва мегӯяд:

Шумо аз хонадоне ҳастед, ки чун аҳсобро шумора кунанд, касе ба онҳо ҳамсанг нест.

Дар тасвири Ахтал хулафои Умавӣ бо вуҷуди аслу насаби олӣ, шуҷоату шаҳомат, сарвату ҳукумати худ гирифтори ғуруру хештанпарастӣ ва лаҳву фасод намешаванд:

Аз атову бахшиш масти ғурур намешаванд, зеро худ аҳли атову бахшишанд.

Ба гирди ҳақ ҳалқа задаанд, аз зиштҳо гурезонанд, дар баробари ҳаводис сар фуруд намеоваранд ва чун макрӯҳе ба онон расад, сабр пеша мекунанд.

Агар Ахтал дар мадҳияҳои худ ҳаққонияти хилофати Умавиёнро исбот намояд, даъвоҳои сиёсии онҳоро тарғиб кунад, ба василаи ҳаҷв ба даъвоҳои душманони қавми худ ва Бани Умая ҷавоб мегуфт. Ӯ дар ҳаҷвгӯӣ ҳанӯз дар овони ҷавонӣ пеш аз иртибот пайдо карданаш бо бани Умия таҷриба ва маҳорат андӯхта буд ва аз таҷрибаи собиқи худ дар ҳаҷви душманони қавми худ ва мухолифони сиёсии Умавиён истифода менамуд. Ӯро лозим меомад, ки қабилаи Қайсро, ки мухолифи Бани Умия ва Тағлиб буданд, ҳаҷв гӯяд, ба ҳаҷви шоири Бани Кулайб – Ҷарир борҳо ҷавоб мегуфт.

ҳаҷвияҳои Ахтал аз лиҳози мазмуну мундарича баръакси мадеҳаи ӯ буда, дар онҳо шоир баъд аз муқаддимае дар тағаззул ё фахр ба мазаммати мухотаб мегузашт ва қавми мухолифу афроди онро бо сифатҳои разила чун бахиливу беҷасоратӣ, риёкориву мунофиқӣ, фирор аз майдони набард ва амсоли онҳо гунаҳкор менамуд ва афзалияти қавми худ ва Бани Умаяро исбот мекард. Алалхусус ҳачвияҳои Ҷарир ва ҷавобияҳои Ахтал ба ӯ шӯҳрати зиёд дорад.

Аз мавзӯоти дигар, ки дар эҷодиёти Ахтал мақоме доранд, васф ва тасвири маю майгусорист. Муҳаққиқони таърихи адабиёти араб сабки сухани Ахталро дар мадеҳасарой ва васфнигорӣ пайрави сабки Нобиғаи Зубёнӣ донистаанд ва таъсири Аъшоро дар хамриёти Ахтал зикр кардаанд. Алалхусус таъсири Нобиғаи Зубёнӣ дар шеъри Ахтал зиёд аст ва пайравӣ ба теъдоде аз маъниҳои шеъри Нобиға дар сухани Ахтал мушоҳида мешавад. Сабаб бояд дар он бошад, ки аввалан ҳар ду шоири бадавӣ пайрави мактаби Авс ибн ҳуҷр буданд ва сониян ҳар ду шоири дарборӣ буда, яке дар дарбори подшоҳони ҳира ва дигаре дар Димишқ дар хидмати дарбори Умавиён буд.

Ахтал айёми кӯдакиашро дар бодия гузаронида ва бо муҳити он ҷамоду наботу ҳайвоноти он шиносоии наздик дошт. Аз ин ҷост, ки васфи бодия дар шеъри ӯ мақоми назаррас дорад ва ӯ чун шуарои аҳди ҷоҳилӣ ба васфи ҳайвоноти ваҳшӣ манзараҳои табиати биёбон ва айёми ҷавонии худ бисёр руҷӯъ менамояд. Дар баробари ин васфи ҳаёти шаҳршишинон, дарёи Фурот ва киштиҳои шинокунанда дар он низ дар ашъори ӯ мавқеъ дорад. Дар васф Ахтал ҳамон сабки Нобиғаи Зубёниро пеш мегирад ва васфҳои ӯ бо қиссаву ривоятҳои мухталифи марбут бо ашёву афроди васфшаванда омезиш меёбанд. Чунончи дар васфи бӯқаламун (хамелеон) ном ҷонваре, ки зери нурҳои офтоб ҳар замон рангаш тағйир меёбад, чунин мегӯяд:

Бар болое истода ва назар ба хуршед дӯхтааст ва хуршед мегудозадаш,

Ба ин ҳол ҳар сӯ, ки хуршед бигзарад, ба он мегардад.

Он гоҳ, ки хуршед боло меояд ва бар ӯ метобад, гӯё марде аз мардуми Яман аст, ки сураҳои тӯлониро дар намоз қироат мекунад.

Қисмате аз шеръҳои васфи Ахтал дар мавзӯи маю майгусорӣ гуфта шудаанд ва дар девони ӯ мақоми назаррас доранд. Ӯ дар васфи шароб низ таҷрибаву таҳорати зиёд дошта, шаробро аз оғози тайёр кардану нигоҳ доштан ва ба майхонаҳо расидан, бӯю таъму ранг ва тамоми ҷузъиёти онро мавриди тасвир қарор медиҳад. Аз ҷумла, дар абёти зерини ӯ мехонем:

Бодае гулгун дар чом рехтанд ва дар назар чун пораҳои оташе буд, ки якдигарро ба ком мекашиданд.

Дар устухонҳо чунон ба оромӣ мехазад, ки мӯрчаҳо бар тали реге роҳ бираванд.

Ё дар чои дигар дар чавоби суоли халиф Абдулмалик ибн Марвон, ки чи қадар шароб нўшида тавонистани ўро мепурсад, чунин мегўяд:

ҳангоме ки соқии ман маро аз май сероб кунад ва сероб кунад, то се шиша аз бодае, ки бонги ҷўшиши он ба гўш мерасад.

Доманкашон ва мағрур аз базм бармехезам, гўи, эй Амирал–муъминин ман бар ту амирам.

Бояд гуфт, ки тамоми хамриёти Ахтал шеъри мустақил набуда, чузъи қасоиди ў ҳисоб меёбанд, вале бо вуҷуди ин ўро метавон яке аз устодони васфи шароб ва аз чумлаи саромадони Абу Нувос маҳсуб донист.

Ахтал дар шоирӣ пайрав ва идомадиҳандаи сабки сухани Зуҳайр ибн Аби Сулма ва Каъб ибн Зуҳайр ва дар ҳачв пайрави ҳутайиа аст ва қабл аз ҳама шогирди мактаби Нобиға аз-Зубёнӣ ҳисоб меёбад. Дар шеъри ў нақши ақл ва тахайюл нисбат ба эҳсосу отифа бештар аст. Ў дар суханварӣ бо табъу стеъдоди шоирии худ қонеъ намегардад, балки шеърашро бо пирояи бадеият низ оро медиҳад, ҳар як байтро дар мизони ақлу хаёл месанҷад, сайқал ва такмил медиҳад, ба шеъри худ бо дидаи наққодона ва нуктасанҷона менигарад. Дар ин амр низ ў пайрави мактаби Авс ибн ҳуҷр аст ва теъдоде аз қасоиди намояндагони ин мактаб, аз ҷумла Нобиғаи Зубёниро ҷавоб ҳам гуфтааст.

Дар баробари арзишҳои ҳунарӣ шеъри Ахтал дорои аҳамияти таърихӣ низ мебошад, зеро ба василаи он мо вазъу воқеаҳои марбут ба қабилаи ў Тағлиб ва Бани Тамим, ки қабилаи Фараздақ ва ҳампаймони Тағлиб буд, огоҳ шуда метавонем. Ғайр аз ин шеъри ў дар бораи қабилаи мухолиф чун Бани Кулайб (қабилаи Ҷарир), Бани Қайс ва сиёсати хулафои Умавиву вазъи дарбори онҳо маълумоти судманди таърихӣ дода метавонад.

## 2 ФАРАЗДАҚ (641-732)

Абу Фирос ҳумом ибн Ғолиб ибн Саъсаъа, ки дар таърихи адабиёти араб бо тахаллуси Фараздақ маъруф гаштааст, дар ҳудуди соли 641 дар Басра дар хонаводае аз қабилаи Бани Тамим ба дунё омадааст. Ачдоди ў ҳама афроди шарафманду боэътибор будаанд ва вай тибқи суннатҳои аҷдодии худ тарбият ёфтааст. Вале дар айёми ҷавонӣ ахлоқу суннатҳои бадавиро тарк гуфта, шаробхориву

бадахлоқӣ, беақидатӣ ва фисқу фуҷурро пеша кард, борҳо издивоҷ менамуду бесабабе завҷоти худро талоқ медод.

Ба туфайли бадзабонӣ ва беақидатии худ Фараздақ ҳеч гоҳ бо ҳокиме ё волие иртиботи тӯлонӣ надошт ва дар ҳаққи афроди мухталиф борҳо ҳаҷву мадҳ мегуфт. Аз ин хотир касе аз зимомдорони хилофат ба қавли ӯ эътимод намекард ва ҳатто баъди он ки амири Басра Зиёд ибн Абиҳи барои бадзабониаш Фараздақро ба қатл тақдир кард, ӯ муддате фирорӣ гардида, дар Мадина, Макка, Яман, Баҳрайн, Димишқ, Фаластин расида саргардон шуд.

Минбаъд низ Фараздақ ҳамон зиндагӣ ва фаъолияти бенизомона ва лоуболонаи худро идома дод. Ӯ сарвари гурӯҳи Зубайриён Абдуллоҳ ибн Зубайр, ҳишом ибн Абдулмалик, ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф ва дигар подшоҳону сарварони Бани Умая ва дигар гурӯҳу қавмҳоро борҳо мадҳу ҳаҷву марсия гуфт ва ба ҳабс афтода, озорҳо ҳам дид, вале ҳаргиз рафтори ӯ тағйир наёфт.

Фараздақ натанҳо вазъи ошуфтаву парешони ақидатӣ ва сиёсӣ дошт, балки дар зиндагии шахсӣ ва хонаводагӣ низ низому тартиби муайяне надошт ва ҳамин гуногунрангӣ ва ихтилофи назару ақидаҳо ба эҷоди адабии ӯ сироят карда буд.

Алалхусус ҷанги забоние, ки миёни Фараздақ ва шоири қабилаи Бани Қулайб- Ҷарир воқеъ гардида буд, дар ҳудуди панчоҳ сол идома ёфт ва дар саросари хилофат шӯҳрат пайдо кард. Низоъи миёни Фараздақу Ҷаррир ва ҳаҷвгӯиҳои онҳо дар ҳаққи якдигар ба ҳадде расида буд, ки дар бозори Мирбад ҷонибдорони онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда ба ҳам мунозара мекарданд ва Фараздақ беш аз навад сол умр дида, дар ҳудуди соли 732 дар Басра аз олам даргузашт.

Осори адабии Фараздақро девоне ташкил медиҳад, ки соли 1870 ва 1900 қисматҳои алоҳидаи он дар Париж ва Мюнхен чоп шудааст. Чопи комили девони ӯ дар солҳои 1905-1912 дар Лейден воқеъ гардидааст, ки аз се ҷилд иборат буда, ду ҷилди он шомили ашъор ва ҷилди сеюм аз феҳристҳо иборат аст.

Шахсияти Фараздақ, ки марде шаробхораву бадзабон, айёшу шаҳватпараст ва орӣ аз дӯстиву муҳаббат бо аҳли замон ва ҳатто аҳли байти хеш буд, дар шеъри ӯ низ бетаъсир намондааст. Ӯ ҳатто дар эътиқодоти динӣ низ якранг ва босубот набуд. Якрангиву устуворие, ки дар ӯ вуҷуд дошт, фақат таассуби қабилавӣ буд, ки

барои ҳимояи он талош мекард, ҷонибдорони қавми худро мадҳ мегуфт ва мухолифонро ҳаҷв мекард.

Омили асосие, ки Фараздақро ба сиёсат ва робита бо Умавиён наздик мекард, дифои қавми Тамим аз фақру танқисӣ, талаби иноят дар ҳаққи қабилаи худ буд, чунонки дар мадҳи Валид ибн Абдулмалик мегӯяд:

Ба фарёд Мазар бирас, зеро солҳои сахт, ки пай дар пай бар ӯ гузаштааст, устухонашро зери пай хурд кардааст.

Баъзан Фараздақро тарс ва хавфи озору қатл водор мекард, ки мадҳ ё эътизори соҳибони қудратро дар дастгоҳи давлати Умавиён бигӯяд, чунончи дар бораи Ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф мегӯяд:

Аз Ҳаҷҷоҷ чунон метарсам, ки аз сурат ва шиддати шере, ки дар беша хуфтааст, бояд тарсид.

Умуман, ҳадафи аслии Фараздақ аз мадҳу ҳаҷв ва марсия танҳо ҳимояи манфиати моддии шахсӣ ва дифои қабила аст ва ҷуз ин чизе намехоҳад ҳарчанд ӯ ба ташайййуъ ва ҷонибдории Алӣ ибн Абитолиб майле дорад, вале инро пинҳон медорад ва хилофати Умавиёнро қонунӣ эълон карда, бақои онҳоро таманно менамояд:

Худованд ба илми худ Валидро подшоҳие собит аркон ба ирс дод.

Хилофате, ки аз кас ғасб намуда ва Худованди бахшандаи соҳиби неъматҳо пояҳояшро устувор сохтааст.

Қисмате аз ашъори Фараздақро ҳаҷвияҳое ташкил медиҳанд, ки бар асари низои тӯлонии адабӣ бо шоири бузурги дигари аҳди Умавиён – Ҷарир таълиф гардидаанд. Дар қасоиде, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд фахр ва ҳаҷв бо ҳам сахт омезиш ёфтааст. Муқаддимаи бештари чунин қасоиди Фараздақ аз фахр иборат буда, шоир дар оғоз сифатҳои баргузида ва афзалиятҳои қабилаи худ ва бузургони онро ёд мекунад ва Ҷарирро, ки дар қабилае фақиру камэътибор ба дунё омадааст, таъна мезанад. Сипас ба ҳаҷви ҳарифи худ мегузарад ва тамоми сифатҳои манфиро ба ӯ мебандад. Аз ҷумла, ӯ дар яке аз қасидаҳои худ дар фахр аз қавми хеш мегӯяд:

Он касе, ки ин осмонро барафрӯхтааст, барои мо аз шараф хонае сохт, ки пояҳояш устувортар ва фаротар аз ҳар хонаест.

Хонае, ки Худои молики ҳама ҷаҳон барои мо сохт ва он чи фармонравои осмон бисозад, завол наёбад.

Ҷомаҳои мо ва хонадони мо ҷомаҳои оростаи подшоҳон аст ва ба ҳангоми набард зиреҳҳои баланд бар тан мекашем.

Ақлҳои мо дар сангинӣ ҳамвазн бо кӯҳҳост ва чун аз бурдборӣ ва ақл берун аст. Пиндоранд, ки ифритон ҳастем

Вақте ки Фараздақ ба ҳаҷви ҳарифи худ Ҷарир мепардозад, натанҳо ба худи вай ва қабилааш ҳамла менамояд, балки ҳатто қабилаи Қайсро,? ки Ҷарир дифоъ мекарду, Ахтал ҳаҷвашон карда буд, мавриди тозиёнаи танқид қарор медиҳад ва баъзан зимни ҳаҷв қабилаи Ахталро, ки ҳампаймони қабилаи ӯст, аз некии ҳаҷви Ҷарир ҳимоят мекунад.

Дар миёни ҳаҷвияҳои Фараздақ қасидае ҳаст, ки ба ҳаҷви иблис бахшида шуда, дар он сухан аз иблис меравад, ки бо шоир мулоқот намуда, ба ӯ умри абад ва биҳишти ҷовидон ваъда медиҳад, вале дар охир шоир дурӯғ будани ваъдаҳои шайтонро фош намуда, дар тамоми гуноҳҳо ва бадрафториҳои худ ӯро сабабгор медонад. ҳарчанд, ки аз ин қасида бӯи тавба ва парҳез аз гуноҳҳои содиршудаи шоир меояд, вале дар асл Фараздақ ҳеҷ гоҳ парҳезу тавба накарда умре дар шарму равиши собиқи худ боқӣ мондааст.

Дар баробари ин Фараздақ яке аз бузургтарин сарояндагони васфу ғазал дар аҳди Умавиён ҳисоб меёбад ва дар шеъри ӯ ҳам васфи ашёву афроди бодия ва ҳам ҳаёти шаҳрнишинон бо маҳорати тамом мавриди тасвир қарор гирифтааст. Гоҳо шоир  ба васфи ҳайвоноти ваҳшӣ мепардозад ва худро ҳамрозу ҳамнишинии онҳо тасвир мекунад. Чунончи дар тасвири гурги бодия мегӯяд:

Чун (гург) наздик шуд, гуфтамаш: Биё бигир, ману ту дар роҳтӯшаи ман наздик ҳастем.

Он гоҳ дар канори оташу дуд роҳтӯшаамро миёни худ ва ӯ баробар тақсим кардам.

Албатта васфҳои Фараздақ дорои арзиши маънавӣ ва зебоишинохти (эстетикӣ) доранд, вале ин қазоват дар бораи ғазалҳои ӯ мувофиқ намеояд. Дар ғазалҳои ӯ, ҳам дар алфозу таъбирот ва ҳам дар мазмуну мундариҷа осори фаҳшу бешармӣ, тарғиби фисқу фуҷур ва шаҳватронӣ мушоҳида мешавад. ҳарчанд, ки қиссаҳо ва ғазалҳои ишқии Фараздақ дар пайравии Имру-ул-Қайс ва Умар ибн Аби Рабиа таълиф шудаанд, вале аз лиҳози латофату таъсир ба пояи он шоирон расида наметавонанд.

Фараздақ шоирест, ки дар сабку услуби баён, равиши шеъри бадавиро нигоҳ доштааст ва алфозу таъбироти дурушту дағал дар шеъри ӯ зиёд ба назар мерасад. Аз ин рӯ забони шеъри ӯ барои баёни маъниҳои латифу нозук созгор нест.

Шеъри Фараздақ барои интишор ва истифодаи ҳамагонӣ набудааст, балки барои теъдоди муайяни афроде гуфта шудааст, зеро алфозу таъбироте, ки ба шеъри ӯ аз аҳди ҷоҳилият омадаанд, суханашро барои завқу дарки оммаи ҳамзамонаш дур сохтаанд. Қимат ва аҳамияти чунин шеърҳо беш аз ҳама арзиши онҳо барои луғатшиносони аҳди исломист ва беҳуда қавли маъруфи Абуубайда «Агар шеъри Фараздақ набуд, сулси луғати араб аз миён рафта буд» ба вуҷуд наёмадааст.

Арзиши таърихии шеъри Фараздақ дар он аст, ки дар бораи воқеоти марбут ба хилофати Умавиён, лашкаркашиҳо ва кишваркушоиҳои онон, мубориза҇ҳои миёни гурӯҳҳои сиёсӣ ва қавму қабилаҳои араб дар аҳди Умавиён маълумоти пурқимат дода метавонад.

## 3. ҶАРИР (653-733)

Абу ҳазра Ҷарир ибн Атия, ки дар шоирӣ бо лақаби Ҷарир шӯҳрат пайдо кардааст, дар хонаводаи марди фақиру бенавое, ки асли вай аз қабилаи Бани Тамим буд, соли 653 дар Ямома ба дунё омадааст. Ҷарир аз хурдӣ зиндагии сахту пурмашаққат аз сар мегузаронид ва бузу гӯсфандони падарашро, ки нисбат ба хонаводаҳои дигар хеле камшумор буд, мечаронид. Дар бадали фақирӣ ва бенавоӣ Худованд ба ӯ забони буррову табъи равон ва истеъдоди фитрӣ дода буду аз ҳамон овони наврасӣ ба шеъргӯӣ оғоз кард. Шӯҳрати шоирии Ҷарир аз шеърҳое оғоз шуд, ки ба василаи онҳо худ ва хонаводаашро аз баъзе ҳамқабилаҳои хеш дифоъ мекард ё бар зидди мухолифони қабилаи худ бо шеъраш бармехост, то ҳадде, ки дар муборизаи адабӣ бо Фараздақу Ахтал дар тамоми хилофат овоза пайдо кард.

Тибқи суннате, ки дар аҳди ҷоҳилият ва алалхусус аз Нобиғаи Зубёнӣ оғоз ёфта буд, шоирон баъди шӯҳрат пайдо кардан, ногузир барои пайдо кардани мамдӯҳи саховатманд ва ба даст овардани молу сарват мебоист аз бодия ё навоҳии дурдаст ба дарборҳои подшоҳон ва даргоҳи сарватмандон мерафтанд. Ҷарир ҳам тибқи ин суннат Ямомаро тарк гуфта, аввал ба Басраи Ироқ рафт ва аз он

ҷо ба ҳиҷозу Баҳрайн ва ниҳоят ба Димишқу Расофа ба дарбори Умавиён рафта, мамдӯҳоне чун Язид ибн Муъовия, Хаҷҷоҷ ибн Юсуф, Бушр ибн Марвон ва амсоли онҳоро пайдо намуд. Алалхусус мадҳияҳои Ҷарир дар бораи ҳаҷҷоҷ шӯҳрати зиёд пайдо карданд ва шоир аз ин мамдӯҳи худ молу неъмати фаровон ба даст меовард.

Бо вуҷуди ин ҳама ба сабаби он ки қабилаи ӯ бо мухолифони Умавиён, яъне Зубайриён ҳампаймон буд. Ҷарир муддате мақомеро, ки Ахтал дар дарбори Умавиён дошт пайдо карда натавонист. Нахуст бо ёрии ҳаҷҷоҷ ба ҳузури Абдулмалик ибн Марвон ворид шуд ва ба туфайли қасидае, ки шомили байти зайл аст ва шеършиносони аҳди исломи онро беҳтарин мадҳия донистанд, дар назди ин халифа эътибори бузург пайдо кард:[1]

Оё шумо беҳтарин касоне, ки бар аспҳо савор мешаванд нестед? Оё кафи шумо бахшандатарин кафҳо нест?

Минбаъд пас аз Абдулмалик  Ҷарир дар назди халифа Валид ибн Абдулмалик низ мақоми бузург дошт ва дар ҳузури ду подшоҳ бо Ахтал ва Одӣ ибн ар-Риқоъ мунозираҳои шеърӣ ва ҳачвгӯиҳои тарафайн оғоз гардид. Сабаби асосии ин мунозираи он буд, ки асли қабилаи Ҷарир ба Мазар мепайваст ва Одӣ ибн ар-Риқоъ қаҳтонӣ буд, аслу насаб ва қабилаи Ҷарирро таъна мезад.

Баъди марги ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф, ки ҳомӣ ва пуштибони Ҷарир буд, нуфузи ӯ дар дарбори Умавиён коста шуд ва ҳарчанд ки дар бораи Язид ибн Абдулмалик мадеҳаҳо гуфт, чандон иззат ва суди моддӣ ба даст наовард.

Ҷарир дар тӯли зиндагии худ чандин маротиба издивоҷ намуда, номи фарзанди калониии вай ҳазра будааст ва лақаби Абу ҳазраро Ҷарир аз ин хотир гирифтааст. Дар бораи таърихи вафоти Ҷарир ихтилофот вуҷуд дорад, вале бештари муҳаққиқон соли 733-и милодиро таърихи вафоти ӯ донистаанд.

Мероси адабии Ҷарир дар девоне фароҳам омадааст, дар мавзӯоти мадҳу марсия, фахру ҳачв ва тағаззул суруда шуда, соли 1935 дар Қоҳира бо саъйи Муҳаммад Исмоил ас-Совӣ ба табъ расидааст.

Аз лиҳози аслу насаби қабилавӣ ва ачдодӣ Ҷарир Мазарӣ буд ва Мазариён ҷонибдори мухолифони Умавиён –зубайриён буданд. Вале эҳтиёҷу ниёзмандии моддӣ ва майл ба молу сарват ӯро водор мекунад, ки сиёсати хулафо ва бузургони давлати Умавиро

ҷонибдорӣ намояд ва дар мадеҳаҳои худ ҳаққоният ва қонунияти хилофати онҳоро эътироф кунад. Аз ин ҷост, ки ӯ нахуст ба мадҳи ҳаҷҷоч ибн Юсуф оғоз карда ба шоири хоси ӯ табдил ёфт ва бо ёрии вай бо хулафои Умавӣ низ иртибот пайдо карда, молу сарвати фаровон ба даст овард.

Ҷарир дар мадеҳаҳои худ ду ҷанбаи сифатҳои мамдӯҳони худ, яъне сифати дунявӣ ва динии онҳоро меситояд. Ба сифати дунявӣ ӯ ҷасорату далерӣ, кишваркушоиҳо, ободонии шаҳрҳо ва амсоли онҳоро ворид мекунад. Аз ҷумла агар дар ҷое шамшери ҳаҷҷоҷро шамшери адолат ва ҳақ бихонад, дар абёти зайл халифа ҳишом ибн Абдулмаликро Маҳдии замон меномад ва мегӯяд:[2]

Андӯҳ бар мо ҳуҷум овард ва Аъода гуфт: Акнун қасди куҷоро дорӣ?

Гуфтам: Бидуни тардид ба назди халифа меравам ӯ Маҳдӣ ва доварест ба ҳидоят расида.

Бо вуҷуди ин ҳама ҳадафи аслии Ҷарир аз мадҳи хулафои Умавӣ ва волиёну уммоли онҳо талаби молу неъмат аст ва дар баъзе мавридҳо шоир ин нияти худро фошофош, рӯирост изҳор намуда, дар руҷӯъ ба мамдӯҳ мегӯяд:[3]

Эй падару модарам фидои ту бод, бо атоёи худ ба фарёди ман бирас, ки ту аз бахшиш  ба дигарон шодмон ҳастӣ.

Яке аз масъалаҳои марбут ба эҷодиёти Ҷарир муборизаи адабии ӯ бо ду нафар шоири бузурги дигари аҳди Умавиён Фараздақ ва Ахтал мебошад. Дар аҳди Умавиён чунин суннате ҳам ривоҷ доштааст, ки худи хулафо ва ҳокимон шоирони дарборҳои худро ба ҳаҷви якдигар бармеангехтанд ва аз ин лаззат мебурданд. Вале Чарир ба ағлаби кулли шоироне, ки ӯро ҳаҷв гуфтаанд, ҷавоби сазовор дода дар ҳачвгӣ ғолиб омадааст, танҳо дар муборизаи ҳачвгӯие, ки миёни ӯ ва Фараздақу Ахтал воқеъ шудааст ва дар ин амр он ду нафар дар як саф ва Чарир танҳо дар сафи дигар қарор доштааст, дар бораи ҷониби ғолиб ҳукми қатъӣ баровардан хеле душвор аст, зеро ҳамаи онҳо тавонотарин ҳаҷвсароён низ буданд.

Ҷарир дар ҳачвгӯӣ низ яке аз тавонотарин шуарои араб ҳисоб меёбад. Ӯ дар ҳаҷвияҳои ҷавобии худ ба Ахтал Фараздақ, тамоми воситаҳоро ба кор мебарад, аз алфозу таъбироти дур аз одоб низ рӯ намегардонад ва ҳатто хурдтарин айбу нуқсонҳои фардӣ ва хонаводагии онҳоро низ ба рӯяшон мезанад. Ӯ чунон саъйю ҷустуҷӯ мекунад ё месозад ва онҳоро бо пасттарин ва ночизтарин

ҳайвонот шабоҳат медиҳад. Аз ин таҳқиру пастзаданҳо ӯ ҳатто хоҳару модар ва хешовандони дигари рақибонаш ҳам халосӣ ёфта наметавонанд.

Аз ҷумла ба ҳаҷви Фараздақ сухан ронда, Ҷарир ӯро «оҳангарзода» (Иб-улфин) мехонад, ки машғул бо касбҳо дармиёни аъраби бодия ор дониста мешуд, ба рақибаш лақабҳои бӯзина, фосиқу фоҷир, ифлосу разил ва амсоли онҳоро медиҳад. Чунончи мегӯяд:[4]

Ӯ нопок аст, эй аҳли шаҳр ҳазар кунед, ки чунин олуда бо хабисоти олам ба назди шумо надарояд.

Дар мавриде, ки Ҷарир ба ҳаҷви ӯ мепардозад, дини ӯро, ки масеҳият аст ба нишон мегирад ва ӯро ба хӯрдани гӯшти хук ва шаробхӯрӣ таъна мезанад. ҳатто лақаби ӯро бо таҳқир Ухайтал (Ахталча) меномад, гоҳо ӯро Давбил, яъне куррахари хурдҷусса меномад:[5]

Оё падари Ахталак тағлибӣ набуд?

Чи бад аст, ки падар ва тағои одамӣ тағлибӣ бошад.

Яке аз ҷиҳатҳои номақбулии ҳаҷви Ҷарир он аст, ки занону духтарони рақибони худ ва қавму қабилаҳои онҳоро ба тариқи тӯҳмат зинокору олуда бо фисқу фуҷур мехонад ва ин амали худро чун василаи ҳимояи хешу қавми худ ҳақ медонад.

Маъмулан вақте ки Ҷарир рақибони худро ҳаҷв мегӯяд, дар оғоз ногузир ба фахри худу қабилааш мепардозад. Қабилаи Ҷарир бо қабилаи Фараздақ аз як асл, яъне Мазар ҳастанд ва аз ин ҷо ӯ бештар дар назди Фараздақ аз шахсияти шоирии худ, диндории хеш тафохур мекунад. Аз ҷумла дар баробари рақиби хеш чунин изҳор менамояд:[6]

Дар эҷодиёти Ҷарир дар баробари мадҳу ҳаҷв ва фахр тағаззул низ мавқеи сазовор дорад ва аз ин лиҳоз ҳам ӯ яке аз шуарои тавоно дониста шудааст. Дар сабку услуби назми ӯ шеъри аҳди ҷоҳилӣ ва намояндагони ғазалсароии узрӣ бо ҳам омезиш ёфтааст ва авсофу ташбеҳот ва мазмунҳои онҳо низ истифода гардидааст.

Қаҳрамони лирикии Ҷарир сухан аз ҳоли дарунии худ, дарду оламҳо ва ормонҳои ошиқонаи худ мегӯяд, роздоне меҷӯяд, ки аз ҳоли дили худ ба ӯ ҳикоят кунад, то давое бар дили сӯхтааш пайдо намояд:

Эй кош, ин дили ман касеро, ки таскинаш медиҳад, меёфт ё соқие, ки имрӯзаш ҷоми ғамхорӣ бичашонад.

Ман нахустин муштоқи ғамдидае нестам, ки бомдодони ҷудоӣ ғамҳо бар дилаш наянгехта бошад.

Тағаззулоти Ҷарир бо таносуби хоси қолаби зоҳириву маънӣ латофати сухан ва ҳусни баён аз намунаҳои олии шеъри ғазали арабӣ ҳисоб шуда метавонад. Чунончи дар абёти зайл мушоҳида менамоем:

Хушо кӯҳи Райён ва хушо сокинони Райён

Ва хушо он роиҳаи диловез, ки он зани яманӣ, ки гоҳ-гоҳ аз ҷониби Райён мевазад.

Тағаззулоти шоир тараннумгари ишқи поку беолоиш буда, дар онҳо хусисияти ғазали ҳазарӣ ва аз он ҷумла тағаззулоти Фараздақ, ки тарғибгари фаҳшу лаззатҷӯист, мушоҳида намешавад. Ғазалиёти ӯ бо самимият ва муассирии хоси худ фарқ мекунанд.ва аз ин чиҳат аз шеъри Фарздақ бартарӣ дорад.

Шеършиносони аҳди исломӣ ва муҳаққиқони муосири таърихи араб Ҷарирро аз зумраи бузургтарин шоирон дар эҷоди тағаззулу марсия ва мадҳу ҳаҷв донистаанд ва бузургии истеъдоди фитриву табъи шоирии ӯро эътироф кардаанд.

Ҷарир дар замони худ ва қарнҳои минбаъдаи аҳди исломӣ ҳам дорои шӯҳрати баланди шоирӣ ва мавриди эътирозу пайравии суханварони Арабу Аҷам будааст.

Аз ҷумла бунёдгузори шеъри Аҷам Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳанӯз дар қарни X қудрати шоирии Ҷарирро дар қатори ҳотами ат-Той ва ҳассон ибн Собит эътироф намуда, мегӯяд:

Ҷуз ба сазовори мир гуфт натавонам,

Гарчи Ҷарирам ба шеъри Тоию ҳассон.

ҳакими суханвари тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар қарни XI низоми сухани худро бо сухани Унсурӣ ва табъи шоириашро бо табъи равони Ҷарир чунин қиёс менамояд:

Низоми суханро Худованди ду ҷаҳон,

Дили Унсурӣ доду табъи Ҷарирам.

Умуман, Ҷарир шоирест, ки натанҳо дар адабиёти аҳди Умавиён мақоми воло доштааст, балки яке аз боризтарин симоҳои шеъи араб ҳам маҳсуб буда, шеъри ӯ дар тӯли асрҳои минбаъда миёни шуарои Арабу Аҷам ва халқҳои дигари шарқ мавриди тақлид ва пайравӣ қарор гирифтааст.

# НАМОЯНДАГОНИ ШЕЪРИ СИЁСИИ АҲДИ УМАВИЁН

## УБАЙДУЛЛОҲ ИБНИ ҚАЙС АР-РУҚИЙЁТ (ваф. 694 м.)

Убайдуллоҳ ибн Қайс аз қабилаи Қурайш буда, дар бораи таърихи таваллуд ва айёми наврасии ӯ маълумоти саҳеҳ дар даст нест. Сабаби лақаби шоирии ӯ, яъне ар-Руқиётро чунин шарҳ додаанд, ки ӯ гӯё се нафар занеро дӯст доштааст, ки ҳар се ҳам Руқия ном доштаанд.

Руқиёт дар пойгоҳи сиёсӣ ҷонибдори зубайриён буд ва бо ҳамроҳии Мисъаб ибн аз-Зубайр муборизаи зидди Абдулмалик ибн Марвони Умавӣ бархост. Вале пас аз куштан шудани Абдуллоҳ ва Мисъаб ибн аз-Зубайр бо мадҳу узр ба Абдулмалик ибн Марвон рӯ овард ва Абудулмалик ӯро авф кард.

Руқиёт ба василаи шеъри худ манфиатҳои қабилаи хешро мекард ва бар он ақида буд, ки хилофат бояд дар ихтиёри намояндагони Қурайш бошад. Ӯ дар шеъраш аз Умавиён изҳори норизоӣ ва эътироф мекунад, ки ватани Қурайшиён ҳиҷозро хор кардаанд ва бар яманиҳо эътимод намудаанд.

Мавзӯоти шеъри ӯро мадҳу марсия ва фахр ташкил медиҳад, ки мадеҳаҳояш асосан дар васфи зубайриён, шиъиён ва Умавиён эҷод гардидааст. Фахру марсияҳои ӯ дар бораи бузургони қабилаи Қурайш ва хонаводааш таълиф шудааст.

## ТИРИММОҲ ИБН ҲАКИМ (ваф. 718м.)

Тириммоҳ ибн ҳаким шоири гурӯҳи сиёсии хавориҷ буда, дар қабилаи Тай ба дунё омадааст. Ӯ дар Димишқ тарбият ёфта, ҳангоми хуруҷи лашкари Шом ба Куфа ҳамроҳ рафта, бо гурӯҳи хавориҷ ҳамақида шуд ва ба василаи шеъри худ даъватҳои сиёсии он гурӯҳро тарғиб ва ҳимоят намуд.

Шеъри Тирмимоҳ асосан аз мадҳу фахр ва мазмунҳои сиёсии марбут ба ақоиди хавориҷ иборат аст. Ӯ дар ҳудуди соли 718 аз олам даргузаштааст.

## КУМАЙТ ИБН ЗАЙД АЛ-АСАДӢ (679-734)

Кумайт ибн Зайд ал-Асадӣ соли 679 дар Куфаи Ироқ хонаводаи мазариасл ба дунё омадааст. Кумайт ҳам аз тарбияти бадавӣ гузашта буд ва ҳам бо зиндагии шаҳрнишинӣ огоҳӣ дошт ва

донишу иттилооти  фаровон андӯхта буд. Аз ин лиҳоз ӯ аз зумраи шуарои камшумори араб аст, ки шоириро воситаи  касби маъош қарор надода, вазифаи мактабдориро пешаи худ карда буд ва дар масҷиди Куфа кӯдаконро таълим медод.

Кумайт, ки дар Куфа парвариш ёфта буд, ба мазҳаби шиъа гироиш дошт ва шоирӣ барои ӯ чун силоҳи мубориза ва тарғиби аҳдофи сиёсии мазҳаби ӯ хидмат мекард. Теъдоди зиёди қасоиди ӯ, ки дар ситоиши Бани ҳошим гуфта шудаанд, бо номи «ҳошимиёт» маъруфанд, аз рӯи ихлосу эътиқоди самимӣ ба мазҳаби  ташайуъ эҷод гардида, аз тамаъ ва манфиатҳои моддӣ орӣ мебошанд.

Вақте, ки шоири Яманӣ ҳаким ал-Калбӣ оли Алӣ, шиъиён ва аҳли мазарро ҳаҷв гуфт, Кумайт бо ҳаҷви сахте алайҳи  ҳоким ал-Калбӣ ва яманиён баромад намуд. Волии Ироқ Холид ибн Абдуллоҳ ал-Қасрӣ, ки худ яманӣ буд, назди халифа ҳишом ибн Абулмалик дар ҳаққи Кумайт бадгӯӣ кард ва халифа ба қатли ӯ фармон дод. Холид ибн Абдуллоҳ Кумайтро дастгир ва зиндонӣ намуд ва ӯ оқибат аз зиндон гурехта ба Шом рафт. Пас аз муддате Кумайт қасидае ба халифа ҳишом ибн Абдулмалик навишта аз ӯ авф талаб ва аз мазҳаби худ тавба намуд. Ниҳоят тавбаи Кумайт пазируфта шуд. Шоир дар ҳудуди 55 солагӣ вафот ёфт.

Мавзӯоти асосии шеъри Кумайт мадҳу ҳаҷв буда, маъруфтарин қасоиди ӯ «ҳошимиёт»-аш мебошад. «ҳошимиёт» силсилаи шомили ҳашт қасида аст, ки дар дифоъи аҳли ташайуъ гуфта шуда, соли 1904 дар Лейден ба табъ расидааст. Қасидаи нахустини ин силсила бо қофияи боия буда, бо абёти зайл оғоз меёбад:

Ба тараб омадам, аммо на дар иштиёқи занони зеборӯи сапедандом, ки дигар сари бозича надорам оё пирамардон ба бозича мегироянд?

Ва дигар ҳеҷ хонае ва осори хонае маро шефтаи худ намесозад ва ҳеҷ сарангушти ҳинобастае маро ба тараб намеоварад.

Ба тараб омадам, аммо ба хотири мардуме бо чеҳраҳои тобнок, ки ба поймардии ишқи онон ба Худованд тақарруб меҷӯям.

Бани ҳошим тоифаи паёмбар, ки борҳо ба онҳо хушнуд шудам ва барои онҳо хашм гирифтам.

Кумайт бо шахсияти нотакрори худ аз гузаштагонаш ҳам фарқ мекунад. Ӯ дар баробари ҳофизи Қуръон, хатиби Бани Асад ва фақеҳи аҳли ташаййуъ будан, котиби хушхате ҳам буд ва аз

илми ансоб ҳам огоҳии том дошт. Ҳамаи ин дар шеъри ӯ низ бетаъсир намондааст ва ҳарчанд ки шеъри ӯ аз лиҳози қолаби зоҳирӣ пайрави қолабҲои шеъри аҳди чоҳилист, вале аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво дар шеъри вай анъанаҳои аҳди ҷоҳилият ва аҳди исломӣ омезиш ёфтааст. Дар шеъри ӯ нишонаҳои зиндагии бадавӣ ва шаҳрнишинӣ таҷассум ёфта, дар бораи воқеоту рӯйдодҳои таърихии аҳди умавӣ низ маълумоти фаровон фароҳам омадааст.

## НАМОЯНДАГОНИ АНВОИ ХОСИ ШЕЪРӢ

### УРҶУЗАСАРОЁН

Урҷуза чун навъи хоси шеъри арабӣ дар аҳди ҷоҳилият низ собиқаи тӯлонӣ доштааст. Урҷуза шеъре будааст, ки аз ду се байт беш набуда, ҳар байти он дар баҳри комили раҷаз, яъне шаш бор мустафъилун суруда мешудааст. Дар оғоз раҷазҳо шеъри кӯтоҳи мардумӣ буда, онҳоро ҳангоми таҳрики шутур ба роҳ гардӣ (ҳиҷо), ҳангоми набард ё об гирифтан аз чоҳ ба оҳанг мехондаанд. Хусусияти дигари ин навъ шеър аз он иборат будааст, ки новобаста ба  хурдӣ ё бузургии ҳаҷм тамоми мисраъҳои он дар як қофия суруда мешудаанд.

Дар таърихи адабиёти араб Муҳалҳил ва Имр-ул-Қайсро нахустин шоироне медонанд, ки ашъори урҷуза таълиф кардаанд. Бино ба  таъйиди шеършиносони аҳди исломӣ Рӯъбаи Аҷҷоҷ нахустин шоире будааст, ки   теъдоди абёти урҷузаро аз се байт зиёд намуда, онро ба шакли қасида  даровардааст ва мавзӯоти гиря бар талу доман, васф ва амсоли онҳоро ворид кард ва мақоми нахустин урҷузасароро ба маънии томи ин истилоҳ соҳиб гашт.

Урҷуза навъи хоси қасидаи аҳди умавӣ буда, бо мухтассоти худ аз дигар анвои шеърӣ фарқ мекунад. Қабл аз ҳама, дар алфозу таъброти бегона ва ноошно ба зеҳни хонандаву шунаванда дар он бештар ба назар мерасанд. Зеро бо сабаби он ки бояд қофияи якхела дар тамоми мисраъҳои он риоя шавад, шоир ногузир аст, ки барои риояи қофия аз алфозу таъбироти бегонаву душворфаҳм низ истифода намояд. Ба замми ин дар ин навъ шеър алфозу таъбироте ҳам ба назар мерасанд, ки бо қоидаҳои сарфи арабӣ мувофиқат надорад ва ба хотири вазну қофия сохта шудаанд.

Бо вуҷуди мушкилоте, ки аз сохтори урҷуза бармеоянд, урҷузаҳои ҳунармандонае алалхусус дар васфу фахру тағаззул ба вуҷуд омадаанд. Намунаҳои хуби ин навъ шеърро дар осори намояндагони Аҷҷоҷ ва писараш Руъба ибн Аҷҷоҷ, Абу Марқал аз-Зақиён, Абу Нухайла ал-ҳаминӣ ва дигарон мушоҳида метавон кард. Теъдоде аз урҷузасароён ба сабаби истифодаи луғатҳои нодир мавриди тавҷҷӯҳи олимони луғат гардидаанд ва шеърашон писанди умум нашудааст, вале Аҷҷоҷ ва писараш Руъба тавонистанд ба воситаи ин навъ шеър аксари мазӯоти қасидаро аз қабили мадҳу ҳаҷв, фахру тағаззул ва ғайра баён созанд ва намунаҳои олии ин навъ шеърро ба вуҷуд оранд.

## РУЪУЁТ (РАЪВИЁТ)

Роъуёт навъи шеъре будааст, ки дар бораи чӯпон, яъне роъӣ ва галла ё раммаи ӯ ва бодияе, ки дар он роъӣ рамаашро мечаронад, эҷод мегардидааст Намояндагони ин навъ шеър ба мавзӯъҳои тағаззул, мадҳ, ҳачв ва амсоли онҳо низ руҷӯъ мекардаанд, вале қисмати асосии ашъори онон дар тасвири чӯпону рамаи ӯ ва бодияе будааст, ки зиндагии чӯпон бо он сахт марбут аст. Дар миёни шарое, ки бо ин навъ шеър шуғл варзидаанд, беш аз ҳама ду нафар, яъне Роъӣ ва Зуррумма шӯҳрати зиёд доштаанд.

## РОЪӢ (ваф. 709м.)

Убайд ибн ҳасан ибн Муъовия ибн Ҷандал ан-Нумайрӣ, ки бо лақаби шоирии Роъию-л-ибил (шутурбон) шӯҳрат ёфтааст, дар қабилаи Мазар дар бодияи атрофи Басра ба дунё омадааст.

Дар шеъри Роъӣ васфи шутур ва зиндагии он дар чарогоҳ ба ҳадде мақом дорад, ки дар ашъори муосирон ва гузаштагони ӯ ба ин ҳад мушоҳида намешавад. Зеро ҳарчанд шоирони қабл аз ӯ ҳам дар васфи шутур бисёр тавққуф кардаанд, вале васфи онҳо бештар ба ҳолоти шутур дар аснои роҳгардӣ ва сафар марбут аст. Дар шеъри Роъӣ бошад, васфи худи шутурбонон низ мақоми зиёд дорад. Дар шеъри ӯ шутур ва шутурбон чун аъзои як ҷамъияти инсонҳо тасвир мегардад, ки бо онҳо якҷоя сафар менамояд. Хурдтарин ҷузъиёти марбут ба шутур, ҳатто манзараи ба обхӯрӣ омадани он низ тасвир карда мешавад. Хислатҳои дигари бадавиён аз ҷумлаи ҷасорат, далерӣ, ҷавонмардиву меҳмоннавозӣ ва амсоли онҳо зимни васфи чӯпону шутур тасвир мекарданд.

## ЗУ-Р-РУММА (696-735)

Абулҳорис Ғайлон ал-Адавӣ, ки бо лақаби Зу-р-румма маъруф аст, аз зумраи шоирони ошиқпешаи араб буда, ба Мийаи Манқарӣ ном духтаре ишқ меварзидааст. Дар оғоз бо урҷузасароӣ шуғл варзидааст. Дар сурудани тағаззул ва гиря бар атлолу даман, мадҳу васф ҳиҷо ва ғайра низ қувва озмуда, бо ҳокимони давр низ иртибот пайдо намудааст.

Бино ба тасдиқи муҳаққиқон Зуррумма дар ҳаҷву мадеҳасароӣ чандон қудрат надоштааст ва тавоноии ӯ беш аз ҳама эҷоди шеъри бадавӣ будааст. Ӯ ба василаи қасоиди худ шеъри табиатро, ки дар аҳди ҷоҳилӣ ривоҷи зиёд дошт, аз нав эҳё намудааст. ҳарчанд ки дар шеъри ӯ аз лиҳози маънӣ ва васфҳо тозагие ба мушоҳида намерасад, балки ӯ бо истифода аз беҳтарин таъбироту мазомини устодони шеъри аҳди ҷоҳилӣ манзараҳои зебои табиати биёбон, ҷамоду наботу ҳайвоноти он, манзараи шаби биёбон ва амсоли иноро офарида тавонистааст.

## НАСР ДАР АХДИ УМАВИЁН

Дар фасли марбут ба насри аҳди ҷоҳилият дар ин китоб мазкур гардида буд, ки аз насри он давра осори хеле каме боқӣ монда аст ва асосан хитоба ва зарбулмасалу мақолҳоро дар бар мегирад. Вале дар қиёси насри аҳди ҷоҳилӣ дар садри ислом ва аҳди Умавиён наср ҳам хеле пеш рафтааст. ҳарчанд, ки насри ин давра ҳам идомаи суннатҳои насри аҳди ҷоҳилист, вале тағйироти ҷиддие дар он ба назар мерасад.

Аввалан насри садри ислом ва аҳди Умавиён аз лиҳози миқдор ҳам зиёд буда, Қуръону ҳадис, хутбаҳои Пайғомбари ислом, хулафои рошиддин ва сарлашкарону волиён ва таъриху қассас ва ривоётро дар бар мегирад. Сонияи аз лиҳози эътибор ва маъхази ривоят низ насри ин давра муътамадтар аст. Ниҳоят, бузургтарин мӯъҷизаи адабӣ Қуръон дар ин давра нозил ва дар аҳди хулафои рошидин китобат шудааст, ки ҳам аз лиҳози алфозу таъбирот ва ҳам сабку маънӣ ба насру назми ин давра таъсири бузург расонидааст. Аз ин хотир қабл аз ҳама дар бораи Қуръон ва фазоили он таваққуфро зарур медонем.

## ҚУРЪОН

Қуръон мазҳари зиндагонии маънавӣ, динӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва адабии араб аст, ки дар охири асри VI ва аввали асри VII ба Пайғомбари ислом нозил шуда ва нахустин китобест ба забони арабӣ ки дар аҳди хулафои рошидин тадвин гардидааст.

Қуръон дар тӯли 23 сол мувофиқи ҳодисаву воқеот ва тақозои аҳволи мадум бо лаҳҷаи Қурайш нозил шудаст. Қуръон дар маҷмӯъ 114 сураро дар бар мегирад. Аз онҳо 93 сура дар Макка дар тӯли 13 сол ва 21 сураи дигар дар муддати 21 сол дар Мадина ба Пайғомбари ислом нозил гардидааст. Маҷмӯи сураҳои Қуръон ба сабаби он ки бо тақозои замон ё ҳодисаву воқеоти гуногун нозил шудаанд, ки дорои мавзӯъҳо ва сабкҳои мухталиф мебошанд. Баъзан як сура ва баъзан як ё якчанд оят нозил гардидааст.

Дар замони Пайғомбари ислом саҳобагон аз ӯ Қуръонро меомӯхтанд ва ҳифз мекарданд ё котибони ваҳй ба таври алоҳида менавиштанд.

Сураҳои Маккӣ, яъне сураҳое, ки дар Макка нозил шудаанд, аз рӯи мазмуну мундариҷа аз сураҳои дар Мадина нозал шуда, яъне сураҳои мадинӣ тафовут доранд. Сураҳои маккӣ масъалаҳои марбут ба усули динро баён мекунад ва сураҳои маданӣ ба масъалаҳои усули аҳкоми дин тааллуқ доранд.

Нузули Қуръон дар соли даҳуми ҳиҷрат, се моҳ қабл аз вафоти Пайғомбари ислом поён ёфтан буд ва дар тӯли 23 соли нузули сураву оёти Қуръонӣ бо дастури расули акрам (с) котибони ваҳй оёти нозилшударо дар рӯи устухон, чӯб, санг ва ғайра сабт менамуданд. ҳамин тавр, дар замони вафоти Пайғомбари ислом ҳам тамоми Қуръон навишта шуда буд ва саҳоба ва қориён онро дар ҳифз доштанд.

Дар замони нахустин халифаи рошидин Абубакр дар ҷанги Ямома дар ҳудуди 70 ё ба қавле дигар 700 нафар аз ҷумлаи ҳофизони Қуръон ба шаҳодат расиданд. Умар ибн Хаттоб Абубакрро аз вазъи ба амал омада огоҳ намуд ва пас аз машварат ба хулосае омаданд, ки Қуръон дар шакли китоби алоҳида ҷамъоварӣ ва тадвин карда шавад. Барои ин кор Зайд ибн Собитро, ки яке аз котибони ваҳй дар замони зиндагии Пайғомбари ислом буд вазифадор карданд ва ӯ Қуръонро аз ҳафизаҳо ва навиштаҳо ҷамъ оварда ба шакли китоб даровард. Ин китоб дар замони

хилофати Абубакр ҳамроҳи ӯ буд ва пас аз Умар ба дасти духтари вай ҳафса расид.

Дар замони хилофати Усмон ибн Аффон бар асари ихтилофи лаҳҷаҳои аъроб ихтилоф дар қироати Қуръон пайдо шуд ва гурӯҳе аз қироати худ фахр мекарданд ва қироати гурӯҳи дигарро хато меҳисобиданд. Аз ин хотир Усмон ба котибони маъруф Зайд ибн Собит, Абдуллоҳ ибн Зубайр, Саъид ибн Ос ва Абдурраҳмон ибн ал-ҳорис дастур дод, ки Қуръонро дар шакле, ки имрӯз ҳам дар истифода аст мураттаб созанд ва ба тамоми қаламрави хилофат интишор намоянд.

Қуръон қабл аз ҳама ваҳйи илоҳӣ ва китоби муқаддаси динии мусалмонон аст, ба Пайғомбари ислом нозил гардидааст. Дар баробари ин бояд гуфт, ки ин китоби осмонӣ мӯъҷизаи адабӣ ва олитарин намунаи асари бадеист, ки барои аҳли башар гуфта шудааст. Вале чун ин мӯъҷизаи адабӣ каломи илоҳист ва берун аз қудрати ақлу тавони башар аст, табиист, ки араб бо вуҷуди фасоҳату балоғати олии худ чизе ҳаммонанди онро гуфта натавониста ва бузургтарин нависандагони ақвому милали дигар ҳам дар баробари эъҷози сухани илоҳӣ оҷиз мондаанд.

Вақте ки вазъи суханварии аъроби аҳди ҷоҳилиро ба ёд оварем, хоҳем дарёфт, ки дар ҳаёти онҳо шеъру шоирӣ мақоми аввалдараҷа дошт ва шоир аз зумраи бонуфузтарин афроди қабила ва ҷомеа ҳисоб мешуд. Агар шоир мехост, ки қасидаи ӯ номи вай ва қабилаашро машҳур созад ва мухолифони худро мулзам намояд, бояд онро дар мавзеъе мехонд, ё ба тадбири дигар «нашр мекард», ки дар он ҷо теъдоди бештари намояндагони қабилаҳо ҳузур дошта бошанд. Чунин мавзеъ ва макон бозори Уккоз буд, ки дар мавсими ҳаҷ дар баробари намояндагони қабилаҳо шуарои тавонои онҳо низ омада, як навъ мусобиқа ё муборизаи шеъргӯӣ барпо мекарданд Дар саҳни бозор дар ҷои намоён минбар гузошта ва паҳлӯи он хаймаи сурхе зада мешуд, ки дар он ҳакимон аз зумраи шоирони маъруф менишастанд ва қасидаи ҳар шоирро шунида, қазоват мекарданд ва дар интиҳо ғолибро муайян менамуданд. Дар овони қабл аз ислом қазоват ва доварӣ дар ин мусобиқоти шоирон бар ӯҳдаи Нобиға аз-Зубёнӣ буд. Табиист, ки дар чунин мусобиқат ҳар шоир пас аз итмоми қасидаи худ даъвои беназирӣ ва муфохара мекард ва дигаронро ба мусобиқа ва мубориза мехост, ки қасидае баробар ё монанд дар фасоҳату балоғати ӯ бигӯянд. ҳамин расми

мусобиқа ва мубориза дар қасидасароӣ ё худ «таҳаддӣ», ки бо мафҳуми мусобиқа ва назироварӣ муродиф аст, дар адабиёти араб дар замони Пайғомбари ислом низ роиҷ будааст.

Қуръон каломи илоҳӣ буд, ки бо забони қавми Пайғомбари ислом (с) нозил гардид, вале аз лиҳози фасоҳату балоғат ва эъҷози худ беназир буд, зеро на назм буду на наср ва на саҷъ ва бо ин эъҷози худ ақлҳоро ба ҳайрат мегузошт. Қавми араб ҳам донистанд, ки Қуръон монанди қавли шуаро ва «аз насахи каломи шахси Муҳаммад (с) ва аз қумоши сухани инсоне ҳаммонанди ӯ нест.»

Аз ин хотир чун Пайғомбар (с) оёти Худовандро ба ҳамқавмони худ хонд, иддае аз онон бо сарварии Валид ибн Муғира ӯро бо лақабҳои коҳин, маҷнун, шоир ва соҳир гунаҳкор кардан мехостанд, то ба ин васила дину китоби Худоро инкор намоянд. Ба ин сабаб буд, ки Худованд тибқи расму суннати худи араб, онҳоеро, ки ба қалами ӯ бовар кардан намехостанд, ба шоҳидӣ, яъне мусобиқаву назирагӯӣ даъват кард ва иҷозат дод, то бо он нубуғе, ки дар фасоҳату балоғати шеъру хитоба доранд, бигузор назири сухани илоҳиро бигӯянд.

Ба ин муносибат Худованд ба Расули худ оёти таҳаддӣ, яъне оятҳои даъваткунанда ба муборизаву мусобақаро нозил кард ва дар оғоз кофиронро даъват кард, ки даҳ сура монанди Қуръон бисозанд ва гуфт: « Ё мегӯянд, ин Қуръонро ба дурӯғ (ба Худо) нисбат медиҳанд, бигӯ агар ростгӯ ҳастед, даҳ сура монанди онро биёваред. Пас агар шуморо (дар ин таҳаддӣ) иҷобат накарданд, пас бидонед, ки Қуръон ба василаи илми Худованд нозил гардида ва ин ки нест Худое ҷуз Ӯ, пас оё шумо таслимшавандагонед?».(сураи ҳуд. Оёти 13-14)

Сипас Худованд доираи даъватшавнагонро ба мусобиқаву мубориза боз ҳам васеъ намуд ва инсу ҷинсро ҳам даъват кард, ки худро биёзмоянд:

Бигӯ, агар инсу ҷинн ҷамъ шаванд, то ин ки ҳаммонанди ин Қуръонро биёваранд. (Нахоҳанд тавонист) монандашро биёваранд ва агарчи бархе суханон баъзе дигарро пуштибон бошанд (пушт ба пушти якдигар диҳанд) (сураи Исро, ояти 88)

Чун дар марҳалаҳои аввали таҳаддӣ даъвогарон аз ӯҳдаи мусобиқаву мубориза бо фасоҳату балоғат ва эъҷози Қуръон ва гуфтани назири он набаромаданд, Худованди Қуръон ба онҳо

иҷозат дод, ки дар ҳадди ақалл як сурае монанди онро биёранд ва дар ояти зайл аз сураи Бақара чунин даъват кард:

Ва агар шумоён тардид доред бар Қуръоне, ки фиристодем бар Пайғомбар, ки бандаи мост, пас биёред, як сура мисли онро ва дар он сура овардани ҳам мадад бихоҳед аз гувоҳони худ, ки ғайри Худост, агар рост мегӯед.(Сураи Бақара, ояти 23).

Вале чунонки таърихи фарҳангу араби исломӣ гувоҳ аст: ин на дар замони Пайғомбари ислом ва на дар асрҳои минбаъда аз арабу аҷам ва милали дигар бо вуҷуди саъю талошҳо ба ҳеҷ касе аз бани башар муяссар нашудааст, зеро маълум аст, ки як нафар аз бани башар дар эҷоди наср қавӣ асту дигаре дар шеър тавоност, яке дар марсия устод асту дар мадҳия заъиф, вале тамоми анвои фасоҳат, балоғат ва эҷодро, ки дар Қуръон ҷамъ аст, ҳеҷ гоҳ як нафар инсон фаро гирифта наметавонад.

ҳамин тавр  сабки баён ва услуби хоси Қуръон, ки на назм асту на наср ва на саҷъ, фасоҳат ва балоғати беназири он вуҷуди пешгӯиҳо ва ахбори илмӣ дар он ва амсоли онҳо, ки берун аз қудрати суханварии инсон ҳаст, боиси он гардидааст, ки ҳанӯз аз ҳамин оғози садри ислом шуарову хатибон ва нависандагону адибони араб ин китоби осмониро олитарин намунаи каломи адабӣ низ эътироф намуда, сабку услуби баён, фасоҳату блоғат ва мазомини оёт ва қасасу ахбори онро мавриди тақлиду пайравӣ қарор додаанд.

Бар асари нуфузи Қуръон дар адабиёт ва улуми аҳди исломии араб теъдоди илмҳои динӣ, таърих адаб, луғат, арӯз, ҷуғрофиё ва ғайра хеле афзуд ва қариб илме дар ин аҳд набуд, ки дар он аз ягон лиҳоз таъсири Қуръон мушоҳида намегардад. Аксари улуми динӣ ва адабӣ аз қабили ҳадис, тафсир, фиқҳу арӯз, қофия, бадеъ, сарфу наҳв, луғат, балоғат ва ғайра бо таъсири бевоситаи Қуръон ба вуҷуд омаданд. Алфозу таъбироти қуръонӣ, мазомини оёт ва қисасу ривоёти он боиси ғановат ва такомули забони назму насри аҳди исломӣ такомули сабку услуб ва мазомини он гардид. Истифода аз мазомини қуръонӣ ва алфозу таъбироти он дар тамоми анвои назму насри ин давра аз қабили хитоба, тавқеъот, рисолаҳо ва амсоли онҳо мушоҳида мешавад ва яке аз мухтассоти муҳими насри ин давра ҳисоб меёбад.

## АНВОИ НАСРИ САДРИ ИСЛОМ ВА АҲДИ УМАВИЁН

Бар асари вазъи иҷтимоӣ-сиёсии дигаре, ки дар шибҳи ҷазираи Арабистон ба вуҷуд омад, эҳтиёҷ ба хитоба ва хатибон низ афзун гашт. Бо зуҳури ислом ва оғози мубориза миёни мусалмонон ва душманони онҳо воизон ва хатибоне низ ба вуҷуд омаданд, ки мардумро ба дини ислом даъват мекарданд, мардуми қабилаҳои парокандаро ба имону иттиҳод зери парчами ислом мехонданд. Давлати навбунёд низ дар роҳи истиқрору пойдории худ ба тарғибгарони ғояву аҳодифи динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худ эҳтиёҷ дошт.

Алахусус аз аҳди Умавиён баъди ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ чун шиъиён, зубайриён, хаворич, маволӣ ва ғайра эҳтиёҷ ба дастгоҳи таблиғотии ҳадафҳои сиёсии онҳо бештар гашт. ҳар як гурӯҳи сиёсӣ шоири худ, хатиби худро дошт, ки ҳадафҳои сиёсии онро дар байни мардум тарғиб намояд, ақидаҳои душманони сиёсии онҳоро ботил намояд ва дар дили мардум эҳсоси эътиқод ва боивариро ба маслаки гурӯҳи сиёсии худ бедор намояд.

Аз лиҳози мақсад ва вазифаҳои иҷтимоӣ хитобаҳои ин даврро ба якчанд навъ ҷудо кардаанд. Аз ҷумлаи ин хитобаҳо яке хитобаи динист, ки аз оғози зуҳури ислом ва дар аҳди хулафои рошидину Умавиён низ ривоҷи бештар дошт. Вазифаи хитобаи динӣ аз он иборат буд, ки хатиб мебоист бо иқтибосу истифода аз оёти Қуръон маънии онро ба шунавандагони худ тавзеҳ медод ва саъй менамуд, ки хутбаи ӯ шунавандаро қаноатманд ва имону эътиқоди ӯро ба дини ислом бедор намояд.

Дар оғози зуҳури ислом ва хулафои рошидин хатибон аз истифодаи саҷъ, ки хоси сухани коҳинони аҳди ҷоҳилӣ буд, парҳез мекаранд, вале тадриҷан хатибон дар суханони худ барои ороиши алфозу таъбироти ин сайъ мекарданд ва аз саҷъ ҳам истифода мебурданд. Алалхусус дар аҳди Умавиён хатибон барои ороиши каломи худ ба истифодаи саҷъ ва анвои фасоҳату балоғат ва санъатҳои сухан ва хоса ташбеҳу истиорот майли зиёд пайдо намуданд, вале бо ин ҳама сабки хитобаҳои ин аҳд замоне идомаи сабки аҳди ҷоҳилӣ буд.

Дар ин аҳд ва алалхусус дар замони хилофати Умавиён хитобаҳои сиёсӣ низ ривоҷи зиёд доштанд, ки ба василаи онҳо ҳар як хатиб манфиатҳои гурӯҳи сиёсии худро дифоъ мекард. Аз ҷумла

Зиёд ибн Абиҳи ва ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф хатибони Умавиён, Мухтор ас-Сақафӣ хатиби шиъиён, Қутри ибн ал-Фаҷои хатиби хавориҷ ва дигарон буданд. Дар хитобаҳои динӣ Алӣ ибн Абитолиб, Тамим ад-Дорӣ (дар Мадина), ҳасани Басрӣ, Восил ибн Ато (дар Ироқ) Фазл ибн Исо (дар Шом) ва амсоли онҳо шӯҳрат доштанд.

## ТАВҚЕОТ

Тавқеот ё ба таъбири имрӯза дастуроту супоришот, суханони хеле кӯтоҳу мухтасаре буд, ки халифа, волӣ ё омили шаҳру вилояте зери шикоятномаҳо ва аризаву дархостҳо менвиштанд. Мувофиқи ин тавқеъот аризаҳо барои таҳқиқ, иҷро ва ғайра равона карда мешуданд.

Тавқеъот навъи тозаи насри арабӣ буда, қаблан собиқа надоштааст ва дар садри ислом пайдо шуда, дар аҳди Умавиён ривоҷи зиёд доштааст. Тавқеоти зери аризаҳо бояд дар ҳадди аълои эъҷоз ва ва фасоҳату балоғат навишта мешуданд ва намунаҳои олии ин навъи наср аз аҳди УмавӢ дар маъхазҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла марде ба амири Умавиён Зиёд ибн Абиҳи аз бадрафтории писараш шиква кардааст ва Зиёд зери аризаи он мард навиштааст: Руббамо кона ақуҳа-л-валади мин суъи таъдиби-л-валади. (Бисёр вақт сабаби беитоатии писар аз тарбияти бади падар аст.) Халифа Муъовия дар яке аз тавқеоти худ чунин навиштааст: Наҳну замону ман рафаъноҳу иртафаъа ва ман вазаъноҳу иттазаъа. (Мо замона ҳастем, ҳар киро баланд бардоштем баландӢ ёфт, ҳар киро паст задем пастӣ ёфт.)

## РАСОИЛ

Навъи расоил, яъне номанигорӣ ва даъватҳои динӣ ва сиёсӣ низ дар адбиёти аҳди ҷоҳилӣ собиқа надошта, пас аз зуҳури ислом ба вуҷуд омадааст. Тадриҷан дар замони хулафои рошидин ва Умавиён эҳтиёҷ ба ирсоли номаҳо ба волиёну омилон ва соири муносибати миёни гурӯҳҳои сиёсии ҷомеа афзуда, китобату дабирӣ низ тавсиа ёфт.

Дар оғози ин навъи наср котибони расоил ҳамон хатибон буданд, ки масъалаҳои дини давлатӢ ва ичтимоиву сиёсиро дар шакли хитобаҳои мухтасар ва мучаз китобат мекарданд ва ба

василаи онхо ҳадафҳои диниву сиёсии хулафо ва гурӯҳҳои сиёсиро тарғиб мекарданд. ҳадафи аслии китобати расоил дар шакли хеле мучаз ва мухтасар баён намудани масъалаҳои мухталиф ҳисоб мешуд. Ба иборати дигар расоил-хутбаҳои навишташудаи дорои масоили ахлоқӣ ва ташвиқ ба умури динӣ ва амсоли он орӣ аз ориши лафзӣ буданд. Танҳо ҳадаф дар нигоштани расоил он буд, ки як ғарази динӣ ё сиёсӣ ба тарзи хеле мухтасар ва муъҷаз баён гардад.

## ХАТИБОНИ АЛИ ИБН АБИТОЛИБ ( 600-661)

Алӣ ибн Абитолиб (а) амакзодаи пайғомбари ислом (с) буда, соли 600 м. Дар Макка ба дунё омадааст. Аз хурдӣ дар тарбияти пайғомбари ислом буд ва ҳамеша бо ӯ ҳамнишинӣ дошт.

Алӣ ибн Абитолиб (а) бо ҷасорату далерӣ ва ҷавонмардии худ фарқ мекард. Ӯ дар аксари ғазавоти пайғомбар (с) ширкат намуда, қаҳрамониҳои беназир нишон дод. Ӯ дар назди Мухаммад (с) мақому мартабае дошт , то ҳадде ки духтари худ Фотимаро ба ӯ дода, вайро ба лақаби «Сайфу-л- ислом» мушарраф сохт. Ӯ аз Фотима соҳиби ду писар ҳасан ва ҳусейн гардид. Пас аз вафоти Пайғомбар (с) Абубакр, Умар ва Усмонро дар корҳои хилофат ёриву дастгирӣ кард.

Пас аз қатли Усмон ибн Аффон дар соли 656 Алӣ ибн Абитолиб ба хилофат нишаст. Вале Муъовия ибн Абисуфён бар зидди ӯ фитна оғоз кард ва Талҳа ибн Абдулмлик, Зубайр ибн ал-Авом ва Оишаро чонибдори худ сохт. Дар Басра миёни чонибдорони Алӣ набарде воқеъ шуд, ки дар он Алӣ бар мухолифони худ зафар ёфт. Бори дигар дар Сиффин душманон ба Алӣ набард карданд ва бо хила ӯро ба ақибнишини мачбур сохтанд. Алӣ ба Куфа рафт ва мехост ба чанги навбатӣ бо Муъовия омодагӣ бинад, вале соли 661 дар масҷиди Куфа бо дасти ноҷавонмарде бо номи Абдураҳмон ибн Малҷам ба шаҳодат расид.

Алӣ ибн Абитолиб дар баробари ҷасорату далерӣ ҷавонмардиву фидокорӣ дар роҳи ислому имон ва дигар хислатҳои ҳамидаи худ дорои ақлу тадбир, тафаккуру андеша ва завқу тариқаи адабӣ низ будааст ва ба ӯ осори зиёдеро мансуб медонанд, ки шомили,1400 байти шеър буда, асосан дар мавзӯи зуҳду ҳикмат гуфта шудааст. Машҳуртарин асари ӯ «Наҳҷ-ул-балоға» аст, ки аз маҷмӯи хутбаҳо, номаҳо гуфторҳои ҳакимона, андарзу мавъизаҳо

ва ғайра иборат буда, онро дар асри XI Шариф ар-Розӣ чамъоварӣ кардааст ва дар асри XIII Ибн Аби-л-Ҷарир ба он шарҳ навиштааст ва шарҳҳои дигари ин асар ҳам мавҷуданд

Дар мансубияти «Наҳч ул-балоға» ба қалами Алӣ ибн Абитолиб андешаҳои муҳаққиқон мухталиф аст. Теъдоде аз онҳо бо сабаби бегонагии баъзе алфозу таъбирот ба замони муаллифи асар, вучуди насри мусаҷҷаъ, ғайбдонӣ дар андешаҳои муаллифин асарро сохтаи Шариф ар-Розӣ медонанд ва моли Алӣ ибн Абитолиб ҳисоб намекунанд. Гурӯҳи дигари муҳақиқон ин асарро бетардид мансуб ба Алӣ ибн Абитолиб медонанд ва онро «зодаи нубуғи фитрӣ ва манзалати рафеъи динӣ ва иҷтимоии» муаллиф меҳисобанд.

Дар ҳар ҳол «Наҳҷ-ул-балоға» дар ҷаҳони ислом шӯҳрати бузург дорад ва дар Эрон низ борҳо ба табъ расидааст. Соли 1378 матни арабии он ва тарҷумаи форсии Мустафо ЗамонӢ дар як ҷилд бо феҳристҳо дар Теҳрон чоп шудааст, ки ҳаҷми он хеле бузург буда, аз 1256 саҳифа иборат аст.

Қисмати аъзами «Наҳч-ул-балоға»-ро хитобаҳои Алӣ ибн Абитолиб ташкил медиҳад, кие дар мавридҳои гуногун ва мувофиқи рӯйдору воқеъоти мухталиф изҳор гардидааст. Дар хитобаҳо шахсияти ӯ чун марде таҷассум мегардад, ки ақида ва имони устувор дорад, дар роҳи дифоъи ақида ва дину имони худ аз ҳеҷ гуна хатар ва ҳатто таҳдиди марг боке надорад. ҳамаи ин дар мубориза барои ҳақ аст ва ба туфайли ҳамин хақиқатчӯӣ ва покиву ростии худ қурбони фитнаву дасисаҳои мухолифони роҳи ростӣ гардидааст. Аз чумла ӯ дар яке аз хитобаҳои худ, дар бораи тӯҳмати онҳое, ки ӯро ба қатли Усмон гунаҳгор мекарданд, чунин мегӯяд: Лав амарта биҳи лакунту қотилан ав наҳийту ъанҳу лакунта носиран. Анна ман насараҳу ло ястатиъу ан яқулу: хуз лаҳу ман ано хайру минҳу ва ман хуз лаҳу ло ястатиъу ан яқулу насараҳу ман ҳува хайрун миннӣ. Ва ано ҷомиъун лакум амраҳу а сатаъсару фаасоъа-л-асарата ва ҷазаътум ва асоътум ул-ҷазъа. Валлоху ҳакамун воқиъун фӢ-л-мастаъсири.

Тарҷума: Агар дар бораи қатли Усмон дастур медодам, қотил будам ва агар аз он ҷилавгирӣ мекардам ёвараш будам. Касе, ки ба ӯ кӯмак кард, наметавонад бигӯяд он касе, ки ӯро шикаст дода беҳтар аз ман будааства касе ҳам, ки ӯро шикаст дода наметавонад,

бигӯяд, он кас ки ӯро ёрӣ дода, беҳтар аз ман буда (на мухолиф бигӯяд кори хубе карда ва на мувофиқ).

Ман достони кушта шудани Усмонро ба таври хулоса мегӯем: Усмон бедодгарӣ ва худсариро оғоз ва дар ин кор иштибоҳи бузурге муртакиб муртакиб шуд. Шумо ҳам забон ба эътироз кушудед ва эътирозро ба ҳадди аъло расондед. Худо ҳам дар бораи мухолиф. (ҳам Усмон хилофи қонун рафтор кард ва ҳам қотилонаш ва ҳеҷ кадом ҳам гӯш ба ҳарфи имом алайҳи-с-салом намедоданд).

ҳамин тавр, дар хитобаҳо Алӣ ибн Абитолиб мавзӯъ ва масъалаҳои марбут ба Қуръону аҳкоми он, масъалаҳои одобу имони мусалмонон, даъват ба ҷиҳод дар роҳи дин ва амсоли онҳо матраҳ гардидаанд.

Дар «Наҳч-ул-балоға» номаҳо ё расоили Алӣ ибн Абитолиб ҳам бахши муҳимро ташкил менамоянд, ки дар мавзӯоти динӢ, сиёсӢ, иҷтимоӣ ва воқеоту ҳодисоти дар замонҳои мухталиф ба амал омада, дар муроҷиат ба мардуми Куфа, Басра ва дигар мавзеъҳо ё афроди алоҳида аз наздикону пайвандон ва мухолифону сарварони гурӯҳҳои сиёсӣ навишта шудаанд. Дар теъдоде аз ин номаҳо даъват ба дифои хонадони сардорони сипоҳ, супоришҳо ба омилон дар атрофу навоҳии дурдасти хилофат, мавъизаҳои динӢ ва амсоли онҳо ба назар мерасад. Ддар аксари ин номаҳо низ адолатпарвариву ҳақҷӯӣ ва оштинопазирии имом Алӣ бо золимон ва раъиятпарварии ӯ хеле возеҳ мушоҳида мешавад. Чунончи дар номае, ки ба омили худ дар Озарбойчон Ашъас ибн Қайс чунин менависад: Ила Ашъас бин Қайс ъомилу Озарбаайҷон ва анна ъамука лайса лака битаъ матин ва локиннаҳу фӣ ъунқика амонатун ва анта мустаръӣ лиман қуқа , лайса лака ан тафтота фӣ раъиятин ва ло тахотиру илла бивасиқатин ва фӣ ядика молун ман мола аллоҳу ъазза ва чалла ва анта мин хузониҳи ҳатто тасалламаҳу ила лаъала аллаакуну шарра ва лотика лака ва-с-салому

Тарҷума: Ба Ашъас ибн Қайс омили Озарбойҷон .

ҳукумате, ки дар ихтиёри туст, луқмаи ту нест балки амонатест бар ӯҳдаи ту. Нисбат ба мо фавқи худ нигаҳбони мардумӣ ва ҳақ надорӣ дар мавриди мардум мутобиқи назари худ рафтор кунӣ. Дар умури молӣ бояд пас аз итминон иқдом кунӣ. Сарвате, ки дар ихтиёри туст, аз амволи худои азза ва ҷалла аст ва ту анбордори худоӣ, то ин ки молро ба ман таҳвил бидиҳӣ, шояд ман барои ту нисбат ба дигарон роҳбари баде набошам вассалом.

Бояд гуфт, ки суханони кӯтохи ҳикматомез низ дар «Наҳч-ул-балоға» мавқеи бузург доранд ва ганҷинаи ҳикмату мавъизае маҳсуб мешаванд, ки аз насри садри ислом ба ёдгор мондааст. Ин ҳикматҳо зодаи тафаккуру андешаи амиқ ва таҷрибаи зиндагии муаллиф буда, дар ниҳояти эъҷоз ва ихтисор гуфта шудаанд ва ба осонӣ дар зеҳни хонандаву шунаванда нақш мебанданд. Аз ҷумла дар суханони зайл чунин мегӯяд: Ман асраъа ила ан-носи бимо якраҳуна қолу фиҳи бимо ло яъламун. Касе, ки дар мубориза бо афкори умуми хитоб кунад, дар борааш ҳама ҳарф мезананд. Ё дар ҷои дигар мегӯяд:

Алғания фи-л-ғурбати ватанун ва-л-фақру фӣ-л-ватани ғурбатун.

Сарват дар ғарибӣ ватан аст ва фақр дар ватан ғарибист.

Дар баробари амиқии андешаву тафаккур ва ҳикмати чолиб дар чунин суханон риояи зебоиву латофати калом низ бисёр мушоҳида мешавад ва ташбеҳоту такрор ва санъатҳои дигари сухан низ дар ин амр мусоидат менамояд. Чунин ҳайатро дар суханони зерин низ возех Ас-сабру саброни сабрун ъала мо такраҳу ва сабрун ъала туҳиббу. Сабр ду навъ аст: яке сабр бар он ки бароят нохуш аст ва дигаре сабр бар он чи дӯсташ медорӣ.Ё дар қавли дигар: Ло ғанийа калъоқили ва ло фақра калҷаҳли ва ло миръот каладаби ва ло заҳира калмушовирати. ҳеҷ тавонгарӣ чун ақл нест ва ҳеҷ бенавоЙ чун ҷаҳл ва ҳеҷ меросе чун адаб нест ва ҳеҷ пуштибоне чун машварат кардан нест.

Мавзӯъ ва мундариҷаи «Наҳҷ-ул-балоға» аз қудрати ақл ва тафаккуру андешаи муаллифи он гувоҳӣ медиҳад. Дар ин асар ҷумлаҳо ва фикру андешаҳо муназзам ва бо тартиби мантиқӣ паи ҳам меоянд, ки чунин ҳолат дар насри арабии қабл аз исломи собиқа надоштааст ва хитобаҳои гузаштагон аз ҷумлаҳои бо ҳам иртиботи мантиқӣ надошта иборат буданд.

Дар насри Алӣ ибн Абитолиб нишони табъ ва санъатҳои бадеЙ мушоҳида мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки санъатҳои бадеии дар насри ӯ истифода шуда на ба таври иҷборӣ ва ба хотири санъатнамоӣ балки тибқи тақозои калом бадоҳатан ва безаҳмати зиёду ковишҳо воқеъ гардидааст ва ин ҳам далели қудрати суханварии муаллифи асар аст.

«Наҳҷ-ул-балоға» воқеан ганҷинаи фикр ва ақлу андешаи адабист, ки дар он масъалаҳои дин, сиёсат ва иҷтимоиёт бо ҳам

ёфтааст. Вале  дар мадди аввал масъалаи дин, даъват ба адлу инсоф, ҷавонмардиву саховат, далериву шуҷоат, покиву диндорӣ, раъиятпарварӣ қарор гирифтааст.

## ЗИЁД ИБН АБИҲИ (ваф. 673)

Абулмуғира Зиёд ибн Суммия, ки бо лақаби Зиёд ибн Абиҳи шӯҳрат ёфтааст, дар Тоиф ба дунё омадааст. Таърихи таваллуди ӯро аксари муҳаққиқон соли аввали ҳичрӢ (622 милодӣ) донистаанд.

Дар бораи падару модар ва овони наврасии зиндагии ӯ дар замони хилофати Абубакр ба  ислом гаравидааст ва дар вазифаи дабирии омили Басра Абумусо ал-Ашъарӣ будааст. Дар замони хилофати Алӣ ибн Абитолиб хукумати вилояти Форсро соҳиб шуда ва то вафоти Алӣ ибн Абитолиб дар ҳамин мақом қарор доштааст. Пас аз вафоти Алӣ ибн Абитолиб, Зиёд ибн Абиҳи аз тобеияти Муъовия саркашӣ кард, вале пас аз муддате миёни ӯ ва Муъовия иродат ва наздикӣ пайдо шуд. Муъовия Зиёд ибн Абиҳиро ҳокими Басраву Хуросон ва Систон таъйин намуд ва баъдтар Баҳрайн ва ҳинду Уммон низ вориди қаламрави ҳукумати ӯ гардид. Зиёд ибн Абиҳи то охири умр дар мақоми қудрат ва ҳукумат қарор дошт ва соли 673 аз олам даргузашт.

Зиёд ибн Абиҳи бузургтарин ва донотарин шахсияти сиёсии аҳди Умавиён будааст ва муаллифони аҳди исломӣ ӯро дар кори ҳукумат ва сиёсат аз Муъовия ибн Абусуфён, Амру ибн ал-Ос ва Муғира ибн Шаъба  ҳам боло гузоштаанд. Ба замми ин Зиёд ибн Абиҳи хатибе тавоно ва адибе сухандон буда, хутбаҳои зиёди ӯ ба василаи маъхазҳои адабӣ-таърихии аҳди исломӢ то замони мо расидаанд.

Ба иттифоқи муҳаққикони  таърихи адабиёти араб маъруфтарин хутбаи Зиёд ибн Абиҳи  хутбае бо номи «ал-Батро» будааст. Сабаби маъруф шудани ин хутба бо номи «ал-Батро» он будааст, ки Зиёд ибн Абиҳи амре бо муқаддимаи суннатӣ, яъне бо ҳамди Худованд оғоз накардааст.

Хутбаи «ал-Батро» соли 665 ҳангоми аз чониби  Муъовия ҳокими Басра таъин шудани Зиёд ибн Абиҳи гуфта шудааст ва ин хутба ба замми он ки хеле муассир ва ҷолиби диққат аст, арзиши бузурги адабӢ ва сиёсӢ ҳам дорад. Дар ин хутба Зиёд ибн Абиҳи

суханро бо аҳкому фармудаҳои дини ислом оғоз намуда, мардуми Басраро даъват менамояд, ки хилофи дину аҳкоми он амал накунанд ва дар сар фикри шўришу исёнро напарваранд ва ба итоату иҷрои фармонҳои ў гардан ниҳанд. Зиёд ибн Абиҳа ваъда медиҳад, ки ҳар гуна шўришу нофармониро фурў хоҳад нишонд ва гунаҳгоронро ба чазо хоҳад расонд. Ба ин маънӣ ў аз ҷумла мегўяд:

ҳар кас касеро дар об ғарқа созад, ғарқаш месозем ва ҳар ки касеро бисўзонад, месўзонемаш ва ҳар ки девори хонаеро сўрох кунад, дилашро сўрох мекунем ва ҳар ки гўреро бишкофад, зинда дар он дафнаш мекунем.

Дар ин хутба ҳаққоният ва қонунияти хилофати умавиён ва атои илоҳӣ будани он тасдиқ мегардад ва мадуми Басраро ба итоат даъват намуда, риояи адолатро дар ҳаки итоаткорон ваъда медиҳад.

ҳаққи мо бар шумо дар он чи меписандем, шунидан ва итоат кардан аст ва яҳаққи шумо бар мо ва он чи бар он тасаллут ёфтаем, адолат кардан аст.

Хитобаи ал-Батро қабл аз ҳама дорои аҳамияти сиёсӣ буда гузориши волиест, ки ба тозагӣ ба ҳукумат расида, мардумро бо ҳарфҳои сиёсии худ ошно месозад, онҳоро ба тасдиқи хилофати Умавиён итоат ва ичрои фармонҳо даъват менамояд, ба саркашону исёнкорон адолат ваъда медиҳад.

Арзиши адабии хитобаи мазкури Зиёд ибн Абихи дар он зоҳир мегардад, ки бо сохтори дохилии худ, тақсимбандии мавзўъҳо ва иртиботи мантиқии онҳо дар хитобаҳои аҳди ҷоҳилият собиқа надошт. Дар баробари ин дар сухани Зиёд ибн Абиҳи бо вуҷуди матраҳ гардидани мавзўоти мухталиф аз қабили таҳдид, ваъдадиҳӣ, баёни ҳадафҳо, изҳори аҳкоми дин ва ғайра зебоию муассирии сабки калом, таносуби алфозу таъбирот риоя гардида, сухани гўянда бо ташбеҳу истиорот, саҷъу мувозинаву анвои дигари фасоҳату балоғат ороиш ёфтааст ва дар зеҳни шунаванда таассуроти аҷибе боқӣ мегузорад.

## ҲАҶҶОҶ ИБН ЮСУФ (661-714)

Абумуҳаммад ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф ас-СақафӢ соли 661 дар Тоиф дар хонаводаи марди бомаърифати мактабдор таваллуд ёфтааст. ҳаҷҷоҷ низ дар овони ҷавонӢ бо касби падар, яъне мактабдорӣ машғул гардидааст. Сипас мактабдориро тарк намуда, дар сафи лашкари ҳубайш ибн Далҷа, ки аз ҷониби Абдулмалик

ибн Марвон ба ҷанги зидди Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр мерафт, иштирок намуд. Баъди нишон додани шуҷоат ва корнамоиҳо дар лашкаркашиҳои Умавиён ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф мақоми фармондиҳии лашкари Абдумалик ибн Марвонро соҳиб гашт ва соли 691 бо супориши Абдулмалик ба Ироқ ба ҷанги зидди Масъаб ибн аз-Зубайр рафт. Дар ин ҷанг ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф пирӯз шуд ва Мусъаб ибн аз-Зубайр ба қатл расид. Пас аз як соли қатли Мусъаб ибн аз-Зубайр ҳаҷҷоҷ барои дафъи душмани ягонаи боқимондаи Умавиён Абдуллоҳ ибн аз- Зубайр ба ҳиҷоз рафт ва дар ин ҷанг ғолиб омада, Абдуллоҳ ибн Зубайрро ҳам ба қатл расонид. Пас аз ин воқеа ба фармони халифа хокими Ирок таъйин гардид. ҳаччоч дар Ироқ дар тӯли 20 сол ҳукумронӣ кард ва соли 714 вафот ёфт.

Ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф ҳарчанд яке аз шахсиятҳои сахтгиру хунрез ва чанговару шучои хилофати Умавиён буда, ҳатто ба зулму истибдод шӯҳрат ёфта буд, дар баробари ин марде саховатпешаву дасткушод ва майл ба сӯҳбату ҳамнишинии шоирону адибон дошт, дар маҷлисҳои онҳо ширкат меварзид ва атоҳои фаровон ба онҳо медод. Худи ӯ низ қалами адабӣ ва суханварӣ дошта, теъдоде аз хутбаву номаҳои ӯ то ба замони мо омада расидааст. Алалхусус хутбаҳои ҳаҷҷоҷ, ки дар замони ҳукумронии ӯ дар Ироқ гуфта шудаанд, дорои арзишҳои  бузурги сиёсӣ, таърихӣ ва адабӣ мебошанд. Дар хутбаҳои ҳаҷҷоҷ ҳам шахсияти ҷаббору дурандешии ӯ, ҳам сиёсати зӯроварона ва ҳам фасоҳату балоғати суханонаш инъикос ёфтааст. Хитобаҳои ӯ низ барои ӯ дар баробари шамшери бурояш чун силоҳи тезу ваҳшатафкан дар дилҳои ошубгарону фитнаангезон хидмат кардааст. Сухани ӯ дар баробари он ки таҳдидкунандаву даҳшатангез аст, аз лиҳози ҳунари адабӣ зебою муносиб ва ороста бо санъатҳои мухталифи бадеӣ мебошанд. Бо ин ҳама оханги таҳдид ва тарсонидан дар аксари хутбаҳои ӯ мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла дар сатрҳои зайл мехонем:

Эй мардуми Ироқ, шайтон дар даруни шумо рахна карда ва бо гушту хун ва рагу пай ва рагҳо ва дасту по ва аъзо ва ҳатто равзанаҳои қалби шумо даромехтааст ва ба мағзу бехи гӯшҳотон расидааст, боз ҳам болотар шуда, ва дар ин чо ошёна сохта ва чуча баровварда ва андарунатонро аз нифоқу шаҳақ биянбоштааст.

Чунин оҳанги таҳдид ва тарсонидани мардуми Ироқ дар сатрҳои зерин боз ҳам возетар мушҳида мешавад:

Аммо ба Худо қасам эй ироқиён, эй маъдани шакоқу нифоқ ва суъулахлоқ, пустатонро чун пусти асо меканам ва монанди салма (тухми хоре, ки бо он чармро ранг мекунанд) шуморо дарҳам метапам ва чун санги оташ зада ба ҳам мекубам ва монанди шутурони ғариб, ки мезананд ва аз обишхур меронанд, мезанам.

Умуман ҳаҷҷоҷ барои ваҳмангез ва тарсонанда шудани суханони худ, тамоми таъбироти босалобат, пораҳои шеърӢ ва гоҳо ба таркиботи дағалу нохушоянд ҳам мурочиат менамояд.

## АБДУЛҲАМИДИ КОТИБ (ваф. 750м.)

Бар асари кишваркушоиҳои арабҳо ва тавсиа ёфтани қаламрави хилофат алалхусус, дар аҳди Умавиён ва густариши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва динӣ бо халқҳои тобеи хилофат эҳтиёҷ ба тарассул (номанигорӢ) хеле афзуд. Дар натиҷа девонҳои расоил ё мактубот, ҳанӯз дар аҳди халифаи дуюми рошидин Умар ибн ал-Хаттоб таъсис ёфта, минбаъд девонҳои дигаре чун девони хироҷ, девони хотам (барои қайд кардани номаҳо ва мӯҳр мондан ба онҳо) ва амсоли онҳо таъсис ёфтанд.

Маълум аст, ки насри араб қабл аз ислом асосан шифоҳӣ буд ва навъи асосии он хитоба ҳисоб мешуд. Сониян насри хаттӣ ва номанигорӣ ҳам, ки дар садри ислом ба вучуд омад, тибқи суннати қадим бо эчоду ихтисори шинам ва бештар бар ҳачми якчанд сатр навишта мешуд.

Дигаргунии вазъи сиёсӣ ва ичтимоии хилофат, тавсиаи қаламрави он ташкили девонҳои мухталиф тақозо мекард, ки усули номанигорӢ ҳам дигаргун шавад, то мақсаду масъалаҳои возеҳтар ва муфассалтар баён карда шаванд. Арабҳо, ки дар идораи хилофат ва таъсиси девонҳо ба таҷрибаи халқҳои тобеи хилофат такя намуданд, дар рисоланигорӣ низ ба хидмати маволӣ, хусусан, эрониён, ки аз таҷрибаи бузурги дабирии аҳди Сосониён гузашта буданд, эҳтиёҷ доштанд. Дар оғоз ҳатто забони коргузории девонҳои Ироқу Эрон ба забони паҳлавӣ, девонҳои Шом ба юнонӣ ва девонҳои Миср ба забони қибтӣ буд.

Тадриҷан, забони девонҳо дар тамоми хилофат ба арабӣ баргардонида шуд. Дар аҳди ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф ба дасти Солеҳ ибн Абдурраҳмон девонҳои Ироқу Эрон ба арабӣ баргардонида шуд. Сипас девонҳои Шому Миср ҳам дар аҳди Абудумалик ибн Марвон ва Валид ба арабӣ баргардонида шуданд. Вале ин нақли

девонҳои хилофат ба забони арабӣ низ нуфуз дабирони эрониро дар дастгоҳи ҳукумати умавиён коста натавонист, зеро дар ин замон дабироне чун Абдулъалои Солим ва Абдулҳамиди Котиб ба майдон омаданд, ки арабиро аз худи аъроб беҳтару хубтар фаро гирифта, насри арабиро ба мачрои наве оварданд ва бунёдгузорони насри тафсилӣ ва тарассул дар адабиёти араб гардиданд. Ба ин васила насре ба вуҷуд омад, ки нишонаҳои он тафсили сухан, ороиши алфозу таъбирот истифодаи санъатҳои бадеӣ ва амсоли онҳо мебошад.

Насри ин нависандагон дар навбати худ ба ду навъ: тарассул ва насри таснифӣ чудо мегардид. Навъи тарассул, ки мақсад аз он номанигорист, аз рӯи мавзӯву мундариҷа номаҳои сиёсӣ ва тавқеот, рисолаҳои ихвонӣ маҳсуб мешуданд. Тадриҷан мафҳуми «рисола» тавсиа ёфта асарҳои тӯлониеро, ки дар мавзӯъҳои мухталиф барои шахсони муайян навишта мешуд, рисола меномиданд. Ба гурӯҳи насри таснифи асарҳое шомиланд, ки дар мавзӯоти таъриху қасас, аҳволи подшоҳон, зиндагиномаи Пайғомбари ислом ва амсоли онҳо навишта мешуданд ва муҳаққиқон Зиёд ибн Абиҳи, Соҳор ал-Абдӣ, Убайд ибн Шарийа, Абон ибн Усмонро нахустин муаллифони асари таснифӣ донистанд. Бо вучуди ин ҳама осори таснифии ин давр аз лиҳози ҳунарозмоӣ ва ороиши бадеиву лафзӣ ба пояи насри тарассул расида наметавонанд.

Дар маъхазҳои адабӣ-таърихӣ ва осори таҳқиқии аҳди исломӣ ва муосир дар бораи нахустин намояндаи бузурги дабирӢ ё насри тарассули арабӣ- Абдулъалои Солим ахбори ночиз ва дорои ихтилофот вуҷуд дорад, вале шогирд ва домоди ӯ Абдулҳамиди Котиб, ки бунёдгузори насри тарассули араб эътироф шудааст, шӯҳрати бузург пайдо намудааст.

Абуғолиб Абдулҳамид ибн Яҳё ибн Саъд, ки бо лақаби Абдулҳамиди Котиб шӯҳрат ёфтааст дар ҳудуди соли 680 ба дунё омадааст. Ба қавли  Ибн Халликон ӯ эрониасл буда, дар Анбор воқеъ дар наздикии Куфа, ки аз шахрҳои эронии аҳди Сосониён маҳсуб мегардид, таваллуд ёфта, сипас чун мавло дар Раққаи Шом маскан гирифтааст.

Абдулҳамид дар оғози фаъолияти худ дар шаҳрҳои Ироқ бо таълими кӯдакон машғул гардида, дар Шом ба хидмати девони Язид ибн Абдулмалик (72о-724) ва баъдан ҳишом ибн Абдулмалик (724-743) шомил гардидааст. Ӯ дар ин давра таҳти рохнамоии

Абдулъалои Салим, ки ба қавле шавҳари хоҳараш буда, минбаъд духтари ӯ ҳамсараш гардидааст, таҷрибаву маҳорати дабирии худро сайқал додааст.

Фаъолияти минбаъдаи Абдулҳамид дар хидмати девони охирин халифаи умавӣ Марвон ибн Муҳаммад (744-750), ки ҳокими Арманистон буд, чараён ёфт. Баъди ба хилофат соҳиб шудани Марвон Абдулҳамид ҳамроҳи ӯ ба пойтахти хилофат - Димишқи Шом баргашт ва сарварии девони расоилро бар ӯҳда гирифт. Дар тӯли хилофати Марвон Абдулҳамид яке аз муқаррабон ва мушовирони асосии дарбори ин халифа ҳисоб меёфт. Хилофати Марвон ибн Муҳаммад бо ғалабаи хонадони Аббосиён ва қатли ӯ дар соли 750 интиҳо ёфт ва дар ин гирудор Абдулҳамид низ чун яке аз наздикони дарбори халифаи Умавӣ дар худи ҳамон сол ба қатл расид.

Абдулҳамиди Котиб нависандаи тавоноест, ки дар номанигори ва дабирӣ сабки тозаеро оғоз кард ва минбаъд ин равиши ӯ пайравони зиёде дар насри арабии асри ӯ ва замонҳои мутааххир пайдо намуд. Ин сабку равиши тозаи ӯро ҳанӯз донишмандони асрҳои нахустини аҳди исломӣ эътироф намудаанд. Аз ҷумла ба қавли Масъудӣ «Абдулҳамид ибн Яҳё нависандаи номаҳои балеғ буд. Вай нахустин кас буд, ки номаи муфассал навишт ва ҳамду ситоишро дар матни номаҳо ҷой дод ва пас аз вай нависандагон аз ӯ пайравӣ карданд» ва бино ба тасдиқи Ибн Абд Раббиҳа «Абдулҳамид соҳиби рисолат ва балоғат аввал касе буд, ки дар насри арабӣ равиши итноб (дарозии сухан) ба кор бурд ва таҳмидотро дар фусули номаҳо чой дод ва пас аз вай мутарассилон роҳи ӯро пеш гирифтанд».

Тибқи маълумоти Ибн ан-Надим дар «ал-Феҳрист» маҷмӯаи номаҳои Абдулҳамид тадвин шуда ва беш аз ҳазор саҳифаро ташкил менамудааст. Мутаасифона ин маҷмӯаи номаҳои ӯ то замони мо омада нарасидааст. Вале номаҳои алоҳидаи ӯ ба василаи маъхазҳои адабӣ-таърихии аҳди ислом боқӣ мондаанд.

Номаҳои бозмондаи Абдулҳамид дар мавзӯоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ таълиф гардида, аз лихози ҳаҷм низ мухталиф мебошанд. Дар миёни рисолаҳои Абдулҳамид ду номаи ҳаҷман калон мавҷуд аст, ки яке аз ҷониби халифа Марвон ба писар ва валиаҳди ӯ (Номаи халифа Марвон ибни Муҳаммад ба фарзанди валиаҳдаш Абдуллоҳ) ва дигар нома ба дабирон буда, «Рисола ила-

л-куттоб» ном дорад. Номаи аввал дар ҳудуди 40 саҳифаи чопист. Онро ал-Қалқашандӣ дар «Субҳ ул- аъшо» овардааст. ҳаҷми рисолаи дуюм дар ҳудуди 10 саҳ чопӣ буда ба василаи асари мазкури ал-қалқашандӣ ва «Ал-вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ ва «Муқаддима»-и Ибни Халдун то замони мо омада расидааст.

Ба замми рисолаҳои мазкур ҳашт номаи кӯтоҳи Абдулҳамид, ки Ҳаҷман то 3 саҳифаро ташкил медиҳанд, ва дар мавӯоти дар наҳйи шатранҷ, дар васфи бародарӣ, доир ба шикор, дар тасалияти хонаводаи хеш, номаи фатқ, дар милоди фарзанди хеш, нома ба яке аз тоғиёни ҳукуматӣ иншо шудаанд.ҳамчунин суханони муҷозу кӯтоҳ дар маъхазҳои адабиву таърихӣ ба Абдулҳамид нисбат дода шудаанд. Ағлаби рисолаҳои ӯ дар маҷмӯаҳои «Расоил ул-булаго» ва «Ҷамҳарат-ул-амсол-ул-араб», ки солҳои 1912 ва 1937 бо саъйи Муҳаммад Курд Алӣ Аҳмад Закӣ Саидвалӣ дар Қоҳира ба табъ расидаанд, оварда шудаанд. Номаи «Рисола ила ал-куттоб» нисбат ба рисолаи дуюм ҳаҷман хурд бошад ҳам пурмуҳтаво буда оиди одобу ахлоқи нависандагӣ гуфта шудааст. Ин рисола аз «Тоҷнома»-и Хусрави Парвиз дар аҳди сосонӣ ва «Ойиннома» ва дигар сарчашмаҳои эронӣ маншаъ гирифтааст.

Номаи халифа Марвон ибни Муҳаммад ба фарзанди валиаҳдаш Абдуллоҳ бошад соли 745 вақте, ки дар Мавсил бо сардории Заҳҳок ибн Қайс шуриш сар мезанад, навишта мешавад. Марвон валиаҳди худ Абдуллоҳро ба фурӯ нишондани шуриш роҳнамоӣ менамояд. Бинобар ин ба Абдулхамид амр мекунад аз номи ӯ номае барои Абудуллоҳ таҳия намояд, ки он оиди роҳнамоии Абдуллоҳ дар набард ва омода сохтани вай барои идораи минбаъдаи хилофат бошад. Абдулҳамид дар ин нома масъалаҳои зиёди марбут ба ахлоку одоби подшоҳон, танзими умури кишвару лашкар, касби донишу ҳикмат, худдорӣ аз ҳавову ҳавасхои нафсонӣ, зарари худписандӣ, хислат ва сифатҳои барои подшоҳон зарурӣ, одоби муносибат бо надимон, муқаррабон, баррасии арзу шикоятҳо, пазироии хосагон ва фиристодагон аз кишварҳои дигар роххҳои ба даст овардани пирӯзӣ беҷангу хунрезӣ, коидаҳои фиристодани ҷосусон ба ҷониби душман ва гайра мавриди баррасӣ карор гирифтааст. Умуман Абдулҳамид дар маҷмӯъ бо истифода аз суннатҳои насри то исломии Эрон насри фаннии арабиро бунёд гузошт ва дар таърихи адабиёти араб чун бунёдгузори нависандагии касбӣ эътироф гардид. Чунин қавле низ

байни арабҳо роиҷ гашта «Футиҳат-ил-китобату би Абдулҳамид » (Нависандагӣ бо Абдулҳамид оғоз ёфт), ки дар забони аъроб ба ҳукми зарбулмасал даромад, аз ин мақоми воло ва саҳми бузурги ӯ дар бунёди насри ҳунарии арабӣ гувоҳӣ медиҳад.

## ВАЗЪИ ИЛМУ ДОНИШ ДАР АҲДИ ХУЛАФОИ РОШИДИН ВА УМАВИЁН

Бар асари кишваркушоиҳои аъроб ва тавсияи қаламрави хилофати онон ҷараёни омезиши онҳо бо халқу миллатҳои дигари тасхиршуда. Аз қабили эрониён, румиён, суриёниён ва амсоли онҳо, ки тамаддуни қадиму пешрафтатаре доштанд оғоз ёфт. Ин ҷараён алалхусус аз замони хилофати Умавиён вусъат ёфт ва бунёди тамаддуни нави арабӣ-исломиро гузошт. Баъди ҷамъ шудани сарватҳои бешумор ва асирони ҳунарманде, ки аввал ба ҳиҷоз ва сипас ба Димашқ аз давлатҳои фатҳшуда оварда мешуданд, бунёди қасру масҷидҳо ва шаҳру маҳаллоти нав дар он марказҳои хилофат оғоз гардид ва дар баробари ин табақаи арабҳои шаҳрнишин дар баробари бадавиён ба вуҷуд омад.

Сарлашкари хунрезу овозадори Умавиён ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф дар мобайни Куфа ва Басра дар Ироқ шаҳри наверо бо номи Восит бунёд гардид ва Сулаймон ибн Абдулмалики халифа мавзееро бо номи Садд сохт. Хулафои дигари умавӣ ҳатто дар биёбонҳои Шом (Сурия) теъдоди аз деҳоти бодиянишинро бунёд намуданд.

Дар натиҷаи омезиши арабҳо бо халқу миллатҳои дигар, ба марказҳои хилофат оварда шудани ғуломону канизони навозандаву сароянда ва соҳибони касбу ҳунарҳои гуногун натанҳо суруду мусиқӣ ва шаҳрсозиву меъморӣ равнақ ёфт, балки илму фарҳанги ин халқҳо ва таҷрибаи марказҳои илмии юнонии Искандарияи Миср, мадрасаи навафлотунии Насибин дар соҳили Фурот, мактаби гилдонии Суриёнӣ дар Рақо ва мактаби фалсафӣ ва тиббии Гундишопури Эрон бо тамаддуни нави исломии арбӣ омезиш ёфт. Ин омезиши фарҳанги арабӣ бо тамаддунҳои бегонаи аввала бо роҳи истифода аз худи намояндагони он тамаддунҳо дар марказҳои хилофати умавиён ва ба роҳи тарҷумаи асари халқҳои дигар ба забони арабӣ суръат гирифт. Ба ин ҳама дар аҳди умавиён тарҷумаи осори фарҳанги миллатҳои дигар чандон ривоҷ надошт ва

ба василаи теъдоди ками афроди алоқаманд баъзе осори тиббӣ, кимиёӣ ва таърихӣ ба арабӣ баргардонида шуданд.

Бар асари ин ҳама ташаккули илмҳои мухталиф дар аҳди Умавиён оғоз ёфт, вале теъдоди ин илмҳо маҳдуд буда, асосан аз улуми динӣ, таърихӣ ва улуми адабиву забонӣ иборат буд. Илмҳои ин давраро аз ҷиҳати пайдоиш ва заминаҳои ташаккули он ба ду гурӯҳ, яъне улуми исломӣ ва улуми дохил тасниф карданд. Ба гурӯҳи аввал илмҳое аз қабили улуми қуръонӣ, ҳадис, тафсир, фиқҳ,наҳв, таърих ва ҷуғрофиё, ки бо тақозои ислом ва давлати исломӣ ба вуҷуд омаданд, дохил шудаанд. Ба гурӯҳи илмҳои дахил, яъне бегонаи аз халқҳои дигар дохилшуда чун тиб, кимиё, фалсафа, нуҷум ва амсоли онҳо шомил мегарданд, ки аз тамаддунҳои юнонӣ, суриёнӣ, эронӣ ва ғайра ба фарҳанги арабии исломӣ ворид шудаанд.

## УЛУМИ ДИНӢ

Ба улуми динӣ илмҳое дохил мешаванд, ки сарчашмаи ташаккули онҳо Қуръону ҳадис аст. Дар аҳди умавӣ аз зумраи улуми динӣ илмҳои қироати Қуръон, ҳадис, тафсир ва фиқҳ дар ҳоли ташаккул қарор доштанд ва марказҳои асосии ташаккули ин илмҳо, шаҳрҳои Басра ва Куфа буд.

Маълум аст, ки дар шаҳрҳои Басра ва Куфа арабҳо ҳанӯз дар аҳди ҷоҳилият сукунат ихтиёр намуда, қабилаҳои арабҳои ҳиҷоз ва Яман дар ду тарафи шаҳр ҷойгир шуданд ва тадриҷан барои муфохира ва мусобиқоти шуаро дар пайравии бозорҳои аҳди ҷоҳилӣ бозорҳое бунёд намуда буданд, ки маъруфтарини онҳо бозори Мирбад дар Басра буд ва бо номи «Суқу-л-ибил» (бозори шутур) низ шӯҳрат дошт.

Дар аҳди хулафои рошидин Мадина пойтахти давлати исломӣ ва маркази тамаддуни ҷадид буд, вале аз аҳди умавён ва алалхусус аз замони Абдулмалик ибн Марвон сар карда, щоиронy донишмандон ва адибон аз минтақаҳои гуногуни хилофат ба Басра ҷамъ меомаданд ва тадриҷан Шом дорулхилофат ва Басра ба дорулилм машҳур гардид ва донишмандони аҳди Умавиён дар шаҳрҳои Басра ва Куфа бештар дарривоҷи шоирӣ буд, вале илму дониш дар Басра мавқеи бузург дошт ва адаби донишмандони ин аҳд аз Басра бархостанд.

Қироати Қуръон аз нахустин илмҳои динӣ ва қуръонист, ки дар аҳди Умавиён ташаккул ёфтааст. Қироати Қуръон дар замони Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошидин низ аҳамият дошт ва онҳое, ки Қуръонро дар ҳифз доштанд, «қурро» (ҷамъи қорӣ) мехонданд. Дар оғози амр мадуми ҳар шаҳре ба тарзи қироати як қорӣ пайравӣ карданд ва дар натиҷа аз тамоми қироатҳои қориёни Қуръон ҳафт қироат машҳур ва мавриди қабули умум гардид, бо номи «қуррои сабъа», (қориёни ҳафтгона) шӯҳрат дорад. Баъзан теъдоди қироатҳои мақбул ва машҳурро то даҳ қироат ҳам расонидаанд.

Қориёни ҳафтгона Қуръон Абдуллоҳ ибн Касир, Осим ибн Аби-н- Нуҷур, Абдуллоҳ ибн Омир,  Алӣ ибн ҳамза, Абулҳасан Кисой, ҳамза ибн ҳабиб Зиёт, Абу Амру ибн Ало, Нофеъ ибн Аби Наъим аслан эронӣ будаанд.

Қироати ҳафтгонаи қориёни мазкур тарзи қироати худро сабт накардаанд, вале баъдан бар асари ташаккули илми қироат дар аҳди умавӣ асоси омӯзишу забти тарзи қироати онҳо китобҳое чун «Китоб-ул-эҷод фи-л-вақф ва-л-ибтидо»-и Муҳаммад ибн Анборӣ, «Китобу-т-тайсар фи қироати-с-сабъа»-и ибн Сайрафӣ, «Ҷамеъ-ул-баён фӣ қироати-с-сабъа»–и Ибн Сайрафӣ «Муродифоту-л-қироати-с-сабъа»–и ибн Сайрафӣ ва амсоли онҳо ба буданд, вале бунёди илми қироат дар замони умавиён ба василаи қориёни ҳафтгона гузошта шуда буд.

Дар замони зиндагии Пайғомбари ислом (с) мусалмонон дар ҳалли масоили динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мустақиман ба ӯ муроҷиат мекарданд ва гуфтаҳои ӯро ба хотир мегирифтанд. Дар ҳар ҳол пас аз Қуръон муътамадтарин васила барои фаҳми маъонии Қуръон ва ҳалли мушкилоти диниву дунявӣ фармудаҳои Пайғомбари исломро (с) шунида ба ҳофиза супоридаанд, саҳобагони ӯ будаанд.

Баъд аз вафоти  Пйғмбари ислом (с) ва алахусус қатли сеюмин халифаи рошидин Усмон ибн Аффон ва ба вуҷуд омадани ихтилофот дар масъалаи хилофат ҷараёни ҷмъи ҳадис, яъне сохтану бофтани сухане аз номи Пайғамбари ислом (с) барои исботи даъвоҳои худ дар миёни намояндагони гурӯҳҳои сиёсӣ ривоҷ ёфт. Ин ҳама тақозои илмеро мекард, ки ҳадисҳои саҳеҳро аз носаҳеҳ ва аслиро аз сохта ҷудо намояд.

Ҷамъоварии ҳадис дар замони Пайғомбари ислом (с) ва хулафои рошидин ба хотири халал наёфтани алоқаи мусалмонон бо

Қуръон то ҳадде қатъ шуда буд ва фақат баъзе касон чун Амру ибн Ос ба ҷамъоварии ҳадисҳои Пайғомбари ислом(с) машғул буданд.

Ҷамъоварӣ ва тадвини ҳадисҳои Пайғомбари ислом алалхусус дар замони хилофати Умар ибни Абдулазиз ба таври ҷиддӣ шурӯъ шуд ва дар аҳди умавиён илми ҳадис ташаккул ёфт.

Аз ҷумлаи нахустин касоне, ки бо ҷамъоварӣ ва тадвини ҳадис машғул шуданд, Ибн Шаҳоби Заҳрӣ буд ва минбаъд дар Басра Саъид ибни Абууруба ва Рабеъ ибн Собиҳ, дар Шом Валид ибн Мусоим, дар Рай Ҷарир ибн Абдураҳмон. Дар Хуросон Абдуллоҳ ибн Муборак, дар Куфа Абубакр ибн Шайба ба ҷамъоварии ҳадис машғул гардидаанд. Дар қатори қадимтарин китобҳо, кие дар ҳадис тавлид шудааст, китоби Молик ибни Анас «Ал-Маватта»-ро зикр кардаанд.

Илми тафсир низ, яке аз қадимтарин улуми динӣ ҳисоб гардида, ҳанӯз дар замони Пайғомбари ислом мусалмонон агар мушкиле дар фаҳми алфозу таъбирот ва маъонии Қунъон пеш меомад, ба ӯ мурочиат мекарданд ва аз ӯ мепурсиданд ва шарҳу тафсири вайро дар ёд нигоҳ медоштанд.

Баъди ташкили давлати неруманди исломӣ ва кишваркушоиҳои аъроб зарурат ба аҳкому қонунҳое пайдо шуд, ки бояд аз Қуръон маншаъ мегирифтанд ва идораи умури динӣ, иқтисодӣ ва ичтимоиву сиёсии хилофатро таъмин менамуданд. Дар натиҷа ниёзи бештаре ба илми тафсири Қуръон ба вуҷуд омад ва дар оғоз муфассирон ҳамон саҳоба ва қориёну донандагони Қуръон буданд, ки тафсирро ба таври шифоҳӣ ба мардум накл мекарданд.

Дар масъалаи нахустин муфассири Қуръон миёни муҳаққиқон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Баъзеҳо муҷоҳидро аввалин касе медонад, кие китобе дар тафсир дар қарни аввали аҳди исломӣ таълиф кардааст. Баъзеи дигар амакзодаи Пайғомбари ислом Ибни Аббосро нахустин муфассири Қуръон донистаанд ва тафсири Муҷоҳидро ҳам ривоятшуда аз забони Ибни Аббос шуморидаанд.

Эҳтиёҷ ба аҳкому қонунҳо барои идораи хилофат ва муносибат бо кишварҳои тасхиршуда зарурати пайдоиши илми фиқҳ, яъне қонунгузории мусалмониро ба вуҷуд оварл. Фақеҳони нахустини аҳди исломӣ барои муайян намудани аҳкому қонунҳои исломӣ ба Қуръону ҳадис мурочиат намуданд ва тибқи онхо низоми идораи хилофат ва муносибатҳои байни мардумро ҷорӣ

намуданд. Тадриҷан дар тӯли қарни аввали аҳди исломӣ илми фиқҳи мусалмонӣ ташаккул ёфт, ки вазифаи он муайян кардани ахкому қонунҳои шариати исломӣ тибки фармудаҳои Қуръону ҳадис буд.

Дар оғози зуҳури ислом мусалмон аҳкому қонунҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии худро аз худи Пайғомбари ислом (с) мепурсиданд ва мувофиқи фармудаҳои ӯ амал мекарданд. Дар он замон эҳтиёҷе ба нуқтаи назарҳо, қиёсҳо ва китобати аҳкому қонунҳо набуд. Пас аз вафоти Пайғомбари ислом нахустин фақеҳони исломӣ саҳоба ва кориёни Қуръон буданд, ки мушкилотро тибки фармудаҳои Қуръон ҳал менамуданд.

Баъди тасхири кишварҳои бегона аз тарафи хилофати араб ва тавсиа ёфтани қаламрави давлати исломӣ ниёз ба донишмандоне, ки бояд мувофиқи Қуръону суннат меъёрҳои ҳуқуқии мусалмонони араб ва халқхои тобеи хилофатро муайян менамуданд, ба вуҷуд омад ва тадриҷан табақаи фақеҳони исломӣ ба вуҷуд омад.

Тадриҷан шахсиятҳое чун Абдураҳмон ибн Авф, Аби ибн Каъб, Абдуллоҳ ибн Масъуд, Маъоз ибн Ҷабал, Салмони Форсӣ, Абурридо ва Абумусо Ашъарӣ ба майдон омаданд, ки чун факеҳони нахустин дар ташакулли илми фиқҳи исломӣ саҳми бузург гузоштаанд.

## УЛУМИ ЗАБОНИ ВА АДАБИ

Ба улуми забонӣ теъдоде аз илмҳо чун сарфу наҳв, ривоят, нақд ва ғайра шомил мешаванд, кие аз миёни ҳамаи онхо дар аҳди Умавиён илмҳои наҳв, ҳадис, хат (садонокҳои кӯтоҳ) ва нуқта ташаккул ёфтанд.

Арабҳо дар оғози зуҳури ислом эъроби (талаффузи охири калимаҳо) суханони худро дар пайравӣ ба Қуръон риоя мекарданд, вале баъди тавсиаи қаламрави хилофат халқҳои тобеи он дар эъроби калимаҳои Қуръон хато мекарданд ва ҳамин иштибоҳот ҳанӯз халифаҳои рошидин ва сипас аҳди Умавиёнро водор кард, ки қоидаҳои ҳатмӣ барои забони арабӣ муайян карда шавад ва ин ҳолат зарурати ташаккули илми наҳвро ба миён овард.

Бунёдгузори илми наҳви арабӣ Абуласвад ад-Дуалӣ (ваф. 688) дониста шудааст, ки ӯ Қуръонро эъробгузорӣ карда, барои нишон додани аломати рафъ (замма, садоноки кӯтоҳи у), барои

сукун (сокин фосила) аломате нагузошт, зеро ба андешаи ӯ набудани аломат болои ҳарф нишони сукун аст.

Минбаъд эъробгузории Абуласвад идома ва пайравӣ ёфт ва худи аъроб ду нуқтаи болои ҳарфро чун аломати танвин (ун) қабул карданд ва мардуми Мадина ду қавси хурдро болои ҳарфи мушаддад (ташдиддор) чун аломати ташдид, фатҳа дар зери ҳарф чун аломати касра ва дар самти чапи ҳарф чун замма ихтироъ намуданд. Мардуми Басра аломати сокинро низ дар шакли як хатти болои ҳарф (-) ихтироъ карданд.

Усули эъробгузории Абуласвад дар аҳди Умавиён ва аввалҳои аҳди Аббосиён то ихтирои Халил ибни Аҳмад маъмул буд ва дар Андалус то нимаи қарни даҳум дар истифода буд. Вале баъди он ки барои осонии кор ҳарфхои арабиро, ки қаблан бе нуқта навишта мешуданд, нуқта мегузоштагӣ шуданд, нуктаҳои эъроб бо нуктаҳои харфҳо омезиш ёфта, душвориҳо ба миён оварданд. Аз ин ҷост, ки Халил ибн Аҳмад (ваф. 786) нуқтаҳои ҳаракат (садонокҳои кӯтоҳ)ва эъробро ба шакли имрӯза даровард.

Арабҳои аҳди ҷоҳилӣ ба ҷуз ахбори пароканда дар бораи ҷангҳои миёни қабилаҳоро ва ҳодисаву воқеоти маъруф илми таърихро ба он мафҳуме, ки имрӯз мо медонем надоштанд. Баъди футуҳоти исломӣ миллатҳои мутамаддини араб, ки ба ислом гаравида буданд, аз таърихи гузаштаи худ ифтихор мекарданд. Ин ҳолат арабҳоро низ водор мекард, ки таърихи Пайғомбари ислом ва саҳобагонро таълиф намоянд. Аз ҷониби дигар тарҷумаи таърихи подшоҳони Аҷам, ке алалхусус дар аҳди Аббосӣ ривоҷ ёфт, барои пешрафти илми таърихнигории арабӣ мусоидат кард.

Ташаккули илми таърихнигории арабӣ ба ду роҳ ҷараён ёфт, ки рохи нахустин таълифи таърихи ислом, зиндагиномаи Пайғомбари он, ҳодисаву воқеоти марбут ба мусалмонон, саргузашт ва корнамоиҳои саҳобагон, халифаҳо ва мардони бузурги дин ва давлати исломӣ. Роҳи дуюм аз тарҷумаи таърихи милилҳои дигари тобеи хилофат иборат буд, ки аз аҳди умавиён, оғоз гардид.

Мувофиқи ривоятҳо Муъовия ибн Абусуфён шабҳо донандагони таъриху ахбори Арабу Аҷам, таърихи ҷангҳо ва паҳлавонони қавму миллатҳоро назди худ мехонд ва онҳо ба ӯ ахбору таърихи халқҳоро накл мекарданд. Як қисми шаб хоб

мекард ва пас аз бедор шуданаш боз аз киссагӯён талаб мекард, ки барои ӯ китобҳои таърихро бихонанд.

Бино ба ахбори муаллифони ахди исломӣ таърихнигории арабӣ дар ахди Умавиён оғоз гардидааст ва Ибн ан-Надим дар «Ал-Феҳрист» китобҳоеро зикр кардааст, ки яке аз мукаррабони Алӣ ибн Абитолиб бо номи Абу Миҳнаф ал-Аздӣ дар мавзӯоти таърихӣ таълиф кардааст. ҳамчунин Ибн ан-Надим дар бораи китоби таърихие дар бораи Муъовия ва хонадони Умавиён маълумот медихад, вале аз он даврон китобе дар таъриху адаб то замони мо нарасидааст.

Ривоят ва нақди шеър низ дар аҳди хулафои умавӣ роиҷ буд ва бар асари таассуби араби ва бадавии халифаҳои ин хонадон ровиён макоми бузург пайдо карданд. Дар миёни ровиёни аҳди умавӣ ҳаммод ар-Ровия (ваф. 771), Абуамру ибн ал-Ало (ваф. 771) ва Халаф ал- Аҳмар (ваф. 796) шӯҳрати зиёд доштанд ва ба ҳайси нахустин нақоддони шеър дар маҳфилҳои касрҳои хулафо ва бозорҳои Басраву Куфа буданд ва раъю назари онҳо дар бораи шеъри шоирон ба эътибор гирифта мешуд. Меъёри асосии бадавият ва огоҳии шоир аз шеъри аҳди ҷоҳилӣ буд ва шоире, ки аз аз суннатҳои шеъри бадавӣ огоҳ набуд, дар назари ровиён ва наққодони шеър қадру манзалате надошт.

## УЛУМИ ДАХИЛ Ё ВОРИДШУДА АЗ ДИГАР ХАЛҚҲО

Ба улуми дАхил илмҳоеро дохил кардаанд, ки кабл аз ислом барои арабҳо бегона буда, бар асари омезиши онҳо ба халқҳои дигари тобеи хилофат чун эрониён, румиён, суриёниён ба тамаддуни арабии исломӣ интиқол ёфтаанд. Ҷараёни интиқоли ин илмҳо дар замони хилофати Умавиён оғоз ёфта, дар аҳди Аббосиён ба анҷом расидааст.

Аз ҷумлаи илмҳое, ки дар аҳди умавиён ба василаи донишмандони масеҳӣ ва яҳудӣ ба тамаддуни арабии исломӣ интикол ёфта, фалсафа ва тиб хисоб меёбад. Аз нахустин касоне, ки тафаккури фалсафии лотиниро ба арабӣ интиқол додааст Юҳаннои Димашқӣ будааст. Илми тиб ба василаи табиби Муъовия Ибн Исоии насронӣ ва Мосурҷуяи яҳудӣ ба забони арабӣ интиқол ёфта, боиси ташаккул ва ривоҷи ин илмҳо дар тамаддуни арабӣ-исломӣ гардидааст.

Кимиё ва нуҷум низ аз зумраи илмхое хисоб меёбанд, ки дар арабҳои қабл аз ислом собиқа надоштанд, вале тибқи ривоятҳо нахустин сабабгори вуруди кимиё аз Искандария ба ҷаҳони ислом Холид ибни Язид ибн Муъовия будааст ва ӯ тиб ва кимиёро аз Марёнус ном коҳини масеҳӣ омӯхтааст ва ба амри вай китобҳои марбут ба ин илмҳоро аз юнонӣ ва қибтӣ ба арабӣ тарҷума кардаанд. ҳамин Холид ибн Язид дар интиқоли илми нуҷум ва осори он ба арабӣ низ саҳм доштааст.

## МАЪХАЗҲО:


1. Ал-Фараздақ. Девон. Ҷ. 1-2.-Бейрут, 1966м.
2. Ал-Қуръону-л-карим. Бо тарҷума ва шарҳи марҳум Шайх Маҳмуд Ёсирӣ. Бо таҷдиди назар ва ислоҳоти ҳоҷ Оқо Маҳдии ҳоирӣ.-Теҳрон, 1415м.
3. ҳассон ибн Собит ал-Ансорӣ. Девон.-Бейрут, 1386 ҳ.
4. Девони Ҷарир. –Бейрут. 1384ҳ.
5. Умар ибн Аби Рабиа. Девон.-Бейрут, 1966м.
6. Ибн Қутайба. Аш-Шеър ва-ш- шуаро.- Бейрут, 1964 м.
7. Абулфараҷ ал- Исфаҳонӣ. Ал-ағонӣ.-Бейрут 1959 м.
8. Брокелман Карл. Таърих-ул-адаби-л-араби. Ҷ.2.- Қоҳира, 1959.
9. ҳасан Иброҳим ҳасан. Таърих-ул-ислом-ас-сиёсӣ ва-ад-динӣ ва ас-сақофӣ ва ал-иҷтимоӣ.-Қоҳира. 1955м.
10. Алиасғари ҳалабӣ. Ошноӣ бо улуми қуръонӣ ё муқаддимоти лозим барои фаҳми Қуръони маҷид. Теҳрон. 1372ҳ.
11. Густов Лобон. Тамаддуни ислом ва араб. Тарҷума аз арабӣ ба қалами Саййид ҳошими ҳусайнӣ.-Техрон, 1347ҳ.
12. Абумансур ас-Саъолибӣ. Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосини аҳл-ил-аср. Чопи дуюм.-Қоҳира, 1375ҳ.
13. Адам Меу. Мусулманский ренессанс. (Перев. с немец. А.Е. Бертельса).-М, 1965.
14. Беляев Е.А. Арабы, ислам арабский халифат в раннее средневековье.-М, 1965.

15. Гибб Х. А. Р. Арабская литература. Классаческий период.-М,
1960.
16. Грязневич П.А. Развитие исторического сознания арабов. (VI-VII вв.) Очерк истории арабской культуры V-VIII вв.-М, 1982.-с. 75-155.
17. Крачковский И.Ю. Арабская литература. Избр. Соч. т. 2.-М-Л, 1972.
18. Куделин А.Б. Раняя арабская поэзия. Опыт историко –функционального анализа –М, 1985.
19. Фильштинский И.М. Арабская классическая литература. -М, 1965.
20. Шидфар Б.Я. Образная система арабской классической литературы. (VI-ҶII вв.) – М, 1974.
21. Эберман В.А. Перси среди арабских арабов эпохи Омеядов. Записки коллегии востоковедов.Т. II.-Л, 1927.
22. Имом Али ибн Абитолиб. Наҳч-ул-балоға. Аз араби тарчумаи Мустафо замони бо замимаи феҳристҳои мавзӯи, ашхос, амокин ва замонҳои ҳассос. Чопи Сеюм.-Техрон , 1373.
23. Зоҳидов Н. Насри арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IҶ.Хуҷанд, 2004.
24. Акбари Беҳрӯз . Таърихи адабиёти араб.-Табрез, 1359.
25. ҳанно ал- Фохурӣ. Таърихи адабиёти забони арабӣ. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ.-Теҳрон, 1368.
26. Муҳаммад Абдулмунъим Хафоҷӣ. Ал-ҳаёту-л-адабийа баъда зуҳури-л-ислом.- Қоҳира, 1369ҳ.
27. Абдураззоқ ҳамида.Адабу-л-хулафои-л-умавийин.-Қоҳира,
1949м.
28. Сайид Навфал. Шеърут-т-табиъа фи-л-адаби-л-араби.-Қоҳира, 1945 м.
29. Бутрус ал- Бустонӣ. Удабоу-л-араб.Ҷузъу аввал .-Берут, 1934.
30. Шавқӣ Зайф. Аш-шеъру-л-ғиной фи-л-аъсори-л-исломийа.- Қоҳира, 1949.

31. Аҳмад аш-Шойиб. Таъриху-ш-шеъри-с-сиёсӣ- Қоҳира, 1949.
32. Анис ал-Хурӣ. Ал-Муқаддасӣ. Татаввуру асалиб-н-насрийа фи-л-адаби-л-араб. – Бейрут, 1935.
33. Муҳаммад Курд Алӣ. Умароу-л-баён. Ҷузъи аввал.- Қоҳира, 1937.

## МУНДАРИҶА

Муқадима……………………………………………………….3
Боби 1. Шибҳи ҷазираи арабистон қабл аз ислом.
Вазъи ҷуғрофӣ ва табиӣ…………………………………..…9
Вазъи иқтисодӣ………………………………………11
Вазъи сиёсӣ…………………………………………..13
Аслу насаб ва нажоди арабҳо…………………………....17
Забони арабҳо……………………………………………..18
Зуҳури хат ва китобати арабӣ…………………………....22
Дини аъроби аҳди Ҷоҳилият……………………………..23
Илму дониш дар аҳди Ҷоҳилият…………………………27
Ахлок ва одоби аъроби аҳди Ҷоҳилӣ……………………28
Маъхазҳо…………………………………………………..29
Адабиёти араб дар аҳчди ҷоҳилият /475-622.
охирҳои асри V то зуҳури ислом/……………………….30
Ҷоҳилият ва мафҳуми он…………………………………30
«Адаб» ва таҳаввули маънoии он………………………...31
Адабиёти аҳди Ҷоҳилӣ…………………………………....32
Шеъри аҳди Ҷоҳилӣ……………………………………..…34
Мавзуоти шеъри аҳди Ҷоҳили…………………………....38
Арзишҳои адабӣ ва таърихии шеъри аҳди Ҷоҳилӣ………..41
намояндагони давраи зуҳур ва ташаккули шеъри
аҳди Ҷоҳилӣ ……………………………………………...43
Мухалхил………………………………………………43
Шанфара……………………………………………….46
Намояндагони маъруфи давраи таҳаввул ва камоли
Шеъри аҳди Ҷоҳилӣ /522-622/.Соҳибони муаллакот………..48
Имрул қайс……………………………………………..48
Тарафа ибн ал-абд …………………………………54
Убайд ибн ал-абрас ………………………………...59
Хориз ибн хиллиза ………………………………….61
Амру ибн кулсум ……………………………….......65
Нобиға аз-зубёни ……………………………….…68
Зухайр ибн аби сулма……………………………....77
Антара ибн шаддод ……………………………..…86
Лабид ибн рабиъа……………………………….…96
Намояндагони дигари шеъри аҳди ҷоҳилият………………99
Таббата шарран………………………………………99

Маркаш акбар……………………………………….. 100
Самуил ибн одия……………………………...… 100
Урва ибн ал-вард…………………………….… 101
Варка ибн навфал……………………………… 102
Ҳотам ат-тои…………………………………… 102
Уммия ибн аби-с-салт………………………… 103
Хансо ………………………………………. .104
Хутайя …………………………………...…106
Феҳристи маъхазҳо……………………….…...111
Адабиёти аҳди хулафои рошидин ва умавиён …..……113
Вазъи ичтимоӣ-сиёсии шибҳи ҷазираи Арабистон
Пас аз зуҳури ислом…………………………………..113
Шеър дар аҳди хулафои Рошидин ва Умавиён……….118
Намояндагони маъруфи шеъри муборизаи динӣ……..122
Каъб ибни зуҳайр……………………………….…122
Ҳассон ибни собит……………………………...…125
Абу зуайб ал-Ҳазалӣ ……………………….…130
Нобиға ал-ҷаъдӣ …………………………………… 131
Намояндагони шеъри ғиноӣ (лирикӣ)………………..132
Баҳси мухтасар дар бораи ғазал ва анвои он дар
садри Ислом ва аҳди Умавиён………………………..132
Намояндагони ғазали бадавӣ…………………….…134
1. Ҷамил ибн муаммар ……………………………134
2. Урва ибн ҳузом ……………………………...… 135
Қайс ибн мулавваҳ………………………………… 137
Лайло ал-ухайлия ………………………………… 138
Намояндагони ғазали шаҳрӣ (Ҳазарӣ)………….. …. 139
1. Умар ибн аби-рабиа ……………………….. …. 139
2. Аҳвас ………………………………….. … 142
3. Валид ибни язид……………………………......142
Намояндагони шеъри сиёсӣ…………………………143
1. Ахтал ………………………………………………144
2. Фараздақ ………………………………………148
3. Ҷарир……………………………………...…152
Намояндагони шеъри сиёсии аҳди умавиён…………..157
Убайдуллоҳ ибни қайс ар-руқийёт ……………….……157
Тиримmoҳ ибн Ҳаким ………………………...…157
Кумайт ибн зайд ал-асадӣ…………………….....…157

Намояндагони анвои хоси шеърӣ……………………..…159
Урҷузасароён……………………………………..159
Руъуёт (раъвиёт)…………………………………160
Роъӣ ………………………………………...…160
Зу-р-румма ……………………………………..…161
Наср дар ахди умавиён…………………………...161
Қуръон……………………………………………162
Анвои насри садри ислом ва аҳди Умавиён…………………166
Тавқеот……………………………………………167
Расоил…………………………………………...167
Хатибони али ибн абитолиб ………………………168
Зиёд ибн абиҳи……………………………………172
Ҳаҷҷоҷ ибн Юсуф ………………………………..…173
Абдулҳамиди Котиб ………………………….…..…176
Вазъи илму дониш дар аҳди хулафои Рошидин
ва Умавиён…………………………………...179
Улуми динӣ………………………………………180
Улуми забони ва адабӣ…………………………..…183
Улуми дахил ё воридшуда аз дигар халқҳо…………………185
Маъхазҳо………………………………………186

**АБДУСАТТОРОВ АБДУШУКУР**
**ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ АРАБ**

***Муҳаррири техникӣ:*** Комрон Икромов
***Тарроҳи компютерӣ:*** Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 30.05.2008 супорида шуд. Ба чопаш 00.06. 2008 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$
Ҷузъи чопии шартӣ 11,8. Адади нашр 000 нусха.
Супориши №00. Нархаш шартномавӣ.

**ҶДММ «Анҷумани Деваштич», ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо»- 47**
**Тел: 223-56-66; 227-61-47. E-mail: devashtich@ tojikiston.com**